# Эмомалӣ Раҳмон –
## бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон

Душанбе
«Ирфон»
2012

ББК.66.4(2 тоҷик)
Э-57

**Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон.**
(Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ). – Душанбе. «Ирфон», 2012, 272 саҳ.
Ҳайати таълиф: Ҳ. Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров.

Дар китоби «Эмомалӣ Раҳмон – бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон» паҳлӯҳои гуногуни нақши роҳбари давлати Тоҷикистон дар роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷии кишвар, рушд додани робитаҳо бо кишварҳои хориҷӣ, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ, ташаббусу ибтикорот, дарёфти ҷойгоҳи ҷумҳурӣ дар арсаи ҷаҳонӣ, дипломатияи фарҳангӣ, муносибатҳо бо ҳамватанони бурунмарзӣ, ташаккули асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии кишвар инъикос ёфтаанд.

Барои доираи васеи хонандагон пешбинӣ шудааст.

$$\text{Р}\ \frac{0801000000 - 189}{\text{М}501(12) - 2012} - 2012$$

ISBN 978-99947-0-743-0

© Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2012

# САРСУХАН

Имсол дар ҳаёти сиёсии Тоҷикистон ду санаи таърихӣ пеш омад, ки ҳарду ҳам ба сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон робитаи ногусастанӣ дошта, дар таърихи навини кишвар ниҳоят муҳим арзёбӣ мешаванд. Яке 20-солагии баргузор шудани иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигаре 15-солагии ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аст. Ба ин ду руйдоди муҳим санаи дигареро низ илова кардан лозим аст, ки ба ин ҷашнвораҳо алоқаи наздик дошта, дар таърихи истиқлолияти ҷумҳурӣ аз аҳамияти бузурге бархурдор мебошад. Ин 20 соли фаъолияти давлатдории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон буда, бидуни шубҳа, тамоми равандҳои ҳаёти ҷумҳурӣ бо он вобастагӣ доранд.

Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон дар замони барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин роҳбари давлат интихоб гардид ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ роҳеро пеш гирифт, ки тавассути он қадам ба қадам кишварро аз ҳолати бӯҳронӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ берун карда, ба маҷрои сулҳу ваҳдат ва пешрафт раҳнамун сохт.

Яке аз хизматҳои бузурги Эмомалӣ Раҳмон дар назди халқи тоҷик фурӯ нишондани ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳу ваҳдати мардум аст. Дар бораи раванди музокироти сулҳи тоҷикон бисёр навиштаанд, вале он нуктаро бояд бори дигар таъкид кард, ки дар он Президенти Тоҷикистон нақши марказӣ дошт. Ӯ аз оғоз то ба анҷом дар ҷараёни гуфтушунидҳо буд, бо аъзои ҳайати ҳукуматӣ сӯҳбат мекард, дастуру маслиҳат медод, бо лоиҳаҳои санадҳои таҳияшуда шинос мешуд. Ҳафт маротиба мулоқотҳои сатҳи олӣ бо иштироки Президент гузаштанд, ки албатта, дар раванди музокирот нақши асосӣ доштанд. Бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар пешрафти кишвар

давраи нав шурӯъ шуд, ки ба туфайли он дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ иқдомҳои ҷиддӣ рӯи кор омаданд.

Бо таъмини сулҳу оромӣ дар Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба хотири рушду тавсеа бахшидан ба робитаҳои берунӣ сиёсати бисёрсамтаро, ки онро сиёсати «дарҳои боз» низ мегӯянд, пеш гирифта, ҷуғрофия ва самтҳои ҳамкориро хеле вусъат дод. Ба шарофати чунин сиёсати санҷидашуда ва мутавозин Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари дӯстону ҳамёрони анъанавии худ теъдоди зиёди кишварҳо ва созмонҳои байналмилалию минтақавиро ба мадори ҳамкориҳои худ ворид намуд, ки барои мустаҳкам кардани мавқеи ҷумҳурӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллии он хизмати бузургеро ба ҷо меорад. То имрӯз қариб 150 кишвари ҷаҳон давлати Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст ва бо 130-тои он муносибатҳои дипломатӣ барқарор гардидаанд. Ҳамасола Тоҷикистон бо беш аз 100 кишвари ҷаҳон табодули мол сурат медиҳад.

Тоҷикистон бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ ҳамкории судмандро ба роҳ монда, тавассути онҳо дар ҳаллу фасли мушкилоти сайёра ва минтақа, аз ҷумла, проблемаҳои Афғонистон ҳиссаи худро мегузорад. Миёни кӯшишҳои Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ташаббусҳои ӯро роҷеъ ба ҳалли мушкилоти об махсусан таъкид кардан лозим аст, ки дар ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷаҳониён ба масъалаҳои ҷойдошта нақши муҳим доранд. Дар доираи ду ташаббуси аввалӣ – Соли байналмилалии оби тоза эълон гардидани соли 2003 ва Даҳсолаи амал «Об барои ҳаёт» 2005-2015 дар ҷаҳон ибтикороти зиёд роҳандозӣ шуданд, дар Тоҷикистон бошад чун дар кишвари ташаббускор конфронсҳои байналмилалӣ баргузор гардиданд, ки зимни онҳо барои ҳаллу фасли проблемаҳои ҷойдошта ва табодули назар таклифу пешниҳодоти зиёд ба миён омад. Ҳоло омодагӣ ба ташаббуси дигари Тоҷикистон, ки аз ҷониби СММ қабул гардид – «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об-2013» идома дорад.

Масъалаи дигаре, ки ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт, истифодаи имкониятҳои хориҷӣ барои таъмини пешрафти кишвар ва рушди иқтисоди он мебошад. Вобаста ба мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ ва дигар хусусиятҳои хоси худ ҷумҳурӣ баъзе мушкилоте дорад, ки онҳоро тавассути ҷалби маблағгузориҳои бузург ҳал кардан мумкин аст. Миёни мақсаду вазифаҳои зиёд се ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ аз ҷониби Роҳбари давлат мушаххас шуданд, ки барои тараққиёти минбаъдаи ҷумҳурӣ аҳамияти бузург

доранд. Ба хотири амалӣ кардани ин ҳадафҳо Роҳбари давлат тавассути роҳандозӣ намудани дипломатияи фаъоли иқтисодӣ ва гуфтушунидҳо бо ҳамёрони боэътимоди хориҷӣ қарзҳои имтиёзнок ва сармояро ҷалб намуд, ки сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии Сангтӯда-1, Сангтӯда-2, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ, роҳҳо, пулҳо, нақбҳои мошингузар гувоҳи ин мебошад. Дар маҷмӯъ, тавассути чунин коргирии Эмомалӣ Раҳмон ҷумҳурӣ тадриҷан аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, низоми мустақили энергетикии худро ба вуҷуд овард ва таҳкими ин раванд идома дорад.

Дар бобати ба вуҷуд овардани асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷӣ кӯшишҳо ба харҷ рафта, он дар Конститутсияи ҷумҳурӣ инъикоси худро ёфт, Қонун «Дар бораи хизмати дипломатӣ», Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои зарурӣ ба мақсади самаранок ба роҳ мондани фаъолияти мақомоти низоми хизмати дипломатӣ қабул гардиданд. Дар баробари ин, шабакаи васеи намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ба вуҷуд оварда шуд, ки барои таъмин намудани робитаҳои доимӣ ва пайгирии рафти иҷрои тавофуқҳо бо кишварҳои дӯсту ҳамёр нақши муҳим мебозанд.

Ҳамаи ин тадбиру ибтикорҳо ба он овард, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати ҷаҳонӣ ҷойгоҳи худро мустаҳкам намуда, доираи муносибату ҳамкориҳои худро сол то сол тавсеа мебахшад.

Алҳол ба шарофати роҳандозии чунин сиёсат Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвари сулҳдӯсту инсонпарвар, пайрави арзишҳои демократӣ, тарафдори ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба шинохта шудааст.

Аз ҷониби дигар, Сарвари давлат дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ манфиатҳои давлатӣ ва миллии Тоҷикистонро дар зинаи аввали сиёсати хориҷии кишвар гузошта, тавассути риояи тавозун дар робитаҳо бо кишварҳои мухталифи дунё тавонист истиқлолияти воқеии ҷумҳуриро таъмин намояд.

Сиёсати хирадмандона ва фарогири Сарвари давлат имкон фароҳам овард, ки мардуми тоҷик, ба қавли ӯ, «таърихи навини худро бо дастони хеш навишта, саҳифаҳои гузаштаи пурифтихори аҷдодамонро зинда гардонад ва бори дигар ба ҷаҳониён собит намояд, ки созандагиву бунёдкорӣ рисолати суннативу деринаи миллати фарҳангии тоҷик мебошад». Беҳтарин далели ин рисолат кору пайкори созандаи худи сарвари миллат Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз бо бунёди кохи мӯҳташами Истиқлолият замина ва василаҳои сарсабзиву шукуфоии ояндаи Тоҷикистонро фароҳам меоварад.

***Талбак Назаров, академик,***
***собиқ Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон***

# ПЕШВОЕ НАВАНДЕШ ДАР ТАЪРИХИ МИЛЛАТИ БОСТОНӢ

*Зарурат аст, ки афродро саре бошад,*
*В-агарна мулк нагирад ба ҳеҷ рӯй низом...*

*Саъдии Шерозӣ*

Соли равон халқи шарифи тоҷикро дар думболаи солгарди навбатии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи дигари таърихӣ – 20-солагии фаъолияти сиёсии Президенти кишвар, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи олии давлатдорӣ, аз ҷумла, дар арсаи байналмилалӣ, дар пеш аст. Дар давоми ин ду даҳсола, ки солҳои ҳифзи истиқлолияти воқеӣ, поягузорӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдории миллӣ, ташаккули ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд, роҳандозии рушди устувори кишвар тавассути ислоҳоти фарогири сиёсиву иҷтимоӣ, эҳёи миллӣ ва фарҳангии халқи тоҷик буданд, ҷумҳурӣ дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ бемайлон сиёсати бисёрсамтаро амалӣ месозад. Дар натиҷаи татбиқи стратегияи санҷидашудаи сиёсати хориҷии Сарвари давлат, ки бо унвони «сиёсати дарҳои боз» маълум аст, имрӯз Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми сазовори худро пайдо намудааст.

Аз дидгоҳи имрӯз мусаллам аст, ки ташаккули давлатдории миллии халқи тоҷик ва эҳёи мақому манзалати он дар арсаи ҷаҳонӣ ба заҳмат ва талошҳои пайвастаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон алоқаи ногусастанӣ доранд. Аз ин рӯ, месазад, то тавассути ин китоб, ки ба хонандаи арҷманд пешкаш мегардад, ба фаъолияти пурвусъати байналмилалии ин фарзанди содиқ ва сарсупурдаи миллат бори дигар назар афканем.

Азбаски сиёсати хориҷӣ идомаи сиёсати дохилии давлат буда, вазифаи он қонеъ намудани талаботи ҷомеа тавассути истифода аз муносибатҳои байналмилалист, онро ҷудо аз ташаккули равандҳои умумидавлатӣ баррасӣ кардан имкон надорад. Бино бар ин, баъзе андешаҳои муқаддимавии худро оид ба ташаккули сиёсати хориҷии

кишвар, ки дар доираи фаъолияти давлатдорӣ ва таҳти сарварии бевоситаи Эмомалӣ Раҳмон ба як низоми комил ва ҳадафнок табдил ёфт, иброз хоҳем намуд.

Сиёсат падидаест, ки мазмуни басо паҳно ва мундариҷаи хело мураккаб дорад. Вақте кас дар адабиёти бадеӣ ва фарҳангӣ, саҳифаҳои васоити ахбори умум ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ба истилоҳоти «сиёсат» ва «сиёсатмадор» дучор мешавад, шояд на ҳама вақт ба мазмун ва қаробати мутақобилаи маънавию амалии ин ду мафҳум мароқ зоҳир намояд. Дар адабиёти илмии сиёсӣ мафҳуми «сиёсат» тавсифҳои зиёдеро доро мебошад. Вале ба назари мо шарҳи он ҳамчун «санъати идораи давлат, ҷомеа ва муносибатҳои байнидавлатӣ» ба воқеият наздиктар аст. Яъне, бо ибораи дигар сиёсат санъати давлатдорист. Ба ин маънӣ барои ходими давлатӣ ҳадафи ҳокимияти сиёсӣ пеш аз ҳама ҳифзи давлат ва рушду таҳкими давлатдории миллӣ мебошад.

Дар ин қарина метавон бо боварӣ тазаккур дод, ки на ҳар як сиёсатмадор аз санъати давлатдорӣ бархӯрдор аст. Таърихи тулонии инсоният сиёсатмадорони зиёдеро дар ёд дорад, ки бо амри тақдир тоҷи давлат бар сарашон гузошта шуда бошад ҳам, бар асари даст надоштан бар ин санъат натавонистанд аз ӯҳдаи муттаҳид намудани ҷомеа, идораи кишвар ва ҳифзи пояҳои давлатдориву истиқлолияти он бароянд. Бар ин иллат императориҳои бузург парокандаву давлатҳои муқтадир ба таназзул мувоҷеҳ шудаанд ва ахиран саҳнаи таърихро падруд гуфта, дар таҳхонаҳои хотири он интихоби макон намудаанд.

Рӯйдодҳои сиёсии кишвари навистиқлоли мо дар солҳои 1991-1992 ин ҳақиқатро бори дигар хотирнишон сохтанд. Ҳизбу гурӯҳҳое, ки дар ин марҳила рӯи саҳнаи муборизоти сиёсии Тоҷикистон қарор доштанд, аз дарки таҳаввулоти геополитикии замони пасошуравӣ ва пасомадҳои он берун монда, дар думболаи ҳадафҳои маҳдуди худ манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ, оянда ва мақоми кишварро дар ҷаҳони муосири пур аз таҳдиду хатарҳои нав нодида гирифтанд. Дар баробари онҳо силсилаи сиёсатмадороне, ки дар ин давра зимоми ҳокимиятро дар даст доштанд, низ бар асари маҳдудияти иродаи сиёсӣ натавонистанд вазифаҳо ва мундариҷаи фаъолияти давлатро дар ин марҳилаи сарнавиштсоз дуруст муайян намуда, тавассути таъмини тавозуни манфиатҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа, онро барои ба даст овардани ҳадафҳои созандаи умумимиллӣ сафарбар созанд. Ба ин маънӣ Саъдии бузург хело нишонрасона фармудааст, ки:

*Шамшер қавӣ наояд аз бозуи суст,*
*Яъне зи дили шикаста тадбири дуруст.*

Дар натиҷа, кашмакашҳои шадиди дохилисиёсӣ, ки аз ҷониби қувваҳои манфиатдори берунӣ таҳрик дода мешуданд, ахиран

соли 1992 ба авҷи аълои худ расида, ҷумҳуриро ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ сарозер сохтанд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳандозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ низ дар он шабу рӯз чун ҷузъи раванди умумии ҳаводиси кишварҳои пасошӯравӣ сурат мегирифт. Ҳамин тариқ, пас аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ шурӯъ аз охири декабри соли 1991 теъдоде аз кишварҳои хориҷӣ истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро эътироф намуда, қисме аз онҳо дар пойтахти он намояндагиҳои дипломатии худро ифтитоҳ намуданд. Дар баробари дигар ҷумҳуриҳои ИДМ Тоҷикистон аз 26 феврали соли 1992 ҳамчун иштирокчии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ва аз 2 марти ҳамин сол ба узвияти Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шуда буд. Вале мутаассифона, ҳукуматдорони вақт натавонистанд низоми муносибатҳои байналмилалиро дуруст ба роҳ монда, ҷомеаи ҷаҳониро ба танзими вазъи ноороми ҷумҳурӣ ҷалб созанд. Баръакс, бо вусъати ташаннуҷи вазъи ҷумҳурӣ шурӯъ аз тобистони соли 1992 муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ тадриҷан коҳиш ёфта, як қатор намояндагиҳои дипломатии хориҷӣ ҳайатҳои худро ихтисор ва ё фаъолияташонро дар ҷумҳурӣ муваққатан қатъ намуданд.

Вусъати муқовимати мусаллаҳонаи байни ҷонибҳои даргир ва фалаҷ гаштани ҳокимияти марказиву сохторҳои маҳаллии он охири тирамоҳи соли 1992 дар маҷмӯъ тамомияти арзӣ ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зери хатар гузоштанд.

Дар чунин вазъият ҷомеаи кишвар ба роҳбаре ниёз дошт, ки аз санъати давлатдорӣ ва иродаи қавии сиёсӣ бархӯрдор буда, ба хотири ба даст овардани манфиатҳои миллӣ, ки бешубҳа афзалиятноктарини онҳо дар ин марҳила ба даст овардани ваҳдати миллӣ ва барқарор намудани сулҳу субот дар кишвар буданд, қудрати барқарор намудани ҳокимияти устувори давлатиро дошта бошад. Чунин шахсиятро метавон бо вожаи «давлатмадор» унвонгузорӣ намуд. Ин мафҳум, ки мазмунан ба вожаҳои русии «государственник» ва «державник» ва то қадре бо истилоҳи англисии «statesman» ҳамвазн буда, чун маҳаки асосии баҳогузории фаъолияти сиёсатмадорон дар илми сиёсатшиносӣ маъмул аст, мутаассифона имрӯз аз луғати сиёсии забони тоҷикӣ ва доираи истифодаи пажуҳишгарони ватанӣ барканор мондааст. Франклин Делано Рузвелт, Уинстон Черчилл, генерал Де Гол, Жорж Помпиду, Маргарет Тэтчер, Индира Ганди, Дэн Сяопин ва силсилаи зиёди дигар чеҳраҳои сиёсии асри XX, ки барои таҳким ва тақвияти пояҳои давлатдории кишварҳои худ хизматҳои арзанда кардаанд, дар таърих ба ҳайси шахсиятҳои давлатмадор эътироф карда шудаанд.

Эмомалӣ Раҳмон аз овони ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон интихоб шуданаш, ки моҳи ноябри соли 1992 дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, рисолати ҳифзи истиқлолияти

давлатии ҷумҳурии тозабунёди тоҷиконро бо дарки комили масъулият бароиояндаи миллату давлат бар дӯши худ гирифт.

Он вақте, ки Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Роҳбари давлат дар Қасри Арбоби ноҳияи Хуҷанд аз фарози минбари иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ муаррифӣ шуд, дар саҳнаи сиёсии ҷумҳурӣ шахсияти тамоман нав буд. Вале фосилаи кӯтоҳи вақт собит сохт, ки ӯ дар ҳақиқат давлатмадори соҳибтадбир буда, илоҷи мушкилоти пешомадаро пайдо мекунад. Бо шарофати хиради стратегӣ, иродаи қавӣ ва хориқаи (феномен) беназири сиёсии худ, сарвари навинтихоби ҷумҳурӣ тавонист дар як муддати нисбатан кӯтоҳ асосҳои давлатдории миллиро эҳё намуда, шиддати ҷанги бародаркуши шаҳрвандиро дарҳам шиканад ва ба раванди барқарор намудани ваҳдати миллӣ ва сулҳу субот дар кишвар оғоз бахшад.

Дар ин замина Роҳбари давлат истифодаи самараноки имкониятҳои байналмилалиро ҷиҳати фурӯ нишондани алангаи ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини сулҳу субот дар кишвар ба ҳайси вазифаи аввалиндараҷаи сиёсати хориҷӣ қарор дод. Ӯ зимни аввалин муроҷиатномаи худ ба халқи шарифи Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 изҳор намуд, ки барои ба ҷумҳурӣ ёрӣ расонидан ба Созмони Милали Муттаҳид ва ҷомеаи ҷаҳонӣ муроҷиат хоҳад кард.

Ба дунболи ин дар як муддати кӯтоҳ силсилаи тадбирҳое роҳандозӣ шуданд, ки бар асари онҳо вазъият куллан тағйир пазируфт. СММ дар аввали соли 1993 Намояндагии худро дар Душанбе таъсис дод, Фиристодаи вижаи Дабири кулли СММ оид ба Тоҷикистон таъйин гардид. Бо дастгирии кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалӣ дар самти бозгардондани гурезаҳо ба ҷойҳои сукунати доимӣ ва барқарор кардани манзилҳо ва иншооти дар рафти ҷангҳо харобгардида корҳои зиёд ба анҷом расиданд. Ҷиҳати сари мизи гуфтушунид нишондани ҷонибҳои даргир кӯшишҳо ба харҷ рафта, дар моҳи апрели соли 1994 бо миёнаравии Созмони Милали Муттаҳид ва иштироки Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, инчунин давлатҳои нозир дар шаҳри Москва музокирот байни ҳайатҳои ҳукумати ҷумҳурӣ ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик шурӯъ гардиданд. Шоёни зикр аст, ки мулоқотҳо дар доираи раванди музокироти сулҳи тоҷикон дар кишварҳои ба мо дӯст – Россия, Эрон, Покистон, Қазоқистон, Туркманистон, Афғонистон ва Қирғизистон баргузор гардиданд ва роҳбарияти давлатҳои зикршуда барои самаранок сурат гирифтани гуфтушунидҳо тамоми имкониятҳои заруриро фароҳам оварданд.

Ин раванди мураккаб 27 июни соли 1997 бо имзо намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфта, ба муқовимати чандсола дар кишвар хотима бахшид. Аҳамияти рӯйдоди мазкур дар суханронии Сарвари кишвар ба

муносибати 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шуда буд: «Баъди зиёда аз панҷ соли мухолифати мусаллаҳона Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки дастоварди нодиртарини халқи тоҷик дар даврони истиқлолият мебошад ва ҳоло таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, ба мактаби омӯзиш табдил ёфтааст».

Бешубҳа, марҳилаи мазкур сарфи назар аз душворию мураккабиҳои мавҷуда бо ибтикори Сарвари давлат оғози эҳёи сиёсати хориҷии Тоҷикистон гашт ва бидуни муболиға соли 1993-ро метавон чун оғози таҷдиди дипломатияи тоҷик арзёбӣ кард. Дар ин сол ҳамчунин сохтори Вазорати корҳои хориҷӣ таҷдид гардида, фаъолияти он ба ҳайси мақоми асосии банақшагирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ба талаботи замон ҷиҳати тавсеа ва тақвияти муносибатҳои байналмилалии кишвар мувофиқ карда шуд.

Бояд тазаккур дод, ки эҳёи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите шурӯъ шуд, ки рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар солҳои 1991-1992 ва омилҳои берунае, ки онҳоро мутаҳаррик сохта буданд, ба нуфузи байналмилалӣ ва хусусан ба мавқеи он дар минтақа халали ҷиддӣ ворид намуда буданд. Президенти кишвар дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 оид ба ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ сухан ронда, аз ҷумла, чунин иброз намуд: «…ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд».

Воқеият нишон дод, ки дар доираи равандҳои пурталотуми ҷаҳонишавӣ, манфиатҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ ва муборизаву рақобати онҳо баҳри манбаъҳои ашёи хом ва сарватҳои табиии сайёра, аз байн рафтани сарҳадҳои идеологии қаблӣ ҷараёнҳои мухталифи сиёсиву мазҳабии экстремистӣ ва террористӣ шакли фаромиллӣ пайдо намуда, барои истиқлолияти кишварҳои алоҳида, бахусус кишварҳои хурд ба монанди Тоҷикистон хатару таҳдидҳои муассир эҷод месозанд. Аз ин рӯ, дар шароити низоми ҷаҳонии бисёрқутба ва мавҷудияти силсилаи марказҳои қудрати ҷаҳониву минтақавӣ, маҳдуд намудани доираи гардиши муносибатҳои байналмилалӣ дар атрофи меҳвари танҳо яке аз онҳо ба талаботи таъмини манфиатҳои миллӣ ва амнияти давлатии кишвар ҷавобгӯ нест. Ин ҳолат, бешубҳа, ба эҷоди заминаҳои сиёсати хориҷии кишвар ва раванди ташаккули минбаъдаи он таъсири бузург гузошт.

Дар ин қарина паҳнои тафаккури давлатии Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадор дар он зоҳир гашт, ки дар иртибот ба рӯйдодҳои марҳилаи аввали истиқлолияти кишвар ва таҳаввулоти геополитикии

замони муосир ҷиҳати ҳимояту ҳифозати манфиатҳои олии миллӣ зарурати дар муносибатҳои байналмилалӣ нигоҳ доштани тавозун байни қудратҳои ҷаҳониро саривақт дарк намуд. Ин нукта аз ҷониби ӯ дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олӣ чунин арзёбӣ гашт: «Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар асоси эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба мадди назар гузоштани манфиатҳои олии Тоҷикистон фаъолият хоҳад кард. Тоҷикистон манфиатдор аст, ки сиёсати мувозину прагматиро пеш гирад, ки аз пайравии якҷониба холӣ бошад». Самти мазкур дар нутқи барномавии Сарвари давлат дар ҷаласаи навбатии парлумони кишвар тақвият дода шуда, заминаи аввалин Консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистонро ташкил дод.

Дар баробари ин дар таърихи навини давлатдории тоҷикон ҳифзу таъмини манфиатҳои миллии он, баланд бардоштани обрӯ ва эътибори ҷумҳурӣ дар арсаи байналмилалӣ, фароҳам овардани шароити мусоиди беруна барои таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва таъмини рушди устувори кишвар ба таври воқеӣ ва қотеона ба ҳайси ҳадафҳои волотарини сиёсати хориҷии давлат эълом карда шуданд. Дар иртибот ба ин ибтикори раҳнамунсози Эмомалӣ Раҳмон суханҳои шоир ва мутафаккири бузурги фаронсавии асри XIX Виктор Марӣ Гюгоро хотирнишон кардан бамаврид мебошад: «Хусусияти фарққунандаи ходимони давлатии асил маҳз дар он аст, ки онҳо метавонанд аз ҳар як зарурат, ҳатто аз ҳолатҳои фоҷиабор нафъе пайдо намуда, онро барои манфиати давлат равона созанд».

Аз ҳамин давра сар карда дар баробари ба роҳ мондани муносибатҳои афзалиятнок бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, хусусан Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, тавсеа ва тақвияти муносибатҳо бо дигар кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, кишварҳои форсизабон, олами ислом ва билохира ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳайси меҳвари сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шуданд. Дар ин росто принсипҳои асосӣ ва анъанаҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи фарогири рушди кишвар пурра барои ҳалли масоили афзалиятноки он, аз ҷумла, таҳкими суботу ваҳдати миллӣ, тақвияти ислоҳоти сиёсию иқтисодӣ, тавсеаи рукнҳои демократии давлатдорӣ ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини пешрафти босуръати ҳамаҷониба ва ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ равона гардиданд.

Марҳилаи аввали татбиқи муваффақонаи ин стратегияи фарогир дар муносибатҳои байналмилалии ҷумҳурӣ дурустии онро пурра собит сохт. Минбаъд он бемайлон такмил ёфта, дар маҷмӯъ асоси консепсияи «сиёсати дарҳои боз»-ро, ки 31 декабри соли 2002 зимни муроҷиатномаи солинавии Президенти кишвар ба халқи Тоҷикистон эълом шуд, ташкил дод. Дар асоси ин консепсия Тоҷикистон дар муносибатҳои байналмилалии худ сиёсати хориҷии бисёрсамта,

ботавозун ва прагматикиро роҳандозӣ намуда, тавсеа ва таҳкими робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои гуногуни олам ба роҳ мондааст.

Алҳол дар доираи ин сиёсат ҷумҳурӣ бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз ҷумла Федератсияи Россия ва ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Иттиҳоди Аврупо, мамолики исломӣ ва дигар давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монда, онҳоро пеш аз ҳама бо назардошти манфиатҳои миллӣ муваффақона амалӣ сохта истодааст.

Дар ин қарина зарурати баланд бардоштани обрӯи байналмилалии ҷумҳурӣ ва пайдо намудани мавқеи арзандаи он дар арсаи ҷаҳонӣ дар фаъолияти Эмомалӣ Раҳмон аз оғоз мавқеи марказиро ишғол менамояд. Ӯ дар нахустмуроҷиатномаи худ ба мардуми ҷумҳурӣ оид ба ҳадафи ниҳоии ҷомеаи кишвар сухан ронда, онро чунин арзёбӣ намуда буд: «Дар ниҳояти кор кӯҳандиёри мо, Тоҷикистони азиз, бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои худро ёбад».

Аз ин нигоҳ, тасмимҳои ҷиддии Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати татбиқи бомуваффақияти ислоҳотҳои сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, рушди ҳамаҷонибаи ҷомеаи демократӣ дар маҷмӯъ ба сиёсати хориҷии кишвар тақвият бахшиданд. Ба шарофати чунин сиёсати воқеъбинона Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ тавонист худро дар арсаи байналмилалӣ ба сифати кишвари сулҳдӯсту инсонпарвар, пайрави арзишҳои демократӣ, тарафдори ҳамгироӣ ва ҳамкориҳои бисёрҷониба муаррифӣ намояд.

Вақте сухан дар бораи ҷомеаи ҷаҳонӣ меравад, бояд пеш аз ҳама онро ба назар гирифт, ки тамоми ниҳодҳои иқтисодӣ-молиявӣ ва сиёсии ҷаҳони имрӯза ба ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд. Алҳол дар пахнои сайёра кишвареро пайдо кардан душвар аст, ки сарбаста аз ҷаҳони беруна пешрафти чашмрас дошта бошад. Зеро ғояи пешбарандаи замон ва ҷаҳони имрӯза рушд дар заминаи ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ мебошад. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки сарфи назар аз муноқишаҳои сершумори минтақавию этникӣ, ҳисси табиӣ ҷомеаи ҷаҳониро доимо ба сулҳу субот, оромию ризоият ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд водор месозад. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ нақши созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҷиҳати ноил шудан ба чунин ҳадафҳо калон аст. Зеро чунин ташкилотҳо, бавижа Созмони Милали Муттаҳид барои тамоми кишварҳои бузургу хурд сарфи назар аз нуфузу қудраташон имкони баробар фароҳам овардаанд, ки тавассути минбари онҳо мавқеи худро оид ба масоили муассир ва ҳалталаб ба ҷомеаи ҷаҳонӣ иброз намоянд.

Бо назардошти ин, Президенти кишвар ҳамкории Тоҷикистонро бо созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ ҷиҳати пайвастан ба равандҳои глобалии рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ ва изҳори назари ҷумҳурӣ оид ба онҳо, ба ҳайси яке аз бахшҳои муҳимтарини сиёсати хориҷӣ муайян намуда, худ низ дар ин ҷода саҳми назаррас мегузорад. Алҳол ҷумҳурӣ бо созмонҳои бонуфузи байналмилаливу минтақавӣ, қабл аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ ҳамкориҳои ҳамёронаро ба роҳ монда, саҳнаи онҳоро барои арзёбӣ ва пешбурди тасмимҳои байналмилаливу минтақавӣ истифода мебарад.

Дар ин қарина иштирок ва суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар моҳи сентябри соли 1993 барои кишвари мо оғози яке аз давраҳои муҳим дар ҷодаи пешбурди сиёсати байналмилалии он маҳсуб мешавад. Зимни суханронии худ дар ин ҷаласа Роҳбари давлати Тоҷикистон воқеан бори нахуст мавқеи ҷумҳуриро оид ба масоили доғи байналмилалӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ манзур намуд. Қобили тазаккур аст, ки шоҳшиори Созмони Милали Муттаҳид: – «Бани одам аъзои якдигаранд, Ки дар офариниш зи як гаҳваранд…», зимни суханронии сарвари Тоҷикистон аз фарози ин минбари бонуфуз бо забони асли эҷоди он – лаҳни ноби тоҷикӣ садо дод.

Дар партави ин шоҳбайти инсонпарастона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баъдан борҳо аз минбари Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ оид ба масоили муҳимтарини байналмилалӣ ва таҳдиду хатарҳо ба амнияти умумиҷаҳонӣ, аз қабили мунокишаҳои дохилидавлативу минтақавӣ, терроризми фаромиллӣ ва экстремизми мазҳабӣ, қочоқи аслиҳа ва маводи мухаддир баромад карда, роҳи ҳалли онҳоро аз нигоҳи Тоҷикистон арзёбӣ намуд.

Рушди фарогири кишвар наметавонад аз равандҳои пешрафти тамаддуни ҷаҳонӣ дар ҷудоӣ сурат бигирад. Иштироки нокифоя ё барканор шудани Тоҷикистон аз ин равандҳо метавонад кишвари моро аз маркази инкишофи ҷаҳонӣ фарсаххо дур андозад. Дар ин ҳол ҷумҳурӣ имкони таъмини самараноки пешрафти иқтисодӣ, расидан ба рушди устувор ва дар маҷмӯъ баланд бардоштани некӯаҳволии халқи худро аз даст хоҳад дод. Бо назардошти ин ибтикори Сарвари давлат Тоҷикистон дар лоиҳаҳо ва барномаҳои байналмилалие, ки дар ин самт роҳандозӣ мешаванд, фаъолона ширкат меварзад. Мисоли равшани ин иштироки Тоҷикистон дар татбиқи Барномаи рушди ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид буда, ҷумҳурӣ дар қатори аввалин кишварҳо авлавияти ҳадафҳои миллии худро дар асоси принсипҳои ин барнома муайян намуд.

Ноил шудани ҳар як кишвари ҷаҳон ба рушди устувору босубот ба ҳалли масоили глобалие, ки метавонанд мушкилоти умумисайёравиро ба бор оваранд, робитаи бевосита дорад. Дар ин росто ташаббусҳои байналмилалии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бешак аз дарки амиқи ин ҳақиқат сарчашма гирифта, пеш аз ҳама, ба манфиати мардуми кишвар нигаронида шудаанд, вале ҳамзамон татбиқи онҳо дар миқёси сайёра ҷавобгӯи манфиатҳои ағлаби кишварҳои ҷаҳон аст. Аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтани силсилаи чунин ташаббусҳо далели он аст, ки ҳалли ин масоил дархӯри ормони миллионҳо мардуми дунё мебошад.

Табиист, ки чунин ибтикорҳои созанда аз madди назари ҷомеаи ҷаҳонӣ ва чеҳраҳои сиёсии баландмақоми арсаи байналмилалӣ берун намондаанд. Дар ҳошияи Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба иқлим, ки моҳи сентябри соли 2009 дар шаҳри Женеваи Швейтсария баргузор гашт, Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун Эмомалӣ Раҳмонро ба ҷаласаи навбатии Маҷмааи Умумии СММ даъват карда, зимни ин изҳор дошт, ки «иштироки Шумо, ҳамчун роҳбари ташаббускор ва ҷонибдори ибтикорҳои СММ, ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мусоидат хоҳад намуд». Бешубҳа, ин шаҳодати дар сатҳи баланди байналмилалӣ эътирофу қадрдонӣ гардидани фаъолияти ба равандҳои ҷаҳони муосир ҳамнабзи Сарвари кишвар мебошад.

Дар ҷаҳони муосир ҳамгироӣ ба яке аз омилҳои муҳимтарине табдил ёфтааст, ки ба рушди устувору босубот, болоравии иқтисодиёт ва таъмини амнияти кишварҳо дар сатҳҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мусоидат менамояд. Бо назардошти ин Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштироки фаъолонаи ҷумҳуриро дар фаъолияти сохторҳои бисёрҷонибаи глобалӣ ва минтақавӣ ба ҳайси яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии кишвар муайян намудааст. Стратегияи мазкур дар шароити ҷаҳонишавии чи равандҳои хоҷагидориву иқтисодӣ ва чи хатарҳои амниятӣ, ба мисли терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷинояткории фаромиллӣ ба сиёсати хориҷии кишвар тавозуни прагматикӣ бахшида, имкониятҳои онро дар мавриди ба даст овардани манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти кишвар меафзояд. Бо шарофати ин роҳи муайяннамудаи Президенти кишвар алҳол Тоҷикистон на танҳо аъзои фаъоли чунин созмонҳои иқтисодию амниятӣ, аз қабили Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ЕврАзЭС), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Созмони хамкории Шанхай (СҲШ), Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД) буда, балки худро муваффақона ба ҳайси ташаббускори ба вуҷуд овардани форматҳои нави муколама дар доираи кишварҳои форсизабон (Тоҷикистон,

Эрон, Афғонистон) ва кишварҳои «Чоргонаи Душанбе» (Тоҷикистон, Россия, Афғонистон, Покистон) муаррифӣ намудааст.

Имрӯз вусъати бемайлони таркибаҳои пурихтилофи раванди ҷаҳонишавӣ, аз қабили аз байн рафтани сарҳадҳои иттилоотӣ ва ҳамсонсозии арзишҳои фарҳангию маънавӣ барои ҳувияти (айнияти) милливу давлатии бисёр кишварҳои дунё хатари воқеиро эҷод намудааст. Дар ҷавоб, чун аксуламал ба ин зуҳурот дар равандҳои иҷтимоӣ-сиёсии онҳо тамоюлҳои болоравии омилҳои миллӣ ва фарҳанги анъанавӣ мушоҳида мегарданд ва сиёсати сарвари Тоҷикистон ҷиҳати эҳёи арзишҳои анъанавӣ ва худогоҳии миллию мазҳабии халқи тоҷик маҳз дар маҷрои ҳамин таҳавуллот ҷараён гирифтаанд.

Дар баробари ин, ташаккули симои давлат ва ҳувияти миллии мардуми он дар арсаи байналмилалӣ низ дар ин марҳила аҳамияти хосса пайдо менамояд, зеро дар шароите, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ фарҳангу арзишҳои тамаддунҳои мухталифро ба бархӯрд мувоҷеҳ сохтаанд, ин омилҳо дар таъмини робитаҳои нек ва судманди хориҷӣ нақши калидиро пайдо намудаанд. Ин маънӣ бори дигар дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ аз 20 апрели соли 2012 чунин таъкид гардид: «Дар шароити ҳассоси имрӯза, ки мо пешорӯи хатари воқеии бархӯрди тамаддунҳо қарор гирифтаем, шиносоии бештару фарогири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо фарҳангу тамаддуни қадимаи халқи тоҷик ва дар навбати худ баҳрабардорӣ аз дастовардҳои фарҳангиву илмии дигар халқҳои ҷаҳон, бахусус дар масъалаҳои истифода аз дастовардҳои ақлонӣ ва тафаккури инсонӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо мекунад». Дар ин қарина сиёсати муайяннамудаи Сарвари кишвар дар самти тавсеаи робитаҳои фарҳангию гуманитарӣ ва ибтикорҳои байналмилалии ӯ ҷиҳати дар арсаи ҷаҳонӣ ҳамчун миллати соҳибтаърих ва мутамаддин муаррифӣ намудани симои халқи тоҷик гарави ба раванди умумиҷаҳонии мубодилаи дастовардҳои фарҳангию илмӣ ва маънавию ақлонӣ шомил намудани кишвар мебошад.

Аз фарози воқеияти имрӯза ба раванди ташаккули давлатдории миллӣ назар афканда, бо боварии комил метавон изҳор дошт, ки халқи тоҷик таҳти сарварии фарзанди миллатдӯст ва сарсупурдаи худ Эмомалӣ Раҳмон ин роҳи басо душвор ва мураккаби таърихи худро бо сарбаландӣ тай карда, Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари воқеан соҳибистиқлол муаррифӣ намуд. Алҳол ҷумҳурӣ дар байни дигар кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои сазовори худро пайдо намуда, ҳамчун узви комилҳуқуқи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шудааст. То имрӯз истиқлолияти давлатии онро қариб 150 кишвари дунё бо расмият шинохта, бо аксари онҳо муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ва фарҳангию илмӣ ба роҳ монда шудаанд.

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки тавассусти иштироки фаъолу муассири он дар равандҳои бисёрҷанбаи минтақавию глобалии ҷаҳони имрӯза муваффақона роҳандозӣ мегардад, ба баланд шудани нуфузи кишвар дар арсаи байналмилалӣ мусоидат мекунад. Бо туфайли ин сиёсат имрӯз саҳми ҷумҳурӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳои глобалии ҷаҳони муосир – таъмини амният ва сулҳу субот, ҳаёти осоишта ва созанда дар паҳнои сайёра аз ҷониби ҳамёрони минтақавию байналмилалӣ ва дар маҷмӯъ ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф карда шудааст. Дар ин росто сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти пурсамари ӯ ҳамчун сиёсатсолори миллати тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ гарави он аст, ки Тоҷикистон минбаъд низ дар сиёсати дохиливу хориҷии худ ба арзишҳои умумиинсонӣ содиқ монда, татбиқи принсипҳои универсалии он – таъмини сулҳу субот, ҳуқуқбунёдӣ ва рушди ҳамкориҳои байналмилалии баробарҳуқуқро идома хоҳад дод.

# ОҒОЗИ ПАЙВАНД БО ҶАҲОНИ МУОСИР

*Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад...*

*Ҳофизи Шерозӣ*

**Таҳкими асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Тоҷикистон**

Моҳи сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатиро бо чӣ пешвоз гирифтем? Чӣ омодагие ба ин пешомади бузург доштем? Оё ба чунин имтиҳон тайёр будем? Инҳо саволҳое ҳастанд, ки бисёр мушкилоти соли аввали соҳибихтиёрӣ дар онҳо нуҳуфтаанд. Хоҳем-нахоҳем борҳо сари онҳо бармегардем ва сархати ҳама мушкилу печидагиҳои баъдиро аз онҳо пайдо карданӣ мешавем.

Дар ҳақиқат, соҳибистиқлол шудани ҷумҳуриҳои собиқи Иттиҳоди Шӯравӣ бо шартҳои зиёде бастагӣ дошт ва ҳодисаҳои ногаҳонии августи соли 1991 аз «паради соҳибихтиёрҳои» соли 1990 ба «ҷумҳуриҳои соҳибистиқлол» овард. Кӯшишҳои соҳибихтиёр шудан дар баъзе санадҳое, ки то августи соли 1991 қабул шуданд, ин мустақилиятро дар доираи Иттиҳоди Шӯравӣ маҳдуд мекард. Аз ҷумла, парлумони Тоҷикистон низ 24 августи соли 1990 «Эъломия дар бораи соҳибихтиёрии давлатии ҶШС Тоҷикистон»-ро қабул кард, ки мустақилияти ҷумҳуриро «дар доираи ИҶШС-и навшуда» пешбинӣ менамуд.

Ҳодисаҳои августи соли 1991 ҳама нақшаҳои таъсис додани «Иттиҳоди навшударо» бар бод доданд ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ пайи ҳамдигар дар бораи соҳибистиқлолии давлатии худ изҳорот қабул карданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ, ки таҳаввулоти дохилии ИҶШС-ро тайи чанд соли «бозсозӣ» таҳти мушоҳида қарор дода буд, дар бобати ба расмият шинохтани ин давлатҳои навтаъсис саросемагӣ нишон намедод ва оқибати онро интизорӣ мекашид. Ахиран, баъд аз барҳам хӯрдани ИҶШС аз охири моҳи декабри соли 1991 расман эътироф намудани

истиқлолияти ин давлатҳо шурӯъ гардид. Дар идомаи ин 4 январи 1992 Мурожиатномаи Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ қабул гардид ва дар он аз давлатҳои узви ҷомеаи ҷаҳонӣ хоҳиш шуд, то истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф кунанд ва бо он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намоянд.

Дар робитаҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ин ҳодисаҳо – шурӯъ аз эътирофи истиқлолият, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо кишварҳои хориҷӣ то бастани шартномаҳо, шомил шудан ба созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ, САҲА) ва ғайра чун ҷузъи як раванди умумӣ рух медоданд. Чун идомаи ҳамин раванд дар соли 1992 дар Душанбе чанд давлати хориҷӣ сафорати худро кушод, ҳайатҳои хориҷӣ пайи ҳам ба пойтахт ташриф меоварданд, вале мушкили надоштани таҷриба дар умури давлатдорӣ ҷой дошт ва ин ба равшанӣ эҳсос мегардид. Яке аз чунин зуҳурот рӯ овардани баъзе нерӯҳои сиёсии ҷумҳурӣ ба доираҳои ғаразноки берунӣ, ҳамчунин имкон додани роҳбарияти расмӣ ба дахолати кишварҳои дигар ба корҳои дохилии ҷумҳурӣ буд.

Дар натиҷаи шиддат ёфтани муборизаҳои сиёсӣ, ки оқибат ба мухолифати тезутунд ва муқовимати яроқнок оварданд, ҷумҳурӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Вазъият дар ҷануб ва маркази ҷумҳурӣ то дараҷае мураккабу сангин буд, ки иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, даъвати дувоздаҳум дар Хуҷанд баргузор гардид. Ин иҷлосия аз чанд ҷиҳат рисолати бузургеро дар назди халқи кишвар бар дӯш дошт. Пеш аз ҳама баҳодиҳии вазъияти баамаломада, ҷустуҷӯи сабабҳо ва роҳҳои баромадан аз ин бӯҳрони саросарӣ мавзӯи баҳси вакилон қарор гирифт. Дар ин иҷлосия интихоби роҳбарияти нави ҷумҳурӣ сурат гирифт, ки ҳамчунин ҷавобгӯи натиҷагириҳои иҷлосия роҷеъ ба таъмини эътидоли вазъи ҷумҳурӣ ва тавозуни нерӯҳои сиёсӣ буд.

Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали интихоб шуданаш ба ин мансаби олӣ дар баробари ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзмарра таваҷҷӯҳро ба он равона кард, ки асосҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, принсипҳои роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷӣ мушаххас гардида, тадриҷан санадҳои зарурӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Дар мурожиатномаи худ ба мардуми Тоҷикистон аз 12 декабри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмон «корро сари масъалаҳое, ки барои ҳар давлати соҳибистиқлол моҳияти зербиноӣ доранд», «ҳаётан муҳим ва стратегӣ» арзёбӣ намуд. Дар ин мурожиатнома «таҷдиди пойгоҳи қонунгузории ҷумҳурӣ ва мувофиқ кардани он бо меъёрҳои байналмилалӣ», «ворид шудани ҷумҳурӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо тамоми кишварҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои

фоидаовари тарафайн ҳамкорӣ кунанд», «дохил шудан ба созмонҳои байналмилалӣ, таҳкимбахшӣ ва рушди минбаъдаи робитаҳои некӯҳамсоягӣ ва ҳамкории гуногунҷанба бо давлатҳои ИДМ, пеш аз ҳама Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва дигарон» чун вазифаҳои муҳимтарин муайян гардиданд.

Дар муроҷиатномаи Роҳбари давлат зикр гардид, ки Тоҷикистон дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, эҳтироми ҳуқуқи ҳар халқ барои интихоби роҳи пешрафти худ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар муносибатҳои худро бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон, минҷумла, бо ҳамсояҳои наздик – Афғонистон, Покистон, Хитой, Эрон ва дигар кишварҳои Осиё, Африка, Аврупо ва Америка роҳандозӣ хоҳад намуд.

Дар он санад таъкид гардид, ки Тоҷикистон бояд дар ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷои сазовори худро соҳиб шавад.

Роҳбари давлат ҳар маротиба таъкид месохт, ки Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявиро пеш гирифта, дар ин ҷода бомаром пеш меравад.

Ҳамин тариқ, сари масъалаи тарҳрезии сиёсати хориҷӣ кор шурӯъ шуд ва Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ 26 июни соли 1993 зикр намуд, ки «баъд аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ дар сиёсати хориҷии мо марҳалаи нав оғоз ёфт ва ҳоло рафти ташаккули ҷанбаҳову равияҳои асосии он идома дорад».

Дар он нутқи худ Роҳбари давлат андешаҳояшро роҷеъ ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон иброз намуда, зикр карда буд, ки он «дар асоси эҳтироми меъёрҳои умумибашарӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва ба мадди назар гузоштани манфиатҳои олии Тоҷикистон» роҳандозӣ хоҳад шуд. Ин фикр дар суханронии ӯ дар ифтитоҳи таҷлили истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Анҷумани дуюми тоҷикони ҷаҳон 8 сентябри соли 1993 тақвияти бештаре пайдо кард: «Тоҷикистони тозаистиқлол сиёсати хориҷии худро дар асоси эҳтиром ва эътирофи меъёрҳои сиёсати байналхалқӣ, принсипҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, дифои манфиатҳои олии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, тамомияти арзӣ, мудохила накардан ба корҳои дохилии якдигар, баробарҳуқуқӣ дар муносибати байни ҳамдигар, ҳамкории барои тарафҳо муфид ва судбахш танзим намояд. Танҳо ҳамин гуна сиёсат метавонад амнияти Тоҷикистонро бо роҳҳои сиёсӣ таъмин созад, барои пешрафти ислоҳоти демократӣ ва равнақу ривоҷи иқтисодиёт, фарҳанг, илму маорифи он мусоидат кунад, ба ташаккули иқтисоди бозаргонӣ ва барқарор гардидани муносибатҳои нав ва босамари Тоҷикистон бо кишварҳои узви ИДМ ва дигар мамлакатҳои ҷаҳон мадад расонад.

Мо дар заминаи ҳамин усул ва бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон ният дорем бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаҳои қавии иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ барқарор намоем».

Ҳамин тариқ, роҳбарияти ҷумҳурӣ бо андешаи таҳияи сиёсати хориҷӣ сари он омад, ки барои амалӣ кардани ин мақсад таҳияи санади алоҳида – Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст. Роҳбари давлат қисмати муҳими суханронии худро дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ 28 декабри соли 1993 ба роҳу усулҳои пешбурди сиёсати хориҷӣ бахшида, зарурати таҳияи консепсияро махсус таъкид намуд. Ӯ гуфт, ки тавассути чунин консепсия «мо бояд равшан тасаввур карда тавонем, ки фаъолияти давлатамон дар арсаи байналмилалӣ ба кадом тарафҳо ва ба чи тарзе ҷараён гирад». Зимни ин Роҳбари давлат панҷ ҳавзаеро дақиқ намуд, ки дар он вақт Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи маҳалли ҷуғрофӣ, мавқеи геополитикӣ ва манофеи иқтисодиаш дохил мешуд ва ин ҷиҳат бояд ҳангоми таҳияи консепсия ба назар гирифта мешуд:

«Ҳавзаи якум – Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад;

Ҳавзаи дуюм – Осиёи Марказист, ки кунун рӯ ба ҳамгироии иқтисодию сиёсӣ дорад;

Ҳавзаи сеюм – фазои зисту амали кишварҳои ҳамсояи форсизабон аст, ки ҳануз ба ягон иттиҳоди муштараки сиёсӣ ё иқтисодӣ нарасида бошанд ҳам, онҳоро на фақат ҳамбастагии таърихӣ ва мазҳабию фарҳангӣ, балки дурнамои воқеии рушди миллӣ ба ҳам ҷазб мекунад;

Ҳавзаи чорум – доираи нуфузи давлатҳои мусалмоннишини Шарқ аст, ки онҳоро на фақат ягонагии дину ойин ва суннатҳои рӯҳонӣ, балки имконот ва эҳтиёҷоти рушди миллӣ низ ба ҳам мепайвандад.

Ниҳоят, ҳавзаи панҷум – ҷомеаи байналмилалист, ки ҳамбастагии зоҳириву ботиниаш беш аз пеш қувват мегирад ва ҳам оҳиставу пайваста ба сӯи тамаддуни воҳиди умумибашарӣ роҳ мепаймояд».

Сипас вазорату идораҳои дахлдор ба таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон шурӯъ карданд. Зарур ба ёдоварист, ки он вақт ҷумҳурӣ дар вазъияти душворе қарор дошт ва ҳамзамон бо ҳаллу фасли чунин мушкилоти дохилӣ, аз қабили фурӯ нишондани муқовимати яроқнок, баргардондани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои муқимӣ, барқарор кардани хоҷагии халқи харобгардида, раванди роҳандозӣ намудани ислоҳоти конститутсионӣ шурӯъ шуда буд. Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 тариқи раъйдиҳии умумихалқӣ қабул гардид, барои таҳияи дигар санадҳои қонунгузорӣ асос гузошт.

Роҳбари давлат ҳангоми таҳияи Конститутсияи нав ҳамчунин ба ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷомеаи байналмилалӣ чун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, таъкид карда буд, ки мазмуну мундариҷаи ин санади муҳим бояд пурра ҷавобгӯи ҷомеаи пешрафта ва мутамаддин бошад.

Дар Сарқонун масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷии давлат ҳамчунин инъикоси худро ёфтанд. Дар моддаи 11 он зикр гардидааст, ки «Тоҷикистон сиёсати сулҳҷӯёнаро ба амал татбиқ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳои ҷаҳонро эҳтиром менамояд ва муносибатҳои хориҷиро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад». Ин ҳуҷҷат пешбинӣ кардааст, ки «Тоҷикистон вобаста ба манфиатҳои олии халқ метавонад ба иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ дохил шавад, аз онҳо барояд, бо кишварҳои хориҷӣ робита намояд».

Муқаррароти муҳими Сарқонун ба ҷойгоҳи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ дахл дорад: «Санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил медиҳанд. Агар қонунҳои ҷумҳурӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда мутобиқат накунанд, меъёрҳои санадҳои байналмилалӣ амал мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон эътироф кардааст, пас аз интишори расмӣ амал мекунанд».

Дар қонуни асосӣ ҳамчунин масъалаҳои шаҳрвандӣ, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ваколати Президент ва шохаҳои ҳокимият роҷеъ ба ҳаллу фасли масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ муайян шудаанд. Ҳамин тариқ, бо қабул шудани Конститутсия самтҳои асосии сиёсати давлат муайян гардиданд ва имконият ба вуҷуд омад, ки мутобиқи талаботи қонуни асосӣ дигар санадҳои қонунгузорӣ таҳия карда шаванд.

Тавре зикр гардид, он вақт сиёсати хориҷӣ чун идомаи сиёсати дохилии давлат аз он мушкилоте бармеомад, ки ҷумҳурӣ бо истифода аз ҳама гуна имконот ҳаллу фасл кардан мехост. Аз ин рӯ, музокироти ҳукумат бо Иттиҳоди мухолифини тоҷик, баргардондани гурезаҳо, барқарорсозии иқтисоди ҷумҳурӣ ва дар маҷмӯъ ба эътидол овардани вазъият ва таъмини сулҳу ваҳдат дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мақоми аввалиндараҷа пайдо карда буданд.

Дар давоми беш аз се соли музокироти байни тоҷикон ҳуҷҷатҳои зиёде таҳия ва ба имзо расиданд, ки ин равандро ҳамоҳанг намуда, ҳамчунин барои тадбирҳои минбаъда замина гузоштанд. Пас аз анҷом ёфтани ин раванд бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997, давраи дуюми он – амалӣ намудани санадҳои қабулшуда пеш омад, ки барои ин Комиссияи оштии миллӣ таъсис ёфт ва дар давоми қариб то се соли дигар вазифаҳои худро ба иҷро расонида, фаъолияти худро қатъ кард. Дар ин муддат давлатҳои хориҷӣ дар муносибат бо Тоҷикистон эҳтиёткорӣ нишон дода, ба корҳои ҷиддитар, аз қабили ҷалби сармоя, амалӣ намудани лоиҳаҳои иқтисодӣ, кушодани корхонаҳои муштарак даст намезаданд. Муносибати кишварҳое, ки нисбат ба Тоҷикистон таваҷҷӯҳи зиёд доштанд, аксаран

дар дастгирии сиёсӣ, гузаронидани машваратҳо ва расонидани кумакҳои башардӯстона ва техникӣ маҳдуд мешуд.

Аз ин хотир, роҳбарияти ҷумҳурӣ бо назардошти ин воқеият таҳияи санадҳои танзимкунандаи сиёсати хориҷиро давра ба давра амалӣ мекард. Ҳамин тариқ, дар соли 2002 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки дар он моҳияту мундариҷа ва дурнамои сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, роҳу василаҳо ва усулҳои амалисозиву самтҳои авлавиятноки он инъикос ёфтанд. Дар ин санади муҳим доираи манфиатҳои кишвар, минтақаҳои ҳамкорӣ ва давлатҳои шарик ва дигар масъалаҳои муҳими пиёда кардани сиёсати байналмилалӣ ҷойи худро ёфтанд.

Муайян гардид, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон бисёрсамта ва сулҳхоҳона буда, ҷумҳурӣ ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои хориҷӣ дар асоси эҳтироми истиқлоли давлатии ҷонибҳо, баробарӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилии ҳамдигар, бо назардошти манфиатҳои тарафҳо ба роҳ мемонад. Тоҷикистон бо ҳар давлати хоҳишманде, ки ин принсипҳоро эътироф менамояд, муносибату ҳамкорӣ мекунад. Ҳамзамон дар назар дошта мешавад, ки ин ҳамкориҳо бар зарари кишварҳои дигар набошанд.

Дар табрикоти солинавии худ ба муносибати фарорасии соли 2003 милодӣ Эмомалӣ Раҳмон эълом дошт, ки «мо дар сиёсати хориҷии худ «сиёсати дарҳои бозро интихоб кардем». Роҳбари давлат зикр кард, ки «мо минбаъд ҳам муносибатҳои хайрхоҳона ва дӯстона, ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо ҳамаи давлатҳо, қабл аз ҳама ҳамсояҳои наздик, яъне кишварҳои Осиёи Марказӣ рушд хоҳем бахшид».

Ҳамин тариқ, роҷеъ ба ташаккули асосҳои ҳуқуқии амалисозии сиёсати хориҷии Тоҷикистон кор дар чанд самт идома ёфт.

Якум, дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардид, ки санадҳои ҳуқуқи байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ мебошанд ва дар ҳолати мувофиқат накардани қонунҳои ҷумҳурӣ бо санадҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ меъёрҳои санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ амалӣ мешаванд.

Тоҷикистон бо дар назардошти доираи манфиатҳои худ ва зарур атҳои пешомада ба чандин конвенсияҳо ва дигар санадҳои байналмилалӣ пайваст, ки ҳамчунин ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон таъсири амиқи худро мерасонанд. Ҳамчунин дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои ҳамёр санадҳои зиёде ба имзо расиданд, ки барои роҳандозии ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун заминаи устувор ба вуҷуд оварданд. Соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки тартиби таҳиясозӣ, имзогузорӣ, ба тасвиб расонидан ва дигар амалҳои вобаста ба санадҳои байналмилалиро ба танзим даровард.

Бояд тазаккур дод, ки дар давраи истиқлолият Тоҷикистон бо 125 давлати хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд. То имрӯз бо кишварҳои дӯст аз ИДМ, қитъаҳои Осиё, Африка, Аврупо ва Америка қариб 1200 ҳуҷҷати дуҷониба ба имзо расидааст, ки масъалаҳои гуногуни муносибату ҳамкориҳои дуҷонибаро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, амният, илм, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, сайёҳӣ ва ғайра дар бар мегиранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди зиёди санадҳои байналмилалиро дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз қабили СММ ва ниҳодҳои махсуси он, САҲА, СҲШ, СҲИ, ИДМ, СААД ва дигарон ба имзо расонид, ки масъалаҳои ҳамкориро доир ба амният, мубориза бар зидди терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, дар соҳаи маориф, илм ва фарҳанг, роҷеъ ба мушкилоти муҳоҷират, гурезагон, расонидани кумаки башардӯстона ва ғайра пешбинӣ мекунанд.

Гузашта аз ин Роҳбари давлат ҷонибдори коргирӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар тамоми ҷаҳон мебошад. Ӯ роҷеъ ба ин мавзӯъ дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 чунин гуфта буд: «Мо ҷонибдори низоми одилона ва устувори ҷаҳонӣ бар асоси усул ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қабл аз ҳама баробарҳуқуқии ҳамаи субъектҳои равобити байналмилалӣ ва риояи соҳибихтиёрии давлатҳо мебошем, ки дар танзими он Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун созмони ягонаи универсалии ҷаҳон бояд нақши марказӣ дошта бошад.

Ин низом ҷавобгӯи манфиатҳои олии ҳамаи халқҳо ва кишварҳо, амният ва суботи ҷаҳонӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хориҷ шудан аз доираи ҳуқуқи байналмилалӣ ва нодида гирифтани баъзе принсипҳои бунёдии он барои минтақаҳо ва кишварҳои зиёд сабабгори мушкилот ва проблемаҳои ҷиддӣ мегардад».

Дуюм, Тоҷикистон зимни таҳия ва қабули санадҳои қонунгузорӣ ба назар гирифтани талаботи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва робитаҳои хориҷии ҷумҳуриро ба таҷрибаи маъмулӣ табдил дод, ки чунин муносибат мазмуну мундариҷаи санадҳоро сифатан боло бурд. Миёни онҳо доираи васеи санадҳоро роҷеъ ба ҷалби сармояи хориҷӣ, кушодани корхонаҳо бо иштироки хориҷиён, доир ба масъалаҳои шаҳрвандӣ, тартибу будубоши шаҳрвандони хориҷӣ дар Тоҷикистон, дар бораи гурезаҳо ва ғайра номбар кардан мумкин аст, ки масъалаҳои зиёди марбут ба сиёсати хориҷии ҷумҳуриро танзим мекунанд.

Сеюм, доир ба амалӣ кардани сиёсати хориҷӣ шурӯъ аз Конститутсияи ҷумҳурӣ санадҳое қабул гардиданд, ки дар онҳо мақомоти дахлдор, ваколатҳои онҳо ва роҳу василаҳои роҳандозӣ намудани сиёсати байналмилалӣ муайян шуданд. Масалан, дар Конститутсия ваколатҳои Президент, Парлумон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ

роҷеъ ба ин масъала мушаххас шуданд. Баъдтар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» (2002), фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи кушодани сафоратхонаҳо дар кишварҳои хориҷӣ, дар бораи тасдиқ намудани низомномаҳо дар бораи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи тасдиқ намудани Муқаррароти умумии таҷрибаи ягонаи ташрифотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор қарорҳои ҳукумати кишвар барои фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ, дигар хадамоти дипломатии ҷумҳурӣ, намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа, инчунин соири вазорату муассисаҳое, ки ба робитаҳои хориҷӣ сару кор доранд, заминаи устувори ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварданд.

Чорум, аз соли 2000 инҷониб ҳар сол Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Паём оид ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ муроҷиат мекунад. Роҳбари давлат дар бахши сиёсати хориҷӣ муҳимтарин масъалаҳо ва вазифаҳоро мушаххас намуда, роҷеъ ба проблемаҳои рӯзмарраи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ назари худро иброз медорад. Назари Роҳбари давлат нисбати масъалаҳои байналмилалӣ барои соли дахлдор чун роҳнамо хизмат намуда, дастуру супоришҳои ӯ ба нақшаҳои корӣ ворид мешаванд ва мавриди иҷро қарор мегиранд.

Ҳамин тариқ, таҳти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон фароҳам оварда шуда, барои амалӣ намудани онҳо шароитҳои зарурӣ низ муҳайё гардиданд. Албатта, вазъи тағйирпазири ҷаҳон ва равандҳои ҷаҳонишавӣ ва дигар омилҳои дохилию берунӣ метавонанд ба он таъсиргузор бошанд, вале бояд дар назар дошт, ки минбаъд сухан сари такмилу ташаккули заминаҳои мавҷуд хоҳад рафт.

Президенти Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба парлумони кишвар моҳи апрели соли 2012 бо ишора ба замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ зикр кард: «ба мо муяссар шуд, ки асосҳои сиёсати хориҷии мустақили кишварро шакл бахшем, усули пойдор ва анъанаҳои арзишманди онро муайян кунем ва асли «ҳамкорӣ бо ҳамаи мардуми ба мо некхоҳ»-ро шиори кори худ намоем. Идомаи мантиқии ин сиёсат, ки мо онро бо номи «дарҳои кушода» муаррифӣ кардем, ҳам ба эҳёи равобити қадимаи фаромӯшшуда ва ҳам ба дарёфти ҳамшарикону ҳамёрони ҷадиди ғайримаъмул дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуда, ҷиҳати рушди кишвар имкониятҳои нав ба вуҷуд овард».

Дар баробари ин, Роҳбари давлат таъкид бар он дошт, ки «дар ҳама ҳолат ва дар ҳар гуна вазъият ҳимояву ҳифозати манфиатҳои олии миллӣ иборат аз таъмини истиқлолу озодӣ, тамомияти арзӣ ва суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори кишвар меҳвари фаъолияти сиёсии моро ташкил медиҳад».

## Фароҳам овардани шароит барои татбиқи сиёсати хориҷӣ

Эмомалӣ Раҳмон сароғоз аз соли 1992, яъне дар шароити мураккаби онвақтаи ҷумҳурӣ бо назари нав ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон рӯ овард. Қадамҳои нахустин ба он равона шуданд, ки имкониятҳои сиёсати хориҷӣ барои ҳаллу фасли мушкилоти дохилӣ истифода шавад. Дуруст аст, ки сиёсати хориҷӣ чун идомаи сиёсати дохилӣ маънидод мешавад, вале он вақт вазъияти кишвар ба дараҷае мураккабу хатарзо ва бухронӣ буд, ки ба назар мерасид, гӯё сиёсати дохилӣ аз сиёсати хориҷӣ вобастагӣ дошт. Дар ҳаллу фасли мушкилоти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, баргардондани гурезагон, барқарор намудани хонаву иншооти харобгардида, дастгирии мардум бо маводи ғизоӣ, доруворӣ ва ғайра дастгирии хориҷиён хеле васеъ буд. Сипас ҷараён додани музокироти сулҳи тоҷикон ва амалӣ намудани санадҳои имзошуда ҳамчунин бо дастгирии СММ ва кишварҳои хориҷӣ сурат гирифт. Роҳбари давлат тамоми имконоти дастрасро истифода намуда, ин кумакҳоро ба ҷумҳурӣ ҷалб намуд ва қадам ба қадам мушкилоти мавҷудро коҳиш дод.

Дар баробари ин Эмомалӣ Раҳмон ба он даст зад, ки заминаҳои ҳуқуқӣ ва сохторӣ, дигар шароит барои пешбурди сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Дар ин ҷода корҳо дар чанд самт сурат гирифта, оқибат пойгоҳи мустаҳкамеро барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба вуҷуд оварданд:

а. Ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ.

б. Мушаххас намудани салоҳияти мақомоту сохторҳои давлатӣ роҷеъ ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ.

в. Рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва таъсис додани муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ.

г. Мушаххас намудани амалияи ягонаи ташрифоти давлатӣ.

д. Ба вуҷуд овардани шароит барои баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ.

### *I. Ба вуҷуд овардани асосҳои ҳуқуқӣ ва назариявии сиёсати хориҷӣ.*

Азбаски андешидани чораҳо дар ин самт дар бахши алоҳидаи ин китоб шарҳи васеи худро ёфтааст, ин ҷо сухан фақат роҷеъ ба он паҳлӯҳое хоҳад рафт, ки ба мавзӯъ вобастагӣ доранд.

Шурӯъ аз соли 1993 бо ташаббуси Роҳбари давлат як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва қабул гардиданд, ки ба масъалаҳои рушди сиёсати хориҷӣ, таъминоти ташкилӣ ва сохтории он бахшида шудаанд. Пас аз муҳокимаи тӯлонӣ моҳи ноябри соли 1994 тариқи раъйдиҳии

умумихалқӣ Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки барои рушди мақомоти сиёсати хориҷӣ заминаи асосиро ба вуҷуд овард. Солҳои 1999 ва 2003 ба Конститутсия баъзе тағйироту иловаҳо ворид гардида, ҳамчунин санадҳои дигаре таҳия ва қабул шуданд, ки барои татбиқи сиёсати хориҷӣ аҳамияти хоса доштанд. Аз ҷумла, соли 2002 Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» қабул гардиданд, ки ҳам барои муайянсозии самтҳо, ҳадафҳо, авлавиятҳо, роҳу василаҳо, тактика ва стратегияи сиёсати хориҷӣ ва ҳам барои мақомоти хизмати дипломатӣ, ки ба хотири амалӣ намудани ин сиёсат фаъолият мекунад, аҳамияти калон доштанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» асосҳои ҳуқуқӣ, тартиби ташкил додан ва фаъолияти хадамоти дипломатӣ мушаххас гардиданд. Дар ин қонун хизмати дипломатии ҷумҳурӣ ба сифати яке аз намудҳои хизмати давлатӣ муайян гардидааст, ки сиёсати хориҷиро пеш бурда, манфиатҳои давлатро дар соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ ҳифз мекунад. Ин қонун хизмати консулиро чун ҷузъи хизмати дипломатӣ муайян кардааст.

Дар ин қонун низоми мақомоти хизмати дипломатии Тоҷикистон, вазифаҳои хизмати дипломатӣ, доираи фаъолияти хизмати дипломатӣ, сохтори хизмати дипломатӣ ва ташкили фаъолияти он, масъалаҳои кадрӣ (ҳайати кадрӣ, мансабҳо, таъйинот, тартиби фаъолият, тайёрии касбӣ ва ғ.), номгӯи рутбаҳои дипломатӣ, тартиб ва мӯҳлати додани онҳо, ҳуқуқу вазифаҳо, ҳавасмандгардонӣ ва масъулияти кадрҳои дипломатӣ, кафолату ҷуброн ҳангоми кор дар хориҷа, муносибатҳои меҳнатӣ, музди меҳнат, таъмини нафақа ва ҳифзи иҷтимоии кормандон, инчунин қатъ кардани фаъолияти хизмати дипломатӣ муайян шудаанд. Баъдтар дар асоси ин қонун санадҳои дигар, аз қабили фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби додани рутбаҳои дипломатӣ (25 апрели соли 2007) ва дар бораи муқаррар кардани изофапулӣ барои донистани забонҳо ба кормандони хизмати дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд, ки мақсад аз онҳо, пеш аз ҳама, дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони хизмати дипломатӣ мебошад.

Шоистаи зикр аст, ки дар ин қонун хизмати дипломатии Тоҷикистон ба шакли муайян даромада, бисёр масъалаҳои то он замон баҳсталабро аз миён бардошт ва фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ ба маҷрои муайян ворид шуд.

***II. Мушаххас намудани салоҳияти мақомоту сохторҳои давлатӣ роҷеъ ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ.***

Тавре зикр гардид, масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор доштанд ва ҳангоми

таҳияи Конститутсияи ҷумҳурӣ ин ҷиҳат ба эътибор гирифта шуд. Дар чандин моддаи Конститутсия масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷӣ инъикос ёфтанд, ки миёни онҳо салоҳияти мақомоти давлатӣ роҷеъ ба таҳия ва амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ ҷои махсус дорад. Ин масъала дар санадҳои дигари меъёрию қонунгузорӣ низ идомаи мантиқии худро ёфтааст.

Ҳамин тариқ, салоҳият миёни шохаҳои ҳокимият оид ба таҳия ва амалисозии сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ мутобиқ ба сохти конститутсионии ҷумҳурӣ мушаххас карда шуд.

Чуноне дар таҷрибаи ҷаҳонӣ вомехӯрад, дар асоси қонунгузории амалкунанда мақомоти робитаҳои хориҷии ҷумҳуриро ба дохилидавлатӣ ва хориҷӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Дар навбати худ, мақомоти дохили давлатӣ ба мақомоти салоҳияти умумӣ ва махсус ҷудо мешаванд. Гурӯҳи мақомоти салоҳияти умумиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ташкил мекунанд. Ба мақомоти салоҳияти махсус Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ дохил мешавад.

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Сарқонуни ҷумҳурӣ сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат), ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи қарордодҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Ба салоҳияти Президент, ки Сарқонун муайян кардааст, бархе аз вазифаҳо ба сиёсати хориҷӣ дахл доранд:

- Самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад;
- Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад;
- Ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, қарордодҳои байналмилалиро имзо ва ба тасдиқи Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд;
- Сарони намояндагиҳои дипломатиро дар давлатҳои хориҷӣ, намояндаҳои ҷумҳуриро дар ташкилотҳои байналмилалӣ таъйин ва озод мекунад;
- Эътимодномаҳои сарони намояндагиҳои дипломатии давлатҳои хориҷиро қабул менамояд;
- Шӯрои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад;
- Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад;
- Ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад;

- Барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуди он бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон истифода мебарад;

- Дар саросари ҷумҳурӣ ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он вазъияти фавқулода эълон намуда, фармонро фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд ва ба Созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад;

- Масъалаҳои шаҳрвандиро ҳал мекунад;

- Паноҳгоҳи сиёсӣ медиҳад;

- Бо рутбаҳои олии дипломатӣ сарфароз мегардонад;

- Ваколатҳои дигареро, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд, амалӣ менамояд.

Вобаста ба баъзе салоҳиятҳои дигари Президент, ки дар Сарқонун ба таври умумӣ омадаанд, баъзе мушаххасотро зикр кардан мумкин аст. Масалан, банди «вазоратҳо ва кумитаҳои давлатиро таъсис ва барҳам медиҳад» ба вазорати корҳои хориҷӣ ҳам, банди дигар роҷеъ ба таъйин ва озод намудани аъзои ҳукумат ба вазири корҳои хориҷӣ низ дахл дорад. Ба ин маънӣ, Президент ба қонунҳое имзо мегузорад, фармонҳое мебарорад, ки ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ дахл доранд. Президент ҳуқуқ дорад, ки масъалаҳои заруриро, аз ҷумла, оид ба сиёсати хориҷӣ ба муҳокимаи парлумон барорад.

Бояд зикр намуд, ки доираи салоҳияти Президент бо ин маҳдуд намешавад. Тарзе зикр гардид, дар санадҳои меъёрию ҳуқуқии дигар низ ваколатҳои алоҳидаи Роҳбари давлат роҷеъ ба сиёсати хориҷӣ зикр ёфтаанд. Масалан, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналхалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1999) ваколатҳои Президент оид ба санадҳои байналмилалии ҷумҳурӣ, дар Муқарраროти асосии амалияи ягонаи ташрифоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) салоҳияти Роҳбари давлат дар ҷараёни боздидҳо (пазирой, мулоқоту гуфтушунидҳо ва ғ.) муайян гардидааст.

2. Маҷлиси Олӣ – парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон – мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз ду Маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Ба салоҳияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя тасдиқи фармони Президент дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода; ризоият ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон берун аз ҳудуди он барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон Президент қасам ёд мекунад, бо паёми худ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ баромад менамояд.

Ба салоҳияти Маҷлиси намояндагон вазифаҳое, аз қабили ризоият ба додугирифти қарзи давлатӣ; тасдиқ ва бекор кардани шартномаҳои байналмилалӣ; тасдиқи рамзҳои давлатӣ; муқаррар намудани рутбаҳои дипломатӣ дохил мешаванд, ки ба сиёсати хориҷӣ дахл доранд.

Дар ҷаласаи Маҷлиси намояндагон роҳбарони давлатҳои хориҷӣ метавонанд суханронӣ кунанд.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин барои ба роҳ мондани робитаҳои байнипарлумонӣ кор бурда, дар кори баъзе созмонҳои байналмилалӣ ширкат меварзад.

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар симои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон доир ба ташаккул ва такмил додани пойгоҳи ҳуқуқии сиёсати хориҷии кишвар ва рафти иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ кор мебарад.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии сиёсати хориҷии давлат ва мувофиқатномаҳои ҳосилшуда бо кишварҳои дигар тадбирҳо андешида, фаъолияти вазорату муассисаҳоро дар ин самт ҳамоҳанг месозад. Ҳукумат созишномаҳои байналмилалии (байниҳукуматии) Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба имзо мерасонад.

4. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин низом чун идорае шомил мешавад, ки ба он вазифаҳои махсуси фаъолияти ҳамарӯза дар татбиқсозии сиёсати хориҷии давлат вогузор шудаанд.

Чуноне дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» омадааст, Вазорати корҳои хориҷӣ мақоми марказии ҳокимияти иҷроия буда, идоракунии давлатиро дар соҳаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ менамояд ва ба низоми мақомоти хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ мекунад.

ВКХ Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти дигари марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ҷараён медиҳад. Мақсади асосии чунин коргирӣ – таъмини мутамаркази пешбурди сиёсати ягонаи хориҷии Тоҷикистон дар муносибатҳо бо давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ мебошад.

Назорат бурдан аз болои фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ба доираи салоҳияти Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад.

Мақомоти хориҷии робитаҳои берунӣ тақсим мешаванд ба:

- доимӣ – намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, намояндагиҳо дар назди созмонҳои байналмилалӣ, намояндагиҳои тиҷоратӣ;
- муваққатӣ – миссияҳои махсус, ҳайатҳои давлатӣ дар иҷлосияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷаласаҳо ва ғ.

Қобили зикр аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати дипломатӣ» низоми мақомоти хизмати дипломатиро муайян намуд, ки ба он Вазорати корҳои хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндагиҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ (муассисаҳои хориҷӣ), намояндагиҳои Вазорати корҳои хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин идораҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои зертобеи Вазорати корҳои хориҷӣ, ки ба мақсади таъмини фаъолияти Вазорат дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, дохил мешаванд.

Ҳамин тариқ бо ҳидоят ва роҳнамоии Эмомалӣ Раҳмон зина ба зина як низоми мукаммали мақомоти давлатӣ ба вуҷуд оварда шуд, ки ҳаллу фасли тамоми масъалаҳои сиёсати хориҷии давлат миёни онҳо мушаххас шудааст.

***III. Рушди Вазорати корҳои хориҷӣ ва таъсис додани муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ.***

Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳурӣ 12 майи соли 1944 дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳон таъсис ёфта буд. Соли 1991 ҳангоми соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ дар ин вазорат теъдоди умумии кормандони дипломатӣ ва техникӣ ҳамагӣ ба понздаҳ нафар мерасид. Дар моҳи январи соли 1992 дар асоси он Вазорати робитаҳои хориҷӣ таъсис ёфт, ки ҳалли масъалаҳои вобаста ба ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ низ ба ӯҳдаи он гузошта шуда буданд. Вале ин таҷриба дурустии худро собит накард ва моҳи июли ҳамон сол вазорати зикршуда барҳам дода шуда, дар пойгоҳи он Вазорати корҳои хориҷӣ ва Кумитаи ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ таъсис ёфтанд.

Таҳаввулоти ҷиддӣ дар фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ пас аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ шурӯъ шуд. Бо супориши роҳбари давлат сохтори ин вазорат, салоҳияту зарфияти он мавриди бознигарӣ қарор гирифт. Дар ин асос 12 январи соли 1993 бо қарори Шӯрои Вазирони ҷумҳурӣ сохтори нави дастгоҳи марказии вазорат тасдиқ гардид. Теъдоди кормандони он ба 75 нафар расонида шуда, пешбинӣ гардид, ки Вазир се муовин, аз ҷумла, як муовини аввал дошта метавонад. Мувофиқи ин қарор сохтори дастгоҳи марказии вазорат чунин муайян гардид: роҳбарият; гурӯҳи сафирони супоришоти махсус; котиботи умумӣ; раёсати робитаҳои ду ва бисёртарафа; раёсати таҳлил ва тадқиқоти стратегӣ; раёсати ташкилотҳои байналмилалӣ, робитаҳои ҳарбию сиёсӣ ва фарҳангӣ; раёсати протоколи давлатӣ; раёсати консулӣ; раёсати маъмурию хоҷагӣ.

Сарвари давлат ба ташаккули зарфияти кадрии вазорат таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намуд, зеро мутахассисони ин соҳа бо таҷрибаи забондонӣ ангуштшумор буданд. Он вақт дар дастгоҳи марказии Вазорат ҳамагӣ

19 корманд сари кор буд ва мебоист дар муддати кӯтоҳ ҳайати нав бо мутахассисони варзида пурра карда шавад. Дар он солҳо бо дастури Роҳбари давлат бо баъзе аз кишварҳои дӯст роҷеъ ба омода кардан ва бозомӯзии кадрҳои дипломатӣ шартномаҳо ба имзо расиданд.

Дар солҳои баъдӣ сохтори дастгоҳи марказии Вазорат мутаносибан ба пешомадҳои нави сиёсати хориҷӣ инкишоф ёфта, дар таркиби он раёсатҳои нав кушода шуданд.

Низомномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ мегардад, санадест, ки сохтори вазоратро муайян ва фаъолияти ҷории онро танзим менамояд.

Санади муҳиме, ки ба мақсади таъмини фаъолияти вазорат барои чанд сол ва таҳаввулоти зина ба зинаи он қабул гардид, Консепсияи таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ин санад бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 31 августи соли 2007 қабул гардида, рушди Вазоратро то соли 2020 бо дарназардошти пешрафти кишвар ва таҳаввулот дар сиёсати ҷаҳонӣ таъмин месозад. Консепсияи мазкур имконият фароҳам меоварад, ки Вазорат ҳамзамон бо васеъ шудани самтҳои фаъолияташ тағйироти заруриро дар сохтори худ амалӣ намуда, барои ин мутахассисонро омода созад.

Масъалаи дигар муҳайё сохтани шароити мусоиди корӣ барои фаъолияти вазорат аст. Таҳти васояти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тарҳи бинои нави вазорат таҳия ва тасдиқ шуда, дар маҳалли бисёр мувофиқу муносиби пойтахт ҷой ҷудо гардид ва моҳи октябри соли 2010 Роҳбари давлат хишти аввали пойдевори онро гузошт. Дар назар дошта шудааст, ки бо мавриди истифода қарор гирифтани ин бино тарҳҳои дигар, аз қабили таъсис додани Академияи дипломатии назди Вазорати корҳои хориҷӣ амалӣ хоҳанд шуд. Ғайр аз ин, вазорат тайи солҳои охир соҳиби истироҳатгоҳи берунишаҳрӣ, майдони варзишӣ, мошинсаро, замини хоҷагии ёрирасон шуд, ки барои фаъолияти он кумак мерасонанд.

Масъалаи таъсис додани муассисаҳои хориҷии ҷумҳурӣ низ аз рӯзҳои аввали истиқлолият яке аз вазифаҳои ҷиддии давлат дар самти роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷӣ ба шумор рафта, пайваста мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор гирифта буд. Дар рӯзи ба истиқлолияти давлатӣ расидани Тоҷикистон ҳамагӣ як намояндагии Девони вазирони ҷумҳурӣ дар назди Девони вазирони Иттиҳоди Шӯравӣ дар шаҳри Москва мавҷуд буд. Баъд аз барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ин муассиса ба намояндагии ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Москва табдил дода шуд. Моҳи июли соли 1992 намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар СММ таъйин гардид.

Вақте Эмомалӣ Раҳмон моҳи ноябри соли 1992 Раиси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ интихоб шуд, ғайр аз намояндагиҳои зикршуда Тоҷикистон дар хориҷа ягон намояндагии дипломатӣ надошт. 26 июни соли

1993 Роҳбари давлат зимни суханрониаш дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ аз ин вазъият изҳори нигаронӣ намуда буд: «Яке аз масъалаҳои душвортарин дар соҳаи татбиқи сиёсати хориҷӣ дар кишварҳои хориҷӣ таъсис намудани намояндагиҳо ва сафоратхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ҳамаи шумо хуб медонед, ки мо ҳоло дар ягон кишвари хориҷӣ сафоратхона накушодаем. Дар ин ҷо, аз як ҷониб, камбуди арзи хориҷӣ садди роҳ шуда бошад, аз ҷониби дигар, даргириҳои дохилӣ дар марҳалаи гузашта мамониати аз он камтаре набуданд. Аммо ҳукумат бояд ҳамаи чораҳоро андешад, ки масъалаҳои марбут ба кушодани намояндагиҳо ба таври мусбат ҳал гардад».

Соли 1993 дар бобати таъсис додани намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷа иқдомҳои ҷиддӣ сурат гирифтанд. Худи ҳамон сол дар ҷумҳуриҳои Туркманистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон сафоратҳои Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ намуданд, намояндагии ваколатдори ҷумҳурӣ дар шаҳри Москва ба Намояндагии ваколатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия ва 18 декабр ба Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия табдил дода шуд. 18 январи соли 1994 нахустин сафири Тоҷикистон ба роҳбари давлати хориҷӣ эътимоднома супорид.

Дар марҳилаи аввал дар кишварҳои ИДМ, хусусан Осиёи Марказӣ таъсис додани сафоратҳо бесабаб набуд, зеро тавре аллакай зикр гардид, он вақт доираи ҳамкориҳои фаъолонаи ҷумҳурӣ асосан кишварҳои зикршударо дарбар мегирифт. Иқдомҳои минбаъда низ тавре сурат гирифтанд, ки сатҳи муносибату ҳамкориҳо онро талаб мекард. Ҳамин тариқ, соли 1994 дар Ҷумҳурии Федеративии Олмон нахустин сафорати Тоҷикистон дар кишварҳои аврупоӣ ба фаъолият оғоз намуд. Соли 1995 бошад дар Эрон ва Туркия, соли 1997 дар Хитой, Австрия, Беларус сафоратҳои Тоҷикистон ба фаъолият пардохтанд. Пас аз ин дар бобати таъсис додани намояндагиҳои дипломатӣ дар кишварҳои хориҷӣ танаффуси панҷсола пеш омад.

Ҳамчунин ба хотири ба вуҷуд овардани пойгоҳи ҳуқуқии фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ як силсила санадҳои зарурӣ таҳия ва қабул гардиданд. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1995 Низомномаи Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомнома дар бораи ҳуқуқу вазифаҳои асосии Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар давлатҳои дигар аккредитатсия шудаанд, тасдиқ гардиданд. Соли 1993 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ Низомнома дар бораи консули фахрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардиданд.

Дар баробари ин санадҳои дигаре, аз қабили Оинномаи консулии Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ аз 30 июли соли 1998) қабул гардиданд, ки фаъолияти намояндагиҳои дипломатӣ

ва муассисаҳои консулии ҷумҳуриро дар самтҳои гуногун танзим менамуданд.

Доир ба таъсис додани намояндагиҳои дипломатӣ дар кишварҳои хориҷӣ дар даҳсолаи аввали истиқлолият таъсири ду омилро зикр кардан бамаврид аст. Яке аз омилҳо заиф будуни имкониятҳои буҷаи ҷумҳурӣ мебошад, ки вобаста ба вазъи кишвар дар ҳолати душвор қарор дошт. Тавре зикр гардид, пастравии иқтисодиёт, ки қабл аз расидан ба истиқлолият оғоз ёфта буд, танҳо пас аз имзошавии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон боздошта шуд ва дар ҳоли аз байн бурдани харобаҳои ҷанг ва таъмини мардуми зарардида бо шароити зарурӣ пешбинӣ кардани маблағҳо барои таъсис додани теъдоди бештари намояндагиҳои дипломатӣ дар хориҷа ғайриимкон буд. Омили дигар – сатҳи ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷӣ буд, ки аксари онҳо то пурра барқарор гардидани сулҳу осоиш дар ҷумҳурӣ аз таҳкиму тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳо худдорӣ мекарданд. Аз ин хотир, Роҳбари давлат низ сари ин масъала саросемагӣ нишон надода, фурсати заруриро интизорӣ мекашид.

Соли 2000 талаботи Созишномаи умумии сулҳ пурра амалӣ гардида, парлумони нав ба фаъолият шурӯъ намуд, Комиссияи оштии миллӣ фаъолияти худро анҷом дод. Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми нахустин худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ иброз дошт, ки «раванди бебозгашти сулҳ ва оштии миллӣ ба фарҷоми мантиқии худ расид». Барқарор гардидани сулҳу осоиш ва ваҳдати сартосарӣ имкон медод, ки бо мусоидати кишварҳои дӯст объектҳои муҳими иқтисодӣ, гидроэнергетикӣ, инфраструктурӣ, таълимӣ бунёд шаванд. Ҳамин тавр, барои марҳилаи нави тақвияту тавсеаи ҳамкориҳо бо соири кишварҳои олам фурсати лозимӣ тадриҷан фаро расид. Аз дигар тараф, амалҳои террористии сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк ва Вашингтони ИМА зарурати андешидани чораҳои таъхирнопазири муштараконаро бар зидди хатару чолишҳои нав ба миён овард. Пас аз амалиётҳои Нерӯҳои байналмилалии мусоидати амният (ISAF) ва НАТО дар Афғонистон, барқарор намудани ҳукумати расмӣ ва идомаи корҳо ба мақсади ба эътидол овардани вазъият дар кишвари ҳамсоя Роҳбари Тоҷикистон тасмим гирифт, ки ҳам бо Афғонистон ва ҳам кишварҳои НАТО ҳамкориҳои худро дар самти зикршуда тақвият бахшад. Ба ин хотир Роҳбари давлат охири соли 2001 дар бораи таъсис додани Сафорати Тоҷикистон дар Афғонистон фармон имзо намуд ва ин намояндагии дипломатӣ моҳи январи соли 2002 дар Кобул ва пас аз он Консулгарии ҷумҳурӣ дар Мазори Шариф ба фаъолият шурӯъ карданд. Ҳамон сол сафоратҳои Тоҷикистон дар ИМА ва Белгия (ҳамзамон намояндагӣ дар НАТО ва Иттиҳоди Аврупо) ба кор оғоз намуданд.

Ба дунболи ин Роҳбари давлат дар бораи пеш гирифтани сиёсати «дарҳои боз» изҳорот пахш намуд, ки мақсад аз он густариши беш аз пеши муносибату ҳамкориҳо бо давлатҳои хайрхоҳ буд.

Солҳои 2003 ва 2005 мувофиқан дар бораи кушодани сафоратҳои Тоҷикистон дар Ҳиндустон ва Покистон фармонҳо ба имзо расиданд. Баъдан – соли 2007 дар Миср, Арабистони Саудӣ, Япония, соли 2008 дар Британияи Кабир, Озарбойҷон, Украина, баъдтар дар Швейтсария (ҳамзамон намояндагӣ дар шӯъбаи СММ) ва Аморати Муттаҳидаи Араб сафоратҳои Тоҷикистон ба фаъолият пардохтанд. Баъзе аз роҳбарони намояндагиҳои дипломатӣ ҳамзамон дар кишварҳои дигар ба вазифаи сафирӣ таъйин гардиданд.

Тайи чанд соли охир ҳамчунин дар шаҳрҳои Екатеринбург ва Уфаи Федератсияи Россия, Алматои Қазоқистон, Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб, Истамбули Туркия консулгариҳои генералӣ, дар шаҳрҳои Қундуз ва Файзободи Афғонистон консулгариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, ба кор шурӯъ карданд.

Ҳоли ҳозир теъдоди сафоратҳо ба 24 ва консулгариҳо ба 8, аз ҷумла, 5 консулгарии генералӣ мерасад. Ҳамзамон пурқувват кардани пойгоҳи моддӣ-техникии намояндагиҳо идома дорад.

Ба фаъолияти мақомоти низоми хизмати дипломатӣ ҳалли масъалаҳои зиёди сиёсати хориҷӣ вобастагӣ дорад. Роҳбари давлат зарурати таҳия ва татбиқи стратегияи комплексӣ ва санҷидаи сиёсати хориҷиро дар даврони истиқлол зикр намуда, таъкид дошт, ки «пайваста кӯшиш кардем то манфиатҳои стратегӣ ва ҷории Ватан ва мардуми худро дар чаҳорчӯби сиёсати «дарҳои кушода» дар сатҳи шоиста таъмин намоем».

Ба андешаи Роҳбари давлат таҳия ва татбиқи усуливу пайгиронаи стратегияи ҳамаҷониба асоснок ва санҷидаи байналмилалӣ бо дарназардошти ҳадафҳо ва манфиатҳои олии Ватан ва дар айни замон ҳамоҳанг сохтану омезиши онҳо бо ниёзҳо ва манфиатҳои глобалӣ сабабгори ташаккул ва табдили Тоҷикистони соҳибистиқлол ба узви мустақил, фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардид. Аз ин рӯ «сохторҳои сиёсати хориҷӣ, қабл аз ҳама Вазорати корҳои хориҷӣ, сафоратҳо ва намояндагиҳои мамлакатамон вазифадоранд барои иҷрои онҳо ба нафъи кишвар, бахусус ҷалби сармоя ва густариши ҳамкории судманди иқтисодӣ тамоми имконият ва таҷрибаи худро сафарбар намоянд».

### *IV. Мушаххас намудани амалияи ягонаи ташрифоти давлатӣ.*

Таваҷҷӯҳи Роҳбари давлатро ҳамчунин масъалаи дигаре машғул медошт, ки дар madди аввал чун мушкилӣ маънидод нашавад ҳам, вале дар роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷӣ нақши бузург дорад. Ғараз ташаккули таҷрибаи ташрифотист, ки Тоҷикистон онро

надошт. Ташкил кардани боздидҳои ҳайатҳои расмии ҷумҳурӣ ба хориҷа, даъват кардани роҳбарони давлатҳо ва дигар ҳайатҳои расмии хориҷӣ ба ҷумҳурӣ, омодагӣ гирифтан, таҳия намудани ҳуҷҷатҳои имзошаванда, маросимҳои пешвозгирӣ, пазироии расмӣ, баргузор намудани гуфтушунидҳо, имзо кардани санадҳо, зиёфатҳои расмӣ, таъмини иттилоотӣ, муайян кардани сатҳи боздидҳо ва даҳҳо масъалаҳои ташрифотӣ бояд тадриҷан ба низоми муайян даромада, ба таҷрибаи маъмулӣ табдил меёфтанд.

Вале азбаски чунин таҷриба набуд, Роҳбари давлат супориш медод, ки ташрифоти давлатии Тоҷикистон дар такя бо таҷрибаи давлатҳои дигар, вале бо назардошти анъанаҳои миллӣ баргузор карда шаванд. Хусусан дар бобати ташкил кардани боздидҳои сарони давлатҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон саволҳо зиёд буданд. Оқибат моҳи декабри соли 1993 нахустин сафари роҳбари давлати хориҷӣ ба Тоҷикистон баргузор гардид: Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ боздиди расмӣ анҷом дод. Баъдтар – соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел ва соли 1996 Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Аскар Акаев ба Тоҷикистон бо сафари расмӣ ташриф оварданд.

Бо назардошти таҷрибаи ҳосилшуда моҳи июни соли 1997 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муқаррароти асосии амалияи ягонаи ташрифоти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ташрифоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) тасдиқ гардид, ки дар он ташрифоти давлатии ҷумҳурӣ шакли муайянеро соҳиб шуд. Дар ин санад муқаррароти боздидҳои олимақом ва баландмақом, хусусият ва сатҳи боздидҳои намояндагони хориҷӣ аз Тоҷикистон, боздидҳои сарони давлатҳо, ҳукуматҳо, вазирони корҳои хориҷии давлатҳои хориҷӣ, намояндагони онҳо, Дабири Кулли СММ, роҳбарони созмонҳои байналмилалӣ аз Тоҷикистон, ташрифоти Президенти Тоҷикистон, аз ҷумла сафарҳои хориҷӣ, дохилӣ ва мулоқотҳои ӯ, ташрифоти чорабиниҳо бо иштироки раиси парлумон, сарвазири ҷумҳурӣ, чорабиниҳои дигари ташрифотӣ дар ҷумҳурӣ, аз ҷумла, қабули ҳайатҳои дипломатӣ, супурдани эътимодномаҳо, чорабиниҳо ба муносибати ҷашнҳои миллии давлатҳои хориҷӣ, ирсоли табрикномаҳо, иштироки ҳайатҳои расмии Тоҷикистон дар маросимҳои мотам ба сабаби фавти арбобони давлатии хориҷӣ ва дигар мавридҳо инъикоси худро ёфтаанд. Албатта, имрӯз доираи чорабиниҳои ташрифотии ҷумҳурӣ бо дарназардошти пешрафти кишвар хеле васеъ гардида, бо инкишофу таҳаввулоти худ аз ҳудуди ин санад каме берун рафтаанд, вале муҳимаш он аст, ки усулҳои асосӣ риоя карда мешаванд. Ин аст, ки дар шароити ҳозира на фақат мақомоти марказӣ, балки ҳукуматҳои шаҳру вилоятҳо низ аз талаботи ташрифоти давлатӣ бохабаранд ва чорабиниҳоро дар сатҳи зарурӣ ҷараён медиҳанд.

***V. Ба вуҷуд овардани шароит барои баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ.***

Масъалаи дигаре, ки ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳ ва инояти пайвастаи Роҳбари давлат қарор дошт, ба вуҷуд овардани шароит барои баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон, хусусан пойтахти давлат буд. Табиист, ки Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ҷуз аз баъзе конфронсу фестивалҳо чорабиниҳои байналмилалӣ баргузор намекард ва аксари сафарҳои ҳайатҳои ҷудогона ба ҷумҳурӣ характерӣ шиносоӣ доштанд. Яъне, барои ҳайатҳои меҳмон фақат он муҳим буд бидонанд, ки як ҷумҳурии осиёии мардумаш мусулмон дар ҳайати Иттиҳоди Шӯравӣ ва дар шароити сотсиализм чи ҳаёте ба сар мебарад.

Нахустин сафарҳои ҳайатҳои хориҷӣ дар замони истиқлолият, бахусус роҳбарони давлатҳо нишон доданд, ки ҷумҳурӣ барои иморатҳои махсус барои баргузор намудани мулоқоту гуфтушунидҳо ниёз дорад. Солҳои аввал маросими пазироии расмии роҳбари давлати хориҷӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар майдони Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе баргузор мешуд, гуфтушунидҳои ҳайатҳои расмӣ ва маросими ба имзо расонидани санадҳо дар Қасри Президент ё яке аз толорҳои бӯстонсарои шаҳрии ҳукуматӣ ҷараён мегирифтанд.

Дар давоми даҳсолаи аввали истиқлолият, ки боздидҳо нисбатан кам ба вуқӯъ мепайвастанд, иморатҳои мавҷуда бо таъмиру тармим ба ин мақсад истифода мегардиданд. Вале ҳар дафъа маълум буд, ки барои баргузор намудани чунин чорабиниҳо толорҳои барҳаво бо тамоми шароитҳои муосир лозиманд. Хусусан, ҳангоми баргузор намудани саммитҳо ва дар як вақт ҷобаҷо кардани ҳайатҳои зиёд ва пайи ҳам баргузор намудани силсилаи чорабиниҳо имкониятҳои мавҷуда умуман ҷавобгӯи талабот набуданд.

Роҳбари давлат ҳалли масъаларо таҳти назорати худ гирифта, ба вазорату муассисаҳои дахлдор супоришҳо дод. Тарҳҳои иморатҳо бо дарназардошти меъмории миллӣ ҷиддан бо Роҳбари давлат мувофиқа гардида, сипас амалӣ карда мешуданд. Роҳбари давлат ба ин васила меъмории миллиро амалан эҳё намуд, доираи истифодаи онро дар сохтмони биноҳои давлатӣ, хусусан он ҷойҳое, ки чорабиниҳои байналмилалӣ баргузор мешаванд, хеле вусъат бахшид. Бо дастури Эмомалӣ Раҳмон барои омода кардани ҳунармандон, аз қабили устоҳои кандакор, гаҷбур, наққош, кулолгар ва ғ. коллеҷҳои нав ба фаъолият шурӯъ карданд.

Тайи чанд соли охир дар бӯстонсарии шаҳрии ҳукуматӣ Кохи Сомон сохта ба истифода дода шуд, ки ҳангоми баргузор намудани маросими инаугуратсияи Президент (2006), баргузор намудани саммитҳои ИДМ, СААД, ЕврАзЭС (2007), СҲШ (2009), ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои

хориҷии кишварҳои аъзои Созмони Конфронси исломӣ (2010), конфронсҳои гуногуни байналмилалӣ бо иштироки теъдоди зиёди ҳайатҳо аз имтиҳони ҷиддӣ гузашт.

Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани Қасри Миллат чорабиниҳои муҳими ташрифотӣ, аз қабили маросими истиқболи расмии роҳбари давлати хориҷӣ (ҳангоми сафарҳои давлатӣ ва расмӣ) аз ҷониби Президенти Тоҷикистон, мулоқотҳои Роҳбари давлат бо ҳамтоёни хориҷиаш бо иштироки ҳайатҳо ё тариқи хоса (як ба як), маросими ба имзо расидани санадҳои ҳамкорӣ, нишастҳои матбуотӣ баъд аз анҷоми гуфтушунидҳо, инчунин аз ҷониби Сарвари давлат қабул намудани эътимодномаҳо аз сафирони давлатҳои хориҷӣ дар ҳамин иморати пуршукӯҳ баргузор мегарданд.

Дигар маҷмааи муносибу мувофиқи баргузор намудани чорабиниҳои байналхалқӣ бӯстонсарои берунишаҳрии «Варзоб» мебошад, ки чорабиниҳои зиёди байналмилалӣ, аз қабили саммиту конфронсҳо дар ҳамин ҷо баргузор шудаанд. Обу ҳавои гуворо, табиати зебои ин ҷо, бахусус дар мавсими гарм, барои дар сатҳи олӣ баргузор намудани чорабиниҳо мусоидат мекунанд.

Иморатҳои зикршуда бидуни муболиға ба дастовардҳои бузурги меъмории миллӣ табдил ёфтаанд. Гузашта аз ин, бо дастуру маслиҳати Роҳбари давлат дар шаҳри Душанбе чандин меҳмонхонаи замонавӣ сохта шуд, ки ҳангоми баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ дар бобати ҷобаҷокунии ҳайатҳо мушкиле пеш намеояд.

Ҳамин тариқ, дар давоми фаъолияти худ Роҳбари давлат дар ҳаллу фасли масъалаҳои вобаста ба рушди мақомоти сиёсати хориҷӣ иштироки бевосита дошт ва ин раванд таҳти сарпарастии ӯ пеш мерафт ва то имрӯз барои амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ тамоми шароитҳои зарурӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Ба ин маънӣ, Эмомалӣ Раҳмон на танҳо тарроҳи хирадманду дурнигари сиёсати хориҷии Тоҷикистон аст, балки бунёдгузори низоми мукаммал ва мутаносиби инфрасохтории дипломатияи Тоҷикистони соҳибистиқлол маҳсуб мешавад.

# ПАЁМЕ РАВШАН АЗ СУЛҲУ ВАҲДАТ

*Давлат ҳама з-иттифоқ хезад,*
*Бедавлатӣ аз нифоқ хезад.*

*Саъдии Шерозӣ*

Дар тӯли даҳсолаи аввали истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Роҳбари давлат диққати асосиро ба масъалаҳои аз байн бурдани муқовимати яроқнок, таъмини сулҳу оштӣ ва ризоияту ваҳдати миллӣ равона карда буд. Ин масъалае буд, ки барои таъмини истиқлоли воқеӣ ва пешрафти кишвар дар шароити нав нақши калидӣ дошт. Имрӯз ба таърихи бистсолаи давлати Тоҷикистон назар афканда, бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки яке аз муҳимтарин равандҳои даврони истиқлолият музокироти сулҳи тоҷикон ва тавассути он соҳиб шудан ба сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ дар кишвар буд.

Зиддияти сиёсии ҳизбу ҳаракатҳои оппозитсионӣ бо роҳбарияти вақти ҷумҳурӣ ва намоишу гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ дар соли 1992 боиси шиддати вазъият, хунрезӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ шуданд. Тадбирҳое, ки ба хотири ба эътидол овардани вазъият андешида шуданд, аз ҷумла, таъсис додани «Ҳукумати муросои миллӣ» дар моҳи майи соли 1992 баръакси чашмдошти ҳукумат вазъиятро муташанниҷтар сохтанд. Дар пойтахт ва минтақаҳо гурӯҳҳои зиёди яроқнок пайдо шуданд, ки вазъиятро нооором месохтанд, дар Душанбе террори шахсиятҳои сиёсӣ, дар баъзе ноҳияҳои ҷануби кишвар задухӯрди яроқнок авҷ гирифтанд. Дар баробари ин, фалаҷ гардидани сохторҳои давлатӣ, амал накардани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ боиси он гардид, ки вазъият аз зери назорат баромад, Президенти ҷумҳурӣ Раҳмон Набиев таҳти фишору таҳдиди гурӯҳи яроқнок маҷбуран ба истеъфо рафт. Задухӯрдҳои шадид миёни гурӯҳҳои яроқнок тадриҷан доман паҳн карданд ва ҷанубу маркази кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Дар минтақаи Ҳисор роҳи оҳан тахриб гардид, ба аҳолӣ озуқа намерасид.

Ба мақсади баррасӣ намудани вазъияти ҷумҳурӣ дар шароити ниҳоят вазнину мураккаб 16 ноябри соли 1992 иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Тоҷикистон ба кори худ оғоз намуд. Дар Қасри Арбоби Хуҷанд баргузор шудани иҷлосия худ гувоҳи он буд, ки дар Душанбе гузаронидани ин чорабинии муҳим имкон надошт.

Иштирокчиёни иҷлосия вазъияти баамаломадаро таҳлилу баҳогузорӣ намуда, барои аз байн бурдани бӯҳрон чораҳои қатъӣ андешиданд. Яке аз чунин қадамҳои ҷиддӣ интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳайати нави роҳбарияти парлумон ва аъзои ҳукумати ҷумҳурӣ ба шумор меравад.

Эмомалӣ Раҳмон дар суханрониҳои худ дар иҷлосия диққати ҳозиринро ба масъалаи муҳимтарини ҳаёти ҷумҳурӣ – барқарор кардани сулҳу оромӣ ҷалб намуд. Аз ҷумла, ӯ чунин иброз дошта буд: «Ман кори худро аз барқарор намудани сулҳ оғоз мекунам. Ман тарафдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ҳастам. Мо бояд дар бобати ба эътидол овардани вазъият якдил бошем. Ман ҳам дар ин роҳ он чи аз дастам ояд, иҷро мекунам».

Хотирнишон кардан зарур аст, ки дар он шабу рӯз бӯҳрони сиёсӣ тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро фаро гирифта, шохаҳои ҳокимиятро комилан фалаҷ намуда буд. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ қариб як миллион нафар аз ҷойҳои доимии зисташон иҷборан кӯчиданд, ҳазорҳо нафари дигар тарки ватан карданд, беш аз панҷоҳ ҳазор қурбонӣ шуда ё бедарак ғайб заданд, хоҷагии халқи кишвар ба маблағи беш аз 7 млрд. доллари ИМА хисороти моддӣ дид. Бар замми ин, зарари сиёсие, ки ба имиҷи давлат расид, то имрӯз зудуда нашудааст, зиёни рӯҳиву маънавие, ки сокинони кишвар бар асари бедодгариҳо ва қонуншиканиҳо ҳис карданд, ба ягон меъёру ченак намеғунҷад.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамаи инро дарк мекард ва барои аз ин вазъият берун бурдани ҷумҳурӣ тамоми имкониятҳоро сафарбар намуда буд. Ӯ дар муроҷиатномаи худ ба мардуми Тоҷикистон 12 декабри соли 1992 изҳор дошт, ки «халқи мо имрӯз душвортарин ва фоҷианоктарин давраи таърихи хешро аз сар мегузаронад».

Роҳбарияти нави Тоҷикистон ба мақсади берун овардани кишвар аз бӯҳрони фарогир ибтикороти ҳадафмандонаро оғоз карда, ба хотири ҳаллу фасли мушкилоти ҷойдошта тадбирҳои зиёде андешид. Ба мақсади ба эътидол овардани вазъият ва таъмини оштии миллӣ амалисозии тадбирҳо дар чанд самт ҷараён гирифтанд.

1. Баргардондани муҳоҷирони иҷбории дохили кишвар ба ҷойҳои зисти доимӣ, барқарор кардани макони зисти онҳо, расонидани кумаки башардӯстона (ғизо, дору ва ғ.), таъмини амнияту шуғли онҳо ва ғайра. Барои ҳаллу фасли ин масъалаҳо созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ҷалб шуданд, ситодҳо таъсис ёфтанд, сохторҳои давлатӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ вазифадор гардиданд.

2. Баргардондани гурезагоне, ки берун аз ҷумҳурӣ қарор доштанд, ба ҷойҳои зисти доимӣ. Доир ба ҳалли ин масъала комиссияҳои махсус ташкил ёфта, ба кишварҳои ИДМ сафар намуданд, ҳайатҳо ва гурӯҳҳои махсус ба Афғонистон фиристода шуданд, то бозгашти гурезагонро аз ин кишвар тезонанд, зеро дар он ҷо низ миёни гурӯҳҳои алоҳида муқовимати яроқнок идома дошт. Барои баргардондани гурезагони берун аз ватан созмонҳои байналмилалӣ ҷалб гардиданд, бо кишварҳое, ки шаҳрвандони Тоҷикистон қарор доштанд, музокирот сурат мегирифт, корҳои таблиғотӣ ба роҳ монда шуданд.

3. Ба роҳ мондани гуфтушунид бо роҳбарони нерӯҳои сиёсии мухолифин ва аз байн бурдани муқовимати яроқнок. Моҳи марти соли 1993 Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар изҳороти худ бахшида ба яксолагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Милали Муттаҳид зикр намуд, ки ба туфайли тадбирҳои фаъолонаи идораҳои ҳукуматӣ «раванди тадриҷан ба эътидол овардани вазъи ҷамъиятию сиёсӣ ҷараён дорад». Роҳбари давлат зимни ин омодагии роҳбарияти ҷумҳуриро барои гуфтушунид кардан «бо ҳамаи тарафҳое, ки хоҳиши ҷумҳуриро зудтар аз бӯҳрони сиёсиву иқтисодӣ баровардан доранд», иброз намуд.

Дар он шабу рӯз ҷумҳурӣ имкони ҳалли ҳамаи мушкилоти ҷойдоштаро надошт ва ҳамчунин бо назардошти бисёр омилҳои вобаста ба вазъияти дохилӣ ва муносибат бо мухолифин, зарурати ҷалб намудани созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои дӯст барои кумакрасонӣ дар ҳалли онҳо мавҷуд буд. Ба ин хотир, роҳбарияти ҷумҳурӣ дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳидаро дар ҳалли масъалаҳои зерин медид:

а) расонидани ёрии бевосита дар ҳаллу фасли масъалаҳои муҳоҷирони иҷборӣ, баргардондани гурезагон аз кишварҳои хориҷӣ (хусусан аз Афғонистон), расонидани кумакҳои башардӯстона (сару либос, доруворӣ, ғизо), ёрӣ расондан дар барқарор кардани манзилҳои харобгашта (таъмини масолеҳи бинокорӣ) ва ғайра.

б) таҳти сарпарастии СММ ба роҳ мондани гуфтушуниди ҳукумат бо нерӯҳои сиёсии мухолифин ва тадриҷан аз байн бурдани муқовимати яроқнок бо гурӯҳҳои силоҳдори мансуб ба он, ки дар минтақаҳои Рашту Бадахшон амал мекарданд.

Бояд зикр намуд, ки раванди ба ҷойҳои иқомати доимӣ баргардондани муҳоҷирони иҷборӣ ва гурезагон ба ҷойҳои сукунати доимӣ дар баробари харобу валангор шудани манзилу ғорат шудани молу мулк мушкилоти дигар низ дошт. Дар Қубодиён, Шаҳритус, Ҷиликул, Қумсангир, Бохтар ва Вахш, ки теъдоди асосии гурезагон аз ҳамин ноҳияҳо буданд, солҳои 1992-1993 бар асари мухолифати руҳдода мардуми боқимонда муқобили баргаштани онҳо буданд. Дар бисёр ҳолатҳо хонаҳои валангоршудаву заминҳои гурезаҳоро соҳиб

шуда, мегуфтанд, ки онҳо ба ҷойҳои дигар бираванд. Эмомалӣ Раҳмон ба назди ин мардум рафт ва бо онҳо ҳамсӯҳбат шуда, мӯътақид сохт ва кор ранги дигар гирифт. Пас аз мулоқоту сӯҳбатҳои Роҳбари давлат мардуми ин ноҳияҳо аз пайи овардану ҷобаҷо кардани гурезаҳои худ шуданд. Аввалин қатораҳоро бо гурезагони бозгашта Роҳбари давлат пешвоз гирифт. Умуман, ташаббуси Роҳбари давлат дастгирии васеъ ёфта, кор дар самти овардан ва ҷобаҷокунии гурезагон хислати оммавӣ гирифт ва дар муддати кӯтоҳ натиҷаҳои мусбат дод.

Вале ба роҳ мондани гуфтушуниди миёни ҳукумат ва нерӯҳои мухолифини тоҷик мураккабтар буд ва вақти бештареро талаб мекард. Зарур буд, ки то оғози гуфтушунидҳо механизми мукаммали ин раванд пешбинӣ карда шавад, то натиҷаи дилхоҳ дода тавонад. Пӯшида нест, ки дар давраи то иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ба хотири ҷилавгирӣ аз ҷангу хунрезӣ дар Қурғонтеппа, Калининобод, Сайёд, Хорӯғ бо ташаббуси ҳукумати вақти ҷумҳурӣ ва нерӯҳои алоҳида чанд маротиба гуфтушунидҳо баргузор гардиданд, «Созишномаи сулҳи Хорӯғ» ба имзо расид, ҳамзамон ҳайати ИДМ бо роҳбарии ноиби Президенти Қирғизистон ба Тоҷикистон омада, бо гурӯҳҳои даргир мулоқот намуда буд. Вале азбаски ягон механизми мукаммали пайгирӣ намудани чунин иқдомот мавҷуд набуд, пас аз анҷоми гуфтушунидҳо тарафҳои мухолиф боз задухӯрдро идома медоданд. Бо назардошти ҳамаи ин Роҳбари давлат борои роҳандозӣ кардани гуфтушунидҳо замина омода мекард.

Шурӯъ аз аввали соли 1993 корҳои омодагӣ ба хотири сари мизи гуфтушунид нишастан бо мухолифин ва паст кардани шиддати муқовимати силоҳнок корҳо оғоз шуданд. Дафтари нозирони СММ, ки бо назардошти вазъи муташанниҷи Тоҷикистон 1 феврали соли 1993 дар Душанбе кори худро оғоз карда буд, ба ин раванд ҳамроҳ шуд. Ҳамчунин, апрели соли 1993 дипломати ироқӣ Исмат Қиттонӣ ба ҳайси Фиристодаи махсуси Дабири кулли СММ оид ба Тоҷикистон таъйин гардид ва баъд моҳи декабри ҳамон сол ӯро дар ин вазифа дипломати уругвайӣ Рамиро Пирис-Баллон иваз намуд.

Бояд гуфт, ки зарурату моҳияти гуфтушунидро ҳарду ҷониб – ҳукумат ва мухолифин эътироф ва ба таври возеҳ дарк мекарданд, ки ҷуз сулҳу ризоият роҳи дигаре нест ва ин мавқеъгирии ду тараф барои сари мизи музокирот нишастан омили аз ҳама муҳим буд. Бино бар ин, ҳарду ҷониб ба омода кардани таклифҳо барои музокирот пардохтанд.

Бо дастуру супоришҳои Роҳбари давлат ҷиҳати роҳандозӣ намудани ин нақшаҳо бо Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва давлатҳои дӯст, аз ҷумла, Россия, Эрон, Афғонистон, кишварҳои Осиёи Марказӣ вохӯрию машваратҳо сурат гирифтанд. Дар ин мулоқотҳо масъалаҳои

бо роҳи осоишта, сиёсӣ ва тариқи гуфтушунид ҳал кардани ихтилофи мавҷуда, инчунин масъалаҳои миёнҷигарӣ, роҳу усулҳои ҷараён додани музокирот миёни ҳукумату мухолифин муҳокима шуданд. Қобили зикр аст, ки дар ҷараёни чунин машваратҳо мавқеи роҳбарияти Тоҷикистон аз ҷониби СММ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва кишварҳои зикршуда дастгирӣ ёфт ва дар асоси мувофиқаҳои ҳосилшуда барои оғоз намудани раванди музокироти сулҳи тоҷикон дар сатҳҳои гуногун кор оғоз гардид. Азбаски ҷонибҳои кумакрасон бо ҷониби дигари музокирот низ дар тамос буданд ва машваратҳо мегузарониданд, роҳбарияти сиёсии мухолифин низ ба ин раванд тайёрӣ медид.

Муайян гардид, ки музокироти сулҳи миёни тоҷикон байни ҳайатҳои ҳукумати ҷумҳурӣ ва мухолифин таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид сурат хоҳанд гирифт. Мувофиқи хоҳиши тарафҳои музокирот бояд дар рафти онҳо Фиристодаи махсуси Дабири Кулли СММ оид ба Тоҷикистон миёнаравӣ намуда, дар ҷаласаҳо раисӣ мекард, дар вохӯриҳо намояндагони кишварҳо ва созмонҳои байналмилалии алоқаманд ба сифати нозир ширкат меварзиданд. Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, давлатҳои дӯст – Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ иштироки намояндагони худро ба сифати нозир дар музокирот таъйид намуданд. Масъалаи дигар – дар куҷо баргузор намудани даврҳои музокирот ҳамчунин роҳи ҳалли худро ёфт ва бо хоҳиши роҳбарияти Федератсияи Россия маҳалли баргузор намудани мулоқоти нахустин шаҳри Москва муайян шуд.

Ҳамин тавр, 5 апрели соли 1994 ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик (ИМТ) дар шаҳри Москва ба даври аввали музокироти сулҳи тоҷикон оғоз бахшиданд. Дар ин даври музокирот масъалаи асосии баррасишаванда тасдиқ намудани рӯзномаи гуфтушунидҳо буд. Ба рӯзнома се маҷмӯи масъалаҳо, ки ба ноил шудан ба оштии миллӣ дахл доранд, ворид карда шуданд:

- чораҳое, ки ба ҳалли сиёсии вазъияти Тоҷикистон равона карда шудаанд;
- ҳалли масъалаҳои марбут ба гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ;
- масъалаҳои зербиноии сохтори конститутсионӣ ва муттаҳидии давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар натиҷаи муҳокимарониҳо ва баҳсу мунозираи тӯлонӣ рӯзномаи музокироти байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ қабул гардид.

Албатта, санадҳое, ки дар ин даври музокирот қабул шуданд, барои қадамҳои минбаъда аҳамияти калон доштанд, вале иқдоми аз ҳама муҳим – сари як миз нишастану муҳокима намудани мушкилоти ҷойдошта буд. Оғоз ёфтани музокирот умедворӣ ба он дод, ки сулҳу оштӣ дар Тоҷикистон пойдор хоҳад шуд.

Гуфтушунидҳо дар се зина доир гардиданд. Зинаи якум – гуфтушунидҳои ҳайатҳои ҷонибҳо буданд, ки даврабандии музокирот мувофиқи онҳо муайян мешуд ва дар онҳо ҳамаи аъзои ҳайатҳо – 7-10 нафарӣ аз ҳар ду ҷониб иштирок мекарданд. Зинаи дуюм – вохӯриҳои баландпоя (машваратҳои сатҳи баланд) буданд, ки дар онҳо роҳбарон ва теъдоди маҳдуди аъзои ҳайатҳо ширкат меварзиданд. Зинаи сеюм – мулоқотҳои сатҳи олӣ буданд, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик иштирок мекарданд ва тасмимгириҳои онҳо дар рафти музокирот нақши ҳалкунанда доштанд.

Чунин зинабандӣ имкони муносиби муҳокимаи масъалаҳо ва тасмимгириҳои лозимаро таъмин мекард. Аз ин рӯ ҳар зинаи он дар ҳолати зарурӣ баргузор шуда, қадам ба қадам сулҳу оштӣ ва ваҳдати миллиро наздик мекард. Вале сарфи назар аз он, ки тарафҳо дар кадом сатҳ ҷамъ меоянд, Роҳбари давлат тамоми раванди музокиротро пурра таҳти назорат қарор дода, аз ҳайати ҳукуматӣ роҷеъ ба рафти мулоқоту гуфтушунидҳо ва масъалаҳои ҷойдошта маълумот мегирифт, дастуру супоришҳо медод.

Ҳукумати ҷумҳурӣ санадҳоеро, ки дар раванди музокирот ба имзо мерасиданду мӯҳлати татбиқи онҳо муайян буд, мавриди иҷро қарор медод. Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки барои пешрафти гуфтушунидҳо имкониятҳои иловагиро фароҳам овард, Созишнома дар бораи оташбаси муваққатӣ ва дигар амалҳои душманона дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва дохили кишвар дар давраи гуфтушунидҳо мебошад, ки 17 сентябри соли 1994 дар Теҳрон дар натиҷаи мулоқоти якуми баландпоя ба имзо расида, дар роҳи ба даст овардани сулҳ қадами ҷиддие гардид. Риоя шудани талаботи ин санад амалан маънои қатъ кардани амалиёти ҷангиро дошт. Ҷонибҳо дар ин Созишнома расман зери мафҳуми «қатъ кардани амалиёти душманона» иҷрои шартҳои зеринро дохил намуданд:

«… - аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти ҷангӣ, ба шумули ҳар гуна сарҳадвайронкунӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, амалиётҳои ҳуҷумоварӣ дар дохили кишвар, зери тирборон қарор додан аз он самти ҳудуд, ташкили ҳар навъ машқи ҳарбӣ, ҷойгардон кардани сохторҳои доимӣ ва муваққатии ҳарбӣ дар Тоҷикистон, ки сабаби ихлол дар ин Созишнома мешавад;

- аз ҳар ду ҷониб қатъ кардани амалиёти террористӣ ва вайронкорӣ дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон, дохили ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар;

- роҳ надодани ҳар ду ҷониб ба куштор, гаравгонгирӣ, ҳабсу нигоҳдории ғайриқонунӣ, ғорати аҳолии осоишта ва ҳарбиён дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои дигар;

- роҳ надодан ба муҳосираи маҳаллаҳои аҳолинишин, объектҳои хоҷагии халқ ва ҳарбӣ, инчунин ҳар навъи воситаҳои иртиботот;

- истифода набурдани воситаҳои алоқа ва ахбори омма дар вайрон кардани раванди мусолиҳаи миллӣ;

- истифода набурдани дин ва эҳсосоти мазҳабии мӯъминон, ҳама гуна идеология ба мақсадҳои душманона».

Ба хотири таъмини иҷрои ин созишнома бо иштироки намояндагони ду ҷониб комиссияи назорати оташбас таъсис ёфт, ки дар Душанбе дар ҳамкорӣ бо Дафтари нозирони ҳарбии СММ ба фаъолият пардохт.

Пас аз ду даври гуфтушунид ва ду мулоқоти баландпоя 17-19 майи соли 1995 дар шаҳри Кобул – пойтахти Афғонистон нахустин мулоқоти сатҳи олӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ бо миёнҷигарии Фиристодаи махсуси Дабири Кулли СММ Рамиро Пирис-Баллон ва мусоидати фаъолонаи Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ баргузор гардид.

Эмомалӣ Раҳмон ва Саид Абдуллоҳи Нурӣ замоне сари мизи мулоқот нишастанд, ки аз оғози музокирот беш аз як сол сипарӣ гардида, сарфи назар аз душвориҳои раванди музокирот дастовардҳо назаррас буданд. Дар кишвар бошад вазъият рӯ ба эътидол оварда, ояндаи он рушантар ба назар мерасид, Конститутсияи нав тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул шуд, мардум чорабиниҳои ҳукуматиро барои таъмини волоияти қонун, низоми дохилии кишвар ва сиёсати хориҷии он ҷонибдорӣ мекард. Дар баробари ин дар минтақаҳои алоҳида – Қаротегину доманакӯҳи Помир задухӯрдҳои алоҳида миёни қувваҳои ҳукуматӣ ва ҷангиёни мухолифин рух медоданд.

Дар Изҳороте, ки дар натиҷаи гуфтушунидҳои Кобул қабул гардид, азми қавии тарафҳо барои идома додани музокирот равшан ифода ёфта буд. Дар он гуфта мешавад, ки «ҳангоми мулоқот ҳарду ҷониб омодагии худро ба ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини кишвар – роҳ надодан ба мунокишаи беохири миёни тоҷикон ва ноил шудан ба ҳусни тафоҳуми комили онон, таъмини оташбас алҳол барои се моҳ, бозгашти ҳамаи муҳоҷирон ба ҷойҳои муқимии зист, эътидоли пурраи вазъияти сиёсии Тоҷикистон собит намуданд». Дар изҳорот тарафҳо зикр намуданд, ки «ба хотири рафъи низоъ аз тариқи сиёсӣ, тавассути музокирот, бунёди шароити сулҳи пойдор дар сарзамини тоҷикон тамоми ҷидду ҷаҳди хешро дареғ нахоҳанд дошт».

Албатта, Изҳорот санади расмиест, ки на ҳама фикру андешаҳои ҷонибҳоро фаро гирифта метавонист. Ҳарду ҷониб аз аҳду паймони ҳосилшуда дар мулоқоти Кобул қаноатманд буданд ва онҳоро барои музокироти минбаъда муфид арзёбӣ намуданд. Бо қабули изҳорот барои гуфтушунидҳои минбаъда заминаи нав эҷод карда шуд ва боварии ҷонибҳо барои дастрасӣ ёфтан ба сулҳу оштӣ қавитар гардид. Ин вохӯрии нахустинро солҳои баъд Роҳбари давлат ба хотир оварда, мегӯяд, ки дар мулоқоти хоса бо Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар бораи

тақдири миллату давлат ҳарф задем, ки масъулияти бузургеро назди ҳарду тараф мегузошт. Шахсони наздик ба роҳбари ИМТ бо ишора ба ин мулоқот зикр мекунанд, ки Саид Абдуллоҳи Нурӣ аз вохӯрии худ бо Эмомалӣ Раҳмон хеле қаноатманд ва рӯҳбаланд буд ва мақсадаш дар роҳи сулҳу оштӣ хеле устувор гардид.

Бояд зикр кард, ки қабл аз мулоқоти Кобул ҳам Роҳбари давлат бо ҷасорату мардонагӣ ва сӯҳбатҳои рӯиросту самимонааш бо намояндагони мухолифин мавриди эҳтироми онҳо қарор гирифта буд. Ӯ ҳангоми сафарҳояш ба вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ бо роҳбарони гурӯҳҳои яроқноки мухолифин, ки зидди қувваҳои ҳукуматӣ амалиёт мебурданд, мулоқот намуда, онҳоро дар ҳайрат гузошта буд. Роҳбари ИМТ Саид Абдуллоҳи Нурӣ низ азму иродаи қавӣ ва рӯҳияи ватанпарастонаи Роҳбари давлатро дарк намуда, ҷиддан ба ин раванд пайваст шуд.

Чун идомаи ин гуфтушунид, дере нагузашта – 19 июли соли 1995 дар шаҳри Теҳрон вохӯрии навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик, раиси Ҳаракати наҳзати исломии Тоҷикистон Саид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор гардид, ки ҳамчунин дар роҳи расидан ба сулҳу оштии миллӣ заминаҳои нав фароҳам овард. Дар изҳороте, ки оид ба натиҷаҳои мулоқот қабул шуд, зикр гардидааст, ки дар рафти гуфтушунид, аз ҷумла, роҷеъ ба масъалаҳои зерин мувофиқа ба даст омад: даъват намудани Анҷумани машваратии халқҳои Тоҷикистон бо иштироки баробари намояндагони тарафҳо ҷиҳати пайдо намудани роҳи ҳалли бӯҳрони сиёсӣ ва иҷтимоии кишвар; давом додани музокирот дар ҳамаи сатҳҳо, аз ҷумла, дар сатҳи олӣ то ҳалли ниҳоии масъалаҳои мавриди баҳс, муҳокимаи тамдиди мӯҳлати Созишномаи оташбаси муваққатӣ дар даври панҷум; дар аввали моҳи августи соли 1995 баргузор намудани даври панҷуми музокирот.

Натиҷаҳои ин мулоқот бори дигар нишон доданд, ки ворид гардидани Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба раванди музокирот ва таклифҳои ӯ роҳбарияти мухолифинро роҷеъ ба устувории мавқеи Роҳбари давлат дар бобати барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дилпур намудааст.

Мулоқоти Теҳрон омодагии тарафҳоро барои иқдомҳои ҷиддитар собит намуд. Дар натиҷа моҳи августи соли 1995, ки мебоист мувофиқи Изҳороти 19 июл даври панҷуми музокирот баргузор мегардид, дар ҷараёни гуфтушунидҳо рӯйдоди ҷиддие ба амал омад. Гуфтушунидҳо ба вақти дигар гузаронида шуданд, вале ба ҷои ин бо миёнаравии Фиристодаи махсуси Дабири Кулли СММ Р. Пирис-Баллон 17 августи соли 1995 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон дар Душанбе ва роҳбари ИМТ С. А. Нурӣ дар Кобул ба ҳуҷҷати бисёр муҳим – Протокол дар бораи принсипҳои

асосии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон имзо гузоштанд, ки дар он роҳу василаҳои расидан ба сулҳи пойдор пешбинӣ шуда буданд. Протоколи мазкур санаде буд, ки минбаъд ҳарду ҷониб амалҳои худро дар раванди барқарорсозии сулҳу оштии миллӣ бо он мувофиқ мегардониданд. Дар оғози ҳуҷҷат омадааст: «Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари оппозитсияи тоҷик А. Нурӣ барои риояи таъмини манфиатҳои олии халқи тоҷик нияти ҷиддӣ дошта, таъкид мекунанд, ки музокира ва ҳамкорӣ василаи зарурии дастрасӣ ба сулҳи устувор дар кишвар мебошад. Бо ин ният ҳукумат ӯҳдадор мешавад аз чунон амалҳое худдорӣ намояд, ки мухолифи мӯҳтавои протоколҳои имзошаванда бошанд ва аз қабули чунон қонунҳо ва чораҳо худдорӣ менамояд, ки бо ин протокол мувофиқат намекарда бошанд. Оппозисиони тоҷик дар навбати худ тааҳҳуд мекунад, ки муборизаи сиёсиро танҳо ба василаи мусолиҳатомез, дар асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи шарту шароит ва кафолатҳои дар Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар кишвар анҷом диҳад». Яке аз шартҳои муҳиме, ки дар Протокол дарҷ ёфт, ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ бо роҳҳои мусолиматомез дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд.

Протокол муқаррар намуд, ки Созишномаи умумии зикршуда аз протоколҳои ҷудогона оид ба гурӯҳи зерини проблемаҳо иборат мешавад:

«а) проблемаҳои сиёсӣ ба шумули Форуми Машваратии халқҳои Тоҷикистон, фаъолияти ҳамаи аҳзоби сиёсӣ ва ҷунбишҳои сиёсӣ ва иштироки намояндаҳои онҳо дар идораи ҳокимият, ҳамчунин амиқтар кардани раванди демократикунонии ҷомеаи тоҷик;

б) проблемаҳои ҳарбӣ, ба шумули ислоҳоти сохторҳои боиқтидори ҳукумат, барҳам додан, халъи силоҳ ва реинтегратсияи сохторҳои мусаллаҳи мухолифин бо қувваҳои мусаллаҳи ҳукумат ё соҳаи мулкии кишвар дар асоси графике, ки ҳангоми музокирот муайян шудааст;

в) репатриатсия ва реинтегратсияи ихтиёрӣ, бехатар ва бошарафонаи гурезаҳо, ба шумули кафолати ҳимояи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии онҳо;

г) комиссия оид ба мушоҳида ва назорати аз ҳар ду тараф риоя шудани Созишномаи умумӣ;

д) кафолати иҷрои Созишномаи умумӣ, ба шумули нақши эҳтимолии Созмони Милали Муттаҳид, мамолик ва созмонҳои байналмилалӣ – нозирони музокироти байни тоҷикон;

ж) конфронси донорҳо барои маблағгузории барномаҳо барои реинтегратсияи гурезаҳо, муҳоҷирони иҷборӣ, ашхоси дар раванди

мусолиҳаи миллӣ аз аскарӣ ҷавоб шуда, ҳамчунин ёрии зарурӣ барои эҳёи хоҷагии халқи мамлакат, ки дар асари ҷанги шаҳрвандӣ хароб шудааст».

Муқаррар гардид, ки протоколҳо оид ба маҷмӯи проблемаҳои зикршуда ҷузъи пайвастаи Созишномаи умумӣ мебошанд ва ҳуҷҷати мазкур аввалин Протоколи ин силсила аст. Ин ва протоколҳои дигар, ки минбаъд пайи ҳам қабул мешуданд, бо Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ҷамъбаст гардида, барои ба маҷрои муътадил баргардондани ҳаёти кишвар ва таъмини сулҳу субот заминаи зарурӣ муҳайё месохтанд.

Дар ин ҳуҷҷат омадааст, ки аз 18 сентябри соли 1995 сар карда, ба мақсади ҳарчи зудтар ба имзо расонидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва оштии миллӣ дар Тоҷикистон давраи бетанаффуси музокирот ташкил карда шавад. Вале баргузор гардидани ин давр каме тӯл кашида, марҳилаи нахустини он аз 30 ноябр то 22 декабри соли 1995 дар Ашқобод баргузор шуд. Дар ин марҳила баррасӣ намудани қисми сеюми масъалаҳои рӯзномаи музокирот идома ёфт. 26 январ-19 феврали соли 1996 дар пойтахти Туркманистон марҳалаи дуюми даври панҷуми музокирот баргузор шуд. Дар ин вақт вазъи сиёсӣ-иҷтимоии ҷумҳурӣ муташанниҷ буд, аз ин сабаб мулоқотҳо низ бо мушкилиҳо ҷараён гирифтанд.

Рафти марҳалаи якум ва дуюми даври панҷуми гуфтушунидҳо нишон дод, ки нисбати баъзе масъалаҳо, аз қабили, таъсис додани ниҳоди алоҳида дар давраи татбиқ намудани Созишномаи умумӣ мавқеи ҷонибҳо фарқ мекунад. Масалан, ҳайати мухолифин пешниҳод намуд, ки як ниҳоди ба сохторҳои давлатӣ таъсиррасон бо ваколатҳои зиёд бо номи Шӯрои оштии миллии доимоамалкунанда таъсис дода шавад, гарчанде чунин масъалагузорӣ хилофи сарқонуни ҷумҳурӣ буд. Ҳайати ҳукуматӣ бошад таъсис додани Форуми машваратии халқҳои Тоҷикистонро, ки тарафҳо дар сатҳи олӣ маъқул дониста буданд, мувофиқи мақсад мешуморид.

Ҳамин тариқ, ҷонибҳо оид ба чунин масъалаҳои муҳим сари як фикр наомаданд ва Роҳбари давлат аз чунин ранг гирифтани кор ба хулосае омад, ки ба хотири аз байн бурдани мухолифати тарафҳо рафти музокироти тоҷикон дар ҷаласаи парлумони кишвар мавриди муҳокима қарор гирад. Ба ин мақсад 11 марти соли 1996 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, муовини Дабири Кулли СММ И. Қиттонӣ, Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон Р. Пирис-Баллон, намояндагони Россия, Ӯзбекистон, Эрон, Афғонистон иҷлосияи махсуси Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда шуд. Дар иҷлосия бо маърӯзаи махсус роҳбари ҳайати ҳукуматӣ дар музокирот, Вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров баромад кард.

Дар иҷлосия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ зарурати гуфтушунидҳоро барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта муҳим арзёбӣ намуд: «Чунин таҷриба шояд дар таърихи сиёсии дунё камназир бошад. Вале мо ба хотири қатъи ҳама муноқишот, ба хотири сарҷамъии миллати азизамон ва таъмини осудагии рӯзгори мардум ба ин кор иқдом кардем». Роҳбари давлат иброз дошт, ки «ба иҷлосия даъват шудани роҳбарияти мухолифин танҳо як мақсад дорад: азбаски давраи бетанаффуси гуфтушуниди байни тоҷикон ба кӯчаи сарбаста ворид шуд, қарор додем, ки дар ин иҷлосия бо роҳбарияти мухолифин рӯбарӯ, ошкоро, бе пардапӯшиҳои дипломатӣ гуфтугӯ кунем…. Умед мекунем ва боварӣ дорем, ки гуфтугӯйи имрӯза гиреҳи мушкилоти пешомадаро боз менамояд». Президент алоқамандии роҳбарияти кишварро ба роҳи пешгирифта, яъне тариқи мусолиматомез ҳаллу фасл намудани мухолифат изҳор дошта, таъкид кард: «мо тайёр ҳастем тамоми чораҳоро бинем, ки мушкилоти дар раванди музокирот ба вуҷудомада хушӣ ба хушӣ аз миён бардошта шавад». Сарвари давлат барои ба мақсад расидан истифодаи ду роҳро зикр намуд: якум – супориш додан ба комиссияи ҳукуматӣ барои гуфтушунидро давом додан ва пайдо кардани роҳи ҳалли масъалаҳо дар чорчӯбаи муайян, эҳтиром ва риояи Конститутсияи ҷумҳурӣ, дуюм – худи ҳозир бо мухолифин бе ҳеҷ гуна шарти пешакӣ имзо кардани Созишнома дар бораи сулҳи доимӣ.

Вакилони халқ ва меҳмонони иҷлосия мавқеи Роҳбари давлатро пурра маъқул донистанд. Дар Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гуфтушуниди байни тоҷикон оид ба созиши миллӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид», ки дар фарҷом қабул гардид, натиҷагирии муҳими иҷлосия – идома додани музокирот ва иҷрои мувофиқаҳои ҳосилшуда бо мухолифин зикри худро ёфт.

Лозим ба ёдоварист, ки Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади таъмини ваҳдати миллӣ ва ягонагии аҳли ҷомеа тадбирҳои иловагӣ меандешид. Аз ҷумла, 9 марти соли 1996 таҳти сарварии Роҳбари давлат бо иштироки Раиси Маҷлиси Олӣ, роҳбарони ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ҷамъиятҳои миллию фарҳангӣ, ташкилотҳои эҷодӣ, мазҳабӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ Аҳдномаи ризоияти ҷомеаи Тоҷикистон ба имзо расид, ки дар миёни мардуми ҷумҳурӣ ҳамовозӣ пайдо карда, дар ҳаёти сиёсии кишвар нақши муҳиме бозид. Дере нагузашта – моҳи июни ҳамон сол ба мақсади таъмини гуфтушуниди доимии қувваҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсӣ ҷиҳати ба даст овардани таносуби манфиату ақидаҳо, ҷӯстуҷӯ ва барқарор намудани шаклҳои нави ҳамкорӣ иштирокдорони Аҳднома Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро созмон доданд. Шӯрои ҷамъиятӣ мақоми намояндагӣ, машваратӣ ва ҳамоҳангсозӣ гирифта, ба ҳамаи иштирокдорон – намояндагони ҳизбу созмонҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ имкон

медиҳад, ки дар бораи масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа ва давлат табодули афкор ва доир ба роҳҳои ҳаллу фасли онҳо тавсияҳо пешниҳод намоянд. Қобили зикр аст, ки Шӯрои ҷамъиятӣ ба ҳаёти сиёсии ҷумҳурӣ, аз ҷумла, раванди музокироти сулҳи тоҷикон ворид гардида, мунтазам масъалаҳои заруриро баррасӣ ва роҷеъ ба онҳо ба роҳбарияти ҷумҳурӣ таклифу тавсияҳо манзур менамуд.

Пас аз чор моҳи баргузории иҷлосияи махсуси парлумони кишвар 8-21 июли соли 1996 дар Ашқобод марҳалаи сеюми даври панҷуми музокирот доир гардид, ки дар рафти он се ҳуҷҷат имзо шуд. Вале оид ба масъалаҳои принсипиалӣ тарафҳо мавқеи худро доштанд ва раванди музокирот нисбат ба як соли қаблӣ бо мушкилиҳо пеш мерафт. Дар баробари ин қувваҳои мухталиф чи дар дохил ва чи дар хориҷи кишвар раванди музокиротро халалдор кардан мехостанд. Амалҳои террористӣ, тахрибкорӣ, ҳодисаҳои вайрон кардани сарҳад дар он шабу рӯз бисёр рух медоданд. Бо вуҷуди ҳамаи ин моҳи сентябр дар минтақаи Рашт ҳодисае ба вуқӯъ пайваст, ки ба равандҳои гуфтушунид такони ҷиддӣ бахшид.

Бо дастури Роҳбари давлат намояндагони сохторҳои ҳукуматӣ бо қумондонҳои саҳроии мухолифин, ки дар минтақаи Қаротегин амал мекарданд, дар тамос шуда, бо онҳо дар бобати баргузор намудани гуфтушунид мувофиқа ҳосил намуданд. Дар натиҷа, 15-16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм вохӯрии роҳбарони мақомоти низомии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қумондонҳои саҳроии мухолифин барпо шуд. Фарқияти ин мулоқот дар он буд, ки иштирокчиёнаш аз ҷониби мухолифин дар кӯҳу пуштаи Қаротегину доманакӯҳҳои Помир бар зидди нерӯҳои ҳукуматӣ мубориза мебурданд ва такягоҳи асосии Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ҳисоб мерафтанд. Қумондонҳо дарк карда буданд, ки дар шароитҳои вазнини кӯҳу пушта идома додани мубориза оқибати нек надорад ва зиёда аз ин кашол додани раванди сулҳ ба манфиати халқу давлат нест. Дар фарҷоми ин қадами ҷасурона «Протоколи мулоқоти ҳайатҳои Комиссияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қумондонҳои ҷабҳаи Қаротегин, ки 15 ва 16 сентябри соли 1996 дар шаҳраки Ғарм баргузор гардид», ба имзо расида, барои барқарор намудани сулҳу субот дар ин минтақа заминаи устувор ба вуҷуд овард. Роҳбарони сиёсии мухолифин, ки ҳамагӣ дар хориҷи кишвар ба сар мебурданд ва имкони таъсиррасониашон ба вазъи дохилӣ маҳдуд буд, аз баргузории мулоқот ва натиҷаҳои он огаҳӣ ёфта, ин иқдоми қумондонҳои саҳроиро маъқул нашумориданд, вале ҷуз аз эътироф намудани он илоҷи дигаре надоштанд. Илова бар ин, ИМТ маҷбур шуд, ки дар асоси мувофиқаҳои қаблӣ ба маҷрои гуфтушунид баргардад.

Шоистаи зикр аст, ки ба мулоқот рӯ овардани қумондонҳои саҳроии мухолифин дар водии Қаротегин ва мулоқоти Ғарм дар

раванди гуфтушуниди миёни тоҷикон марҳилаи навро оғоз намуда, боиси он гардид, ки роҳбарияти мухолифин бо талаботи нави худ раванди музокиротро ба дарозо накашад. Пас аз ин мулоқот ҷонибҳо ба мулоқоти сатҳи олӣ омодагӣ гирифтанд. Гурӯҳи корӣ бо намояндагӣ аз ҳарду ҷониб таъсис ёфта, ба омода кардани мулоқот ва ҳуҷҷатҳои лозимӣ пардохт.

Маҳалли баргузор намудани мулоқот низ муайян шуд ва 10-11 декабри соли 1996 дар деҳаи Хосдеҳ, воқеъ дар шимоли Афғонистон мулоқоти сеюми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари ИМТ С. А. Нурӣ баргузор гардид. Дар ин гуфтушунидҳо дар баробари масъалаҳои дигар аввалин маротиба дар бораи Комиссияи оштии миллӣ, вазифа ва салоҳияти он дар раванди сулҳ ва ризоияти миллӣ сухан рафт. Дар фарҷоми мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ба ду ҳуҷҷати муҳим имзо гузоштанд: Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбӣ-сиёсӣ дар минтақаҳои муқовимат; Изҳороти муштараки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С. А. Нурӣ.

Ин вохурӣ, ки дар минтақаи хатарнок ва шароитҳои номусоид баргузор гардида, як навъ имтиҳони ҷиддие барои устувории тарафҳо дар бобати идома додани мароми пешгирифта буд, барои давом додани гуфтушунидҳо заминаи устувор гузошт. Рафти мулоқот ва натиҷаҳои он нишон доданд, ки давраи мушкил дар гуфтушунидҳо паси сар шудааст ва ҷонибҳо баҳри зудтар комёб шудан ба сулҳу оштӣ азми қадамҳои ҷиддитарро гузоштан доранд. Дар он ҷонибҳо дар бораи дар рӯзҳои наздик баргузор намудани мулоқоти навбатӣ аҳд карданд. Омода кардани мулоқоти навбатӣ ва ҳуҷҷатҳои он оғоз ёфт.

Чанд сол баъд Шукурҷон Зуҳуров, ки дар мулоқоти Хосдеҳ ба ҳайси муовини раиси ҳайати ҳукуматӣ дар музокироти сулҳи тоҷикон иштирок дошт, менависад: «Ин гуфтугӯи таърихӣ барои мо, тоҷикон, сабақи бузург гашт. Зеро профессор Бурҳониддин Раббонӣ ҳангоми имзои Созишнома аз таги дил сухандронӣ кард, ки ман гумон мекунам, барои ҳар кадоми ҳозирин таъсири амиқ гузоштанд. Номбурда изҳор карданд: «Аҳволи моро дидед, ки акнун чӣ ҳаёт дорем? Мо натавонистем зиндагӣ кардан, ақаллан шумо дар кишвари худатон созиш кунед ва тоҷиконро хор насозед. Тавре сулҳу ваҳдат бандед, ки касе дӯстии шуморо халалдор карда натавонад…»

Пас аз чанд рӯз – 19-23 декабри соли 1996 дар шаҳри Москва мулоқоти чоруми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ доир гардид. Мулоқот ба масъалае, ки дуру дароз мавриди баҳси тарафҳо қарор гирифта буд, яъне таъсис додани ниҳоди алоҳида ба мақсади амалӣ сохтани Созишномаи умумӣ равшанӣ андохт. Чунин ниҳод

Комиссияи оштии миллӣ (КОМ) ном гирифта, доираи вазифаҳо ва ваколатҳои он дар доираи талаботи Сарқонуни Тоҷикистон муайян гардиданд.

Дар натиҷаи гуфтушунидҳо се ҳуҷҷат, аз ҷумла Протокол дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ ба имзо расид.

Баъда аз ин 5-19 январи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон даври шашуми музокироти миёни тоҷикон барпо гардид, ки масъалаи асосии рӯзномаи он таҳия намудани Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ буд. Дар натиҷаи ин мулоқот Протокол оид ба масъалаҳои гурезаҳо ба имзо расид, ки аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ буда, боз як дастоварди муҳим дар раванди гуфтушунидҳо гардид. Мазмуни асосии ин Протокол дар ҳамкорӣ бо намояндагони СММ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ ба таври ихтиёрӣ, бехатар ва боиззат баргардонидани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти доимиашон буд. Ҳукумати ҷумҳурӣ ӯҳдадор гардид, ки реинтегратсияи гурезаҳоро ба ҷойи истиқоматашон таъмин намуда, ба онҳо ёрии молиявӣ, гуманитарӣ расонад, ҳуқуқу манфиатҳои онҳоро барқарор кунад. Дар Протокол пешбинӣ шуда буд, ки гурезаҳо барои иштирок дар ҳодисаҳои қаблӣ – тазоҳуротҳо, муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд. Ин ҳуҷҷат имконият медод, ки гурезаҳо бе тарсу ҳарос аз оқибатҳои ногувор ба Ватан баргарданд ва ба меҳнату зиндагии осоишта машғул шаванд.

21-22 феврали соли 1997 дар шаҳри Машҳади Эрон вохӯрии панҷуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон бо роҳбари ИМТ С. А. Нурӣ доир шуд. Дар рафти ин гуфтушунид Низомномаи Комиссияи оштии миллӣ қабул шуда, боз ду санади дигар, аз ҷумла, Протоколи иловагӣ ба Протокол «Дар бораи вазифаҳо ва ваколатҳои асосии Комиссияи оштии миллӣ» ба имзо расид. Бо қабул шудани ин ҳуҷҷатҳо ба масъалаҳои марказӣ – фаъолияти ниҳоди асосии амалисозии Созишномаи умумӣ – Комиссияи оштии миллӣ ва иштироки намояндагони мухолифин дар ҳокимияти давлатӣ равшанӣ андохта шуд. Дар онҳо иштироки баробари намояндагони мухолифин ва ҳукумат дар Комиссияи оштии миллӣ, ба намояндагони ИМТ додани 30 фоизи мансабҳо дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла, вазоратҳо, муассисаву ташкилотҳо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ инъикос ёфт. Ҳамчунин пешбинӣ гардид, ки Комиссияи оштии миллӣ аз чор зеркомиссия – доир ба масъалаҳои сиёсӣ; доир ба масъалаҳои ҳарбӣ; доир ба масъалаҳои гурезаҳо; доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ иборат мешавад.

Санади дигари дорои моҳияти махсус аз силсилаи ҳуҷҷатҳои Созишномаи умумӣ – Протоколи масъалаҳои низомӣ дар даври

ҳафтуми музокирот, ки аз 26 феврал то 8 марти соли 1997 дар шаҳри Москва баргузор гардид, имзо шуд. Дар ин Протокол дарҷ гардида буд, ки реинтегратсия, халъи силоҳ ва пароканда намудани гурӯҳҳои яроқноки Иттиҳоди мухолифини тоҷик давра ба давра амалӣ карда мешавад. Мувофиқи ин ҳуҷҷат дар давраи аввал гурӯҳҳои яроқноки ИМТ дар нуқтаҳои ҷамъшавӣ дар ноҳияҳои Ғарм, Комсомолобод, Ванҷ, Ҷиргатол, Рушон, Тавилдара, Тоҷикобод, шаҳри Хоруғ ва қишлоқи Мағмуруди ноҳияи Ленин гирд меоянд ва онҳо дар ин нуқтаҳо сабти ном шуда, аз муоинаи тиббӣ мегузаранд, яроқу аслиҳа, техника ва лавозимоти ҳарбӣ ба ҳисоб гирифта, дар биноҳои ҳифзшаванда нигоҳ дошта мешаванд. Ҳамзамон дар ин давра қувваҳои ҳарбии ИМТ аз ҳудуди Афғонистон ба ҳудуди Тоҷикистон ба нуқтаҳои ҷамъшавии зикргардида ба воситаи Ишкошим ва Панҷи Поён давра ба давра оварда мешаванд. Шартҳои супурдани яроқу аслиҳаашон низ пешбинӣ шуда буд.

Дар давраи дуюм, баъди на камтар аз як моҳи ҷо ба ҷо шудани қувваҳои ҳарбии ИМТ дар нуқтаҳои ҷамъгардонӣ аз онҳо сохторҳои низомӣ тартиб дода, ба ҳайати сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.

Дар давраи сеюм комиссияи муштараки аттестатсионӣ ҳайати шахсии қувваҳои ҳарбии реинтагратсияшударо ба тариқи алоҳида аз санҷиш гузаронида, масъалаи коршоям будани онҳоро барои хизмати ҳарбӣ муайян менамояд ва барои таъйин намудан ба вазифаҳои роҳбарӣ пешниҳод мекунад.

Дар давраи чорум қувваҳои сохторҳои реинтегратсияшудаи ИМТ бояд пурра ба сохторҳои қудратии ҳукуматӣ ворид гардида, ба як ҷузъи он табдил ёбанд. Ин раванд бояд то 1 июли соли 1998 ба итмом расад.

Маълум буд, ки ба қарибӣ миёни ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик силсилаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ ба имзо расида, раванди дар амал татбиқ намудани онҳо истиқрори сулҳу осоиштагиро дар кишвар таъмин хоҳад кард. Дар мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии Россия, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон, ки 5 апрели соли 1997 дар Душанбе баргузор гардид, иштирокчиёни он дар баробари муҳокимаи масъалаҳои рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба, ба раванди музокироти тоҷикон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуданд. Дар Изҳороти муштараки мулоқоти машваратии вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Россия, ки дар фарҷоми ҳамоиш қабул гардид, аз ҷумла, зикр ёфтааст, ки иштирокчиёни вохӯрӣ кӯшишҳои роҳбарияти Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷикро барои мӯътадилсозии вазъият дар ҷумҳурӣ ва комёб шудан ба оштии миллӣ дастгирӣ мекунанд. Вазирон омодагии кишварҳои худро барои дастгирӣ намудани Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои вобаста ба барқарор сохтани сулҳ

ва ризоияти миллӣ, расонидани ёрӣ ба ҷумҳурӣ, мусоидат намудан дар татбиқи амалии мувофиқаҳои бадастомада миёни ҳукумат ва мухолифин, аз ҷумла, дар масъалаҳои ҳарбӣ изҳор намуданд.

8-17 апрели соли 1997 дар шаҳри Теҳрон марҳалаи якуми даври ҳаштуми гуфтушуниди байни тоҷикон баргузор гардид, ки мақсад аз он муҳокимаи Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ буд, вале бенатиҷа анҷом ёфт.

Вохӯрии шашуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ва роҳбари ИМТ С.А. Нурӣ 16-18 майи соли 1997 дар пойтахти Қирғизистон – шаҳри Бишкек баргузор гардид, ки дар рафти он ду ҳуҷҷати муҳим – Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ ва Меморандуми Бишкек қабул гардиданд.

Протокол оид ба масъалаҳои сиёсӣ аз он ҷиҳат басо муҳим буд, ки дар ин санад ҷонибҳо доир ба чанд масъалаи усулии сиёсӣ мувофиқа ба даст оварданд. Аз ҷумла, муқаррар гардид, ки Президент ва Комиссияи оштии миллӣ дар рӯзҳои нахустини фаъолияти КОМ ба сифати аввалин ҳуҷҷати сиёсӣ Санади ҳамдигарбахширо қабул мекунанд ва на дертар аз як моҳи баъди қабул шудани Санад қонун дар бораи авф қабул карда мешавад. Ҳамчунин зикр гардид, ки дар давраи гузариш Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ бо шомил намудани 25% намояндагони ИМТ ташкил меёбад. Ҳуҷҷат пешбинӣ намуд, ки ислоҳоти ҳукумат тавассути ворид намудани намояндагони ИМТ ба сохторҳои ҳокимияти иҷроия, бо шумули вазоратҳо, муассисаҳо, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ мувофиқи квота сурат мегирад. Протокол муайян намуд, ки манъ ва маҳдудсозии фаъолияти он ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ки ба ИМТ шомиланд, инчунин воситаҳои ахбори омма пас аз анҷом ёфтани марҳалаи дуюми амалӣ шудани Протокол оид ба масъалаҳои ҳарбӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти Тоҷикистон аз байн бардошта мешавад.

Ҳамчунин дар ин мулоқот ҷиҳати дар Душанбе ҷойгир намудани гурӯҳҳои мусаллаҳи Иттиҳоди мухолифин иборат аз 460 нафар, инчунин 40 нафари дигар барои муҳофизати аъзои Комиссияи оштии миллӣ мувофиқа ҳосил шуд.

Боз як санади муҳим бояд ба имзо мерасид, ки ба ин хотир 22-28 майи соли 1997 дар шаҳри Теҳрон марҳалаи дуюми даври ҳаштуми музокирот барпо гардид. Дар ин вохӯрӣ ду ҳуҷҷати муҳим – Протокол дар бораи кафилони татбиқи Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва Декларатсияи Теҳрон қабул гардиданд.

Дар Протокол омадааст, ки кафолати муҳимтарини иҷрои қатъии Созишномаи умумӣ иродаи неки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарияти Иттиҳоди мухолифини тоҷик, алоқамандиҳои

онҳо ба сулҳ ва ризоияти миллӣ мебошад. Дар ҳуҷҷат ҷонибҳо ба Созмони Милали Муттаҳид роҷеъ ба додани кафолатҳо муроҷиат намуда, ҳамчунин иброз доштанд, ки ҳукуматҳои Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия, Туркманистон ва Ӯзбекистон розӣ шуданд, ки ба сифати кафилони сиёсӣ ва маънавии иҷрои Созишномаи умумӣ аз тарафи ҷонибҳо баромад мекунанд. Ҳамчунин ба мақсади назорати рафти иҷрои Созишномаи умумӣ аз тарафи ҷонибҳо, расонидани кумакҳои машваратӣ, коршиносӣ ва ғайра кишварҳои кафил розигӣ доданд, то дар давраи амалӣ шудани ҳуҷҷати зикршуда Гурӯҳи тамос таъсис диҳанд, ки дар Душанбе қарор дошта, аз намояндагони аккредитатсияшуда иборат хоҳад буд. Дар санад зикр ёфтааст, ки ба Гурӯҳи тамос ҳамчунин Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон, роҳбари Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон ва намояндаи Созмони Конфронси исломӣ ворид мешаванд, Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистон вазифаи ҳамоҳангсози Гурӯҳи тамосро иҷро хоҳад кард

Дар Протокол ҳамчунин дарҷ шудааст, ки САҲА тавассути намояндагии худ дар Душанбе ба амалишавии Созишномаи умумӣ дар масъалаҳои вобаста ба риояи ҳуқуқи инсон ва сохтмони институтҳои демократии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.

Азбаски идома додани гуфтушунидҳо дар ин формат анҷом ёфт, дар ҳуҷҷати ниҳоӣ – Эъломияи Теҳрон дар баробари инъикоси натиҷаҳои вохӯрӣ ҷонибҳо ба давлати Эрон, ки дар раванди гуфтушунидҳо нақши бузурге бозида буд, миннатдорӣ изҳор намуданд.

Ҳамин тариқ, тамоми ҳуҷҷатҳои дар Протоколи 17 августи соли 1995 чун қисми таркибии Созишномаи умумӣ пешбинишуда ба имзо расиданд ва ҳайатҳо дар Теҳрон ба музокирот анҷом бахшида, ба омода намудани мулоқоти хотимавӣ дар сатҳи олӣ пардохтанд.

Оқибат он рӯзи деринтизор даррасид. 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва мулоқоти ҳафтуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ баргузор гардид, ки мақсад аз он имзо кардани Созишномаи умумӣ ва хотима бахшидан ба раванди музокирот буд.

Дар рафти вохӯрии алоҳида (то имзо шудани Созишномаи умумӣ) Протоколи ҳамдигарфаҳмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик С.А. Нурӣ ба имзо расид. Дар ин ҳуҷҷат мувофиқа ба даст омад, ки то 7 июли соли 1997 дар Москва ҷаласаи нахустини Комиссияи оштии миллӣ баргузор карда шавад, то 15 июли соли 1997 чун амали иродаи нек аз ҳисоби асирони ҳарбӣ ва маҳбусон, аз ҷумла, онҳое, ки пас аз феврали соли 1997 боздошт шудаанд, аз ҳарду ҷониб табодули 50 нафарӣ амалӣ карда шавад. Дар ин протокол ҷонибҳо терроризмро қатъан маҳкум намуда, мавқеи устуворро ҷиҳати амалиёти муштаракона

дар мубориза бо он таъйид карданд ва розигӣ доданд, ки далелҳо ва гумонҳои маълумро ба мақсади бадномсозии сиёсии ҳамдигар истифода намебаранд.

Дар гуфтушуниди таърихие, ки 27 июни соли 1997 дар қасри Кремл баргузор шуд, ҳуҷҷати аз ҳама асосӣ дар раванди сулҳи тоҷикон – Созишномаи умумии барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид. Имзо шудани ин санад ба раванди музокироти байни тоҷикон хотима бахшида, барои қадамҳои минбаъда дар барқарор намудани сулҳу оштӣ ва ризоияти миллӣ шароити мусоид фароҳам овард. Дар ин мулоқот ҳамчунин Изҳороти Москва ба имзо расид.

Муҳим будани ин рӯйдоди таърихиро сатҳи иштирокчиёнаш тасдиқ мекард. Дар маросими ба имзо расидани Созишнома Президенти Федератсияи Россия Борис Елтсин ва Сарвазири ин кишвар Виктор Черномирдин, муовини Дабири Кулли СММ, вазирони корҳои хориҷии кишварҳои кафил иштирок карданд.

Тавре дар Созишномаи умумӣ зикр ёфтааст, Президенти Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ аҳд карданд, ки бо имзо намудани ин Созишнома давраи иҷрои пурраи мувофиқаҳои ҳосилшуда сар шуда, он ба муқовимату бародаркушӣ дар Тоҷикистон хотима мебахшад, ҳамдигарбахшӣ ва авфро таъмин мекунад, гурезаҳо ба ҷойҳои зисташон бармегарданд, барои рушди демократии ҷомеа, гузаронидани интихоботи озод ва барқарор кардани иқтисодиёти бар асари ихтилофи бисёрсола харобгардида шароит ба вуҷуд меорад. Дар ҳуҷҷат омадааст: «Сулҳ ва ягонагии ҳамаи тоҷикистониён сарфи назар аз мансубияти миллӣ, сиёсӣ, динӣ ва минтақавии онҳо авлавиатҳои олии миллии кишвар мебошанд».

Дар Изҳороти Москва хабар дода мешавад, ки дар Москва Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид ва ҳамин тариқ гуфтушунидҳои байни тоҷикон оид ба оштии миллӣ бомуваффақият анҷом ёфтанд. Дар ин ҳуҷҷат Президенти Тоҷикистон ва роҳбари ИМТ ба Созмони Милали Муттаҳид, ки таҳти сарпарастӣ ва миёнҷигарии он тайи се сол раванди музокирот идома дошт, сидқан сипосгузорӣ намуда, ибрози умедворӣ карданд, ки СММ минбаъд ҳам барои амалӣ сохтани мувофиқаҳои ҳосилшуда ба Тоҷикистон кумак хоҳад расонид. Онҳо ба давлатҳое, ки дар музокироти тоҷикон мақоми нозирро доштанд – Афғонистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Покистон, Россия, Туркманистон ва Ӯзбекистон барои кумаки беғаразонаашон дар солҳои барои халқи Тоҷикистон вазнин миннатдорӣ изҳор намуданд. Ба нақши САҲА ва Созмони Конфронси исломӣ дар раванди музокирот баҳои баланд дода, боварӣ иброз шуд, ки онҳо низ дар амалӣ сохтани созишҳои бадастомада мусоидат хоҳанд намуд.

Он рӯз мардуми Тоҷикистон ид дошт. Баъди бозгашт аз Москва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро сокинони пойтахт бо гулдастаҳо пешвоз гирифтанд ва дар назди Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ гирдиҳамоии серодам барпо шуд.

Рӯзи 27 июн чун Рӯзи ваҳдати миллӣ ба тақвими ҷашнвораҳои кишвар ворид шуд ва ҳамасола ҷашн гирифта мешавад. Дар асл, ин рӯзи ба имзо расидани Шартномаи умумии сулҳ аст, вале он барои Роҳбари давлат дар доираи як санаи таърихӣ маҳдуд намешавад. Эмомалӣ Раҳмон ваҳдати миллиро чун ғояи пешбаранда дониста, рушди кишварро ба он вобаста медонад. 17 марти соли 1994, ҳангоме ки дар Москва даври нахустини музокироти сулҳи тоҷикон идома дошт, Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон зикр намуд, ки «идеали сиёсии мо ваҳдати миллӣ, муттаҳидию ягонагӣ, дӯстию бародарӣ ва пешрафти Ватани азизамон мебошад». Ин мавзӯъ борҳо зимни сӯҳбату суханрониҳои Эмомалӣ Раҳмон ба миён гузошта шуда, чун яке аз масъалаҳои меҳварии ҳаёти ҷомеаи Тоҷикистон муаррифӣ мешуд. Масалан, Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар иҷлосияи XX Шӯрои Олии ҷумҳурӣ моҳи сентябри соли 1994 иброз дошт, ки «осоиши халқ, рушди давлат, истиқлолияти мо ба ваҳдати миллиамон вобаста аст» ва «ваҳдати миллӣ аз мо тақозо мекунад, ки ҳар гуна кинаву адовати сиёсиву иҷтимоиро фаромӯш кунем», зеро «соҳибистиқлолӣ низ аз ваҳдати миллӣ бармеояд» ва «ваҳдати миллӣ пойдевори ягонагии Тоҷикистон аст».

Он вақт бо шарофати талошҳои пайвастаи Роҳбари давлат ва имзо шудани Созишномаи умумӣ давраи мураккабу душвори ҳаёти ҷумҳурӣ бо сулҳу дӯстӣ ҷамъбаст гардида, Рӯзи ваҳдати миллӣ чун ҷашни миллӣ ба расмият даромад. Акнун давраи дигар шурӯъ шуд ва корҳои зиёде ҷиҳати дар амал татбиқ намудани санадҳои имзошуда ва барқарор намудани сулҳи пойдору бебозгашт дар пеш буданд. Пас аз чанд рӯз Комиссияи оштии миллӣ таъсис ёфт, ки ба ҳаллу фасли ин масъалаҳо пардохт.

Роҳи расидан ба сулҳу оштии миллӣ хеле печидаву пуртазод ва мушкилгузар буд, ки дар он қобилияту истеъдоди Роҳбари давлат чун муҳандису пешбарандаи асосии ин ғояи бузург ҳамеша боло мегирифт ва мақсади пешгирифта боз ҷонибҳоро ба маҷрои асосӣ ҳидоят мекард.

Вобаста ба мушкилоти пешомада дар раванди музокирот ва расидан ба сулҳу оштӣ чанд нуктаро зикр кардан бамаврид аст. Дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ, инчунин сохторҳои ҳукуматӣ ва миёни мухолифин шахсоне буданд, ки қатъан сулҳро намехостанд ва кӯшиш мекарданд, то раванди музокирот ба нокомӣ дучор ояд. Ҳар гоҳ, ки ҷонибҳо ба дастоварде ноил мешуданд, дар ягон гӯшаи ҷумҳурӣ амали фоҷиавие сар мезад: шахсеро террор мекарданд, ҷоеро метарконданд, гурӯҳеро

гаравгон мегирифтанд. Масалан, моҳи октябри соли 1994 ҳангоме, ки ҳайатҳо дар Исломобод дар даври сеюми музокирот ҷамъ омада буданд, дар минтақаи Қаротегин муовини Раиси Шӯрои вазирони ҷумҳурӣ Мунавваршо Назриев тавассути амали террористӣ ба ҳалокат расид. Хусусан солҳои 1996-97 амалиётҳои рӯирости ба бунбаст бурдани музокирот тариқи мураккаб сохтани вазъияти ҷумҳурӣ пайи ҳам рух медоданд. Дар шаҳри Душанбе шахсиятҳои шинохта Юсуф Исҳоқӣ ва Минҳоҷ Ғуломов, сипас Муҳаммад Осимӣ қурбонии амалҳои террористӣ шуданд. Яке аз ҳодисаҳои ташвишовар исёни полковник Маҳмуд Худойбердиев буд, ки бар зидди қувваҳои ҳукуматӣ бархост ва чанде аз мансабдорони сохторҳои давлатии маҳаллӣ бо ӯ ҳамдастӣ доштанд. Муддате бо дахолати Роҳбари давлат ин полковники исёнгар ором гирифт, вале тобистони соли 1997 боз аз нав вазъиятро муташанниҷ карданӣ шуд.

Ғайр аз ин доираҳои муайяни сиёсӣ бо дастгирии қувваҳои берунӣ аз ин раванд манфиатҷӯӣ доштанд. Масалан, се сарвазири собиқи ҷумҳурӣ дар шаҳри Москва бо номи «Эҳёи миллӣ» ташкилоте таъсис дода, тавассути телевизиони Россия баромад карданд. Хусусан А.Абдуллоҷонов, ки аз фикри сари қудтар омадан даст накашида буд, дар роҳандозии баъзе ташаббусҳои сиёсӣ фаъолият нишон дода, ҳатто ба раванди музокирот чун тарафи сеюм шомил шудан мехост. Доираҳои ба ин шахс наздик дар вилояти Ленинобод митингҳо ташкил мекарданд, байни мардум овозаҳо паҳн менамуданд, одамони ба ҳукумат наздикро аз роҳ заданӣ мешуданд. Оқибат 30 апрели соли 1997 онҳо дар шаҳри Хуҷанд ба ҷони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сӯиқасд ташкил карданд, ки дар натиҷаи он Роҳбари давлат ва чандин нафари дигар аз таркиши норинҷак ҷароҳат бардоштанд. Вале ҳамаи ин азми Роҳбари давлатро нашикаст ва ӯ собитқадамона мароми худро пеш мебурд. Қувваҳои мухолиф бошанд пас аз имзои Созишномаи умумӣ низ кӯшишҳои ноором кардани вазъи ҷумҳуриро идома медоданд.

Роҳбари давлат аз ибтидо барои баргузор намудани музокирот таваҷҷӯҳи фавқулода зоҳир менамуд. Ӯ бо истифода аз каналҳои дипломатӣ ва мулоқотҳои бевосита муколамаро бо СММ, САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, давлатҳои кафил идома медод. Ин буд, ки мулоқотҳо дар доираи музокирот дар шаҳрҳои Москва, Теҳрон, Исломобод, Ашқобод, Алмаато, Бишкек, Машҳад, Хосдеҳ (шимоли Афғонистон) баргузор гардиданд, ки нисбати онҳо аз ҷониби роҳбарияти кишварҳои қабулкунанда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мешуд.

Таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат ҳамчунин нисбати ҳайати гуфтушунидкунандаи ҳукуматӣ зиёд буд, бо он мунтазам дар тамос мешуд, тамоми ҳуҷҷатҳои баррасишавандаро меомӯхт, аз рафти музокирот ба пуррагӣ огаҳӣ дошт, барои фаъолияти ҳайат

тамоми шароитҳои заруриро фароҳам меовард. Масалан, вақте ҳайати ҳукуматӣ барои иштирок дар даври дуюми музокирот озими Теҳрон шуд, Роҳбари давлат барои он ҳавопаймои Ту-154 ҷудо кард. Роҳбари давлат пеш аз сафари ҳайат барои гуфтушунид ва баъд аз бозгашт онро қабул карда, андешаашро мешунид, дастуру маслиҳат медод...

Президенти Тоҷикистон 4 июли соли 1997 ба мақсади амалисозии муқаррароти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон дар бораи таъсис додани Комиссияи оштии миллӣ фармон имзо кард. Ба ҳайати он аз Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ (Раис), аз Ҳукумат Абдулмаҷид Достиев (муовини Раис), инчунин аъзои комиссия аз Ҳукумат ва мухолифин шомил шуданд. Тавре пешбинӣ шуда буд, дар ҳайати КОМ 4 зеркомиссия ташкил ёфт.

Пас аз имзо шудани ин фармон 7-10 июли соли 1997 дар шаҳри Москва ҷаласаи якуми КОМ баргузор гардид. Дар маросими ифтитоҳи ҷаласа Вазири корҳои хориҷии Федератсияи Россия Е.М. Примаков комиссияро ба оғози фаъолияташ табрик намуда, муваффақиятҳо орзу кард. Дар ҷараёни ҷаласа ду ҳуҷҷати муҳим – Санади ҳамдигарбахшӣ ва Қонун дар бораи авф баррасӣ шуданд. Ҳамин тариқ, Комиссияи оштии миллӣ ҳамчун механизми дар амал татбиқ намудани Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба кор шурӯъ намуд, ки он институти нав дар давраи гузариш буда, баъди даъвати Парлумони нави кишвар ва иҷро намудани вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда фаъолияташро қатъ мекард.

Пас аз ду моҳ – 11 сентябр раиси Комиссияи оштии миллӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ аз Теҳрон ба Душанбе омад, комиссия дар бинои Меҳмонхонаи «Вахш», ки аллакай таъмир гардида, барои қароргоҳи КОМ омода шуда буд, ҷобаҷо гардид. 15 сентябри соли 1997 ҷаласаи дуюми КОМ баргузор шуд, ки дар оғози он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Намояндаи махсуси Дабири Кулли СММ Г.Д. Меррем, намояндагони САҲА, кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон ширкат варзиданд. Дар ҷаласа Эмомалӣ Раҳмон, Г.Д. Меррем, С.А. Нурӣ суханронӣ карданд. Зимни суханронии худ Роҳбари давлат изҳори умедворӣ намуд, ки комиссия бо шохаҳои ҳокимият ҳамкорӣ мекунад, ваъда дод, ки Президент ва Маҷлиси Олӣ онро дастгирӣ менамоянд, аз СММ ва давлатҳои кафил хоҳиш ба амал овард, ки дар раванди сулҳ фаъолона ширкат варзанд.

Бояд зикр кард, ки КОМ бо чор зеркомиссияи худ – оид ба масъалаҳои сиёсӣ, оид ба масъалаҳои низомӣ, оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва оид ба гурезаҳо дар давоми фаъолияташ тамоми масъалаҳои марбутаро ҳаллу фасл намуд. Дар ин давра қабул шудани санадҳо оид ба авф, гузаронидани реинтеграцсияи ҷанговарони мухолифини

собиқ, мушаххас кардани 30 фоизи мансабҳо дар сохторҳои ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла, вазоратҳо, муассисаву ташкилотҳо, ҳокимиятҳои маҳаллӣ, мақомоти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ аз ҳисоби намояндагони собиқ ИМТ, иҷозат додан ба фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои манъшуда, ба пуррагӣ ҳал кардани мушкилоти гурезагон, иштирок дар интихоботи парлумон ва ғайра аз масъалаҳое буданд, ки КОМ онҳоро мувофиқи санадҳои имзошуда ҳал намуд. Дар ин миён масъалаи реинтегратсияи ҷанговарони мухолифин моҳияти фавқулода дошт, зеро ба эътидол овардани вазъи ҷумҳурӣ аз бисёр ҷиҳат ба он вобаста буд. Вақте ҷанговарони гурӯҳҳои мухолифин пурра реинтегратсия шуданд, маълум гардид, ки баъзе дастаҳои ҷинояткор аслан ба касе итоат намекунанд. Чунин дастаҳо, ки дар атрофи Душанбе ба террору ғорати мардум даст мезаданд, тавассути гузаронидани амалётҳои махсус пурра маҳв карда шуданд.

КОМ ҷаласаҳои машваратии худро ҳафтае як маротиба баргузор менамуд, ки дар онҳо намояндагони созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои кафил ширкат меварзиданд. Гурӯҳи тамос, ки ба он намояндагони СММ, САҲА ва кишварҳои кафили сулҳи тоҷикон – Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон шомил буданд, бо КОМ ҳамкории зич дошт. Ин ду сохтор, чуноне пешбинӣ шуда буд, то баҳори соли 2000 фаъолият намуданд.

Комиссияи оштии миллӣ рисолати худро ба пуррагӣ иҷро намуда, 31 марти соли 2000 фаъолияташро ба анҷом расонид. Пас аз чанд рӯз – 18 апрели соли 2000 дар бораи ба иҷро расидани вазифаҳои Гурӯҳи тамос ва хотима бахшидан ба кори он изҳорот пахш гардид.

Ба мақсади ҷалб намудани аҳли ҷомеа ба раванди сулҳу ваҳдат ва рушди Тоҷикистон бо ибтикори Роҳбари давлат 18 июли соли 1997 баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ дар ҷумҳурӣ Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон таъсис ёфт. Муқаррар шуд, ки мақсади асосии Ҳаракат аз оштии миллӣ ва ваҳдати миллӣ муттаҳидсозии тамоми шаҳрвандон, роҳ кушодан ба эҳёву тараққии Тоҷикистон мебошад. Шоистаи зикр аст, ки ду сохтори ҷамъиятии бо ташаббуси Роҳбари давлат таъсисёфта – Шӯрои ҷамъиятӣ ва Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон пас аз иҷрои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро ҷиҳати дарёфти мувозинати манфиату ақидаҳо ба пешрафти муколамаи нерӯҳои гуногуни ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ идома медиҳанд.

Ҳамин тариқ, музокироти сулҳи тоҷикон ва имзо шудани Созишномаи умумии барқарор намудани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон аҳамияти муҳими ҳаётӣ доштанд. Имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ба ҷанги даҳшатноки дохилӣ

хотима гузошта, давлату миллатро аз чанголи муқовимату ихтилоф наҷот дод. Ин амали хирадмандона ва дурандешона вазъи ҷамъиятиву сиёсиро ба куллӣ тағйир дода, имкониятҳои истифодабарии дастовардҳои истиқлолияти миллиро фароҳам овард ва боварии мардумро ба ояндаи нек ва зиндагии осоишта тақвият бахшид. Аз пайи ин теъдоди зиёди гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои зисти доимӣ баргаштанд, барои обод кардани манзил ва баргардондани онҳо ба ҳаёти орому осоишта шароитҳои мусоид фароҳам оварда шуданд.

Бо дархосту мусоидати Роҳбари давлат барои барқарор кардани иншооти харобгардида дар минтақаҳое, ки ба майдони ҷанг табдил ёфта буданд, аз ҷониби ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ маблағҳои зиёд ҷудо гардид. Аз ҷумла, моҳи феврали соли 1998 Маркази барқарорсозии баъди низоъ ба фаъолият шурӯъ кард, ки мақсади он барқарор намудани иншоотҳои харобгардидаи минтақаҳои Рашту Тавилдара буд. Барои ин 10 млн. доллари ИМА ҷудо гардид ва Марказ барқарорсозии зиёда аз 150 иншооти харобшудаву зарардидаро аз қабили пулҳо, иншооти маорифу тандурустӣ, кишоварзӣ, барқу алоқа дар ноҳияҳои Нуробод, Рашт, Тоҷикобод, Ҷиргатол, Тавилдара ва минтақаи Сағирдашт ба нақша гирифт.

Бо шарофати барқарор сохтани сулҳу осоиштагӣ тадриҷан оштӣ додани нерӯҳои мухолифи сиёсӣ, мустаҳкам кардани асосҳои истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисоди кишвар ва баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ, гузаронидани ислоҳот дар соҳаҳои гуногун муяссар гардид.

Хотирнишон бояд сохт, ки дастрасӣ ёфтан ба сулҳу осоиш барои пешрафти сиёсати хориҷии давлат ҳам аҳамияти махсус дошт. Барои рушди дипломатияи тоҷик давраи нав сар шуд ва дар самтҳои гуногун, бахусус дар рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон, афзоиш додани табодули мол ва ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногун, бо шумули сохтмони роҳҳо, нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва хатҳои интиқоли барқ шароиту имкониятҳои зарурӣ ба вуҷуд омаданд.

Ба ақидаи доираи васеи сиёсатмадорон ва коршиносони ватанию хориҷӣ раванди гуфтушуниди миёни тоҷиконро бо натиҷаҳои он дар таҷрибаи ҷаҳонӣ падидаи нодире шумурдан мумкин аст. Ба андешаи ғолиб оштии миллӣ дар Тоҷикистон бо мусоидати СММ ва кишварҳои кафил намунаи барҷастаи дастоварди дипломатияи боздоранда буда, кишварҳои гирифтори низоъҳои дохилӣ метавонанд аз ин таҷрибаи ибратбахш истифода намоянд.

Роҳбари давлат дар Паёми навбатии худ ба парлумони кишвар 20 апрели соли 2012 ба ду рӯйдоди муҳим дар даврони истиқлолият баҳои баланд дод. Ба назари ӯ «иҷлосияи таърихии 16-ум сохти конститутсиониро дар кишвари тозаистиқлоли мо барқарор сохта, барои ташкил ва фаъолияти пурсамари тамоми сохторҳои давлатӣ

асоси қонунӣ гузошт ва Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мардуми бо амри таърих парешонгаштаи моро ба ҳам оварда, ваҳдати саросарии халқи Тоҷикистонро таъмин намуд ва барои тараққиёти минбаъдаи иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии давлати соҳибистиқлоламон заминаи боэътимод фароҳам овард».

Ҳамин тариқ, Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзи нахустини рисолати роҳбарии давлатро бар зиммаи худ гирифтанаш, ҷиҳати ба сулҳу осоиш, ваҳдату якдилӣ овардани мардум ва аз байн бурдани мушкилоти печидаву ҳолати сангини ҷумҳурӣ пайваста талош намуда, чун як давлатмарди варзида ва меҳанпарасти бузург дурандешона ва собитқадамона оқибат халқу кишвари худро ба кӯи мурод овард. Ҷумҳурӣ дар ҳолати ҷанг қарор дошт, буҳрони сартосарӣ тамоми самтҳои ҳаётро фаро гирифта буд, вале ин шахсияти мудаббиру соҳибтадбир ҷомеаи ҷаҳониро барои амалӣ кардани нияти неки худ мӯътақид сохт ва бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид, дигар созмонҳои байналмилалӣ ва кишварҳои дӯст кореро муваффақона ба нуқтаи анҷом бурд, ки бисёриҳо ба он бо назари шубҳа менигаристанд.

# СИЁСАТИ ХОРИҶӢ ВА ОРМОНҲОИ МИЛЛӢ

*Бикӯш то ба каф орӣ калиди ганҷи вуҷуд,*
*Ки беталаб натавон ёфт гавҳари мақсуд.*

*Камоли Хуҷандӣ*

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо комёб шудан ба истиқлоли давлатӣ мушкилоти зиёдеро аз замони шӯравӣ ба мерос гирифт. Дар давраи шӯравӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ пойбанди низоми иқтисодии давлати абарқудрат буданд ва тамоми нақшаву барномаҳо бо дарназардошти ҳамон низом тарҳрезӣ ва амалӣ мешуданд. Масалан, он вақт дар Тоҷикистон пахтакорӣ самти асосии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб мерафт, вале аз ҳосили он ҳамагӣ то даҳ фоиз дар ҷумҳурӣ коркард шуда, боқимонда ба корхонаҳои Россия, Украина ва ҷумҳуриҳои соҳили Балтика фиристода мешуд. Дар баробари ин ҷумҳурӣ маҳсулоти гуногуни кишоварзиро, аз қабили ғалладона, картошка ва ғайра аз дигар ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ворид мекард. Бо дарназардошти сохтмони НБО «Норак» ва нерӯи арзони барқ дар шаҳри Турсунзодаи Тоҷикистон заводи истеҳсоли алюминий бунёд шуд, вале ашёи хоми он аз дигар ҷумҳуриҳо ворид мегардид. Яъне, он вақт низоми ягона муносибатҳои иқтисодии байни ҷумҳуриҳоро танзим мекард, ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолӣ, махсусгардонии истеҳсолот ва дигар усулҳои роҳандозӣ намудани ин сиёсат дар Москва муайян мешуданд. Бо назардошти он, ки ҷумҳуриҳо бар асари чунин сиёсат аз манфиатҳои худ сарфи назар мекарданд, аз буҷаи умумииттифоқӣ ҳамаи ин то қадри имкон ҷуброн карда мешуд. Масалан, қисми зиёди буҷаи Тоҷикистонро дотатсияи буҷаи умумиитифоқӣ ташкил мекард.

Дар натиҷа, вақте Тоҷикистон истиқлолияти худро эълом намуд, пайи ҳам чандин мушкилоте пеш омад, ки ҷумҳурӣ дар танҳоӣ имкони ҳаллу фасли онҳоро надошт. Дар баробари эҷод шудани чунин мушкилот, ҷумҳурӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида

шуд, ки танҳо зарари иқтисодии он тибқи баъзе ҳисобҳо ба 7 млрд. доллари ИМА расид.

Шикаст хӯрдани низоми қаблӣ дар ҳамаи соҳаҳо таъсири манфии худро гузошт. Риштаҳои ҳамкорӣ бурида шуданд, дар бобати фурӯши нахи пахта, харидорӣ кардани ғалла ва дигар намуди маҳсулоти кишоварзӣ проблемаҳои нав ба миён омаданд. Ҷумҳурӣ маҷбур шуд, ки самтҳои фаъолияти иқтисодиро тағйир диҳад, аз ҷумла, пахтакориро тадриҷан маҳдуд карда, ба парвариши зироатҳои дигар рӯ биёрад.

Аз дигар тараф кишвар ба мушкилоти ҷиддӣ, аз қабили таъмин намудани аҳолӣ бо нерӯи барқ, газ, маҳсулоти нафтӣ ва сӯзишворӣ дучор омад, ки ислоҳ намудани онҳо кори осон набуд. Аз таъсири манфии чунин мушкилот иқтисодиёт ва аҳолӣ дар канор набуданд. Бар замми ҳамаи ин маълум гардид, ки дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор доштани ҷумҳурӣ низ душвориҳои зиёде эҷод мекунад.

Ҳамин тариқ, истиқлолият ҷумҳуриро бо воқеияти дигаре рӯбарӯ овард, ки аз он роҳи гурез набуд ва дар баробари аз байн бурдани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва ба эътидол овардани вазъияти кишвар ҷиҳати ҳаллу фасли мушкилоти бамиёномада зарурат пеш омад.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҳалли мушкилоти иқтисодии ҷумҳурӣ тариқи истифода аз имкониятҳои хориҷӣ аз рӯзҳои аввали сари қудрат омаданаш масъалагузорӣ мекард. Ӯ дар изҳороташ роҷеъ ба яксолагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид зикр намуда буд, ки «мақсад аз барқарор кардани робитаҳои хориҷӣ пеш аз ҳама ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ аст». Дар идомаи ин Роҳбари давлат таъкид кард, ки «мо бояд тиҷорати бароямон манфиатбахшро ёд бигирем, кредитҳои судбахши хориҷиро дарёфт намоем, корхонаҳои муштарак бисозем, ба ибораи дигар, аз имкониятҳои хуби тамаддуни башарӣ бархӯрдор бошем».

Зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ 26 июни соли 1993 Роҳбари давлат иброз дошт, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст сиёсати мутавозину прагматиро пеш гирад ва он бояд аз пайравии якҷониба холӣ бошад. Сиёсати берунии мо инчунин барои тадриҷан бунёд кардани иқтисодиёти миллии ҳозиразамоне мусоидат хоҳад кард, ки бояд ба ҳаёти гуногунпаҳлӯи ҷомеаи байналмилалӣ иртиботи наздик дошта бошад».

Тавре Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониаш дар иҷлосияи XX Шӯрои Олии кишвар 7 сентябри соли 1994 зикр карда буд, ӯ Тоҷикистонро чун кишваре дидан мехост, ки «ба дигарон дастнигар нашавад, балки тавонад ҳам аз нигоҳи иқтисодӣ ва ҳам аз нигоҳи сиёсӣ истиқлолияти худро таъмин кунад». Вале он вақт бар асари ҷанги шаҳрвандӣ ва муташанниҷ будани вазъияти дохилӣ барои ривоҷ додани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ҷалб намудани сармоя имконияти

зарурӣ набуд. Иқтисод рӯ ба коҳиш дошт ва фақат соли 1997, пас аз имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ пастравии он боздошта шуд ва аз соли 2000 ба ҳукумат муяссар гардид, ки ба рушди тадриҷии иқтисоди миллӣ оғоз намояд.

Сарфи назар аз вазъи мураккаби ҷумҳурӣ Роҳбари давлат имкониятҳои хориҷиро барои пурқувват намудани иқтисоди кишвар истифода мебурд. Дар марҳилаи аввал ин дастгирию ҳамкориҳо асосан дар се самт ҷараён мегирифтанд:

Якум, ҷараён додани ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ – Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи умумиҷаҳонии арз, Бонки таҷдид ва рушди Аврупо, Бонки рушди Осиё ва ғайра барои пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ, молиявӣ, бонкӣ, инфрасохторӣ ва гирифтани қарзҳои имтиёзнок барои амалӣ кардани лоиҳаҳои марбут ба чунин нақшаҳо. Бояд зикр намуд, ки дар ин самт ҳамкориҳо то имрӯз идома доранд. Аз ҷумла, ташаккули иқтисоди бозорӣ чун раванди бебозгашт арзёбӣ шуда, ҳадафи асосии ҷумҳурӣ дар доираи густариши ҳамкориҳои судманд бо созмонҳои байналмилалии молиявӣ суръатбахшии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳо ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии мардуми Тоҷикистон мебошад.

Дуюм, гирифтани кумакҳои гуманитарӣ, техникӣ ба хотири дастгирии аҳолӣ ва пурқувват кардани зарфияти сохторҳои давлатӣ.

Сеюм, ба роҳ мондани савдои хориҷӣ.

Бояд зикр намуд, ки то барқарор шудани сулҳу ваҳдати миллӣ ва муътадил шудани вазъият дар ҷумҳурӣ ҳамкориҳо дар бахши иқтисодӣ асосан дар самтҳои зикршуда маҳдуд мешуд ва сарфи назар аз ҳавасмандии кишвар шарикони хориҷӣ барои кори ҷиддие анҷом додан, ташаббус нишон намедоданд.

Пас аз соли 2000-ум Роҳбари давлат ба зарурати тақвият бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ беш аз пеш таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, онро чун яке аз самтҳои авлавиятнок дар фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа, дигар сохторҳои давлатӣ муайян намуд.

Ин зарурат қабл аз ҳама ба хотири таъмин намудани рушди устувори ҷумҳурӣ ва аз байн бурдани мушкилоти ҷойдошта дар иқтисоди кишвар пеш омад. Тавре маълум аст, ислоҳоти фарогир, ки ба думболи ислоҳоти конститутсионӣ тамоми соҳаҳоро ба низоми муайян даровард, дар таҳияи пойгоҳи назариявӣ ва ҳуқуқии иқтисоди бозорӣ, мутобиқсозии тамоми бахшҳои дахлдор, аз ҷумла фаъолияти муассисаҳои бонкию молиявӣ ба талаботи нав ва дар маҷмӯъ ба рушди устувори иқтисодии кишвар таъсири мусбат расонид. Вале ҳалли масъалаҳои ҷудогона маблағҳои калон ва тасмимгириҳои алоҳидаро тақозо дошт. Акнун вазъияти орому осоиштаи ҷумҳурӣ барои тақвияти ҳамкориҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам оварда буд.

Имкониятҳои маҳдуди ҷумҳуриро ба эътибор гирифта, ба мақсади ҷалби ҳарчи бештари кишварҳои ҷаҳон ва созмону ниҳодҳои байналмилалӣ ба ҳамкорӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2002 алоқамандии давлати худро ба сиёсати «дарҳои боз» эълом дошт. Бояд иқрор шуд, ки ҳам аз лиҳози сиёсӣ ва ҳам иқтисодӣ ин роҳи аз ҳама манфиатбахше буд, ки ҷумҳурӣ онро пеш гирифт.

Роҳбари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2005 вазифаҳои муҳими солҳои наздикро барои ҷумҳурӣ чунин муайян карда буд: «Барои марҳилаи минбаъдаи инкишофи ҷомеаи мо вазифаҳое, ки аҳамияти аввалиндараҷа доранд – таъмини рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум, таъмини адолати иҷтимоӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва фарҳангии аҳолӣ, идомаи ислоҳот махсусан дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, кишоварзӣ, дар панҷ соли оянда таъмин намудани истиқлолияти энергетикии давлат, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани Тоҷикистон ва таъмини истиқлолияти озуқаворӣ мебошанд». Дар ин ҷо бахусус зикр кардани се ҳадафи стратегӣ – таъмин намудани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмин кардани амнияти озуқаворӣ зарур аст, зеро ин мушкилот бо соҳиб шудан ба истиқлолият аз замони шӯравӣ мерос мондаанд ва бартараф намудани онҳо вақт ва имкониятҳои васеъро талаб дорад.

Ба мақсади таъмини рушди устувори ҷумҳурӣ Роҳбари давлат роҳу василаҳои гуногунро дар назар дошт. Аз ҷумла, дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз апрели соли 2005 Эмомалӣ Раҳмон зикр кард: «Тоҷикистон аввалин кишварест, ки дар байни 82 давлати рӯ ба инкишоф барои ноил гардидан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид самтҳои асосии Стратегияи миллии рушдро барои солҳои 2007-2015-ум таҳия намуд. Мақсади асосӣ аз он ҷорӣ намудани низоми самарабахш ва шаффофи идораи давлатӣ, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ мебошад».

Сипас ҷиҳати ноил гардидан ба амалисозии Ҳадафҳои рушди ҳазорсола Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ барои солҳои 2007-2009 қабул гардиданд, ки мақсад аз онҳо то дуюним маротиба зиёд кардани маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ ва ду баробар паст кардани сатҳи камбизоатӣ мебошад.

Роҳбари давлат ҳамасола ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардум ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлат таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, барои ҷалби имкониятҳои хориҷӣ вазорату муассисаҳои дахлдорро

муаззаф менамояд. Ба андешаи ӯ «меҳвари асосии чунин сиёсатро бояд дипломатияи иқтисодӣ ташкил диҳад, ки он ба рушду нумӯи Тоҷикистони азизи мо такони тоза бахшида, мақому манзалати онро дар арсаи байналмилалӣ боло барад».

Аз нигоҳи Роҳбари давлат имрӯз ба вуҷуд овардани муҳити ҳарчи бештари мусоид барои ҳалли масъалаҳои дохилии кишвар самти асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистон мебошад, ҳимоя ва таъмини манфиатҳои олии давлат ва миллат дар арсаи байналхалқӣ дар маркази ин сиёсат қарор дорад. Ҳамин тариқ, ҷумҳурӣ сиёсати хориҷии худро тавре роҳандозӣ менамояд, ки он ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва тақозоҳои нави дар пешорӯи давлат ва миллат қарордошта фаъолона мусоидат намояд.

Дар самти истифода аз имкониятҳои хориҷӣ ба хотири амалӣ намудани ҳадафҳои зикршуда ва умуман рушди иқтисоди кишвар Роҳбари давлат тайи солҳои охир чанд самтеро муайян намуд, ки барои пешрафти ҷумҳурӣ ва пурқувватшавии зарфиятҳои он нақши бузург доранд.

1. Истифодаи имкониятҳои берунӣ барои рушди энергетика, ки чун яке аз заминаҳои асосии рушди иқтисодии кишвар дониста мешавад.

Роҳбари давлат борҳо таъкид намуда буд, ки рушди мунтазами иқтисодиёти кишвар бе истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини пурраи ҳамаи соҳаҳо бо нерӯи барқ ғайриимкон аст.

Дар ин самт корҳои зиёде ба мақсади омӯзиши ҳавзаҳо ва конҳои нефту газ ва истифодаи онҳо аз ҷониби ширкатҳои Россия ва дигар кишварҳо сурат гирифтанд. Аз ҷумла, доир ба пешбурди корҳои ҷустуҷӯиву иктишофӣ ва истифодаи захираҳо ҳамкорӣ бо 11 ширкату корхонаҳои ватанию хориҷӣ дар 87 кону майдонҳои нафту газ ҷараён дорад, дар соҳаи истихроҷи ангишт 12 корхонаи гуногун кор мекунад.

Ба истеҳсоли нерӯи барқи обӣ, ки Тоҷикистон барои ин имкониятҳои бузург дорад, аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад. Бо дарназардошти ин, Ҳукумати Тоҷикистон пайваста кӯшиш мекунад, ки рушди босуботи соҳаи энергетика таъмин карда шавад. Бо иштироки Россия сохтмони НБО «Сангтӯда-1» анҷом ёфта, соли 2009 ба истифода дода шуд, амалӣ кардани лоиҳаи НБО «Сангтӯда-2» бо иштироки Эрон дар арафаи анҷомёбист. Ғайр аз ин лоиҳаҳои зиёди сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна, лоиҳаҳо оид ба истифодаи дигар сарчашмаҳои барқароршавандаи барқ (офтоб), таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии амалкунанда (НБО «Норак», НБО «Қайроққум», НБО «Варзоб-1») бо ёрии шарикони хориҷӣ амалӣ мешаванд.

Ба мақсади бунёди системаи ягонаи барқии кишвар, таъмини пурраи эҳтиёҷоти дохилии ҷумҳурӣ бо барқ ва содироти он ба хориҷа Роҳбари давлат вазифа гузошт, ки дар баробари сохтмони нерӯгоҳҳои

барқи обӣ, инчунин ба бунёди инфраструктураи интиқоли он суръат бахшида шавад. Дар натиҷа тайи чанд соли охир хатҳои интиқоли барқи 500-киловаттаи «Ҷануб-Шимол», 220-киловаттаи «Лолазор-Хатлон» сохта ба истифода дода шуданд. Хати интиқоли барқи Тоҷикистон – Афғонистон сохта, мавриди истифода қарор гирифт, ки тавассути он барқи зиёдатӣ ба кишвари ҳамсоя интиқол дода мешавад.

Дар ин самти авлавиятнок имконияту зарфиятҳои дигар низ ба кор андохта мешаванд. Соли 2009 Роҳбари давлат дар Паёми худ ба парлумони кишвар зикр намуд, ки таъмини иҷрои барномаҳои мухталифи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва дар сатҳи устувор нигоҳ доштани рушди иқтисодӣ, ки аз Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2015-ум бармеоянд, ба ҳалли мушкилоти энергетикии кишвар вобаста буда, дар ин самт бояд вазифаҳои зерин амалӣ карда шаванд:

«Якум, бунёди нерӯгоҳҳои хурду миёна ва бузург, хатҳои интиқоли қувваи барқ ва таъсиси системаи ягонаи энергетикии мамлакат.

Дуюм, бо роҳи таъмиру таҷдиди иншооти гидроэнергетикӣ ва барқарорсозии иқтидори онҳо, инчунин шабакаҳои интиқоли барқу газ, гузаштан ба истифодаи технологияҳои каммасрафи энергия ва таъмин кардани рушди бонизоми соҳаи энергетика.

Сеюм, бо истифода аз тамоми захираву имкониятҳо ва ҷалби сармоягузории дохиливу хориҷӣ дар давоми се соли оянда пурра бо гази табиии истеҳсоли худӣ ва дар чор соли оянда бо нерӯи барқ таъмин кардани эҳтиёҷоти мамлакат ва дар ҳамин асос таъмин намудани истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон».

Эмомалӣ Раҳмон ба мақсади дастгирии бештари рушди энергетика ва ҳамкорӣ дар ин соҳа идеяи таъсис додани Консорсиуми байналмилалии гидроэнергетикиро пешниҳод намуда буд, ки то ҳол моҳияти худро аз даст надодааст.

Ин ибтикороти давлати Тоҷикистон аз назари ҷомеаи ҷаҳонӣ берун намемонад ва ин буд, ки зимни татбиқи ташаббуси Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид «Энергияи устувор барои ҳама» дар қатори панҷ кишвари олам Тоҷикистон ба ҳайси кишвари пилотӣ пешниҳод гардид. Вобаста ба ин Роҳбари давлат ба вазорату идораҳои марбута супориш дод, ки бо сохторҳои СММ ҳамкории созандаро ба роҳ монда, аз имкониятҳои ин барнома самаранок истифода намоянд.

Метавон гуфт, ки ҳоло сарфи назар аз афзоиши рӯзафзуни истифодаи нерӯи барқ, ҳолати бӯҳронии солҳои қаблӣ аз байн рафт ва сол то сол таъминоти аҳолӣ ва корхонаҳо бо барқ беҳтар мешавад.

2. Баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ки ҳамчун вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳими пешрафти кишвар шуморида шудааст.

Ин ҳадаф сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, оҳан, пулҳо, нақбҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар инфрасохтори нақлиётиро мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ дар бар мегирад, ки амалишавии он тадриҷан бояд ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ берун оварда, онро ба минтақаи транзитӣ табдил диҳад. Иддае аз тарҳҳои Тоҷикистон хусусияти минтақавӣ ва байналмилалӣ дошта, дастрасии ҷумҳуриро бо бандарҳои баҳрӣ ва шоҳроҳҳои транзитии дигар кишварҳо таъмин хоҳанд кард.

Ба мақсади расидан ба ин ҳадаф бо дастгирии шарикони хориҷӣ корҳои зиёде, аз қабили сохтмони роҳҳо, пулҳо, нақбҳо, таҷдиди иншоотҳои нақлиётӣ ба анҷом расиданд ва ё идома доранд. Аз ҷумла, бо иштироки Хитой нақби автомобигарди «Шаршар» ба истифода дода шуда, сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгарди ҷодаи «Душанбе-Бӯстон-Чанак» бо нақби «Истаравшан», «Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош», «Душанбе-Данғара» бо нақби «Чормағзак» дар арафаи анҷомёбӣ мебошад. Бо иштироки Эрон сохтмони нақби мошингарди «Истиқлол» идома дорад, бо кумаки ИМА пули мошингарди «Дӯстӣ» дар болои дарёи Панҷ сохта мавриди истифода қарор гирифт, масирҳои автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаи Хумб-Хоруғ-Қулма, Қурғонтеппа-Дӯстӣ ва дигар роҳҳои мошингард дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ бо иштироки Япония, Туркия, Эрон сохта мешаванд. Амалӣ шудани чунин лоиҳаҳо имкон дод, ки рафтуомади аҳолӣ ва ҳамлу нақли бор, таъмини бозорҳо бо мол хеле беҳтар шуда, вобастагӣ аз он роҳҳое, ки минтақаҳои алоҳидаи ҷумҳуриро тавассути кишварҳои ҳамсоя мепайвастанд, аз байн равад.

Бояд гуфт, ки амалӣ шудани баъзе нақшаҳо дар доираи ин ҳадафи стратегӣ барои рушди ҷумҳурӣ ва ҳамкориҳои он бо кишварҳои минтақа имкониятҳои зиёд фароҳам оварданд. Барои иртибот бо Афғонистон панҷ пул дар болои рӯди Панҷ сохта шуд, ки тавассути онҳо рафтуомад ва тиҷорат хеле афзоиш ёфт.

Соли 2004 миёни Тоҷикистону Хитой гузаргоҳи сарҳадии Кулма кушода шуд, ки гардиши молро миёни ду кишвар хеле афзуд. Бо сохтмони шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош ҳамчунин табодули мол байни Тоҷикистону кишварҳои минтақа рӯ ба афзоиш дорад.

Дар бобати таҷдиди фурудгоҳҳо корҳои зиёде ба анҷом расиданд. Ҳоло Тоҷикистон дорои чор фурудгоҳи байналмилалӣ (Душанбе, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд) мебошад.

Масъалаи дигар – беҳтар намудани фаъолияти нақлиёт, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ, мустаҳкам намудани робитаҳои нақлиётии кишвар ва тадриҷан ба хатҳои транзитии миёни давлатҳо табдил додани шабакаи роҳҳои оҳану автобомилгарди ҷумҳурӣ мебошад. Ба ин хотир дар сохторҳои марбута (нақлиёти автомобилӣ,

ҳавоӣ, роҳи оҳан) дигаргуниҳо сурат гирифтанд, назди онҳо вазифаҳои нав гузошта шудаанд.

Пешбинӣ шудааст, ки амалӣ шудани ин ҳадафи стратегӣ беҳтар гардидани дастрасӣ ба бозор, зиёд кардани ҳаҷми тиҷорат дар минтақа, паст намудани арзиши хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолиро таъмин хоҳад кард.

3. Таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, ки омили муҳимтарини он пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ муайян шудааст.

Пешрафти истеҳсолоти кишоварзӣ омили муҳимтарини таъмини амнияти озуқаворӣи мамлакат дониста шуда, ба ин мақсад масъалаҳои истифодаи оқилонаи замин, баланд бардоштани ҳолати мелиоративӣ ва ҳосилнокии он, содироти меваю сабзавот, аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа ҳисоб шудаанд. Дар ин самт кори асосӣ бар ӯҳдаи вазорату муассисаҳои дахлдор ва кормандони соҳа вогузор шудааст. Вале иҷрои он паҳлӯҳои зиёде дорад, ки ниёзмандиро ба ҳамкориҳои хориҷӣ тақозо мекунанд. Аз ҷумла, сохтмони корхонаҳои истеҳсолӣ, рушди технологияи коркарди маҳсулоти кишварзӣ, парвариши навъҳои нави растанӣ, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон, рушди боғу токпарварӣ, чорводорӣ ва ғ., овардани техникаи кишоварзӣ самтҳое мебошанд, ки онҳоро дар ҳамкорӣ бо кишварҳои пешрафта амалӣ кардан мумкин аст. Натиҷаи ин бояд дар маҷмӯъ истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба андозаи қонеъкунанда бошад. Ин нуктаро Роҳбари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ аз 25 апрели соли 2008 равшан зикр намуда буд: «мо амнияти озуқаворӣи кишварро танҳо дар сурате таъмин карда метавонем, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии худиро ҳарчи бештар афзоиш дода, аз маводи ғизоии воридотӣ камтар вобаста бошем».

4. Таъсис додани корхонаҳои муштарак ва иштироки шарикони хориҷӣ дар рушди иқтисоди кишвар.

Иштироки сармоя ва истифодаи технологияи пешқадами хориҷӣ барои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисоди Тоҷикистон чун яке аз омилҳои муҳим арзёбӣ мешуд. Роҳбари давлат ба ин самт таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард ва ба ин мақсад дар қонунгузории ҷумҳурӣ заминаи ҳуқуқии бунёди корхонаҳои муштарак ё корхонаҳо бо сармояи хориҷӣ ба вуҷуд оварда шуд. Дар натиҷа, дар соҳаҳои гуногуни саноатӣ чандин корхонаи муштарак таъсис ёфт, ки саҳми онҳо дар истеҳсолоти ватанӣ сол то сол меафзояд. Вижагии чунин корхонаҳои ҳозиразамон дар он аст, ки онҳо барои истеҳсоли номгӯи васеи маҳсулоти ба рақобат тобовар имконият фароҳам меоранд. Аз ҷумла, дар соҳаи саноати сабук корхонаи муштараки коркарди нахи пахта ва то маҳсулоти ниҳоии бофандагӣ ва дӯзандагӣ расонидани он ба нақша гирифта шуданд.

Роҳбари давлат ба сатҳи иштироки кишварҳои ҳамёр дар рушди иқтисоди ҷумҳурӣ таваҷҷӯҳи ҳамешагӣ зоҳир мекунад. Масалан, чанд сол қабл Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи ҳамкориҳо бо кишварҳои Ғарб баҳои баланд дода, дар баробари ин зикр намуд, ки сатҳи ҳамкории бунёдии иқтисодӣ байни Тоҷикистон ва кишварҳои пешрафтаи ғарбӣ бо сатҳи равобити сиёсӣ ва шарикии байналмилалии Тоҷикистон бо ин кишварҳо мутобиқати пурра надорад. Ӯ зикр намуда буд, ки бо кишварҳои алоҳида ҳамкорӣ аз доираи харидории ашёи хом берун намебарояд.

5. Истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва содиротӣ.

Ҳамзамон бо таъмини рушди иқтисод Роҳбари давлат дар назди вазорату муассисаҳои марбута вазифа гузошт, ки ба афзоиши маҳсулоти рақобатпазир ва содиротӣ аҳамияти хоса диҳанд. Аз ҷумла, соли 2005 ба Ҳукумат ва вазорати иқтисод ва савдо дастур дод, ки «ба мақсади таъмини сиёсат дар бахши фаъолияти иқтисодии хориҷӣ» «якҷоя бо сохторҳои дахлдор ҷиҳати афзоиши истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва молҳои воридотро ивазкунанда, барномаҳои мушаххас таҳия намоянд».

Мақсад аз пеш гирифтани чунин сиёсат пурқувват кардани иқтисоди миллӣ, ба кор андохтани зарфиятҳои мавҷуда ва коҳиш додани вобастагии бозори он аз молҳои хориҷӣ буд. Бо қабул шудани Барномаи рушди содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 вазифаҳои нав пеш омаданд, ки дар робита бо иҷрои саривақтии он Роҳбари давлат дар соли 2011 амалӣ намудани тадбирҳои зеринро пешниҳод намуд:

«Якум, азнавсозии сохтории истеҳсолот ба мақсади самтдиҳии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба рушди афзалиятнок ва босуръати корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва диверсификатсияи содирот.

Дуюм, тадриҷан даст кашидан аз тамоюли ашёи хом доштани содирот ва рушди мақсадноки соҳаҳои истеҳсолкунандаи маҳсулоти дараҷаи баланди коркард.

Сеюм, ташкили низоми умумидавлатии дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии содирот, инчунин ташкили шабакаи ҳозиразамони қарздиҳӣ барои содирот ва суғурта».

6. Таҳияи пойгоҳи ҳуқуқии ташвиқи ҳамкориҳои хориҷӣ.

Вобаста ба ин вазифа Роҳбари давлат қайд намуда буд, ки ҷалби сармоягузориҳо муҳити солим ва заминаи мусоидро тақозо менамояд.

Ба мақсади ривоҷ додани дипломатияи иқтисодӣ ва тавсеа бахшидани ҳамкориҳо бо ҳамёрони хориҷӣ, ташаккули иқлими мусоиди сармоягузорӣ, бахусус ҷалби сармояи берунӣ дар самти ба вуҷуд овардани заминаҳои ҳуқуқии он корҳои зиёде ба сомон расиданд.

Дар ин маврид ба соддатару шаффоф гардонидани ҳалли масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти бештар дода мешавад. То имрӯз дар ин росто корҳои алоҳида ба сомон расидаанд ва метавон гуфт, ки бақайдгирии корхонаҳо бо иштироки сармояи хориҷӣ, корхонаҳои муштарак бо иштироки сармояи Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷӣ, низоми супоридани андоз ва дигар намудҳои пардохт соддатар шуд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин самт ҳоло ҳам мушкилоту печидагиҳо ҳастанд ва бесабаб нест, ки Тоҷикистон сарфи назар аз кӯшишу талошҳо дар ҷадвали рейтингҳои ҷолибияти сармоягузорӣ хеле поён қарор дорад. Интизор меравад, ки дар ҳошияи иҷрои супориши Роҳбари давлати Тоҷикистон дар бобати мувофиқ кардани низоми андоз ба талаботи муосир ин ҷиҳат низ ба инобат гирифта хоҳад шуд.

7. Рушди додани савдои берунӣ.

Аз рӯзҳои аввали истиқлолияти ҷумҳурӣ ривоҷ додани савдои хориҷӣ ба яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати хориҷӣ табдил ёфт. Ин самт солҳои аввал дар доираи робитаҳои қаблӣ, аслан бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил сурат гирифта, тадриҷан бо таҳияи заминаҳои ҳуқуқӣ бо соири кишварҳо низ рушд ёфт. Бо назардошти имкониятҳои ҷумҳурӣ савдои хориҷӣ ва табодули мол асосан ба воридот такя намуда, рушди динамикӣ ва устувор надошт. Соли 2005 Роҳбари давлат ба ин тамоюли ноустувор ишора ва таъкид намуд, ки сабаби асосии ин дар кам будани номгӯи маҳсулоти содиршаванда, ки асосан аз алюминий ва нахи пахта иборат буда, пурра аз тағйироти нархҳои ҷаҳонии ин маҳсулот вобастагӣ дорад, мебошад. Он вақт ин андешаро тақвият бахшида, Эмомалӣ Раҳмон зикр намуда буд, ки рушд ва сохтори савдои хориҷӣ ба талаботи рӯз ва пеш аз ҳама ба иқтидори воқеии содиротии кишвар мувофиқат намекунад.

Аллакай чандин сол аст, ки ҷумҳурӣ бо беш аз сад давлат аз панҷ қитъаи олам табодули мол сурат медиҳад. Вале тавре зикр гардид, дар ин самт ҷиҳати васеъ кардани имкониятҳои содиротии ҷумҳурӣ бояд корҳои зиёде амалӣ шаванд.

8. Рушди ҳамкориҳои бонкӣ.

Ҳамкорӣ бо ниҳодҳои молиявии ҷаҳонӣ ва бонкҳои хориҷӣ самти муҳимест, ки Роҳбари давлат муваффақияти амалӣ шудани лоиҳаҳои муштарак ва ҷалби сармояи хориҷиро ба иқтисоди Тоҷикистон дар он мебинад. Аз ин лиҳоз, дар миёни дигар вазифаҳо кушодани намояндагиҳо ва филиалҳои бонкҳои хориҷиро дар кишвар аз самтҳои муҳими сиёсати пуливу қарзии давлат ҳисобидааст.

Дар ин қарина Роҳбари давлат дар Паёми худ ба парлумони кишвар дар соли 2008 зикр намуда буд, ки «мусоидати ҳамаҷониба барои анҷом додани лоиҳаҳои муҳими иқтисодӣ, нақлиётиву коммуникатсионӣ ва энергетикӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодӣ, роҳ

ёфтан ба бозорҳои нав ва бунёд намудани ҷойҳои нави корӣ ҳамчун масъалаҳои асосии сиёсати иқтисодии хориҷии давлат мебошанд». Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки «ба мақсади ҳалли масъалаҳои зикргардида ва суръатбахшӣ ба ислоҳоти иқтисодӣ мо ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо созмонҳои бонуфузи байналмилалии молиявӣ, аз ҷумла Фонди байналмилалии асъор, Бонки Ҷаҳонӣ, Бонки рушди Осиё, Бонки таҷдиду тараққиёти Аврупо ва Бонки исломии рушд идома хоҳем дод».

9. Таъсис додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

Роҳбари давлат тайи чанд соли охир ба таъсис додани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба мақсади ҷалби сармоя таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамуд. Дар натиҷа соли 2008 дар бораи ташкил кардани ду минтақаи озоди иқтисодӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон тасмим гирифта шуд, ки дар оянда бояд ба рушди истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ва тиҷорат такони ҷиддӣ бахшанд. Дар баробари ин ҳамасола ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, инчунин дигар мақомоти дахлдор дастур дода мешавад, ки ҷиҳати ҷалби ҳарчи бештари сармоя лоиҳаҳои инвеститсионии навро таҳия карда, ба сармоягузорони дохилию хориҷӣ пешниҳод созанд.

10. Дохил шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо.

Таҷрибаи ҳосилшуда дар давраи истиқлолият собит сохт, ки муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ дар рушди иқтисоди миллӣ нақши муҳимеро иҷро мекунанд. Бо дарназардошти ин, Роҳбари давлат дар бобати шомил шудани Тоҷикистон ба Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) ба Ҳукумат ва вазорату муассисаҳои марбута супоришҳо дод. Бо назардошти кӯшишҳои қотеъонаи Тоҷикистон, соли 2002 ҷумҳурӣ аз ҷониби СУС ҳамчун нозир эътироф гардид ва гуфтушунидҳоро дар мавриди узвият ба ин созмони бонуфузи ҷаҳонӣ идома дод.

Корҳои омодагӣ ҷиҳати дохил шудан ба СУС асосан дар ду самт идома доранд: якум, бартараф намудани тамоми монеаҳои мавҷуда, ба талаботи системаи бисёрҷонибаи савдо мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ; дуюм, ҷараён додани гуфтушунидҳо бо СУС ва кишварҳои алоқаманд ҷиҳати омода кардани ҷумҳурӣ ва шомил намудани он ба ин созмон. Корҳои омодагӣ барои дохил шудан ба СУС пурра ба анҷом расиданд ва дар ҳафтаҳои наздик масъалаи ба ин созмон дохил шудани Тоҷикистон ҳалли худро хоҳад ёфт.

Бояд зикр намуд, ки ба мақсади истифода аз имкониятҳои хориҷӣ дар рушди кишвар бо шарофати сиёсати «дарҳои боз» ва дипломатияи бисёрсамта тадбирҳои зиёде рӯи кор омаданд. Дар ин самт Роҳбари давлат ба фаъолияти Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷа таваҷҷӯҳи махсус зоҳир кард. Дар натиҷа тайи солҳои охир роҳандозии дипломатияи иқтисодӣ ба яке аз вазифаҳои асосии Вазорати корҳои хориҷӣ ва муассисаҳои хориҷии

Тоҷикистон табдил ёфт. Ба мақсади самаранок намудани ин самти фаъолият дар Консепсияи таҷдиди сохтори Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 30 августи соли 2007 бо Қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ тасдиқ гардид, таъсис додани Раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷӣ пешбинӣ гардид.

Қадами дигар – ин мутобиқгардонии кори намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа бо талаботи муосир ва фаъол намудани он дар ҷодаи дипломатияи иқтисодӣ мебошад. Дар ин қарина ҳоло дар назди сафорату муассисаҳои консулии Тоҷикистон дар хориҷа чанд вазифа истодааст, ки мақсад аз онҳо фаъолгардонии ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар, дастгирии лоиҳаҳои иқтисодӣ, дарёфт намудани ҳамёрони боэътимод, омӯзиши таҷрибаи кишварҳои дигар дар бахши роҳандозӣ намудани ислоҳоти иқтисодӣ, чораандешиҳо ҳангоми бартараф намудани мушкилоти алоҳида, амалӣ намудани лоиҳаҳои ҷудогона ва пешниҳод намудани таклифҳо ба сохторҳои дахлдори кишвар мебошад.

Дар айни замон намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷа мувофиқи имкониятҳои худ корҳои мушаххасро амалӣ месозанд. Ҷараён додани чунин тадбирҳо дар чанд самт сурат мегирад.

Яке аз чунин самтҳо кор бо вазорату муасисаҳои давлатии кишвари иқомат дар бобати ба вуҷуд овардани заминаи шартномавӣ-ҳуқуқии ҳамкориҳост. Дар натиҷаи вохӯрию гуфтушунидҳо лоиҳаҳои санадҳои лозимӣ таҳия ва ба мувофиқа расида, ҳангоми сафарҳои расмии сатҳи олӣ ё баланд ба имзо мерасанд. Ҳоло бо аксари кишварҳои ҳамёр санадҳои зарурӣ, аз ҷумла, роҷеъ ба канораҷӯӣ аз андозбандии дукарата, ташвиқи сармоягузории дуҷониба, оид ба ҳамкориҳо дар саҳаҳои гуногун – саноат, тиҷорат, кишоварзӣ, энергетика, нақлиёт, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои авлавиятнок ба имзо расидаанд. Бояд зикр намуд, ки мустаҳкам намудан ва инкишоф додани пойгоҳи ҳуқуқии муносибатҳо кори доимии Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатӣ буда, вобаста ба таваҷҷӯҳу манфиати тарафҳо ривоҷ дода мешавад. Дар ин самт бо баъзе кишварҳо, аз ҷумла, Россия, Украина, Афғонистон, Қирғизистон ҳамкориҳои миёни вилояту минтақаҳои ду ҷониб ба роҳ монда шудааст, ки дар ин ҳолат ҳокимиятҳои маҳаллӣ низ ба робитаҳои хориҷӣ бевосита ҷалб мешаванд.

Паҳлӯи дигари кори намояндагони дипломатӣ ҷиҳати роҳандозии дипломатияи иқтисодӣ ҷараён додани мулоқоту гуфтушунидҳо бо вазорату муассисаҳои давлатӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон, ширкату корхонаҳо ва соҳибкорони кишвари иқомат мебошад. Дар чунин вохӯриҳо дипломатҳои тоҷик ҳамсӯҳбатони худро бо соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти ҷумҳурӣ шинос намуда, дар бораи қонунгузорӣ, имтиёзҳо барои сармоягузории хориҷӣ, бахшҳое, ки дар онҳо сармоягузорӣ муфидтар аст, лоиҳаҳои инвеститсионӣ, тартиби таъсис

додани корхонаҳои муштарак ё сирф бо сармояи хориҷӣ маълумот медиҳанд. Аз мулоқоту гуфтушунидҳо бо шарикони эҳтимолии хориҷӣ бармеояд, ки таваҷҷӯҳи соҳибкоронро бештар шаффофияти ба расмият даровардани фаъолият, низоми андоз, пардохтҳои гумрукӣ ва ба ҳамин монанд масъалаҳо ҷалб мекунанд.

Самти дигари кор таъмин кардани тамоси бевоситаи роҳбарони корхонаҳо ва соҳибкорони тоҷикистонӣ бо ҳамтоёни хориҷиашон мебошад. Дар ин бахш баргузор намудани анҷуманҳо (бизнес-форумҳо)-и муштараки соҳибкорони Тоҷикистон ва кишварҳои алоҳида чи дар ш. Душанбе ва чи хориҷа ба ҳукми анъана даромадааст. Яке аз имкониятҳои самаранок баргузор намудани чунин анҷуманҳо дар хориҷа ба барномаи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани онҳо мебошад. Дар чунин ҳолат доираи васеи соҳибкорон ва роҳбарони корхонаҳо дар сафар Роҳбари давлатро ҳамроҳӣ карда, дар анҷуман ширкат меварзанд. Иштирок ва суханронии Роҳбари давлати Тоҷикистон дар анҷуман сатҳи онро боло бурда, ба амалӣ шудани мувофиқаҳои ҳосилшуда мусоидат мекунад. Дар баробари ин, ба Тоҷикистон даъват кардани соҳибкорони хориҷӣ беш аз пеш рӯй медиҳад. Масалан, дар моҳҳои май-июни соли 2011 бо кӯшиши сафоратҳои Тоҷикистон дар Покистон ва Арабистони Саудӣ соҳибкорони кишварҳои зикршуда ба Душанбе омада, бо ҳамтоёни тоҷикистониашон дар анҷумани муштараки худ иштирок карданд, бо роҳбарияти ҷумҳурӣ ва як қатор вазорату муассисаҳо мулоқотҳо анҷом доданд. Ба ғайр аз ин, сафарҳои гурӯҳҳои соҳибкорон ё роҳбарони ширкатҳои алоҳида низ маъмул шудаанд.

Солҳои охир ба вуҷуд овардани сохторҳои ҷамъиятӣ бо иштироки соҳибкорони кишвари иқомат ё ҳамватаноне, ки муқими ин кишварҳо гардидаанд, тадриҷан ба ҳукми анъана медарояд. Дар кишварҳои Бенилюкс таъсис ёфтани ассотсиатсияи соҳибкорон бо дастгирию ҳидояти Сафорати Тоҷикистон дар Белгия гувоҳи ин гуфтаҳост. Раиси ин ассотсиатсия ва аксари аъзои он собиқ шаҳрвандони Тоҷикистон мебошанд ва дар бораи ҷумҳурӣ маълумоти хуб доранд. Ассотсиатсия метавонад дар бораи Тоҷикистон ва имкониятҳои сармоягузории он миёни соҳибкорон маълумоти заруриро паҳн карда, доираи онҳоеро, ки бо ҷумҳурии мо майли ҳамкорӣ кардан доранд, зиёд намояд.

Дар бобати ба иқтисоди ҷумҳурӣ ҷалб кардани имкониятҳои ақлонӣ ва молиявии диаспораҳои тоҷикистонӣ дар хориҷа кор бурда мешавад, ки ҳамчунин самараи мусбат дорад. Чунин кор дар кишварҳое, аз қабили Россия, Қазоқистон роҳандозӣ мешавад, ки теъдоди зиёдтари ҳамватанони мо зиндагӣ мекунанд. Дар мулоқотҳои худ бо ҳамватанони бурунмарзӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин нукта аҳамияти хоса медиҳад ва ҳар дафъа онҳоро барои иштироки бештар доштан

дар рушди иқтисоди кишвари худ даъват мекунад. Хушбахтона, ин даъватҳо беҷавоб намемонанд ва солҳои охир саҳми соҳибкорони ватанӣ, ки дар хориҷи кишвар соҳиби сармояи аввалия шудаанд, дар таъсис додани корхонаҳо ва ба кор даровардани технологияҳои нав дар ҷумҳурӣ тамоюли тавсеа ёфтан дорад.

Сафорати Тоҷикистон дар Украина бошад Шӯрои соҳибкорони назди сафоратро таъсис дод, ки инро низ метавон чун як имконияти дигари ҷалб намудани доираҳои кордони ин кишвар барои ҳамкорӣ бо Тоҷикистон маънидод намуд. Ҷараён додани кор тавассути Шӯро метавонад самтҳои ҳамкории соҳибкорони украиниро бо ҳамтоёни тоҷикистониашон муайян намуда, ҳатто доираи ҳамёронро мушаххас созад, то тасмимгириҳо аз рӯзҳои аввал амиқ сурат гирифта, амалҳои тасодуфӣ истисно шаванд. Дар навбати худ Шӯро метавонад ба воситаи ҷалб намудани сармоягузорони украинӣ ба иқтисодиёти Тоҷикистон табдил ёбад.

Ба тавсеа бахшидани ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои ҳаммарз низ диққати махсус дода мешавад. Барои рушду таҳкими бештари чунин робитаҳо фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ лозим аст. Ба ин хотир амалӣ намудани чандин лоиҳа пеш омад, ки дар натиҷа, дигаргуниҳои мусбат ба вуқӯъ пайвастанд. Масалан, баъди он ки дар минтақаи Панҷи Поён пули калони мошингузар ба истифода дода шуд, гардиши мол миёни Тоҷикистону Афғонистон чандин маротиба афзоиш ёфт. Дар бозорҳои наздисарҳадии миёни Тоҷикистону Афғонистон номгӯ ва ҳаҷми молҳое, ки мавриди хариду фурӯш қарор мегиранд, ҳамасола меафзояд. Ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Ноҳияи Мухтори Синҷиан-Уйғури Ҷумҳурии Халқии Хитой низ ҳамзамон бо кушодани роҳҳои мошингузар бамаротиб васеъ гардиданд. Бо вилояти Оши Ҷумҳурии Қирғизистон низ ривоҷ додани ҳамкориҳо сифату мазмуни нав касб мекунад. Дар назар дошта шудааст, ки минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷануб ва шимоли Тоҷикистон барои ривоҷ додани ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ заминаи нав ба вуҷуд меоранд.

Зикр кардан бамаврид аст, ки Вазорати корҳои хориҷӣ чун ҳамоҳангсози масъалаҳои марбут ба сиёсати хориҷии кишвар ҳамаи ин вазифаҳоро дар ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои марбута ба иҷро мерасонад. Дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ва ривоҷ додани ҳамкориҳои судманд бо ҳамёрони хориҷӣ ҳамеша бо Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати энергетика ва саноат, Вазорати кишоварзӣ, Палатаи савдо ва саноат ва дигар сохторҳои дахлдор ҳамоҳангиҳои пайваста сурат мегиранд. Зарур аст, ки имкониятҳои мавҷуд васеътар истифода шаванд. Дар ин маврид аз намоишгоҳҳои Палатаи савдо ва саноат ёдовар шудан мумкин аст, ки барои рекламаи маҳсулоти ҷумҳурӣ ва ҷалби хориҷиён мусоидат мекунанд. Паҳн кардани маводи рекламавӣ

тавассути воситаҳои ахбори омма, сайтҳои расмии вазоратҳо, ба воситаи намояндагиҳои дипломатии ҷумҳурӣ дар хориҷа, дар ҳамоишҳои байналмилалӣ ва дигар имкониятҳо бетаъсир намемонад.

Дар баробари ҳамаи ин, равандҳои ҷаҳонӣ ҳар замон дар муносибату ҳамкориҳои иқтисодӣ дигаргуниҳо ворид намуда, талаботи нав пеш мегузоранд. Боло рафтани арзиши маҳсулоти нафтӣ, афтидани нархи пахта ва алюминий – маҳсулоти асосии Тоҷикистон барои содирот, мушкилоти эҷодшуда ҳангоми ҳамлу нақли мол аз ҷониби кишвари ҳамсоя ва дигар проблемаҳое, ки бар асари бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва молиявӣ пеш омаданд, бори дигар зарурати фаъол намудани дипломатияи иқтисодии ҷумҳуриро собит намуданд. Имрӯз барои ҷумҳурии мо татбиқ намудани лоиҳаҳо дар соҳаи гироэнергетика, аз қабили сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обӣ ва хатҳои баландшиддати барқ, сохтмони роҳҳои оҳану мошингард, ки аҳамияти минтақавӣ доранд ва раҳоӣ ёфтани Тоҷикистонро аз бунбасти нақлиётӣ таъмин хоҳанд кард, аҳамияти махсус доранд. Онҳо лоиҳаҳое мебошанд, ки рушди минбаъдаи кишварро бидуни амалӣ намуданашон тасаввур кардан номумкин аст. Дар татбиқ намудани ин лоиҳаҳо дипломатияи иқтисодӣ бояд ҷойгоҳи худро дошта бошад.

Дар ин росто, тадбирҳои пайгиронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тарҳрезии сиёсати фаъоли хориҷӣ, хусусан дипломатияи иқтисодӣ ҷиҳати ҷалб намудани имкониятҳои берунӣ ба хотири таъмини рушди устувори кишвар, ҳаллу фасли мушкилоте, ки дар баробари соҳибистиқлол шудани ҷумҳурӣ ба миён омаданд ва онҳоро Роҳбари давлат чун ҳадафҳои стратегӣ мушаххас кардааст, бо амалӣ шудани бархе аз тарҳҳои муҳим аллакай дурустии худро собит сохта, дарояндаи наздик кишвари моро ба сатҳи тамоман нави тараққиёт хоҳанд баровард.

# СИЁСАТИ «ДАРҲОИ БОЗ» – ФАРҲАНГИ ҲАМЗИСТӢ БО ОЛАМИ ИМРӮЗ

*Бикӯшеду хубӣ ба кор оваред,*
*Чу дидед сармо, баҳор оваред.*

*Абулқосим Фирдавсӣ*

Эълом доштани сиёсати «дарҳои боз» аз тарафи Роҳбари давлат охири соли 2002 пас аз қабул шудани Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вуқӯъ пайваста буд. Вале принсипҳои коргирӣ аз чунин сиёсат аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон қаблан зикр шуда буданд. Аз ҷумла, Роҳбари давлат дар изҳороти худ роҷеъ ба яксолагии узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Созмони Милали Муттаҳид дар марти 1993 изҳор дошт, ки «ҳамчун узви СММ Тоҷикистон дарҳои худро барои ҳамаи кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ кушодааст».

Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ 26 июни соли 1993 иброз дошт, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст сиёсати мутавозину прагматиро пеш гирад ва он бояд аз пайравии якҷониба холӣ бошад». Ба андешаи ӯ «чунин иқдом бо дарназардошти чандин афзалият сурат хоҳад гирифт», ки «асоситарини онҳо пеш аз ҳама бо роҳҳои сиёсӣ таъмин кардани амнияти Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоиди хориҷӣ барои пешравии ислоҳоти демократӣ, истифодаи кумакҳои моддию техникӣ барои тадриҷан ба иқтисоди бозаргонӣ гузаштан, барқарор кардани муносибатҳои нави мутақобилан муфиди Тоҷикистон бо аъзои ИДМ ва дигар кишварҳои хориҷӣ мебошанд».

Ин фикрро Роҳбари давлат 15 ноябри соли 1993 зимни суханрониаш ба муносибати яксолагии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ бори дигар тақвият бахшид: «Мо бо дарназардошти манфиатҳои Тоҷикистон ният дорем бо тамоми кишварҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ робитаи қавии сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барқарор

намоем», «бо ҳамаи давлатҳои дунё дар асоси манфиатҳои мутақобила ҳамкорӣ хоҳем кард».

Дар нутқи Роҳбари давлат дар Иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии кишвар пешниҳоди ҷиддие роҷеъ ба таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷӣ ва ҷойгоҳи Тоҷикистон дар ҷомеаи байналхалқӣ садо дод. Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба он ки «ҳар гуна сиёсати давлат дар ниҳояти кор дифоъ аз манофеи миллист», иброз дошт, ки «ҳадди ҳунари сиёсатмадорӣ дар арсаи ҷаҳон дарёфтани мувозинати оқилона ва одилонаи манофеи мухталифи давлатҳост». Роҳбари давлат зимни ин панҷ ҳавзаи манфиатҳо ва ҳамкориҳои ҷумҳуриро мушаххас намуд.

Ҳамин тариқ, гуфтан зарур аст, ки тарҳи умумии сиёсати «дарҳои боз» тадриҷан шакл гирифта, пас аз он ки барои ҳамкориҳои васеъ имконият фароҳам омад, Роҳбари давлат иброз дошт, ки кишвараш ин сиёсатро пеш гирифтааст.

Роҷеъ ба моҳият ва мазмуну мундариҷаи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ Роҳбари давлат зимни суханрониҳои худ чанд нуктаро зикр карда буд. Аз нигоҳи Эмомалӣ Раҳмон сиёсати хориҷии давлат чун «идомаи мантиқии стратегияи комплексӣ ва бисёрҷабҳаи давлат ва сохторҳои дахлдори он дар тӯли солҳои истиқлолияти кишвар» дониста мешавад, ки «таъмини манфиатҳои миллӣ, пеш аз ҳама озодӣ, истиқлол, амният, субот, шароити мусоиди пешрафту тараққӣ ва рушди Тоҷикистон ҳамчун субъекти мустақили низоми навини робитаҳои байналмилалӣ ҳадафи марказӣ ва усулии он мебошад». Ба андешаи ӯ низоми навини равобити байналмилалӣ имрӯз ҷиддан тақозо дорад, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳимтарин ҳадафҳои миллии худро дар асоси стратегияи фарогир ва санҷида амалӣ намояд. Аз ин хотир муайян гардид, ки сиёсати хориҷии Тоҷикистон, ки «қабл аз ҳама ба фароҳам овардани шароити созгор ва мусоид барои инкишофи иқтидори моддиву маънавии кишвар равона шудааст, бояд бо тақозои вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯз, таҳлилу баррасии равандҳои ҷадид дар муносибатҳои байналмилалӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти роҳу василаҳои беҳтарини татбиқи манфиатҳои миллӣ ва тақвият додани фазои дӯстонаи ҳамкориву равобит бо кишварҳои дигар пеш бурда шавад».

Роҳбари давлат чунин тасмимгириро аз як ҷониб ба равандҳои ҷаҳонӣ, бахусус, ҷаҳонишавӣ, ва аз тарафи дигар ба манфиатҳои миллии давлати худ ва ҷойгоҳи он дар ҷомеаи байналмилалӣ алоқаманд кардааст. Вобаста ба ин Эмомалӣ Раҳмон соли 2006 зикр карда буд, ки «татбиқи стратегияи минтақавӣ ва байналмилалии Тоҷикистон дар шароити ниҳоят ҳассос, мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони оғози асри XXI ҷараён мегирад, ки равандҳо ва тамоюлоти он ба мазмуни таҳаввули ҳастии иҷтимоии кишвар ва мардуми мо таъсири амиқ ва рӯзафзун доранд ва хоҳанд

дошт». Ӯ иброз дошта буд, ки «ҷаҳонишавӣ дар худ имкониятҳои бузурги пешрафт ва дар айни замон таҳдидҳои ҷиддиро ба ҳаёти башарият омезиш додааст».

Он вақт давраи кӯтоҳи истиқлолияти Тоҷикистонро таҳлил намуда, Роҳбари давлат гуфта буд, ки дар шароити ҷумҳурӣ раванди ҷаҳонишавӣ ва тамоюлоти ба он пайванд бинобар чанд омили асосӣ метавонистанд ба сарнавишти кишвар ва мардуми он таъсири дарозмуддати манфӣ дошта бошанд. Эмомалӣ Раҳмон он омилҳоро чунин мушаххас намуда буд:

1. Ташаккули Тоҷикистон дар шароити бӯҳрони шадиди сиёсиву идеологӣ ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ ва мушкилоти даврони баъди низоъ, мавҷуд набудани сохторҳо ва механизмҳои фаъоли идораи давлат ва ҷомеа, инчунин мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва дахолати хориҷӣ сурат гирифт.

2. Давлати тозаистиқлоли Тоҷикистон ҳамзамон бо таъсис ва таҳкими асосҳои сохтори конститутсионии сиёсиву идорӣ дар ҳама соҳаҳо, пеш аз ҳама дар бахши иқтисод ногузир ба ислоҳоти бунёдӣ даст зад, ки ин иқдом табиатан равандҳои иҷтимоиро шиддат мебахшад ва барои фаъолияти доманадори нерӯҳои сиёсии дохилӣ ва талошу кӯшишҳои таъсиррасонии доираву гурӯҳҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам месозад.

3. Ҷаҳонишавӣ чун дар ҳама ҷо барои ҳифзи асолат ва ҳувияти миллӣ, арзишҳои волои ахлоқиву маънавӣ, симо ва сирати миллии мардуми кишвар хатари ҷиддӣ эҷод намуд. Ба ин сабаб талоши мунтазам ва қотеонаи роҳбарияти ҷумҳурӣ барои ҳифзи онҳо самти афзалиятноки фаъолияти дохилӣ ва хориҷии давлати ҷавони Тоҷикистонро ташкил дод ва силсилаи чораҳои доманадорро тақозо намуд.

4. Дар натиҷаи таъсири ҷиҳатҳои хоси ҷаҳонишавӣ фаъолияти доираҳои террористӣ, экстремистӣ ва қочоқи маводи мухаддир, ки пештар доманаи нисбатан маҳдуд доштанд, хеле васеъ гардид ва ин зуҳурот ба хатарҳои ҷиддии ҷаҳонӣ табдил ёфтанд. Зимни ин Тоҷикистони тозаистиқлол дар хати аввали муқовимат бо онҳо таҳти фишори шадид қарор гирифт. Бо вуҷуди мушкилоти дохилӣ ва таъсири харобиовари вазъи маълуми минтақавӣ Тоҷикистон дар муқобили ин хатарҳо мавқеи усулӣ ва қатъӣ гирифта, худ ва амнияту суботи минтақа ва ҳатто ҷаҳонро аз оқибатҳои фалокатбори онҳо то ҳадди имкон ҳифз кард.

5. Ҷаҳонишавӣ ба тавозуни беҳтари муносибатҳо ва суботи бештари низоми байналмилалӣ мусоидат карда натавонист ва ба рафъи хатари эҳтимолии бархӯрди тамаддунҳо комёб нашуд, ки чунин вазъ барои ҳамаи давлатҳо ва кишварҳо, дар навбати аввал давлатҳои ҷавон таҳдиди нисбатан ҷиддӣ дорад.

Дар ин қарина Роҳбари давлат зарурати дарки масъулона ва пешбурди созандаи манфиатҳои глобалиро таъкид намуда, ба роҳ мондани ҳамкории судманди байналмилалиро ба хотири коҳиш ва рафъи хатарҳои асосии глобалӣ – терроризм, экстремизм, қочоқ ва муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории трансмиллӣ, ҳамчунин офатҳои экологӣ ва техногенӣ самти муҳимтарини талошҳои муштараки ҷомеаи башарӣ мешуморад. Ба андешаи ӯ пешгирии оқибатҳои ниҳоят хатарноки тамоюлоти дигари рӯз, қабл аз ҳама «бархӯрди тамаддунҳо» низ аз вазифаҳои муҳимтарини башарият аст. Зимни ин, Эмомалӣ Раҳмон калиди аслии муваффақияти ҷомеаи ҷаҳониро дар таҳия ва татбиқи стратегияи фарогир ва ширкати амалии ҳамаи давлатҳо дар ҳалли проблемаҳои зикршудаи ҳаётии умумибашарӣ ва бо ҳамин роҳ таъмин намудани манфиатҳои глобалӣ мебинад.

Аз ин нигоҳ, яке аз омилҳои асосии эълом доштани сиёсати «дарҳои боз» ҳамин равандҳои ҷаҳонӣ мебошанд, ки дарки амиқи пайванди манфиатҳои миллӣ ҷумҳуриро бо тақозоҳои ҷаҳони муосир ба ширкати фаъол дар ҳалли масъалаҳои муҳимтарини глобалӣ ҳидоят намуд.

Тарафи дигари масъалаи рӯ овардан ба сиёсати «дарҳои боз» тавре зикр гардид, ҳифзи манфиатҳои миллии давлат ва мустаҳкам намудани мавқеи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Роҷеъ ба ин масъала чанд мавридро зикр кардан зарур аст, ки дар доираи ин сиёсати Роҳбари давлат роҳу василаҳои асосии ҳамкориҳои байналмилалии Тоҷикистонро бо назардошти манфиатҳои кишвар мушаххас мегардонанд:

1. Тоҷикистон муносибатҳои худро бо давлатҳои узви СММ дар асоси принсипҳои эҳтироми истиқлолият, тамомияти марзӣ, баробарҳуқуқӣ ва манфиати тарафайн, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ, ҳуҷум накардан ба ҳамдигар, ҳамзиштии осоишта ба роҳ мемонад. Зиёда аз ин, принсипҳои дигаре низ ҳастанд, ки дар конвенсияҳо ва дигар санадҳои байналмилалӣ, инчунин қонунгузории ҷумҳурӣ, аз қабили риояи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, таъмини ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ, ҷилавгирӣ аз фаъолияти ҳизбу гурӯҳҳои сиёсие, ки идеяҳои фашизм, нажодпарастӣ, бадбинию зиддияти мазҳабию миллиро талқин мекунанд, зикр ёфта, дар муносибатҳои байнидавлатӣ ба инобат гирифта мешаванд.

2. Тоҷикистон дар ҳама гуна ҳолатҳои ривоҷ додани сиёсати хориҷӣ манфиатҳои миллии худро ба инобат мегирад. Вале ин маънои ба манфиати худ ва бар зарари дигарон кор карданро надорад. Баръакс, ҷумҳурӣ сидқан тарафдори ҳамкориву ҳамшарикии баробарнафъ аст ва кӯшиш мекунад, ки судмандии ҳамкориҳо мутақобила бошад. Ба ин восила Тоҷикистон тавонист дар муддати кӯтоҳ доираи дӯстону шарикони худро дар миқёси ҷаҳонӣ хеле афзоиш диҳад.

3. Ҳангоми ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳои дуҷониба доираи онҳо дар ҳамин шакл маҳдуд мемонад, яъне онҳоро бар зидди давлати сеюм истифода намебарад. Чунин коргирӣ имкон дод, ки Тоҷикистон ҳамзамон бо кишварҳое ҳамкориҳои густарда дошта бошад, ки миёни ҳамдигар мухолифат ё зиддияте доранд.

4. Муносибату ҳамкорӣ бо як кишвар ҳамкориро бо кишвари дигар инкор намекунад. Ин усули муносибат имкон дод, ки роҷеъ ба ҳалли масъалаҳои мушаххас ҷумҳурӣ бо кишварҳои гуногун ҳамкорӣ кунад ва пойбанди кишварҳои алоҳида набошад. Хусусан дар самти истифодаи имкониятҳои байналмилалӣ барои рушди кишвар ин омил аҳамияти махсус дорад.

5. Ҳангоми ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳо ҷумҳурӣ тавозунро нигоҳ медорад. Тоҷикистон бо чунин сиёсати мутавозину мусолиматомез ва санҷидаву фарогир мақсади ҳарчи зиёдтар намудани сафи дӯстони худро дошта, ҳамзамон бо шарикони анъанавӣ, ки иддае аз онҳо чун «шарики стратегӣ» мушаххас шудаанд, ҳамкориҳои худро таҳкиму тавсеа мебахшад.

6. Муносибатҳо бо созмонҳои байналмилалӣ ба хотири ҳиссагузорӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақавӣ ва байналмилалӣ, инчунин таҳкими иқтидори ҷумҳурӣ ҷараён дода мешаванд. Зимни ин Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки масъалаҳои усулии минтақавӣ ва глобалӣ, мушкилоти ҷиддии давлатҳои алоҳида дар доираи меъёрҳои байналмилалӣ ва таҳти васояти СММ ҳалли худро пайдо намоянд. Ин усул барои нигоҳ доштани низоми ҷаҳонӣ ва коҳиш додани амалҳои кишварҳои алоҳида ба хотири таҳмил кардани мавқеи худ аҳамияти калон дорад.

7. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ бо назардошти сатҳи муносибату ҳамкориҳо доираи давлатҳо ва минтақаҳоеро мушаххас кардааст, ки дар муносибат бо онҳо авлавият дода мешавад. Ин самти бисёр муҳими ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷист, ки вижагиҳои худро дорад. Тавре зикр гардид, моҳи декабри соли 1993 Роҳбари давлат бо назардошти воқеияти онвақта панҷ ҳавзаи зерини ҳамкориҳои ҷумҳуриро муайян карда буд: Иттиҳоди давлатҳои мустақил; Осиёи Марказӣ; фазои зисту амали кишварҳои ҳамсояи форсизабон; доираи нуфузи давлатҳои мусалмоннишини Шарқ; ҷомеаи байналмилалӣ. Солҳои баъдӣ минтақаҳои дигаре, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, кишварҳои араб ва ин номгӯй дохил шуданд, ки имрӯз дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи мустаҳкам пайдо кардаанд. Илова бар ин, ҳамкориҳо бо давлатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором тадриҷан вусъат пайдо карда, тамоюли ба шарикони муҳими Тоҷикистон табдил додани кишварҳои минтақаи зикршуда мавҷуд аст. Ба мақсади дар оянда ривоҷ додани ҳамкориҳо

бо кишварҳои Америкаи Лотинӣ, Африка ва Австралия низ тадриҷан заминаҳо фароҳам оварда мешаванд.

Бояд зикр намуд, ки ҳар як минтақае, ки Тоҷикистон бо он муносибату ҳамкорӣ дорад, соҳиби вижагиҳои хосаи худ буда, ҷои онро минтақаи дигаре гирифта наметавонад. Дар баробари ин, ҷумҳурӣ кӯшиш мекунад, ки ин тавозун нигоҳ дошта шавад. Вобаста ба ин мавзӯъ Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ моҳи декабри соли 1993 таъкид дошта буд, ки «ҳангоми муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷиамон, хусусан авлавияти ину он тадбир ё ташаббуси байналхалқӣ, моро зарур аст, ки манфиат ё ниёзҳоеро, ки дар ҳавзаҳои мазкур дорем ва ё хоҳем дошт, ба ҳам муқобил нагузорем».

Иттиҳоди давлатҳои мустақил минтақаест, ки аксари ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравиро (ғайр аз ҷумҳуриҳои соҳили Балтика) дарбар гирифтааст. Азбаски ҳамаи иштирокдорони он дар замони Иттиҳоди Шӯравӣ шомили як давлати муқтадир буданд ва дар як фазои сиёсию иқтисодию идеологӣ ва забонӣ фаъолият мекарданд ва низоми ягонаи иқтисодӣ онҳоро бо риштаҳои зиёд вобастаи ҳам карда буд, дар замони соҳибистиқлолӣ ба шарикони нахустини ҳамдигар табдил ёфтанд. Арзишҳои умумӣ ва бисёр алоқамандиҳои дигар имкон доданд, ки давлатҳои навбунёд бо такя ба онҳо фазои нави муносибату ҳамкориҳоро эҷод намоянд.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ бошад ба вижагиҳои муносибату ҳамкориҳо дар доираи ИДМ хусусиятҳои дигаре илова мешаванд, ки хоси кишварҳои минтақа буда, доираи муносибату ҳамкориҳоро васеътар месозанд. Инҳо – мавқеи ҷуғрофии минтақа, наздикии марзҳо, ягонагии дину мазҳаб, арзишҳои умумии таърихӣ, фарҳангӣ ва дигар вижагиҳо мебошанд, ки барои густариши муносибатҳо шароити муносиб фароҳам меоранд.

Бо кишварҳои олами ислом Тоҷикистонро пеш аз ҳама арзишҳои динию фарҳангӣ алоқаманд месозад, ки барои густариш додани робитаҳо аҳамияти хоса доранд.

Иттиҳоди Аврупо, ки тайи даҳсолаи охир бо кишварҳои Осиёи Марказӣ, хусусан Тоҷикистон муносибату ҳамкориҳои худро ҷиддан таҳкиму тавсеа бахшид, дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ҷойгоҳи устувори худро пайдо кард. Арзишҳои демократӣ, дастовардҳои бузурги илми-техникӣ, технологияи пешрафта ва дигар мавзӯъҳо муайянкунандаи асосии доираи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо гардиданд.

Осиёи Шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором ҳам метавонад дар сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ мавқеи устуворе дошта бошад. Ҳануз соли 2005 Роҳбари давлат сатҳи ҳамкории ҷумҳуриро бо Япония, Ҷумҳурии

Корея, Таиланд, Сингапур ва баъзе кишварҳои Осиёи Шарқӣ баҳо дода, таъкид намуда буд, ки он ҷавобгӯи имконот ва захираҳои мавҷуда нест. Зимни ин Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки «мо метавонем сармоя ва технологияи навини давлатҳои пешрафтаи ин минтақаи бузургро ба манфиати рушди босуръати кишварамон ҷалб намоем». Пас аз ин чанд қадами ҷиддие гузошта шуд, ки сатҳи ҳамкориҳоро тадриҷан боло бурданд.

Яъне, сиёсати «дарҳои боз» имкон дод, ки ҳар як минтақа дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро дошта бошад ва мувофиқи он муносибату ҳамкориҳо ривоҷ дода шаванд.

Тахминан чунин усулҳои муносибату ҳамкорӣ бо кишварҳои алоҳида ба роҳбарӣ гирифта шудаанд. Аз миёни давлатҳои минтақаҳои зикршуда чанд кишвареро, аз қабили Россия, Хитой, ИМА, давлатҳои Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон, Покистон, Ҳиндустон, Туркия, Япония, Олмон метавон ном бурд, ки бо вижагиҳои муносибат, доира ва сатҳи ҳамкориҳо дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон мавқеи хоса доранд.

Ба муносибатҳои Тоҷикистон бо Федератсияи Россия таърихи чандҳазорсолаи муштараки ҳиндуаврупоӣ, робитаҳои наздик аз нимаи дуюми асри XIX, ҳамзистӣ дар таркиби Иттиҳоди Шӯравӣ, ҳамкориҳо дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, бахусус иттиҳодияҳои байнидавлатии дар миқёси пасошӯравӣ таъсисёфта (ИДМ, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё), ҳамзистӣ дар фазое, ки дар замони шӯравӣ шакл гирифта, арзишҳо ва вижагиҳои худро дорад, мавқеи монанд ё наздик роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои байналмилалӣ, самтҳои зиёди ҳамкориҳои дуҷониба, ҳаҷми бузурги табодули мол, амалисозии лоиҳаҳои муштараки иқтисодӣ, ҳузури ҳарбии Россия дар ҷумҳурӣ ва соири дигар риштаҳо таъсири амиқ гузошта, аз ин хотир ҳарду кишвар ҳамдигарро чун «шарики стратегӣ» шинохтаанд.

Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамсояи наздику ҳамсарҳади Тоҷикистон буда, дар муносибатҳои ҳарду кишвар арзишҳои таърихию фарҳангӣ, ҳамкориҳо дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай, самтҳои гуногуни ҳамкорӣ, амалигардонии лоиҳаҳои инфрасохторӣ дар ҷумҳурӣ, хусусан дар доираи ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон, ҳаҷми бузурги табодули мол ва дигар омилҳо нақши калон доранд.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка пас аз воқеаҳои сентябрии соли 2001 ҷиддан рушд ёфта, масъалаҳои амниятӣ, мубориза алайҳи терроризм, қочоқи маводи мухаддир ва дигар мавзӯъҳоро дарбар мегиранд.

Тоҷикистон бо ҳамсояҳои наздикаш дар Осиёи Марказӣ – Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон умумиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ дорад, мавқеи ҷуғрофӣ, захираҳои табиӣ

ва дигар омилҳо имкон медиҳанд, ки сатҳи муносибатҳо дар минтақа ҷавобгӯи манфиатҳои ҳамаи кишварҳо бошад.

Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Исломии Эрон арзишҳои умумии таърихӣ, фарҳангӣ, забонӣ, динӣ ва ғайра пайваста, бо назардошти ин ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун ривоҷ доранд. Қаробати зиёди таърихию фарҳангӣ ва сатҳи муносибатҳои имрӯзаро ба ҳисоб гирифта, Роҳбари давлат иброз дошт, ки Эрон шарики табиии стратегии Тоҷикистон аст.

Ҳамсояи наздик – Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсусро ишғол кардааст. Имрӯз бо дарназардошти вазъияти мураккаби ин кишвар мусоидат намудан дар таъмини сулҳу субота он яке аз масъалаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Тоҷикистонро бо Ҷумҳурии Покистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон риштаҳои зиёди таърихию фарҳангӣ пайвастаанд ва дар замони соҳибистиқлолӣ сатҳи муносибату ҳамкориҳо ин наздикию алоқамандиҳоро бори дигар собит сохт. Бояд гуфт, ки бо муътадил шудани вазъи Афғонистон ва амалӣ шудани баъзе лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ сатҳи ҳамкориҳо бо ин ду кишвар хеле боло хоҳад рафт.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Туркия аз умумиятҳои мазҳабию фарҳангӣ манша гирифта, дар солҳои аввали истиқлолияти ҷумҳурӣ маҷрои худро соҳиб шуданд ва имрӯз ин кишвар дар соҳаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ яке аз шарикони боэътимоди Тоҷикистон ба шумор меравад.

Гарчанде сатҳи муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Япония – кишвари аз нигоҳи иқтисодию технологӣ пешрафта тайи солҳои охир хеле боло рафт, вале зарфияту имкониятҳои таҳкиму тавсеа бахшидани онҳо зиёданд.

Ҷумҳурии Федеративии Олмон – кишвари муқтадир ва пешбари Иттиҳоди Аврупо дар самтҳои мухталиф – сиёсат, иқтисод, тиҷорат, илм, фарҳанг, маориф, туризм ва ғайра бо Тоҷикистон ҳамкорӣ дорад ва муносибатҳои ду давлатро беш аз чил санади дуҷониба ҳамоҳанг мекунанд.

Дар баробари ин Тоҷикистон кӯшиш дорад, ки доираи ҳамкориҳои худро бо кишварҳои пуриқтидор, мисли Фаронса, Италия, Канада, Бразилия, Аргентина, Кореяи Ҷанубӣ, Индонезия, Австралия, як қатор давлатҳои олами араб тавсеа бахшида, онҳоро ба ҳамёрони ҷиддии худ табдил диҳад.

Ҳамин тариқ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар замони истиқлолият комилан тақвияту тавсеа ёфта, доираи ҳамкорию муносибатҳои он хеле васеъ гардиданд, ки дар ин раванд сиёсати «дарҳои боз»-ро пеш гирифтани Президенти кишвар моҳияти

аввалиндарача дорад. Дар ин давра дар баробари таҳкиму тавсеаи робитаҳо бо шарикони анъанавӣ дар ИДМ ё ҳамсоякишварҳои осиёӣ Тоҷикистон ҳамкориҳои худро бо давлатҳое ба роҳ монд, ки қаблан бо ҷумҳурӣ ягон робитае надоштанд. Ин дуруст аст ва яке аз мақсадҳо аз эълом доштани сиёсати «дарҳои боз» ба доираи муносибату ҳамкориҳои худ ҷалб намудани кишварҳои нав буд. Ин нуктаро Роҳбари давлат борҳо таъкид дошта буд, яъне Тоҷикистон ҷонибдори ҳамкории созанда бо ҳар кишваре мебошад, ки барои чунин равобит бо он тайёр аст.

Роҳбари давлат соли 2007 дар Паёми худ ба парлумони кишвар натиҷагириҳои худро аз панҷ соли эълом доштани сиёсати «дарҳои боз» чунин иброз дошта буд: «Имрӯз мо шоҳиди дурустии ин сиёсат буда, рушди равобити Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар чорроҳаи байналмилалӣ мавқеъ дорад, бо ҳамаи кишварҳои Шарқу Ғарб мебинем ва мисли пештара ҷонибдори чунин муносибатҳои созандаву беғараз, холисонаву содиқона бо тамоми кишварҳои ҷаҳон ҳастем».

Имсол аз эълом доштани сиёсати «дарҳои боз» аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон даҳ сол сипарӣ шуд ва натиҷагириҳои мушаххас метавонанд аҳамияти ин сиёсатро барои рушди кишвар ба субут расонанд:

Якум. Тоҷикистон тавонист дар миқёси байналмилалӣ худро ҳамчун давлати фаъол муаррифӣ намояд, чандин ташаббуси он ҷиҳати ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, роҷеъ ба вазъи Афғонистон аз ҷониби СММ, САҲА, СҲИ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ҷонибдорӣ пайдо карданд.

Дуюм. Зимни ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, инчунин давлатҳои алоҳида Тоҷикистон тавонист шароити мусоиди байналмилалиро ҷиҳати рушд ва инкишофи устувори худ истифода барад.

Сеюм. Ҳангоми густариш додани муносибатҳо бо кишварҳои хориҷӣ Тоҷикистон ба он комёб шуд, ки: а) муносибату ҳамкориҳои анъанавиро бо шарикони қаблӣ устувор нигоҳ дошта, онҳоро таҳкиму тавсеа бахшад; б) кишварҳои навро ба доираи муносибатҳояш кашида, самтҳо ва уфуқҳои тозаи ҳамкориҳоро кашф намояд; в) тавозунро дар муносибат бо кишварҳои алоҳида, хусусан кишвархои абарқудрат нигоҳ дорад.

Чорум. Дар вазъи зудтағйири ҷаҳони имрӯза ва таҳаввулоти ҷиддии олами муосир Тоҷикистон ба он муваффақ шуд, ки дар баробари таъмини суботи сиёсӣ, амнияти сарзамин ва дар маҷмӯъ татбиқи манфиатҳои миллӣ, инчунин афзалиятҳо, усулу асосҳо ва суннатҳои сиёсати хориҷии худро таҳия ва амалӣ созад.

Ҳамин тариқ, сиёсати «дарҳои боз», ки аз ибтикорот ва иқдомотиояндасози Эмомалӣ Раҳмон буд, имкон фароҳам овард, ки Тоҷикистон

тариқи чунин дипломатияи бисёрсамта мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти сайёра мустаҳкам созад, ба доираи ҳамкориҳои худ давлатҳои бисёрро ворид намуда, бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ тавозуни муносибатҳо ва манфиатҳоро таъмин кунад. Агар тариқи дигар ифода намоем, Тоҷикистон аз сиёсати «ё ин, ё он» канораҷӯӣ намуда, ба сиёсати «ҳам ин, ҳам он» рӯ овард, ки дар натиҷа ҷумҳурӣ дар асоси принсипҳои баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои дохилӣ ва эҳтироми манфиатҳо ҳамёрони зиёде пайдо кард ва онҳо имрӯз дар рушди иқтисодии кишвар тариқи додугирифти мол, таъсис додани корхонаҳои муштарак, амалӣ намудани лоиҳаҳои алоҳида саҳми босазо мегузоранд.

Бешак, ин ҳама дастовардҳо маҳсул ва натиҷаи сиёсати дурнигарона ва санҷидаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аст, ки имрӯз дар маҳофили байналмилалӣ мавриди таҳсину тақдир қарор гирифтааст.

# ТАМОЮЛИ БОТИНӢ БА СӮИ ТАҲКИМИ РАВОБИТИ ДЕРИН

*Дӯстони сахтпаймонро зи душман бок нест,*
*Шарти ёр он аст, к-аз пайванди ёраш нагсалад.*
*Сад ҳазорон хайти якторо набошад қуввае,*
*Чун ба ҳам бартофтӣ, Исфандиёраш нагсалад.*

*Саъдии Шерозӣ*

## Иттиҳоди давлатҳои мустақил

Ширкати ҳамаҷониба дар фаъолияти Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ) ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳо бо кишварҳои аъзои он дар сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали ба ҳайси Роҳбари давлат интихоб шуданаш мавқеи афзалиятнокро ишғол менамояд. Дар ин қарина, ӯ 29 сентябри соли 1993 зимни нахустин суханронии худ аз минбари Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид иброз намуд, ки «дар хусуси иштироки мо дар ИДМ сухан ронда бояд таъкид кунам, ки Тоҷикистон … барои таҳкими ин Иттиҳод сайъу кӯшиш мекунад».

Чанде баъд, аниқтараш 28 декабри ҳамон сол дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат зимни дастурҳои барномавии худ ҷиҳати муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷии кишвар тазаккур дод, ки ҳавзаи якуми он «Иттиҳоди давлатҳои мустақил аст, ки бо вуҷуди душвориҳои солҳои аввали ташаккулаш, ба сӯи таҳкими равобити ҳамаҷиҳата тамоюли ботинӣ дорад». Ӯ чунин авлавиятро дар мисоли ҳамкориҳо бо кишвари меҳварсози ИДМ – Федератсияи Россия шарҳ дода, қайд намуд, ки ба рушду равнақи онҳо ду омил мусоидат мекунад:

1. Сарҳади давлатии Тоҷикистону Афғонистон, ки бо назардошти аҳамияти стратегии худ сарҳади ИДМ эълон шудааст ва аз тарафи сарҳадбонон ва Қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ посдорӣ мешавад;

2. Пайвастагии гуногунҷиҳатаи иқтисодӣ бо хоҷагии халқи Россия.

Дар иртибот ба омили аввал Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 1994 дар иҷлосияи 49-уми Маҷмааи Умумии СММ нақши кишварҳои ИДМ, алалхусус Россияро дар истиқрори сулҳ дар кишвар ва ҳимояи сарҳади ҷанубии он таъкид сохта, пешниҳод намуд, ки ба Қувваҳои муштараки ҳомии сулҳи ИДМ дар Тоҷикистон мақоми қувваҳои ҳомии сулҳи СММ дода шавад. Бешубҳа, вазъи ҷумҳурӣ, ки он вақт дар ҳоли рафъи низои дохилӣ ва таҳдиди қувваҳои экстремистӣ аз сарҳади Афғонистон қарор дошт, чунин тасмимро талаб менамуд.

Ҳамзамон силсилаи омилҳои дигар, аз ҷумла, сиёсиву иқтисодӣ ва гуманитарӣ мавҷуд буданд, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ нигоҳдории робитаҳои қаблиро дар фазои пасини он тақозо менамуд. Зеро якбора ва қатъан канда шудани робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ барои халқҳои ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ва ниҳодҳои соҳаҳои мухталифи хоҷагидори онҳо, ки муддати даҳсолаҳо ба ҳам печида, ташаккул ёфта буданд, мушкилоти зиёдеро эҷод менамуд. Дар як он, ба таври барқосо канда шудани риштаи муоширати ҳазорҳо одамону оилаҳо, ҳамкориҳои мутақобилаи судманди садҳо корхонаҳои саноативу кишоварзӣ, муассисаҳои маърифатию фарҳангӣ ва илмӣ метавонист ба фоҷиаи бузурге табдил ёбад, ки ислоҳаш имконнопазир бошад.

Эҳсос ва дарки амиқи нуктаи мазкур нигоҳдорӣ ва таҳкиму тақвияти ин робитаҳоро дар фаъолияти байналмилалии худ Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси яке аз вазифаҳои мубрамтарин қарор дода буд. Дар Барномаи пешазинтихоботии ӯ ба мансаби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 1994) яке аз мавқеъҳои марказиро ишғол намудани тавсеаи ҳамкориҳо бо кишварҳои ИДМ шаҳодати таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ба масъалаи мазкур мебошад. Дар барномаи зикршуда дар робита ба ин масъала аз ҷумла, таъкид шуда буд, ки «мо вусъати ҳамаҷонибаи муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, пеш аз ҳама бо Россия, Ӯзбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистону Туркманистон, ки бо онҳо дар тӯли даҳсолаҳо пайванду робитаҳои ногусаста доштем, дар мадди аввал мегузорем».

Қобили тазаккур аст, ки иқдомҳои Сарвари Тоҷикистон дар ин самт бо ҳадафҳои асосии Иттиҳод: ҳифзи низоми робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳарбӣ ва фарҳангӣ-таърихӣ байни кишварҳои аъзо ва аҳолии онҳо, ки дар санадҳои бунёдии он – Созишнома оид ба созмон додани ИДМ, Баёнияи Алмаато ва Оинномаи ИДМ, инъикос ёфтаанд, ҳамаҷониба мувофиқат мекарданд. Дар ин қарина ИДМ ба ҳалли масъалаҳои мураккабтарине, ки ба барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ вобаста буданд, инчунин ба ташаккули давлатҳои соҳибистиқлоли аъзои он, мусоидат намуд. Иттиҳод тавонист пошхӯрии номуташаккилонаи

низоми робитаҳои таърихиро дар фазои пасошӯравӣ, ки метавонист ба соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии собиқ ҷумҳуриҳои шӯравӣ оқибатҳои гарон ба бор оварад, пешгирӣ намояд.

Алҳол аҳамияти ИДМ дар самти муташаккилона ва бидуни оқибатҳои харобиовари геополитикӣ сурат гирифтани раванди ташаккули истиқлолияти давлатҳои навтаъсис шубҳанопазир аст. Вале бояд дар назар дошт, ки дар нимаи аввали солҳои 90-уми асри гузашта, дар ҳоли муташанниҷии вазъи кишвар ва фишорҳои оппозитсияи оштинопазири дохиливу қувваҳои мухталифи берунӣ, барои ба ҳайси авлавият қарор додани ин самт иродаи қавӣ ва зиракии сиёсӣ зарур буд. Ба бахти миллати тоҷик, Сарвари Тоҷикистон аз чунин сифатҳои давлатмадорӣ бархурдор буд ва вақт дурустии роҳи интихобнамудаи ӯро собит сохт.

Минбаъд низ самти тавсеаи муносибатҳои ҷумҳурӣ бо кишварҳои ИДМ аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бемайлон идома дода шуда, ӯ ҷиҳати тақвияти равандҳои ҳамгироӣ дар доираи он тасмимҳои мушаххас манзур менамуд. Моҳи июни соли 1996 ӯ дар посух ба мухбири маҷаллаи «Российская Федератсия» иброз намуда буд, ки «роҳбарияти Тоҷикистон чараёни ҳамгироии мамлакатҳои ИДМ-ро на танҳо дастгирӣ мекунад, балки ба инкишоф ва тавсеаи он дар ҳамаи соҳаҳо, яъне соҳаҳои иқтисоду сиёсат, мудофиа, фарҳанг, дастраси ҳамдигар гардонидани маълумот ва ғайра умед дорад». Зимни ин ӯ ғайриқаноатбахш будани раванди ҳамкориҳоро дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла, «иттифоқҳои гумрукӣ, молия ва бонкҳои давлатҳои узви Иттиҳод» таъкид намуда, изҳор дошт, ки «сохторҳои имрӯзаи сиёсӣ ва иқтисодии ҳамкории мамлакатҳои ИДМ мувофиқи талаб кор намекунанд ё умуман фаъолият надоранд».

Дар ҳақиқат, на ҳамаи он ҳадафҳое, ки дар назди ИДМ гузошта шуда буданд, бо сабабҳои гуногуни объективию субъективӣ, аз ҷумла, мавқеи мухталифи кишварҳои аъзои он нисбат ба равандҳои ҳамгироӣ дар доираи он, амалӣ гаштанд. Бо назардошти ин, Президенти Тоҷикистон ғояи дар заминаи Иттиҳод таъсис додани сохторҳои дигари ҳамгироиро дар соҳаҳои иқтисодӣ ва амниятӣ, ҳамаҷониба дастгирӣ намуд. Дар ин қарина, ӯ ҷиҳати ташаккули Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ва Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷаъмӣ ва дар доираи онҳо тақвият додани ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои аъзояшон талошҳои созанда варзид.

Дар баробари ин, Президенти Тоҷикистон ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои боварибахш ва конструктивӣ бо ҳамаи кишварҳои аъзои Иттиҳод талош варзида, кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки бо онҳо ба мақсади ҳалли ҳарчи тезтари масъалаҳои мавҷуда ва таъмини суботи сиёсиву иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар фазои ИДМ ҳамкориҳои мушаххасро

ба роҳ монад. Ин сайъу талошҳо дар Консепсияи раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИДМ дар соли 2011 ҳамаҷониба инъикос гардиданд. Дар иртибот ба ин Президенти Тоҷикистон моҳи декабри соли 2010 дар нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои Саммити навбатии ИДМ таъкид намуда буд, ки «раёсати ҷумҳурӣ дар Иттиҳод дар заминаи принсипи идомаи анъанаҳои он ва рушди равандҳои ҳамгироӣ дар асоси прагматикӣ сурат хоҳад гирифт».

Дар ин қарина Тоҷикистон дар доираи раёсати худ дар Иттиҳод пеш аз ҳама ба татбиқи ҳадафҳои консептуалӣ ва стратегии рушди он, ки дар санадҳои қаблан қабулшуда, аз ҷумла, Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ (2007), Стратегияи рушди иқтисодии ИДМ барои давраи то соли 2020, Нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 20-солагии ташкили Иттиҳод таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир намуд.

Фаъолияти асосӣ дар ин росто ба таҳкими муносибатҳои некӯҳамсоягӣ, тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва гуманитарӣ, баланд бардоштани мақоми ИДМ ва самаранокии он ҳамчун созмони минтақавӣ, мубориза бар зидди ғояҳои экстремизм, терроризм, таҳаммулнопазирии нажодию мазҳабӣ равона карда шуд. Илова бар ин, дар доираи Соли баланд бардоштани амнияти озуқавии ИДМ (соли 2011), рушди асоси истеҳсолии комплекси агросаноатӣ ва ҳамгироии бозорҳои маҳсулоти кишоварзии он ва намоиш бахшида ба 20-солагии ташкил шудани ИДМ чорабиниҳои дахлдор гузаронида шуданд.

Моҳи июни соли 2011 дар ш. Душанбе дар нишасти XIV Шӯро оид ба сиёсати иҷтимоӣ ва ҷаласаи XXIV Шӯро оид ба меҳнат, муҳоҷират ва ҳифзи иҷтимоии ИДМ масъалаҳои марбут ба вазъият дар соҳаи муҳоҷират дар кишварҳои Иттиҳод баррасӣ гаштанд. Ҳамин моҳ инчунин нишасти XXIV Шӯро оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи маорифи кишварҳои иштирокчӣ баргузор карда шуд.

Зимни ин Тоҷикистон тамоми сайъу кӯшиши худро ба он равона намуд, ки барои кишварҳои иштирокчӣ ҷиҳати баррасии мушаххаси масоили мубрами минтақавию байналмилалӣ шароити заруриро фароҳам оварда, баҳри пайдо кардани қарорҳои қобили қабул мусоидат намояд. Аз рӯи натиҷаи корҳои анҷомёфта, дар ҷаласаи навбатии Шӯрои Сарони ҳукуматҳои ИДМ, ки 18-19 октябри соли 2011 дар ш. Санкт-Петербург баргузор гардид, 28 санади дахлдор, аз ҷумла, Аҳднома дар бораи минтақаи озоди савдои кишварҳои ИДМ, Қарор дар бораи Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи давраи дуюми Стратегияи рушди иқтисодии кишварҳои ИДМ то соли 2020 ва як қатор ҳуҷҷатҳои муҳими соҳавии дигар ба мувофиқа расида, барои ба ҷаласаи Шӯрои Сарони кишварҳои ИДМ пешниҳод намудан, омода гардиданд.

Ҷаласаи Шӯрои Сарони давлатҳои ИДМ рӯзи 3 сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе баргузор гашт. Зимни ифтитоҳи ҷаласа Президенти Тоҷикистон изҳор намуд, ки «имкониятҳои Иттиҳод ҳануз зиёданд ва Ҷумҳурии Тоҷикистон омода аст ба самти рушди робитаҳои ҳамгироӣ байни кишварҳои мо ҳаракат намояд». Оид ба аҳамияти ИДМ сухан ронда, Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки «Иттиҳод ҷиҳати бо роҳи мутамаддин ва босубот ташаккул ёфтани кишварҳои мо нақши асосӣ бозидааст».

Дар ҷаласа беш аз 10 масъалаи муҳим, аз ҷумла, маърӯзаи таҳлилӣ – «Натиҷаҳои фаъолияти 20-солаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил ва вазифаҳои он барои дурнамо», Созишнома дар бораи абадӣ гардондани хотираи мардонагӣ ва қаҳрамонии халқҳои давлатҳои иштирокдори ИДМ дар Ҷанги бузурги ватании солҳои 1941-1945, Барномаи ҳамкорӣ доир ба муқовимат ба муҳоҷирати ғайриқонунӣ барои солҳои 2012-2014, Созишнома дар бораи ташкили фаъолияти нерӯҳои навбатдори мудофиаи зиддиҳавоӣ дар ҳолати ғасби нақлиёти ҳавоӣ, Нақшаи чорабиниҳои асосӣ доир ба татбиқи Консепсияи рушди минбаъдаи ИДМ ва ғайра баррасӣ гардид.

Сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ таваҷҷӯҳи ҳозиринро ба ташкили минтақаи озоди савдо ва Фонди эҳтиётӣ барои расондани кумак ба давлатҳои аъзои Иттиҳод дар ҳолати осеб дидан аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ, ҳамчунин таҳия, қабул ва татбиқи босамари Барномаи байнидавлатии ҳамкории инноватсионӣ, Стратегияи амнияти озуқавӣ, Самтҳои асосии ҳамкорӣ дар соҳаи нақлиёт, Консепсияи рушди стратегии нақлиёти роҳи оҳан барои давраи то соли 2020 ва дигар масоили муҳим ҷалб намуда, барои рушди ҳамкории пурсамар дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил пешниҳодҳои судбахш ба миён гузошт.

Баъд аз анҷоми ҷаласа Сарвари Тоҷикистон изҳор намуд, ки Изҳороти сарони кишварҳои узви ИДМ натиҷаи табодули озод ва конструктивии роҳи тайшуда буда, фароҳам овардани шароитҳоро барои созмон додани фазои тиҷоратию иқтисодӣ таҳким мебахшад. Зимни ин Эмомалӣ Раҳмон авлавияти рушди ҳамкориҳои иқтисодиро дар доираи Иттиҳод таъкид намуд ва ба андешаи ӯ «имрӯз зарур аст, ки ташаккули минтақаи озоди иқтисодӣ ба анҷом расонида шавад».

Қобили тазаккур аст, ки Аҳднома дар бораи минтақаи озоди савдои кишварҳои ИДМ дар давраи раёсати Тоҷикистон дар Иттиҳод 18 октябри соли 2011 аз ҷониби 8 кишвари иштирокдори ИДМ ба имзо расида, аз 23 сентябри соли 2012 мавриди татбиқ қарор гирифт. Ин яке аз дастовардҳои муҳимтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан Сарвари он Эмомалӣ Раҳмон зимни раёсат дар ин созмон маҳсуб меёбад. Санади мазкур шароитҳои заруриро ҷиҳати фаъолияти

ҳамаҷониба ва босамари минтақаи озоди савдо дар фазои ИДМ муҳайё намуда, барои таъмиқи ҳамгироӣ дар асоси меъёрҳои Созмони умумиҷаҳонии савдо (СУС) шароитҳои мусоидро фароҳам меорад.

Дар маҷмӯъ оид ба аҳамияти ИДМ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки он рушди робитаҳои анъанавии кишварҳои иштирокдори худро дар заминаи нави принсипиалӣ таъмин намуд. Муносибатҳои қаблии тиҷоратию иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ, робитаҳои иҷтимоӣ-гуманитарии кишварҳои пасошӯравӣ асосан бо шарофати ин созмон нигоҳ дошта шуда, мунтазам мукаммал гардонда шуданд. Ҳамкорӣ дар самти таҳкими субот ва амният ба роҳ монда шуда, дар маҷмӯъ барои тавсеа ва рушди муносибатҳои мутақобилан судманд заминаи ҷиддии меъёриву ҳуқуқӣ ба вуҷуд оварда шуд. Механизмҳои ҳамкориҳои дастҷамъона дар соҳаҳои таъминоти иҷтимоӣ, фарҳанг ва маориф, муҳоҷират, мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва таҳдиду ситезаҳо аз қабили терроризму экстремизм ва гардиши маводи мухаддир мисоли равшани амали ин замина маҳсуб мегардад.

Сарвари Тоҷикистон дар давраи сипаришуда дар доираи ИДМ ба тавсеа ва таҳкими муносибатҳои дуҷониба бо кишварҳои аъзои он низ таваҷҷӯҳи хосса зоҳир менамуд. Дар ин росто, бо тамоми кишварҳои иштирокдори Иттиҳод, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон, Туркманистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Украина, Ҷумҳурии Озорбойҷон ҳамкориҳои гуногунҷанба ва мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст.

Ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Беларус дар марҳилаи соҳибистиқлолӣ аз 5 сентябри соли 1996 бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ оғоз гардида, санади муҳими танзимкунандаи самтҳои асосии муносибатҳои дуҷониба Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ мебошад, ки соли 2000 ба имзо расида буд. Ҳоло асоси шартномавию ҳуқуқии ҳамкориҳои ҳарду давлатро 55 санади муҳим ташкил медиҳад, ки марбут ба робитаҳои сиёсӣ ва фарогири соҳаҳои тиҷорию иқтисодӣ, фарҳанг ва илму маориф мебошанд.

Робитаҳои ҳарду кишвар ҳамчунин дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, хусусан СААД ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё густариш меёбанд. Мавқеи Тоҷикистону Беларус роҷеъ ба муҳимтарин масъалаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамсонанд ё ба ҳам наздикӣ доранд.

Украина яке аз ҳамёрони муҳими Тоҷикистон дар қаламрави пасошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон бо Украина 24 апрели 1992 барқарор гардида, густариши минбаъдаи онҳо дар рӯҳияи ҳамдигарфаҳмӣ ва эҳтирому эътимоди тарафайн идома меёбад.

Санади муҳиме, ки зербинои асоси ҳамкориҳои дуҷониба маҳсуб меёбад, Аҳднома дар бораи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина аз 6 июли соли 2001 мебошад. Дар маҷмӯъ асоси шартномавию ҳуқуқӣ, ки фарогири самтҳои мухталифи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Украина аст, 73 санадро ташкил медиҳад.

Барои таҳкими робитаҳои мутақобилан судманд байни Тоҷикистон ва Украина санадҳо ҷиҳати муайянсозии усул ва самтҳои асосии ҳамкориҳои дарозмуддати иқтисодӣ, савдои озод, ҷалб ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузорӣ дар соҳаҳои энергетика, саноат, нақлиёт ва сохтмон ба имзо расидаанд.

Самти дигар аз лиҳози авлавият ҳамкории дуҷониба дар соҳаҳои гидроэнергетика ва мошинсозӣ мебошад, ки байни сохторҳои соҳавӣ ва субъектҳои хоҷагидори ду кишвар дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст. Ба пайвасти ҳамин силсилаи муносибатҳои афзоишёбанда, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина дар соҳаи фарҳангу маориф ва гуманитарӣ низ тавсеа меёбад. Дар ин замина байни муассисаҳои таълимоти олии ҳарду кишвар чанд созишнома оид ба ҳамкорӣ ба имзо расид.

Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои дипломатиро бо Ҷумҳурии Қазоқистон 7 январи соли 1993 барқарор намуда, бо он ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи мутақобилан судмандро ба роҳ монд.

Дар мавриди бисёр масъалаҳои муҳими дорои моҳияти байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷонибҳо мавқеи монанд дошта, дар робитаҳои дуҷониба рӯҳияи дӯстӣ ва ҳусни тафоҳум ҳоким аст.

Асоси ҳуқуқии робитаҳои кишварҳоро Аҳднома дар бораи заминаи муносибатҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон (соли 1993), инчунин беш аз 70 санади фарогири самтҳои муҳими ҳамкориҳо, аз ҷумла сиёсию иқтисодӣ, сармоягузорию андозбандӣ, бонкӣ ва гумрукӣ, инчунин ҳарбӣ-техникӣ ташкил медиҳад.

Асоси ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистону Қазоқистонро соҳаҳои саноати сабук, металлургияи ранга, энергетика, нақлиёт, коммуникатсия ва бахши кишоварзӣ ташкил медиҳад. Ҷонибҳо ҷиҳати ташкили «Фонди инвеститсияҳои мустақими Тоҷикистону Қазоқистон» ба мувофиқа расиданд, ки мақсад аз он татбиқи амалии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар қаламрави ҳарду кишвар ва хориҷ аз онҳо мебошад.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон 22 октябри соли 1992 барқарор гашта, дар ҳолати имрӯза асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи кишварҳоро 111 созишнома ва аҳднома ташкил медиҳанд. Санадҳои

асосие, ки дар сатҳи роҳбарони ду кишвар ба имзо расида, самтҳои муҳимтарини муносибатҳои тарафайнро муайян месозанд, Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 4 январи соли 1993 ва Аҳднома дар бораи дӯстии абадӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 15 июни соли 2000 мебошанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дурнамои рушди иқтисодӣ, мавқеи ҷуғрофӣ ва инчунин муносибатҳои таърихан ташаккулёфтаи халқҳои ду кишварро ба инобат гирифта, ба рушду таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон таваҷҷӯҳи доимӣ зоҳир мекунад.

Ҳалли масъалаҳои делимитатсия ва демаркатсияи сарҳади давлатӣ яке аз муҳимтарин мавзӯҳои музокироти байни ду кишвар мебошад. Дар натиҷаи корҳое, ки давра ба давра анҷом дода шуданд, ҷонибҳо дар ҳалли масъалаҳои таҳияи асоси ҳуқуқии марзбандии қитъаҳои сарҳади давлатӣ ба таври назаррас пеш рафтанд. Дар ин марҳила Аҳднома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар бораи сарҳади давлатии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон ба имзо расид (5 октябри с. 2002). Феълан корҳо ҷиҳати мувофиқаи ниҳоии тақрибан 60 км қитъаҳои боқимондаи сарҳади давлатӣ идома доранд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 14 январи соли 1993 барқарор шуда, алҳол заминаи шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷонибаи сиёсию иқтисодии онҳоро 75 санад ташкил медиҳад, ки самтҳои гуногуни ҳамкории ду кишварро дарбар мегирад. Аз ҷумла, санадҳои асосие, ки усулу самтҳои муҳими муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистонро муайян месозанд. Аҳднома дар бораи асосҳои муносибатҳои байнидавлатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Кирғизистон (июли с. 1996) ва Аҳднома дар бораи муносибатҳои неки ҳамсоягӣ ва шарикӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон (майи с. 2004) мебошанд.

Ба мақсади ҳалли самараноки масъалаҳои аввалиндараҷа ва баланд бардоштани сатҳи муносибатҳои дуҷониба кишварҳо Шӯрои ҳамоҳангсози байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон ва Шӯрои вазирони корҳои хориҷии ду ҷумҳуриро таъсис додаанд.

Зикри ин нукта низ муҳим аст, ки Тоҷикистону Қирғизистон тарафдори ҳамкориҳои фаъоли минтақавӣ ва рушди равандҳои ҳамгирой мебошанд. Аз ин лиҳоз, ба ҳамкории муфиди тарафайн дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, САҲА, СААД, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, Созмони ҳамкории Шанхай, Бунёди

байналмилалии наҷоти Арал, институтҳои молиявӣ ва дигар ташкилотҳои байналхалқӣ, ки ҳарду кишвар аъзоянд, аҳамияти хоса дода мешавад. Мавқеи ҳарду давлат оид ба бисёр масъалаҳои мубрами сиёсию иқтисодии дорои хусусияти минтақавӣ бо назардошти манфиатҳои дигар кишварҳои минтақа ба ҳам мувофиқат мекунад.

Тоҷикистону Қирғизистон бо мавҷудияти сарҳаду коммуникатсяи умумӣ, имконияти зиёди транзитӣ доранд. Сохтмони хатҳои интиқоли барқ ва роҳҳои оҳану автомобилгард на танҳо барои рушди иқтисодии ду кишвар, балки ба густариши раванди ҳамкории минтақавӣ дар соҳаи иқтисодӣ мусоидат хоҳад кард. Айни замон ду кишвар ҷиҳати сохтмони шоҳроҳи мошингарди байналхалқии Душанбе-Рашт-сарҳади Қирғизистон барои пайвастан ба шоҳроҳҳои Қазоқистону Чин ва Афғонистон, инчунин сохтмони роҳи оҳан бо ҳамин масир, ки ҷавобгӯи манфиатҳои муштарак буда, барои инкишофи ҳамкории минтақавӣ мусоидат хоҳад кард, чораҳои зарурӣ меандешанд.

Заминаи сиёсии муносибатҳои Тоҷикистону Туркманистон 27 январи соли 1993 бо имзо гардидани Протокол «Дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» гузошта шуд.

Туркманистон аз лиҳози наклиётию коммуникатсионӣ дорои имконоти фаровон ҷиҳати пайвастани минтақаи Осиёи Марказӣ бо дигар манотиқи ҷаҳон аст ва роҳандозии муносибату ҳамкориҳои судманд бо ин кишвар аз аҳамияти хоса бархӯрдор аст. Дар ин замина имрӯз метавон бо қаноатмандӣ зикр кард, ки равобити дуҷонибаи Тоҷикистону Туркманистон ба сатҳи сифатан нав баромада, фарогири ҷанбаҳои гуногуни иқтисодию фарҳангӣ гардидааст.

23-24 августи соли 2012 сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон ба Туркманистон сурат гирифт, ки дар рафти он Роҳбари давлат бо ҳамтои худ Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммадов гуфтушунид намуд. Зимни мулоқоту гуфтушунидҳо доираи васеи масоили ҳамкории дуҷониба ва минтақавию байналмилалии Тоҷикистону Туркманистон баррасӣ гардид. Дар рафти сафар 7 санади ҳамкорӣ ба имзо расид.

Феълан заминаи ҳуқуқию шартномавии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон ва Туркманистон аз 58 санад иборат мебошад. Санади асосие, ки самтҳои авлавиятноки муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистонро танзим менамояд, «Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Туркманистон» мебошад.

Ҳамкориҳои дуҷониба бо Ҷумҳурии Озарбойҷон бо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз 29 майи соли 1992 оғоз

гардида, густариши минбаъдаи он дар рӯҳияи эҳтиром ва эътимоди мутақобила идома ёфтааст.

Соли 2007 оғози марҳилаи рушди ҳамкориҳо ва баромадан ба сатҳи сифатан нав дар таърихи соҳибистиқлолии муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Озарбойҷон гардид. Дар соли зикршуда байни ҳарду кишвари дӯст санадҳои муҳим, пеш аз ҳама, Аҳдномаи дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Озарбойҷон, инчунин созишномаҳо оид ба савдои озод ва дигар самтҳои ҳамкориҳои дуҷониба ба имзо расиданд.

Айни замон асоси шартномавию ҳуқуқии муносибатҳои дуҷониба беш аз 20 санадро дарбар гирифта, онҳо баҳри рушду тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратию иқтисодӣ, фарҳангию гуманитарӣ ва ҳарбӣ имзо шудаанд.

Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Молдова тамоюли рӯ ба густаришро дошта, асоси ҳамкориҳо бештар дар доираи созмонҳои байналмилалию минтақавӣ, аз ҷумла, СММ, САҲА, ва ғайра ифода мегардад.

Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муносибатҳои гуногунҷанбаи мутақобилан судманд, Комиссияи байниҳукуматии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Молдова оид ба ҳамкориҳои тиҷорию иқтисодӣ фаъолият менамояд, ки ҷаласаи якуми он моҳи ноябри соли 2004 баргузор шудааст.

Ҳамзамон ҷонибҳо ба нақша гирифтаанд, ки дар ҷаласаи навбатӣ ҷиҳати таҳкими робитаҳои ҳамкорӣ барои давраҳои минбаъда, масъалаҳои тавсеаи асоси шартномавию ҳуқуқӣ, ҳолат ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои иқтисод ва савдо, илму фановарӣ, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои муштарак, энергетика ва саноат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, кишоварзӣ, варзиш, сайёҳӣ ва фарҳангу тандурустиро ба таври муфассал мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Марҳилаи нави муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Арманистон ва Гурҷистон ҳамчун давлатҳои соҳибистиқлол аз рӯзи баимзорасонии протоколҳо оид ба барқарорнамоии муносибатҳои дипломатӣ мутаносибан дар моҳи октябри соли 1992 ва моҳи августи соли 1994 шурӯъ мегардад. Ҳоло бо ин кишварҳо муносибатҳои дӯстона ва мутақобилан судманд идома доранд.

Новобаста аз он, ки муайян гардидани самтҳои асосии ҳамкорӣ бо ин кишварҳо низ асосан аз доираи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ бармеояд, робитаҳои сиёсию дипломатии дуҷониба ба таври доимӣ фаъол арзёбӣ мегардад. Дар тӯли ин марҳила муносибатҳои Тоҷикистон бо Арманистон ва Гурҷистон дар асоси мувофиқати манфиати ҷонибҳо оид ба ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти минтақавӣ ба роҳ монда шудаанд.

## Шарики асосии стратегӣ

Моҳи августи соли 1993 панҷ хизматчии ҳарбии Россия ва Қазоқистон аз минтақаи Бадахшон ба дасти ҷангиён афтида, ба марзи Афғонистон интиқол дода шуданд. Дар вилояти Бадахшон, ки таҳти назорати нерӯҳои мухолифин қарор дошт, муайян кардани гурӯҳе, ки хизматчиёни ҳарбиро рабудааст, кори осон набуд. Дар Афғонистон низ дастаҳои мухталиф амал мекарданд ва пайдо кардани асирон душвориҳои зиёде дошт.

Масъала барои роҳбари Тоҷикистон ҷиддияти фавқулода касб кард. Тамоми имкониятҳо барои дарёфти асирон ва баргардонидани онҳо сафарбар гардиданд, ҳалли масъала таҳти назорати бевоситаи Роҳбари давлат қарор гирифт. Кор шиддат ёфт ва тавассути каналҳои гуногун маълумот ҷамъ шудан гирифт. Оқибат муайян гардид, ки асирон дар қаламрави Афғонистон дар дасти гурӯҳи яроқноке нигоҳ дошта мешаванд. Акнун масъалаи аз ин ҳам ҷиддитар – ҳарчи тезтар озод кардану баргардондани онҳо пеш омад, зеро лаҳза метавонист ба ҷони онҳо хатар эҷод шавад.

Бидуни дахолати роҳбарияти Афғонистон, бахусус Президенти вақти ин кишвар Бурҳонуддин Раббонӣ ва генерал Аҳмадшоҳи Масъуд ҳалли қазия бисёр мураккабу печида менамуд. Гуфтушунидҳо ба сатҳи олӣ баромаданд ва Роҳбари давлати Тоҷикистон ба хулосае омад, ки яке аз ҳадафҳои сафараш ба Афғонистон сиҳату саломат баргардонидани асирон хоҳад буд. Дар рафти ин сафар мулоқотҳо дар сатҳи олӣ муваффақона сурат гирифта, масъалаҳои зиёд баррасӣ шуданд. Дар баробари ҳамаи ин яке аз натиҷаҳои муҳими ин боздид озод кардану овардани асирони ҳарбии зикршуда буд. Вақте ҳавопаймо дар фурудгоҳи Душанбе ба замин нишаст, Роҳбари давлатро дар қатори ҳайат хизматчиёни аз асорат озодшуда ҳамроҳӣ мекарданд. Дар он шабу рӯз, ки дар Афғонистон миёни нерӯҳои мухталиф муқовимати яроқнок идома дошт, анҷом додани чунин амал коре буд шоёни ибрат ва таҳсин...

Албатта, ин як мисоли муносибати Роҳбари давлат нисбати инсонҳоест, ки тақдири худро муваққатан ҳам бошад, ба Тоҷикистон пайваста буданд. Зиёда аз ин, чунин иқдом ифодакунандаи муносибати ӯ бо шарикони муҳими кишвараш буд.

Воқеан, агар таърихи бистсолаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо Федератсияи Россия варақгардон намоем, мебинем, ки чунин муносибат ҳамеша ҷой доштааст ва роҳбари Тоҷикистон пайваста кӯшидааст, ки ин шеваи ҳамкорӣ чун анъана ё расмияти қабулшуда риоя карда шавад. Ва Тоҷикистон дар аҳду паймони худ ҳамеша содиқ буд.

Моҳи декабри соли 1993 зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVIII Шӯрои олии кишвар Роҳбари давлат ҳангоми муайян кардани ҳавзаҳои ҳамкории Тоҷикистон таҳким бахшидани робитаҳоро бо Федератсияи Россия ба шумори авлавиятҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон даровварда, таъкид дошт, ки муносибатҳои ҷумҳурӣ бо ин давлат «бароямон ҳаётан муҳиманд».

Эмомалӣ Раҳмон зарурати тавсеаи ҳамкориҳоро бо Россия шарҳ дода, зикр намуда буд, ки «халқҳои тоҷику рус ҳануз аз қарнҳои миёна соҳиби робитаҳои наздики тиҷоратию фарҳангӣ буданд, таъсири тамаддуни рус ба сарнавишти халқи тоҷик аҳамияти фавқулода бузург дошт» ва «ин ҳақиқатро имрӯз ҳеҷ як шаҳрванди Тоҷикистон инкор карда наметавонад».

Бар замми ин Роҳбари давлат таъкид бар он дошт, ки «имрӯз ҳам Тоҷикистону Россия дар доираи як муҳити умумии геополитикӣ ва сиёсию иқтисодӣ дохил буда, ба ҳамдигар аз пештара зиёдтар муносибатҳои ҳамаҷониба пайдо намудаанд».

Эмомалӣ Раҳмон иброз намуд, ки «мавқеи ҷуғрофию сиёсию фарҳангии Тоҷикистон, ҳамчун дарвозаи ҷанубии кишварҳои Аврупо дар сарҳади Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ, ба Федератсияи Россия барои робита бо ин давлатҳо тавассути Тоҷикистон имкониятҳои васеъ фароҳам меорад» ва «дар айни замон, Россия, ки тавассути ӯ Тоҷикистон бо фарҳангу тамаддуни Аврупо ошно шуд, чунин нақши худро дар оянда ҳам нигаҳ хоҳад дошт». Ба андешаи Роҳбари давлат Россия «дар татбиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ҳамкорӣ бо кишварҳои Ғарбу Шарқ» барои Тоҷикистон «мавқеи беҳамто дорад».

Бояд зикр намуд, ки солҳои минбаъда доираи ҳамкориҳо бо Федератсияи Россия тадриҷан васеъ гардида, тамоюлҳои нав касб карда бошад ҳам, вале усулҳои анъанавии ҳамкорӣ устувор боқӣ монданд.

Ҳануз дар замони роҳбарии Президент Раҳмон Набиев масъалаи соҳибмулкии дивизияи 201 мототирандозӣ ба фоидаи Россия ҳал шуда, инчунин ҷонибҳо ҷиҳати дар минтақаи рубл боқӣ мондани Тоҷикистон мувофиқа ба даст оварда буданд.

Эмомалӣ Раҳмон вазъияти душвори онвақтаро ба инобат гирифта, сари ин мавзӯъҳо барнагашт, баръакс, кӯшишу ҳаракатро ба он равона кард, ки дар самтҳои муайяншуда ҳамкориҳо дар сатҳи зарурӣ идома дода шаванд.

Бояд зикр намуд, ки масъалаи таҳкиму тавсеа бахшидани ҳамкориҳо бо Федератсияи Россия ҳамеша таҳти назорати Роҳбари давлат қарор дошт ва то ҳол миёни ду давлат беш аз дусад санади дуҷонибаи байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ ба имзо расидааст.

Ҳоло аксари кулли ин санадҳо мавриди амал қарор дошта, ҳамкориҳоро дар соҳаҳои сиёсӣ, ҳарбӣ-техникӣ, иқтисодӣ, энергетикӣ, гуманитарӣ, илмӣ, фарҳангӣ, маориф, сайёҳӣ ва ғайра танзим мекунанд.

Тайи ду даҳсола корҳои зиёде ба анҷом расид, ки зикри иддае аз онҳо чун инъикоскунандаи тамоюлоти равандҳои муносибату ҳамкориҳои ду давлат зарур аст.

1. Дар самти ҳамкориҳои сиёсӣ чанд санади муҳим ба имзо расида буд, ки дар онҳо масъалаҳои усулии муносибату ҳамкориҳои ду давлат муайян шуда буданд. Миёни онҳо «Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ёрии ҳамдигарии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия» (25 майи соли 1993) ва «Аҳднома дар бораи ҳамкории ҳампаймонӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, ки ба асри XXI нигаронида шудааст» (апрели соли 1999) дар раванди рушду тасвеа бахшидани ҳамкориҳо нақши муҳим доранд.

Дар фазои дӯстию муносибатҳои шарикии стратегӣ робитаҳои фаъолона дар сатҳи олӣ ривоҷ ёфта, тавассути анҷом додани сафарҳои давлатӣ, расмӣ, корӣ, инчунин ҳангоми иштирок дар саммиту форумҳои байналмилалӣ сарони ду давлат вохӯриҳои зиёде анҷом дода, муҳимтарин масъалаҳои ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистону Россияро баррасӣ ва дурнамои онҳоро мушаххас кардаанд.

Дар баробари ин Тоҷикистон ва Россия оид ба аксарияти масъалаҳои консептуалии сиёсати байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҳамкории ҳамгироӣ мавқеи умумӣ доранд. Ҳамзамон ба масъалаҳои ҳамкории самарабахш дар доираи чунин ташкилотҳои байналхалқӣ ва минтақавӣ, чун СММ, САҲА, ИДМ, СҲШ, ИИАвруОсиё, СААД аҳамияти махсус дода мешавад.

2. Дар самти ҳамкориҳои ҳарбӣ қадамҳои ҷиддӣ соли 1993 бардошта шуданд. 25 майи соли 1993 миёни Тоҷикистону Россия маҷмӯи санадҳо роҷеъ ба ҳамкории ҳарбӣ ва будубоши низомиёни Россия дар Тоҷикистон ба мӯҳлати панҷ сол ба имзо расид, ки тамоми масъалаҳои мавҷударо танзим мекарданд. Яъне, дар масъалаи ҳамкориҳои ҳарбӣ камаш барои панҷ соли оянда заминаи ҳуқуқӣ гузошта шуда, солҳои баъдӣ бо назардошти дигаргуниҳо дар ин самт санадҳои дигар ба имзо расиданд.

а) Дар асоси санадҳои имзошуда масъалаҳои ҳифзи сарҳади Тоҷикистон қадам ба қадам ҳалли худро ёфтанд. Тавре маълум аст, дар солҳои аввали истиқлолият сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистону Хитой таҳти назорати қушунҳои сарҳадии Россия қарор дошт. Соли 1993 Тоҷикистон Қувваҳои мусаллаҳи худро таъсис дод, вале, имкони таҳти назорат қарор додани сарҳадоташро надошт. Аз ин рӯ, мувофиқи санадҳои баимзорасидаи моҳи майи

соли 1993 ин реҷа барои панҷ соли дигар боқӣ монд. Ин ба хотири омода кардани сарҳадчиёни Тоҷикистон ва тадриҷан иваз кардани марзбонони Россия буд. Бояд гуфт, ки ин ҳуҷҷат боз барои панҷ соли дигар тамдид шуда, соли 2003 мӯҳлати амалаш поён ёфт ва бо гузаштани муҳофизати сарҳад ба зиммаи марзбонони Тоҷикистон дар солҳои 2004-2005 сарҳадбонони Россия Тоҷикистонро тарк карданд. Мувофиқи тавофуқи дуҷониба дар ҷумҳурӣ фақат гурӯҳи мушовирони ҳарбии Россия боқӣ монд.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи фаъолияти худ хадамоти марзбонии Тоҷикистон таҷрибаи зиёд андӯхта, бо зарфияти кадрӣ ва таъминоти моддӣ-техникии худ ҳоло имконияти пурраи ҳифз кардани сарҳади ҷумҳуриро доранд.

б) Масъалаи будубоши дивизияи 201 мототирандозӣ дар даҳсолаи аввал бетағйир монда, он соли 2004 ба базаи ҳарбии 201 Федератсияи Россия табдил дода шуд. Комплекси назорати кайҳонии «Окно» ба ивази гузашт кардани қарз ба ихтиёри Россия гузашт. Ҳамин тариқ, дар шароити имрӯза ҳузури ҳарбии Россия дар Осиёи Марказӣ ба ин сатҳ фақат дар Тоҷикистон боқӣ мондааст.

3. Ҳамкориҳои иқтисодӣ дар чанд самт сурат гирифтанд, вале натиҷаҳои гуногун доштанд.

а) Аз солҳои аввали ҳамкорӣ Тоҷикистон то соли 1995 кӯшиш намуд, ки дар минтақаи рубли Россия бимонад, вале чунин низоми молиявӣ дар баробари баъзе сабукиҳо овардан (аз байн бурдани ташвишҳои чопи пули миллӣ) ба ҷумҳурӣ мушкилоти зиёде низ эҷод кард. Дар оғози ин кор вобастагӣ аз Бонки марказии Россия, сари вақт таъмин нашудани иқтисоди ҷумҳурӣ бо пули нақд мушкилоти муайянро ба вуҷуд оварда, дар охир бошад бар асари беқурбшавии рубл ва аз муомила баромадани он пули қоғазии беқурбшуда ба Тоҷикистон рехт ва молу маҳсулоти зиёдро берун бурд. Тоҷикистон ба хулосае омад, ки арзи миллии худро ҷорӣ намояд.

б) Тиҷорат муътадил ҷараён гирифта, соли 2008 ҳаҷми табодули мол (воридоту содирот) миёни ду давлат беш аз 1 млрд доллари ИМА-ро ташкил дод. Солҳои баъдӣ бо таъсири бӯҳрони иқтисодӣ ва мушкилоти эҷодшуда дар қаламрави Ӯзбекистон нисбати ҳаракати қатораҳо ин нишондиҳандаҳо пойин рафта, соли 2011 боз ба сатҳи соли 2008 расиданд. Сарфи назар аз ин, то ҳол Россия аз рӯи ҳаҷми муомилот миёни ҳамёрони Тоҷикистон оид ба савдои берунӣ яке аз ҷойҳои аввалро ишғол мекунад.

4. Ҳамкорӣ дар соҳаи энергетика барои ҳарду ҷониб самти ояндадор буда, то имрӯз чунин натиҷаҳои онро зикр кардан бамаврид аст.

а) Дар натиҷаи ҳамкориҳои фаъолона сохтмони НБО-и Сангтӯда-1 муваффақона ҷараён гирифта, соли 2009 нерӯгоҳ пурра ба кор андохта

шуд. Шоистаи зикр аст, ки ин яке аз бузургтарин лоиҳаҳои муштараки Россия дар Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

б) Дар мавриди муштаракона идома додани сохтмони НБО-и Роғун тарафҳо сари як андеша наомаданд. Дар соли 1992 роҳбарияти вақти Тоҷикистон бо Покистон дар бораи сохтмони ин иншооти муҳим тавофуқ ҳосил намуда буд. Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти аҳамияти ин иншоот ва таъмини иштироки сармояи Россия дар иқтисоди Тоҷикистон тасмим гирифт, ки онро барои шарики стратегии давлаташ нигоҳ дорад. Ин интизорӣ то соли 2004 тӯл кашид. Сипас ҷониби Россия ширкати «Русал»-ро барои амалӣ кардани лоиҳаи НБО-и Роғун мушаххас намуд. Се соли дигар Ширкати «Русал» назди ҷумҳурӣ шартҳо гузошта, амалӣ намудани лоиҳаро ба қафо мепартофт. Роҳбарияти Тоҷикистон ба хулосае омад, ки бо ин ширкат шартномаро қатъ намуда, барои сохтмони нерӯгоҳ имкониятҳои дохилиро сафарбар намояд.

в) Дар асоси мувофиқаҳо ва санадҳои имзошуда Тоҷикистон ҷониби Россияро барои ҳамкорӣ дар бобати иктишофи ҳавзаҳои нефту газ ташвиқ намуд. Ҳоло корҳои иктишофӣ ва пармакунӣ аз ҷониби ҶСК «Газпром»-и Россия дар Сариқамиш ва дигар ҳавзаҳо идома доранд.

5. Ҳамкориҳо дар самти илму фарҳанг ва маориф нисбатан хуб ба роҳ монда шудаанд.

а) Бо назардошти аҳамияти забони русӣ дар ҳифзу густариши муносибатҳо бо Россия ва соири давлатҳои ИДМ ва дигар имкониятҳои ин забон Роҳбари давлат бар он буд, ки мақоми он дар Конститутсияи ҷумҳурӣ инъикос ёбад. Ҳамин тариқ, дар моддаи 2 Конститутсия сабт гардид, ки «забони русӣ ҳамчун забони муоширати байни миллатҳо амал мекунад». Ин имкон дод, ки фазои забони русӣ дар ҷумҳурӣ нигоҳ дошта шавад. Имрӯз забони русӣ дар ҷумҳурӣ забони матбуот, забони илм, забони таҳсил ва муоширати байни миллатҳост.

Дар Душанбе марказҳои русии Фонди «Ҷаҳони рус» ба фаъолият шурӯъ намуданд, ки кӯшишҳои роҳбарияти Тоҷикистонро дар мавриди ҳарчи бештар фароҳам овардани шароит барои истифодаи ин забон тақвият мебахшанд.

б) Дар шаҳри Душанбе Донишгоҳи (славянии) Тоҷикистону Россия таъсис ёфт, ки ҳоло яке аз муассисаҳои муҳими тайёр кардани мутахассисони дорои маълумоти олӣ барои соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Сипас филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов, Донишкадаи пӯлоду металлургияи Москва дар Душанбе ба фаъолият пардохтанд. Ғайр аз ин аз рӯи ихтисосҳои барои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ зарур ҳар сол теъдоди муайяни довталабон аз рӯи квотаҳои ҷудошуда имтиҳон

супорида, дар мактабҳои олии Россия таҳсил мекунанд. Кобили зикр аст, ки ин самт барои рушду тавсеаи ҳамкориҳои ду давлат заминаи устувор мегузорад.

в) Тайи даҳсолаи охир баргузор намудани рӯзҳои фарҳанг дар Москва ва Душанбе ба ҷашнҳои дӯстию ҳамдигарфаҳмӣ табдил ёфта, ба ҳукми анъана даромаданд.

6. Мавзӯи муҳоҷирати меҳнатӣ аз Тоҷикистон ба Россия сол то сол ҷиддияти бештар касб мекунад. Масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ, чуноне ки имрӯз фаҳмида мешавад, солҳои аввали истиқлолият мавҷуд набуд. Он шаҳрвандоне, ки ба Россия ва дигар кишварҳо рафта буданд, солҳои 1992-1997 чун гуреза шинохта мешуданд. Баъд аз он, ки дар Тоҷикистон сулҳу осоиштагӣ барқарор шуду ба ҳаёти шахсе хатар таҳдид надошт, мафҳуми гуреза аз байн рафт ва кишварҳо бо тамоюли нав – «муҳоҷирони меҳнатӣ» дучор омаданд.

Аз ин рӯ роҳбарияти Тоҷикистон дар чанд самт тадбирҳо андешид, то дар ҳадди имконот мушкилоти муҳоҷирони меҳнатии тоҷикистониро дар Россия ҳаллу фасл намояд. Дар баробари таҳияи санадҳои зарурии дуҷониба ба мақсади сабук гардонидани рафтуомади шаҳрвандон ва фаъол намудани ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи Россия солҳои охир чанд тадбири иловагӣ андешида шуд. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Екатеринбург ва Уфа консулгариҳои генералии Тоҷикистон ифтитоҳ ёфта, дар баъзе минтақаҳои сукунати тоҷикистониён консулҳои фахрӣ таъйин гардиданд.

Роҳбари давлат бо диаспораи тоҷикистонии муқими Россия таваҷҷӯҳи хоса дорад ва зимни сафарҳои худ ба Москва, Екатеринбург ва дигар шаҳрҳои Россия бо намояндагони он пайваста мулоқотҳо анҷом медиҳад. Чунин мулоқотҳои Роҳбари давлат бо намояндагони тиҷоратӣ ва роҳбарони ҷамъиятҳои тоҷикистониён дар Душанбе низ баргузор шуданд.

Қобили зикр аст, ки саҳми тоҷикистониёни муқими Россия дар табодули мол миёни ду кишвар ва сармоягузорӣ дар иқтисоди Тоҷикистон сол то сол меафзояд.

7. Масъалаи дигаре, ки ҷиҳати дастгирии шаҳрвандони ҳарду давлат ба хотири ҳифзи манфиатҳо ва нигоҳ доштани робитаҳо нақши муҳим дорад, имкони доштани шаҳрвандии ҷонибҳо ё дуҷониба мебошад. Бояд зикр намуд, ки аҳдномаро дар бораи душаҳрвандӣ Тоҷикистон танҳо бо Россия имзо кардааст. Дар давраи истиқлолият бисёр шаҳрвандоне, ки ба Россия кӯчида, робитаҳои худро бо Тоҷикистон канданӣ нестанд, аз ин имконият истифода мебаранд.

Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати ба эътидол вазъи мураккаби Афғонистон дар сатҳҳои гуногуни байналмилалӣ ҳамеша масъалагузорӣ мекунад. Ӯ бар он аст, ки чунин вазъияти печидаву мураккаб ба

амнияти минтақа хатарзо буда, яке аз сарчашмаҳои паҳншавии маводи мухаддир, қочоқи аслиҳа, терроризм мебошад. Аз ин лиҳоз ӯ кӯшиш мекунад, ки таваҷҷӯҳи кишварҳои ҳамсуд, аз ҷумла, Россияро ба ҳалли қазияи Афғонистон ҷалб намояд. Вале дар ин масъала мавқеъгирии кишварҳои ИДМ яксон набуд. То ҳодисаҳои сентябри соли 2001 бисёре аз онҳо нисбати ҳаракати Толибон ё мавқеи бетарафиро ишғол карда, ё омодаи ба расмият шинохтани онҳо буданд. Дар қиёс бо онҳо Тоҷикистон дар ин маврид мавқеи устувори худро дошт. Амалҳои террористии моҳи сентябри соли 2001 дар шаҳрҳои Ню-Йорку Вашингтони ИМА дурустии мавқеи Тоҷикистонро исбот карданд. Роҳбари Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори нақши фаъол доштани Россия дар ҳалли мушкилоти минтақа, аз ҷумла, Афғонистон буд. Аз ин рӯ, бо ташаббуси ӯ моҳи октябри соли 2001 дар шаҳри Душанбе мулоқоти сеҷонибаи Президенти Тоҷикистон, Президенти Россия В. Путин ва Президенти Афғонистон Б. Раббонӣ баргузор гардид. Дар ин мулоқот ҷонибҳо масъалаҳои калидии ба эътидол овардани вазъияти Афғонистонро муҳокима карданд.

Қадами дигари Роҳбари Тоҷикистон дар бобати ҷалб кардани Россия ба ҳалли масъалаҳои Афғонистон таъсис додани формати нави муколама бо иштироки роҳбарони Тоҷикистон, Россия, Афғонистон ва Покистон буд. Соли 2009 мулоқоти нахустини «чоргонаи Душанбе» бо иштироки президентҳои Тоҷикистон Э. Раҳмон, Россия Д. Медведев, Афғонистон Ҳ. Карзай ва Покистон О.А. Зардорӣ дар Душанбе баргузор гардид, ки доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳалли қазияи Афғонистон, амалӣ кардани лоиҳаҳои иқтисодии минтақавӣ ва дигар мавзӯъҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳоро муҳокима намуд. Мулоқотҳои минбаъда мувофиқи ин формат дар Сочи ва Душанбе баргузор шуданд.

Эмомалӣ Раҳмон боварӣ дорад, ки барои таҳкиму тавсеа бахшидани муносибатҳои самимона ва ҳамкориҳои судманд бо Федератсияи Россия имкониятҳои истифоданашуда хеле зиёданд.

# ШАРҚУ ҒАРБ ДАР ГУСТУРАИ СИЁСАТИ МУТАВОЗИН

*Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,*
*Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.*

*Абулқосим Фирдавсӣ*

**Эҳёи ҳамбастагиҳои таърихӣ ва фарҳангӣ**

Афғонистон яке аз кишварҳои камшумори хориҷ аз блоки сотсиалистӣ буд, ки дар замони ҳокимияти шӯравӣ низ Тоҷикистон бо он алоқа ва иртибот дошт. Ин робитаҳо асосан дорои ҷанбаи фарҳангӣ буда, бо рафтуомадҳои гурӯҳҳои мусиқӣ, ҳунарӣ ва шоирону нависандагони ду кишвар маҳдуд мешуд. Бахусус пас аз инқилоби Савр дар соли 1978 ва вуруди артиши Шӯравӣ ба Афғонистон сатҳи робитаҳои фарҳангии Тоҷикистону Афғонистон рушд ёфт. Дар ин давра сафарҳои мутақобилаи ҳунарии овозхонону сарояндагони шинохтаи тоҷику афғон дар шинохт ва наздикии бештари мардуми ду кишвар нақши зиёд мебозид. Дар солҳои 80-уми асри гузашта маъруфтарин овозхонони хориҷӣ дар Афғонистон сарояндагони тоҷик буданд.

Албатта, мавҷудияти муносибатҳои расмии ду кишвар дар замони шӯравӣ заминаи фароҳам шудани падидаҳое буд, ки ҳанӯз мавриди омӯзишу мутолиаи коршиносӣ қарор нагирифтаанд. Дар он солҳо ҳузури садҳо нафар мушовир, тарҷумон, афсар ва сарбози тоҷик дар сохторҳои мухталиф ва артиши Шӯравӣ дар Афғонистон, ки ба таври рӯзмара бо мардуми он тамос доштанд, имкони ошноии лозими тоҷикони муқими Афғонистонро бо ҳамнажодони ин тарафи дарёи Омӯ ба миён овард. Донистани мавҷудияти ҷумҳурие бо номи Тоҷикистон ва ҳарф задани аҳолии он бо забони тоҷикӣ барои хеле аз сокинони одии Афғонистон падидаи хушҳолкунанда ва ҳувиятдиҳанда буд.

Аз сӯи дигар, ҳузури сершумори мутахассисони тоҷик дар Афғонистон низ ба рӯҳияи худшиносии миллии онҳо ва махсусан таваҷҷӯҳ ба асолат ва покиза нигоҳ доштани забони тоҷикӣ таъсири

мусбат дошт. Ин таъсир дар солҳои баъдӣ дар расонаҳои ҷамъӣ ва таълифоти адабиву илмӣ бараъло мушоҳида мешуд. Фарҳангиёни тоҷике, ки дар Афғонистон кору фаъолият доштанд, аз тарҷумаи таҳтулафзӣ ва шаклии истилоҳот парҳез карда, ибораву калимаҳои бисёр зиёди барои он давра комилан тозаву ҷаззобро ба гардиш даровcovered. Имрӯз бо забони салису зебои тоҷикӣ сухан гуфтани натанҳо фарҳангиён, балки роҳбарону мансабдорони кишварамон чун як амри табиӣ пазируфта мешавад, вале дар он замон ин падида бисёр арзишманд буд.

Бидуни шубҳа, бо истиқлолият ёфтани Тоҷикистон равобити Душанбеву Кобул вориди марҳилаи комилан нав гардид. Аммо, мутаассифона, иттифоқ афтодани ноороmиҳои Тоҷикистон ва идомаи ҳарҷу марҷи сиёсӣ дар Афғонистон имкон надод, ки ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ду кишвар аз рушду тавсеаи лозим бархурдор гардад.

Бо буҷуди ин бо оғози даргириҳо дар Тоҷикистон Давлати Исломии Афғонистон ҳарчанд, ки худ мушкилоти зиёде дошт, натанҳо даҳҳо ҳазор паноҳандаи тоҷикро пазируфт, балки раҳбарияти ин кишвари ҳамзабону ҳамреша саъю талоши зиёде ба харҷ дод, то мунозишаи байни тоҷикон аз роҳи гуфтугӯ ва музокира ба натиҷа расад. Аз ин ҷиҳат роҳбарият ва миллати тоҷик ҳамеша аз саҳми бародаронаи шаҳидони роҳи озодӣ ва истиқлолияти Афғонистон Аҳмадшоҳи Масъуд ва устод Бурҳониддини Раббонӣ қадрдонӣ мекунанд. Маҳз бо миёнравии роҳбарияти ин кишвари дӯсту бародар буд, ки аввалин дидори Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифони тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ моҳи майи соли 1995 дар Афғонистон баргузор шуд ва раванди музокироти байни ду тарафро ба сатҳи олӣ баровард, ки самари он имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон 27 июни соли 1997 буд.

Ҳамон гуна, ки роҳбарияти Давлати Исломии Афғонистон бо даргир будани худ бо Толибон ба бозгашти сулҳу субот ба Тоҷикистон таваҷҷӯҳ нишон медоданд, ҳукумати Тоҷикистон низ ба таври қотеона дар сатҳи минтақавиву байналмилалӣ аз давлати қонунии Афғонистон ҷонибдорӣ мекард ва аз ҳеч гуна ёриву мусоидат дареғ намеварзид. Бархилофи бархе аз кишварҳо, ки дар он марҳила дар масъалаи Афғонистон ё мавқеи бетарафиро ишғол карда буданд ва ё ҳатто кӯшиши барқарории тамос бо Толибонро менамуданд, роҳбарияти Тоҷикистон ба таври усулӣ аз давлати қонунии Афғонистон, ки онро Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ба расмият шинохта буданд, пуштибонӣ ба амал меовард.

Ин рафтори содиқона ва мавқеи усулии роҳбарияти Тоҷикистон баъдҳо аз тарафи сиёсатмадорон, коршиносон ва расонаҳои мухталифи ҷамъӣ мавриди таҳсин ва таъкид қарор гирифт. Албатта, ин воқеият аз

чашми нухбагони сиёсӣ, илмиву фарҳангӣ ва инчунин мардуми оддии Афғонистон низ пинҳон намонд, ки маҳбубияти беназири Сарвари тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар ин кишвари ҳамсоя далели равшани он ба шумор меравад.

Намояндагони аҳзоби сиёсӣ ва коршиносони афғон зимни баррасии шеваи рафтори кишварҳои ҳамсояи худ ба таври мушаххас натанҳо аз мудохилаи баъзе аз онҳо сӯҳбат мекунанд, балки роҳбаронашонро низ мавриди интиқоди шадид қарор медиҳанд. Аммо тайи беш аз як даҳсолаи гузашта ҳеч вақт Тоҷикистон мавриди иттиҳому интиқод қарор нагирифтааст. Дар сатҳи мақомоти расмӣ низ ин ҳусни назар ба таври равшан ба мушоҳида мерасад, ки бо як ишораи кӯтоҳ ин воқеият беҳтар бозгӯ хоҳад шуд.

Рангин Додфар Спанто, вазири вақти корҳои хориҷии Афғонистон, ки ҳоло вазифаи мушовири амнияти миллии Президенти ин кишварро бар ӯҳда дорад, 30 августи соли 2007 дар ҳошияи маросими ифтитоҳи пули «Дӯстӣ» дар минтақаи Панҷи Поён, ки бо ҳузури Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳомид Карзай сурат гирифта буд, зимни сӯҳбат бо намояндагони сершумори расонаҳои дохиливу хориҷӣ бо ситоиш аз иқдомоти хайрхоҳонаву бародаронаи роҳбарият ва мардуми Тоҷикистон, гуфта буд: «Барои Афғонистон ҳеч кишваре ба андозаи Тоҷикистон ҳамсояи мутмаин нест ва мо аз ноҳияи марзҳои ин ҳамсояи худ ҳеч гуна нигароние надорем».

Ёдоварии ин нукта, ки Тоҷикистон дар минтақаи Осиёи Марказӣ дорои тӯлонитарин марз бо Афғонистон аст, холӣ аз аҳамият нест.

Таваҷҷӯҳ ба ҳамкорӣ бо Афғонистон аз ин назар аҳамияти бештар касб карда буд, ки аз ибтидо Роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рушди ҳамкорӣ бо кишварҳои ҳамзабонро яке аз ҳадафҳои усулии сиёсати хориҷии худ мушаххас намуд. Бар изофаи ҳамзабонӣ, таърих, дин, фарҳанг, расму оин, арзишҳо ва суннатҳои муштараки ҳамсоягӣ низ аҳамияти Афғонистонро барои кишвари мо хеле бештар намудаанд. Бо шинохти аҳамияти хосаи масъала аст, ки тайи даврони истиқлолияти Тоҷикистон ва махсусан даҳаи ахир ҳатто як иҷлосу ҳамоиши минтақавиву байналмилалӣ ва мулоқотҳои ду ва чандҷонибаро наметавон пайдо кард, ки дар онҳо Президент Эмомалӣ Раҳмон аз Афғонистон ва зарурати кумаку мусоидати воқеии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳаллу фасли мушкилоти он таъкид накарда бошад.

Роҳбари Тоҷикистон барои фароҳам кардани заминаи ёрии амалӣ ба истиқрори сулҳу субот, пешрафти иқтисодиву иҷтимоии Афғонистон ва пешгирии таҳдиду хатарҳои бархоста аз ин кишвар ба мамлакатҳои ҳамсоя ва дигар манотиқи дунё, пайваста аз минбарҳои баланди СММ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ пешниҳодоти мушаххасро матраҳ намудааст.

Роҳбарияти Тоҷикистон бо алоқамандии хосе, ки ба бозгашти сулҳу субот ба Афғонистон дошт, аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ аз ҳеч гуна ҳамкорӣ дареғ наварзид. Аз ҷумла, масирҳои ҳавоӣ ва заминии худро барои интиқоли муттасили кумакҳои башардӯстонаи байналмилалӣ ба Афғонистон вогузор кард. Ба хотири фароҳам намудани заминаи густариши муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии дуҷониба беш аз 40 санади байниҳукуматӣ имзо шудааст. Танҳо дар ҷараёни сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Афғонистон, ки 27-28 апрели соли 2005 сурат гирифт, 11 қарордод ва созишномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расид, ки «Қарордод дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва ҳусни ҳамҷаворӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон» яке аз муҳимтарини онҳо ба шумор меравад.

Муносибатҳои миёни Тоҷикистону Афғонистон дар заминаҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ, маориф, фарҳанг ва мубориза бо маводи мухаддир бомуваффақият пеш мераванд. Масалан, бар асоси иттилои расмӣ дар соли 2002 мубодилаи бозаргонии байни ду кишвар ҳамагӣ 6.4 миллион долларро ташкил дода, ин нишондиҳанда дар соли 2011 ба беш аз 123 миллион доллар расидааст, ки намунаи гӯёи рушди бесобиқаи ҳамкориҳо мебошад .

Дар рушди тиҷорати байни ду кишвар тарҳҳои минтақавӣ ба монанди бунёди роҳҳои мошингард, роҳи оҳан, нерӯгоҳҳои нав, хатҳои интиқоли нерӯи барқ ва ғайра нақши мусбат бозид. Тайи солҳои ахир тиҷорати марзӣ байни Тоҷикистону Афғонистон бомуваффақият рушд меёбад. Дар ҳоли ҳозир дар минтақаҳои ҳаммарзи Афғонистон бо ВМКБ Тоҷикистон чор нуқтаи тиҷорати марзӣ фаъол буда, онҳо дар таъмини аҳолии вилоятҳои шимолии Афғонистон бо молу маводи мавриди ниёз нақши бисёр муҳим доранд.

Бар изофаи панҷ пули мавҷуд дар ҳоли ҳозир дар минтақаи Шӯрободи вилояти Хатлон боз як пули дигар сохта шуда истодааст, ки бо мариди истифода қарор гирифтани он ва инчунин гузаргоҳҳои нави марзии Кокул-Ойхонум ва Калдор-Айвоҷ сатҳи мубодилаи бозаргонии ду кишвар бештар афзоиш хоҳад ёфт.

Вале бо дарназардошти он воқеият, ки дар соли 2014 нерӯҳои эътилофи байналмилалӣ Афғонистонро тарк хоҳанд гуфт, дурнамои таҳаввулоти минтақа аз аҳамияти фаровоне бархурдор гардидааст. Ба нерӯҳои ҳукуматии Афғонистон вогузор шудани масоили таъмини амният махсусан масъулияти кишварҳои ҳамсояро афзоиш медиҳад. Аз ин назар Тоҷикистон алоқаманди иҷрои комили стратегияи ҷомеи байналмилалӣ ба манзури таъмини субот ва барқарорсозии баъдиҷангии Афғонистон мебошад. Махсусан андешидани тадбирҳои лозим ва амалӣ ҷиҳати иҷрои бахшҳои иқтисодиву иҷтимоии ин стратегия аз аҳамияти зиёде бархурдор аст.

Дар идомаи талошҳои Тоҷикистон барои дастёбӣ ба сулҳу субот дар Афғонистон ва ҷалби таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва махсусан кишварҳо ва созмонҳои муҳимми байналмилалӣ ба ин масъала, 26-27 марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе Панҷумин Конфронси ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон (RECCA-V) баргузор гардид, ки дар он ҳайатҳои 46 кишвари дунё ва 30 созмону ниҳодҳои молиявии байналмилалӣ ва минтақавӣ ширкат карданд. Президенти Тоҷикистон зимни суханронӣ дар ин конфронс бори дигар аз ҳамёрони байналмилалӣ тақозо намуд, ки барои ҳамоҳангӣ ва иҷрои тавофуқоти суратгирифта дар ҳамоишу конфронсҳои қаблӣ дар робита ба истиқрори сулҳу субот ва рушди иқтисодиву иҷтимоии Афғонистон ба таври амалӣ иқдом намоянд.

Роҳбари давлати тоҷикон бо таъкид бар зарурати истифода аз зарфиятҳои дохилии иқтисодиву кишоварзии Афғонистон ҷиҳати бозсозии ин кишвар, гуфт, ки «аз ҷониби худ Тоҷикистон метавонад барои барқарорсозии системаи ирригатсионии Афғонистон ва обёрӣ намудани заминҳои кишт ҳамаҷониба мусоидат намояд». Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки «бунёди шабакаи нерӯгоҳҳои барқи обӣ ва обанборҳо дар Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамчун манбаи захираҳои обӣ ва энергияи арзон барои азхудкунии заминҳои бекорхобидаи Афғонистон ва эҳёи бахши кишоварзӣ аз омилҳои муҳимтарин хоҳад буд».

Зимнан шахсиятҳои сиёсӣ ва коршиносони афғон ва инчунин намояндагони кишварҳои мухталиф конфронси Душанберо дар қиёс бо конфронсҳои қаблӣ ҳам аз назари сатҳи ҳайатҳои ширкаткунанда ва ҳам аз назари тасмимоти амалӣ бамаротиб муваффақтар донистанд.

Таваҷҷӯҳи хоси Роҳбари Тоҷикистон ба ҳамгироии минтақавӣ ба он марбут аст, ки аз ин тариқ метавон ниёзҳои муштараки кишварҳоро таъмин карда, ба эҷоди фазои босубот ва рушди муносиби иқтисодиву иҷтимоӣ даст ёфт. Ихтилофоти мавҷуди миёни кишварҳои минтақа набояд ҳамчун монеи ин раванд дониста шавад, зеро таҷрибаи кишварҳои аврупоӣ нишон медиҳад, ки онҳо баъд аз ду ҷанги ҷаҳонӣ ва ихтилофоти зиёди низомӣ, маҳз тавассути ҳамгироии минтақавӣ тавонистанд ба эҷоди фазои ҳусни эътимоду боварӣ даст ёбанд.

Роҳбари Тоҷикистон ба хотири ҷалби Афғонистон ба раванди ҳамгироии иқтисодӣ ва тиҷоратии минтақавӣ иқдомоти муҳимме анҷом додаст, ки яке аз онҳо нишасти «Чоргонаи Душанбе» бо ҳузури Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Россия мебошад. Дар канори рушду тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, дар чорчӯби он ба масъалаҳои мухталифи дигар ва минҷумла, муқобила бо таҳдидҳои қарни муосир ба монанди терроризм, парвариш ва қочоқи маводи мухаддир, ҷинояткории созмонёфта ва боло бурдани сатҳи зарфияти инсонии мавриди ниёзи низомӣ ва ғайринизомии Афғонистон

таваҷҷӯҳи ҷиддӣ дода мешавад. Ба хотири иҷрои ин ҳадафҳо дар Тоҷикистон дар баробари имконоти мавҷуди мавриди истифода, инчунин ташкили Маркази бисёрсоҳаи касбӣ-техникӣ барои омодасозии кадрҳои хоҷагии халқи Афғонистон бо мусоидати ҷомеаи ҷаҳонӣ дар назар гирифта шудааст. Забон, фарҳанг ва расму одоти муштарак харҷу ҳазинаҳои чунин тарҳро коҳиш дода, самаранокии онро бамаротиб афзоиш медиҳад.

Тоҷикистон дар ҳадди тавону имконоти худ дар раванди барқарории сулҳу субот дар Афғонистон саҳм мегирад. Аз ҷумла, ба манзури тақвияти зарфияти инсонӣ ва кадрии ниҳодҳои қудратӣ ва низомии ин кишвари ҳамсоя Тоҷикистон таълими намояндагони ин ниҳодҳоро дар муассисаҳои омӯзишии марбутаи худ ва аз ҷумла Коллеҷи минтақавии САҲА дар шаҳри Душанбе ба роҳ мондааст.

Президенти Тоҷикистон ҳамеша ба интихоби мардуми дӯсту бародари афғон эҳтиром гузошта, ҳар гуна мудохила дар корҳои дохилии ин кишвари ҳамсояро нораво медонад. Ба ин хотир аст, ки аз иқдомоти ҳукумати Афғонистон барои дастёбӣ ба мусолиҳа ва поён додан ба ихтилофот ва даргириҳо дар ин кишвар ҷонибдорӣ менамояд.

Тавре болотар ба иртиботу алоқамандии самимонаи роҳбарони олии Тоҷикистону Афғонистон ишора шуд, месазад, ки матлабро бо ёдоварие аз он мавридҳо ба поён расонем.

Дар дидори Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳомид Карзай, ки якуми сентябри соли 2011 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, Президенти Афғонистон бо ишора ба дастовардҳои рӯзафзуни Тоҷикистон, гуфт: «Бо ҳар сафаре, ки ба Тоҷикистон менамоям, шоҳиди пешрафтҳои бештари он ва эъмори сохтмонҳои зебо мебошам, ки ба унвони як бародар аз пешрафт ва тараққии кишвари дӯст ва ҳамсояи хеш хурсанд мегардам... Хурсандам аз ин ки дар канори хеш як ҳамсояи ҳамзабон ва ҳамдил дорем, ки раҳбари он ба тавсеа ва истеҳкоми равобити ду кишвар аҳамияти зиёд қоил аст».

* * *

Аз оғози истиқлолияти Тоҷикистон ҳамкорӣ бо кишвари дигари ҳамзабон - Ҷумҳурии Исломии Эрон низ яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян гардид. Бо таваҷҷӯҳ ба ин масъала буд, ки Президенти вақти Тоҷикистон Раҳмон Набиев дар моҳи июни соли 1992 аввалин сафари хориҷии худро ба Ҷумҳурии Исломии Эрон анҷом дод.

Аммо ҷойгоҳи кишварҳои ҳамзабон дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳз дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, ки дар 28 декабри соли 1993 баргузор шуд, ба таври усулӣ мушаххас гардид. Эмомалӣ Раҳмон тайи суханронӣ дар ин иҷлосия барои

сиёсати хориҷии Тоҷикистон панҷ ҳавзаро асосӣ донист, ки яке аз он кишварҳои форсизабон буд. Чунин тасмим дар нахустин солҳои истиқлолият, ки Тоҷикистон гирифтори мушкилоти бисёр зиёди сиёсӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва махсусан ҷанги шаҳрвандӣ буд, нишонаи басорат ва дурбинии сиёсии Роҳбари давлат ба шумор мерафт.

Аввалин сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Исломии Эрон, ки дар 16-18 июли соли 1995 сурат гирифт, равобити ду кишварро вориди марҳилаи сифатан нав намуд. Дар ҷараёни ин сафар ҳашт санади ҳамкорӣ ба имзо расид ва сафорати Тоҷикистон дар Теҳрон расман ифтитоҳ гардид, ки иродаи қотеи раҳбарияти кишварамонро барои густариши ҳамкорӣ бо Эрон бозгӯ мекард.

Музокироти созанда бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Акбар Ҳошимии Рафсанҷонӣ ва дигар мақомоти олирутбаи эронӣ, ки тайи ин сафар сурат гирифт, уфуққои тозаи равобитро боз намуд.

Баъд аз ин сафар диду боздидҳои ҳайатҳои расмии ду кишвар афзоиш ёфт ва дар моҳи майи соли 1997 Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Акбар Ҳошимии Рафсанҷонӣ расман аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дидор ба амал овард. Дар ҷараёни гуфтушуниди Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамтои эрониаш масоили муҳимми рушди ҳамкориҳои дуҷониба ва минтақавӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта, дар поёни он нӯҳ санади ҳамкорӣ имзо гардид.

Боздиди Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон аз минтақаи Кӯлоб, махсусан оромгоҳи орифи барҷаста Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва истиқболи гарму самимонаи мардум аз меҳмонони олиқадр, роҳбарияти кишвари дӯсту ҳамзабонро таҳти таъсири амиқ қарор дод. Ба ибораи дигар, ин як намунаи равшани ҳимоя ва ҷонибдории мардумӣ аз рушди муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Эрон буд.

Албатта, Ҷумҳурии Исломии Эрон яке аз кишварҳои меҳварӣ дар заминаи музокироти сулҳи миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифони тоҷик ба шумор мерафт. Чор мулоқоти муҳим дар доираи музокироти сулҳи тоҷикон дар Эрон баргузор шуд. Дар қиёс бо нахустин даври музокироти миёни Ҳукумати Тоҷикистон ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки дар моҳи апрели соли 1994 дар Москва доир шуда буд, дар даври дуввум, ки дар моҳи июни ҳамон сол дар Теҳрон сурат гирифт, Президенти Эрон Акбар Ҳошимии Рафсанҷонӣ ширкат кард ва инчунин роҳбари рӯҳонии ин кишвар Саид Алии Хоманаӣ ду тарафи тоҷикро ба ҳузур пазируфт, ки нишонаи алоқамандии хоси Эрон ба ҳарчи зудтар поён додан ба даргириҳо дар Тоҷикистон буд.

Дар дуввумин дидори Президенти Тоҷикистон бо роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик, ки 19 июли соли 1995 бо ҳузури

Президенти Эрон дар Теҳрон баргузор шуд, Комиссияи оштии миллӣ ташкил гардид, ки дар раванди сулҳ нақши муҳим бозид. Дар дигар давраҳои музокироти тоҷикон низ намояндагони Ҷумҳурии Исломии Эрон фаъолона ширкат намуданд.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ Ҷумҳурии Исломии Эрон низ кӯшиш кард, то дар заминаҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҳузури худро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тақвият намояд.

Ҳамкории босуботи сиёсиву иқтисодӣ бо Тоҷикистон барои Эрон имкон медод, то худро ба унвони шарики муҳимми минтақа муаррифӣ кунад ва устураҳои сохташуда аз тарафи рақибони геополитикиаш дар робита ба хатарҳои наздикӣ бо ҶИЭ ва махсусан дар авлавияти сиёсатгузории Теҳрон қарор доштани мулоҳизоти идеологӣ-мазҳабиро аз байн барад.

Ҳамчунин ҳузури фаъоли Эрон дар Тоҷикистон дигар бозигарони муҳимми геополитикии минтақаро ба он водошт, ки инро чун як воқеият қабул кунанд ва манофеи табии якдигарро мадди назар қарор диҳанд. Яъне воқеиятгароӣ ва эътимодсозӣ яке аз шохисҳои муҳимми равобити Тоҷикистон бо Эрон аст, ки дар канори паёмадҳои мусбати дигар, заминаро барои ҳузури ин кишвари дӯсту ҳамзабон дар минтақа бештар фароҳам кардааст.

Тоҷикистон ҳам дар сатҳи ҳокимият ва ҳам нухбагону мардум низ алоқаманди рушду тавсеаи равобити судманд бо Эрон мебошад. Ин ба далелест, ки дипломатҳо ва коршиносони эронӣ Тоҷикистонро ҳамчун маркази сиқли Осиёи Марказӣ барои кишварашон медонанд.

Агар ҳатто аз масъалаи равиши ҳассоси бархе аз қудратҳои ҷаҳонӣ ва кишварҳои ғарбӣ бо Эрон, ки ба сатҳи муносибатҳои дигар мамолик бо ҶИЭ таъсир гузоштааст, сарфи назар намоем, боз ҳам омили дигар, яъне низом ва ҳокимияти хоси Эрон боиси ҳамкориҳои эҳтиётомези иддае аз кишварҳо бо Теҳрон шудааст. Аммо муваффақияти усули роҳбарӣ ва дипломатияи тоҷик дар он аст, ки бо тафовутҳои зиёди миёни низомҳои сиёсии ду кишвар тавонистааст бо Эрон ба унвони яке аз шарикони муҳимми хориҷии худ муносибат дошта бошад ва зимни ҳимоят аз ин ҳаққи табиии худ, бо дигар қудратҳо ва кишварҳои муҳимми ҷаҳониву минтақавӣ низ равобити дӯстона барқарор намояд.

Маълум аст, ки сиёсати хориҷии ҳар кишваре дорои маҷмӯе аз имкониятҳо ва таҳдидҳост ва ҳунари дипломатия дар он ифода меёбад, ки чи гуна аз имкониятҳо истифода гардида, пеши роҳи таҳдидҳо гирифта шавад. Дар равобити миёни Тоҷикистону Эрон бештари имкониятҳо дар заминаҳои фарҳангӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ мавҷуданд. Беш аз 60 дарсади асноди имзошуда байни ду кишвар дорои ҷанбаҳои фарҳангӣ буда, аз ин ба баъд афзоиши таваҷҷӯҳ ба

густариши равобити иқтисодиву тиҷоратӣ ба ниёзҳои ин марҳилаи рушди Тоҷикистон бештар мутобиқат хоҳад дошт.

Бадеҳист, ки дар равобити иқтисодии байни кишварҳо ва бахусус сармоягузории хориҷӣ масъалаи суди молӣ аз аҳамияти зиёде бархурдор аст. Посухи ин пурсиш муҳим хоҳад буд, ки сармоягузорӣ дар Тоҷикистон барои Эрон чӣ нафъе дорад? Шакке нест, ки чунин ҳамкориҳо дорои суди мутақобиланд, вале таваҷҷӯҳ ба баъзе омилҳои муҳим дар равобити ду кишвар низ лозим мебошад. Масалан, Тоҷикистон наздиктарин ва мутмаинтарин шарики сиёсӣ ва иқтисодии Эрон дар Осиёи Марказист. Эрон бо сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии он кумак мекунад, ки ҳосили он тақвияти нақш ва ҷойгоҳи шарики стратегии Эрон дар минтақа мебошад. Дигар ин ки Тоҷикистон бо иҷрои тарҳҳои муҳимми зерсохтӣ ва аз ҷумла, нерӯгоҳҳои нав дар солҳои оянда ба бузургтарин содиркунандаи нерӯи барқ дар Осиёи Марказӣ табдил хоҳад шуд, ки бахше аз онро дар ихтиёри Эрон низ қарор хоҳад дод.

Тавре ишора шуд, дар сурати идомаи муваффақиятомези ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии ду кишвар ва махсусан сармоягузории Эрон дар арсаҳои мухталифи иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, аз тариқи Тоҷикистон роҳ барои вуруди мутмаинтари маҳсулот ва фанновариҳои Ҷумҳурии Исломӣ ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бештар боз хоҳад шуд. Сохти роҳи оҳан ва мошингард аз Эрон ба воситаи Афғонистон ба Тоҷикистон на танҳо ба иҷро шудани ин ҳадаф кумак мекунад, балки боиси нуфузи колоҳои эронӣ дар бозорҳои минтақа ва кишварҳои ҳамсоя хоҳад шуд. Бино бар ин, арзаи кори бамавқеъ ва бокайфияти ширкатҳои эронӣ дар Тоҷикистон барои муаррифии симои мусбати Ҷумҳурии Исломии Эрон дар минтақа бисёр муҳим хоҳад буд.

Дар мавриди таҳдидҳои муштарак барои Тоҷикистону Эрон метавон ба парвариш ва қочоқи моводи мухаддир, терроризм ва ифротгароии мазҳабӣ ишора кард, ки ду кишвар бо таваҷҷӯҳ ба таҷрибаи кофие, ки дар ин заминаҳо доранд, метавонанд ҳамкории муассир дошта бошанд.

Ҳимоят аз ҳаққи Эрон барои доштани энергияи сулҳомези ҳастаӣ мавқеи усулии роҳбарияти Тоҷикистон буда, қатъи назар аз бархурди кишварҳои дигар, ки аз ҷумла, қудратҳои ҷаҳонӣ, ҳеч гоҳе онро тағйир надодааст. Намунаи барҷастаи пуштибонии Тоҷикистон аз Эрон дар ин робита дар соли 2010 дар ҷараёни суханронии Президенти Тоҷикистон дар парлумони Аврупо мушоҳида гардид. Эмомалӣ Раҳмон бо қотеияти тамом аз сатҳи баланди муносибатҳои Тоҷикистон бо Эрон ҳимоят кард ва аз кишварҳои ғарбӣ барои бархурди дугона дар мавриди барномаи ҳастаии Эрон интиқод намуд.

Қаблан ва баъд аз он ҳам роҳбарияти Тоҷикистон чӣ дар сатҳи дуҷониба ва чӣ дар сатҳи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ

ба ҳаққи қонунии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар ин замина таъкид кардааст, ки ин масъала дар замони раёсати даврагии Тоҷикистон дар Созмони Конфронси исломӣ ба таври возеҳ ба назар расид.

Ҳатто бархе аз коршиносони сиёсии кишварҳои хориҷӣ бо ишора ба ҳимояи Душанбе аз барномаи ҳастаии Эрон аз эҳтимоли паёмадҳои номатлуби он барои манофеи миллии Тоҷикистон сӯҳбат карданд. Аммо ин масъала, аз як сӯ, пойбанд будани Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ ба арзишҳои усулӣ ва аз сӯи дигар истиқлоли фикрии нухбагони олии сиёсии кишварамонро нишон медиҳад, ки барои минтақаи Осиёи Марказӣ падидаи камназир ба шумор меравад.

Албатта, муносибатҳои стратегии Тоҷикистону Эрон бар асоси маҷмӯе аз омилҳо устуворанд, ки муҳимтарини онҳо забон, таърих, дин, тамаддун ва ҷуғрофиёи муштарак мебошад. Бар хилофи тасаввури бархе аз коршиносон, ки умумияти диниро омили меҳварӣ дар равобити ду кишвар медонанд, забон ва ифтихороти муштараки фарҳангӣ ва таърихии тоҷикону эрониён дорои нақш ва ҷойгоҳи бисёр истисноӣ мебошад.

Дар умум ҳамкориҳои Тоҷикистону Эронро дар ду даҳаи гузашта метавон ба се давра тақсим кард. Давраи аввал аз оғози истиқлол то шурӯъи даргириҳои дохилии Тоҷикистонро дар бар гирифта, давраи дуввум ба панҷ соли ҷанги шаҳрвандӣ рост омад. Дар давраи севвум, ки аз замони имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ то ҳоли ҳозирро фаро мегирад, бо бозгашти суботу амният ва рушду пешрафти Тоҷикистон равобити миёни Душанбеву Теҳрон ба пешрафтҳои назаррас ноил шуд. Маҳз дар ин давра муносибатҳои ду кишвар ба сатҳи мушорикати стратегии табиӣ расид.

Эмомалӣ Раҳмон дар моҳи июни соли 2009 зимни ширкат дар маросими ифтитоҳи корхонаи ресандагии «Хуҷанд-Некӯ», ки дар он сармоягузорони эронӣ саҳм гирифта буданд, бо қадрдонӣ аз онҳо гуфта буд: «Мардумони кишварҳои мо аз азал ҳамзабону ҳамфарҳанг ва гузашта аз ин, ҳамреша мебошанд ва табиист, ки аз ин нуқтаи назар низ ҳамкориҳои мо дар тамоми самтҳо беш аз пеш суръату сифати тоза пайдо карда истодаанд, ки сохтмони нақби «Истиқлол», нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» намунаи барҷастаи онҳо мебошанд ва барои иқтисодиёти Тоҷикистон аҳамияти хоса доранд».

Бешак, дар густариши равобити дӯстонаи Тоҷикистону Эрон нақши роҳбарони ду кишвар бисёр муҳим мебошад. Бидуни иродаи қотеи сиёсӣ ҳамкориҳои Душанбеву Теҳрон наметавонист дар масири рӯ ба рушд пеш равад. Президентҳои ҳарду давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Маҳмуди Аҳмадинажод якдигарро бо самимияти хос бародар мехонанд ва ҳамвора ҳомии афзоиши сатҳи ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи тарафайн ҳастанд.

Аз ҷумла, Президенти Тоҷикистон дар маросими ифтитоҳи навбати аввали нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2», ки моҳи сентябри соли 2011 баргузор шуд, бо «намунаи барҷастаи ҳамкориҳои судманди давлатҳои Тоҷикистону Эрон ва рамзи дӯстиву ҳамёрӣ» донистани он таъкид кард: «Ба шарофати истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба мо муяссар шуд, ки робитаҳои анъанавии таърихиамонро бо кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг, алалхусус бо Ҷумҳурии Исломии Эрон барқарор намуда, дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монем».

Дар ин маросим Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон низ бо ибрози хурсандӣ аз рушди ҳамкориҳои иқтисодии ду кишвар, баён намуд, ки «миллати Эрон ҳамеша дар канори миллати Тоҷикистон хоҳад буд ва аз истиқлол ва азамати ин кишвар ҳимоят хоҳад кард», «миллати Эрон пешрафт, ободонӣ, амният ва иззати Тоҷикистонро пешрафт ва амнияти худ медонад ва итминон дорад, ки давлат ва миллати Тоҷикистон низ ҳамин нигоҳро нисбат ба Эрон хоҳад дошт».

Дар ҳақиқат, имрӯз муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратии миёни Тоҷикистону Эрон дар ҳоли густариш буда, бо афзоиши рафтуомади озоди мардум пешрафти соҳибкориву сармоягузорӣ дучанд шудааст. Бар асоси омори расмӣ дар зарфи даҳ соли охир ҳаҷми умумии гардиши молу маҳсулот ва хизматрасонӣ миёни Тоҷикистону Эрон панҷ баробар афзоиш ёфта, танҳо дар давоми беш аз панҷ соли охир сармоягузориҳои мустақим ба иқтисоди Тоҷикистон беш аз 38 баробар зиёд гардидааст, ки аз ҳимоят ва ҳидоятҳои муассири роҳбарияти ду кишвар дар ин арса шаҳодат медиҳад.

Зимни рушди ҳамкориҳои дуҷониба, ҳам Тоҷикистон ва ҳам Эрон ба дунболи дастёбӣ ба ҳадафҳои воқеъбинона ҳастанд, ки истифода аз зарфиятҳои мавҷуди ду кишвар барои ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии мавҷуди дохилӣ ва таҳкими ҷойгоҳи худ дар арсаи минтақавӣ аз он ҷумла мебошад.

* * *

Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташаббускори аслии тақвияти ҳамкориҳои сеҷониба бо Эрону Афғонистон мебошад. Агар ба мавқеияти геополитикии Тоҷикистону Эрон назар кунем, ин воқеиятро мушоҳида менамоем, ки ин ду кишвар дар миёни мамолики ғайри форсизабон қарор гирифтаанд ва ҳалқаи васл Афғонистон мебошад. Ба ин далел аст, ки Душанбе ба тавсеаи равобити миёни се кишвари ҳамзабон аҳамияти зиёде қоил аст.

Бо ибтикор ва нақши фаъоли Тоҷикистон ва махсусан Президент Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷӯҳи Эрон ва Афғонистон ба зарурати ҳамкориҳои муштараки се кишвари ҳамзабон афзоиш ёфт. Роҳбари Тоҷикистон борҳо ба ин нукта ишора кард, ки ҳамкориҳои се кишвари

ҳамреша ба нафъи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва рифоҳу амнияти кулли минтақа аст.

Дар моҳи июли соли 2006 дар шаҳри Душанбе дар натиҷаи мулоқоти роҳбарони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон дар мавриди ташкили комиссияи муштараки ҳамкорӣ тасмим гирифта шуд.

Президенти Тоҷикистон дар изҳороти матбуотии худ дар робита ба натиҷаи нишасти сарони давлатҳои Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон, ки панҷуми августи соли 2010 дар Теҳрон баргузор шуда буд, ин шакли мулоқоти роҳбарони кишварҳои ҳамзабон ва дорои пайвандҳои ниҳоят зиёди таърихиро «суннати нек ва арзишманд» арзёбӣ кард.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамоҳангии мавзеъгириҳои сарони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистонро дар иҷрои барномаҳои бузург ва таърихии ҳамкории сеҷониба муҳим донист ва гуфт: «Мо бахусус сохтмони роҳи оҳани Тоҷикистон-Афғонистон-Эрон ва хати 500 киловолтии Тоҷикистон-Мазори Шариф-Ҳирот-Машҳадро барномаҳои афзалиятноки ҳамкории сеҷониба бо ҷалби васеи сармоягузории хориҷӣ арзёбӣ менамоем».

Президенти Тоҷикистон бо таъкиди захираву имконоти мусоиди ҳамкорӣ дар ҳама арсаҳо, истифодаи босамар ва мутақобилан судманди онҳоро вазифаи муштараки се кишвари ҳамзабон донист.

Дар ҳошияи ҷашни ҷаҳонии Наврӯз дар соли ҷорӣ дар Душанбе роҳбарони Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон нишасти сеҷониба баргузор карда, масоили ҳамкориҳои муштракро мавриди баҳсу баррасӣ қарор доданд. Аз ҷумла, дар робита ба ташкили гурӯҳи корӣ барои ҳалли масоили ҳуқуқӣ, фаннӣ (техникӣ) ва молии эҷоди хатҳои иртибототӣ, нафт, газ, интиқоли об ва васл шудани шабакаҳои барқии се кишвар мувофиқат карданд. Ҳамчунин дар дидори сеҷониба дар мавриди сохти хати лӯлаи нафту газ аз Эрон ба воситаи Афғонистон ба Тоҷикистон ва хати лӯлаи об аз Тоҷикистон ба Афғонистон, Эрон ва бархе кишварҳои Халиҷи Форс Ёддошти тафоҳум имзо шуд.

Ҳар дафъа ҳангоме, ки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Душанбе бо роҳбарони кишварҳои бародару ҳамзабон – Афғонистону Эрон дидору мулоқот менамояд, бо самимият нидо мекунад, ки «Ба ватани худатон хуш омадед!» Ин болотарин баҳо ба равобити самимона ва наздики шахсӣ ва ҳамчунин расмиву давлатии Тоҷикистон бо ин ду кишвар аст.

## Дар талоши эҳёи Роҳи абрешими таърихӣ

Пас аз соҳибистиқлол шудан мардуми Тоҷикистон давлати ҳамсоя – Ҷумҳурии Халқии Хитойро аз нав кашф кард. Ин бесабаб нест, зеро аз солҳои 60-уми асри XX ба баъд муносибатҳои Иттиҳоди Шӯравӣ

бо Хитой дар ҳолати сардӣ қарор доштанд ва ду ҳодисае, ки соли 1968 дар сарҳади ду давлати бузург ба амал омада, боиси амалиётҳои ҷангӣ ва кушта шудани одамон шуда буданд, дар тасаввуроти наслҳои калонсол саволҳои беҷавоби зиёд боқӣ гузоштанд. Вале бо соҳибистиқлол шудани Тоҷикистон ин тасаввуроту андешаҳо ба зудӣ тағйир хӯрданд. Хитой ба ҳайси як ҳамсояи наздик ва дӯсти кишвари мо худро муаррифӣ кард – аз нахустинҳо шуда, давлати тозабунёдро ба расмият шинохт, дар Душанбе сафорати худро ифтитоҳ намуд ва муносибату ҳамкориҳо шурӯъ шуданд.

Вақте Эмомалӣ Раҳмон сари қудрат омад, масъалаҳои рушду густариш додани муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои хориҷӣ, бахусус ҳамсояҳо дар мадди аввали таваҷҷӯҳи ӯ қарор гирифтанд. Тавре зикр гардид, дар он шабу рӯз Тоҷикистон бо мушкилоти зиёд гирифтор буд ва Роҳбари давлат яке аз роҳҳои асосии аз чунин ҳолат берун овардани кишварро дар дастгирии сиёсию молии дӯстони хориҷӣ медид. Ӯ дар аввали соли 1993 тавонист, ки бо СММ масъалаҳои усулии ба эътидол овардани вазъиятро то андозае ба мувофиқа расонад. Акнун зарур буд, ки бо кишварҳои хориҷӣ низ муносибату ҳамкориҳои фаъолро ба роҳ монда, аз имкониятҳои онҳо ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллии кишвари худ истифода намояд. Ҳамин тариқ, интихоби Роҳбари давлат дар масъалаи анҷом додани нахустин сафари расмӣ ба Ҷумҳурии Халқии Хитой афтид ва ин боздид моҳи марти соли 1993 аз ҳар ҷиҳат муваффақона анҷом ёфт.

Таваҷҷӯҳ намудани Роҳбари давлат ба Хитой бесабаб набуд. Маълум аст, ки Хитой қабл аз ҳама ҳамсояи ҳамсарҳади Тоҷикистон аст, вале Эмомалӣ Раҳмон дар баробари ин ҳангоми густариш додани муносибату ҳамкориҳо эҳёи робитаҳои хеле қадимаи халқҳои тоҷику хитоиро низ дар назар дошт, ки замоне тавассути Роҳи бузурги абрешим дар ҳадди камоли худ буданд. Тавассути Роҳи бузурги абрешим дар баробари ривоҷи тиҷорат ва хариду фурӯши мол табодули таҷриба, илму дониш, расму оин, анъанаҳои миллӣ сурат мегирифт ва миёни ду халқ аз он замонҳои дур нишонаҳои муносибатҳои наздик то ба имрӯз боқӣ мондаанд. Эмомалӣ Раҳмон ба ишора ба ин пайвандҳои қадима зикр намуда буд, ки «аз қаъри таърих халқҳои тоҷику хитоӣ дар фазои сулҳ, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек умр ба сар мебаранд» ва «дар кишвари ман аз он қаноатманданд, ки эҳсосоти амиқи дӯстии таърихӣ ва ҳамдигарфаҳмии халқҳои мо дар ҳазораи нав рушди динамикӣ меёбанд».

Бояд зикр намуд, ки шурӯъ аз он боздиди нахустин миёни роҳбарияти олии Тоҷикистон ва Хитой муносибатҳои наздику боварибахш ба роҳ монда шуданд, ки барои таҳкиму тавсеаи равобиту ҳамкориҳои дуҷониба заминаи мӯътамад ба вуҷуд оварданд. Ин муносибатҳо собитқадамона рушду такомул ёфта, самтҳои зиёди

ҳамкориро фаро гирифтанд. Дар давоми ду даҳсолаи ҳамкориҳо миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой зиёда аз 150 санади меъёрӣ-ҳуқуқии дуҷониба ба имзо расид, ки миёни онҳо Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар бораи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ моҳияти зербиноӣ дорад. Ба хотири назорату ҳамоҳангсозии тавофуқҳо Комиссияи иқтисодии байниҳукуматии Тоҷикистону Хитой фаъолият мекунад, ки мулоқотҳои даврии он ба таври мунтазам баргузор мегарданд. Азбаски дар муносибатҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ аз ҷониби Хитой Ноҳияи Мухтори Синҷян-Уйғури (НМСУ) ҶХХ саҳми бузург дорад, ба хотири фаъолтар сохтани кори комиссияи номбурда Зеркомиссияи Тоҷикистону НМСУ ҶХХ-и назди Комиссияи муштараки байниҳукуматии Тоҷикистон ва Хитой оид ба ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ таъсис ёфт, ки ҷаласаи нахустини он моҳи декабри соли 2010 дар шаҳри Урумчии он кишвар баргузор шуд.

Тавре зикр гардид, яке аз масъалаҳои муҳимтарини миёни ду давлати дӯст боварию эътимоди байниҳамдигарӣ мебошад, ки муносибату ҳамкориҳо аз он сарчашма мегиранд. Мавқеи асосии Тоҷикистон дар мавзӯи ба Хитой тааллуқ доштани Тайван дар тамоми ҳуҷҷатҳои сиёсии Тоҷикистону Хитой, шурӯъ аз Ёддошти Тафоҳум дар бораи барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ аз 4 январи соли 1992 ва инчунин Аҳдномаи ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ аз 15 январи соли 2007 инъикоси худро ёфт. Ҳамчунин, масъалаи муайян кардани хати сарҳади давлатии миёни ду давлат, ки аз таърих ба мерос омада буд, пурра ҳал гардид.

Имрӯз Тоҷикистон ва Хитой дар самтҳои сиёсӣ, ҳарбӣ-техникӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, гидроэнергетика, илм, фарҳанг, маориф, сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои барои ҳарду ҷониб муфид ҳамкорӣ мекунанд.

Эмомалӣ Раҳмон ба сатҳи муносибатҳои ду давлат баҳои баланд дода, аз он миён ба чанд самте таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамуд, ки барои имрӯзу оянда аҳамияти калон доранд. Пеш аз ҳама муносибатҳои сиёсӣ дар сатҳи олӣ миёни роҳбарони ду давлат ба манфиати ҳарду ҷониб равона гардида, зимни мулоқоту гуфтушунидҳо доираи васеи масоили ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷониба баррасӣ мешаванд. Иродаи сиёсии роҳбарони давлат ба рушду густариши ҳамкориҳо ангезаи нав мебахшад.

Яке аз самтҳои муҳим, бешубҳа, ривоҷ додани муносибатҳои тиҷоратӣ ва боло бурдани гардиши мол аст. Дар ин самт ҷонибҳо ба дастовардҳои бузург ноил шуданд ва ҳоло Хитой яке аз ҳамёрони асосии Тоҷикистон дар ин ҷода мебошад. Хусусан дар солҳои барои Тоҷикистон душвор, ки мардум қобилияти хуби харидорӣ надошт, моли арзони хитоӣ ин ниёзмандиҳоро қонеъ мекард ва имрӯз вобаста

ба болоравии сатҳи зиндагии халқ сифати моли воридшаванда боло меравад. Вижагии дигари рушди тиҷорат бо Хитой он аст, ки дар солҳои охир сарфи назар аз мушкилоти овардани бор тавассути роҳи оҳан, дар бозорҳои ҷумҳурӣ камчинии мол, болоравии нарх ва дигар зуҳуроти нигаронкунанда мушоҳида нагардид. Ин бори дигар сиёсати дурандешонаи Роҳбари Тоҷикистонро дар мавриди сиёсати «дарҳои боз» ва баровардани ҷумҳурӣ аз бунбасти нақлиётӣ собит намуд. Соли 2004 роҳи автомобилгарди Душанбе-Хоруғ-Қулма ба истифода дода шуд, ки он ба шоҳроҳи Қароқурум баромада, дар афзоиш ёфтани гардиши мол миёни ду давлат омили муҳим гардид.

Табодули мол миёни Тоҷикистону Хитой мувофиқи маълумоти расмии омории ҷумҳурӣ аз рӯи натиҷаҳои соли 2011 ба беш аз 1 млрд. долл. ИМА расид, ки дар қиёс бо дигар кишварҳои ҷаҳон нишондиҳандаи назаррас аст.

Самти дигар – сармоягузориҳои Хитой ҷиҳати амалӣ кардани лоиҳаҳои гуногун дар қаламрави Тоҷикистон мебошад, ки барои рушди иқтисоди ҷумҳурӣ пойгоҳи боэътимод мегузоранд. Имрӯз дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз панҷоҳ лоиҳаи муштарак дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди кишвар амалӣ шуда истодаанд. Шоистаи зикр аст, ки ин сармоягузориҳо дар самтҳои барои ҷумҳурӣ аз ҳама муҳим, ки ба ҳадафҳои стратегии давлат – раҳоӣ ёфтан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини истиқлолияти энергетикӣ шомиланд, яъне сохтмони роҳҳо ва хатҳои интиқоли барқ истифода мешаванд.

Бо ёрии сармоя ва ширкатҳои хитоӣ нақби мошингарди «Шаршар» дар роҳи мошингарди Душанбе-Данғара-Кӯлоб сохта ва ба истифода дода шуд, ҳоло сохтмони нақбҳои «Чормағзак» дар роҳи зикршуда, азнавсозии шоҳроҳи Душанбе-Айнӣ-Истаравшан-Хуҷанд-Бӯстон-Чанак ва сохтмони нақби «Истаравшан» (дарозиаш зиёда аз 5 км), 37 пули хурду калон ва зиёда аз 6 километр иншооти зидди ярч ва барфу тарма дар ҳамин роҳ, таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Нуробод-Ҷиргатол-Саритош идома дорад. Бояд зикр намуд, ки мавриди истифода қарор гирифтани ин роҳҳо барои рушди минбаъдаи Тоҷикистон хизмати бузургеро ба ҷо хоҳад овард. Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар маросими оғози татбиқи лоиҳаи таҷдиди шоҳроҳи автомобилии Душанбе-Чанак 11 июли соли 2006 зикр намуд, ки «манфиати иқтисодиву иҷтимоии ин роҳ ҳам барои мардум ва ҳам барои кишварамон дар ояндаи наздик хеле назаррас хоҳад гашт». Маблағгузории азнавсозии ин шоҳроҳ дар асоси қарордоди миёни Тоҷикистону Хитой аз ҳисоби қарзи пешниҳоднамудаи ҷониби Чин, ки ба 928 миллион сомонӣ баробар аст, сурат мегирад. Саҳми Ҳукумати Тоҷикистон дар маблағгузории лоиҳаи мазкур 49 миллион сомонӣ мебошад. Бисёр лоиҳаҳои дигар низ, ҳамин тавр, бо саҳми ҷонибҳо муштаракона сохта мешаванд.

Қаблан хатҳои интиқоли барқи 220-киловатаи «Лолазор-Хатлон» ва 500-киловатаи «Ҷануб-Шимол» аз ҷониби ширкатҳои хитоӣ сохта ба истифода дода шуданд, ки барои таъмини истиқлолияти энергетикии ҷумҳурӣ аҳамияти калон доранд.

Яке аз самтҳои афзалиятнок дар ҳамкориҳои дуҷониба ин сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии нав, таъмир ва азнавсозии НОБ-ҳои мавҷуда ва ҳамчунин интиқоли хатҳои баландшиддати барқӣ дар Тоҷикистон боқӣ мемонад.

Ҳамкориҳои ду кишвар дар самтҳои таъсис додани корхонаҳои муштарак, сохтмони объектҳои инфрасохторӣ, нақлиётӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, рушди истеҳсолоти маводи сохтмонӣ, инчунин дар соҳаҳои низомӣ, фарҳангӣ, маориф ва ғайра рушду равнақ меёбанд. Дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти Тоҷикистон қариб 50 корхона фаъолият дорад, ки бо ҷалби сармояи Хитой сохта шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой равобити созандаву самарабахши худро дар доираи Созмони ҳамкории Шанхай низ муваффақона ба роҳ мондааст. Бояд зикр намуд, ки соли 1996 Хитой ба хотири аз байн бардоштани масъалаҳои сарҳадӣ ҳамроҳи ҳамсояҳои ҳаммарзи худ – Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон формати нави муколама ва ҳамкорӣ «Панҷгонаи Шанхай»-ро таъсис дод, ки санадҳои дар чаҳорчӯби он қабулшуда ба танзими масъалаҳои марбут ба марз бахшида шуда буданд. Дар заминаи ин «панҷгона» соли 2001 Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) таъсис ёфт, ки тадриҷан доираи фаъолияти худро хеле васеъ намуд.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон ин созмон «дар муддати нисбатан кӯтоҳи таърихӣ омили муҳими сиёсати минтақавӣ ва глобалӣ гардид, ки ба равандҳои ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад» ва «фаъолияти он манфиатҳои ҷории ҳаётӣ ва дарозмуддати стратегии давлатҳои аъзои СҲШ-ро ифода намуда, механизми комилан нави ҳамкории байналмилалиро дар масоили муқовимати комплексӣ ва босамар ба таҳдидҳои муосири амният ва субот ва таъмиқи равобити сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ падид овардааст».

Вобаста ба он, ки аз ибтидо таъмини субот ва амният аз масъалаҳои авлавиятноки созмон ба шумор мерафтанд, дар фаъолияти он «Конвенсияи Шанхай дар бораи мубориза ба муқобили терроризм, сепаратизм ва экстремизм» ва санадҳои дар асоси он қабулшуда нақши муҳим доранд. Ба ин хотир, созмон додани Маркази зиддитеррористии минтақавии СҲШ низ гувоҳи муҳим будани ин самти фаъолияти созмон аст. Ҳамин тариқ, мубориза бар зидди «се бадӣ» – терроризм, сепаратизм ва экстремизм чун вазифаи меҳварӣ дар кори СҲШ нақши устувор пайдо намуд. Дар баробари ин, тадриҷан бо ҳалли масъалаҳои сарҳадӣ самтҳои зиёде ба фаъолияти созмон илова гардида, барои сохторҳои гуногуни давлатҳои аъзо майдони ҳамкорӣ ба вуҷуд меоранд.

Маълум аст, ки дар баробари мубориза бо терроризм, экстремизм, сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ва ҷинояткории муташаккили трансмиллӣ сабабҳои зуҳури онҳоро аз байн бурдан зарур аст. Аз ин лиҳоз, таъмини амнияту субот ба ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодию иҷтимоӣ вобастагии зич дорад. Ин масъала дар СҲШ фаҳмиши дуруст пайдо кардааст ва ривоҷ додани ҳамкориҳои иқтисодӣ, дастгирии давлатҳои аъзо ҷиҳати ҳалли мушкилоти иқтисодӣ, ҳангоми амалӣ намудани лоиҳаҳо ба хотири таъмини амнияту субот аҳамияти ҷиддӣ касб кардаанд. Ин нуктаро ёдрас шуда, Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буд, ки «амният ва иқтисод бояд дар оянда низ чун шаҳсутунҳои СҲШ боқӣ монанд», зеро «бо такя ба онҳо метавон муассирияти фаъолияти Созмонро таъмин кард ва худи онро ба вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳон созгории зарурӣ дод».

Пас аз таъсисёбии СҲШ эҳёи Роҳи бузурги абрешим низ тариқи сохтмони шохаҳои зиёди роҳҳои оҳану мошингард, ки давлатҳои минтақаро ба ҳам мепайванданд, сол то сол доман паҳн мекунад. Роҳбари давлат чунин шабакаро барои кишвари кӯҳии Тоҷикистон, ки то қарибӣ дар бунбасти коммуникатсионӣ қарор дошт ва ҳатто минтақаҳои алоҳидаи он дар фасли зимистон аз марказ бурида буданд, дорои аҳамияти ҳаётан муҳим арзёбӣ намуда, иброз дошт, ки «мо азми қавӣ дорем барои барқарор сохтани симои нави имрӯзаи Роҳи бузурги абрешим аз ҳамаи роҳу воситаҳо истифода барем».

Роҳбари давлат дар муносибатҳои Тоҷикистон бо СҲШ чанд самтеро ҳамчун афзалиятнок мушаххас кард, ки яке аз онҳо соҳаи амнияти минтақавӣ буда, дар он мубориза бо терроризм, экстремизм, сепаратизм ва қочоқи маводи мухаддир аҳамияти хос дорад. Ба хотири таъмини муборизаи муштарак бо қочоқи маводи мухаддир Эмомалӣ Раҳмон роҷеъ ба таъсис додани Маркази зидди маводи мухаддир дар чаҳорчӯби СҲШ таклиф пешниҳод карда буд.

Таъмини фаъолияти доимӣ ва босамари роҳҳои нақлиётии миёни Тоҷикистону Хитой, инчунин ширкат дар бунёди роҳҳои трансмиллии пайвасткунандаи Афғонистон, Покистон ва Эрон аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон чун самти дигари муҳими ҳамкорӣ дар чаҳорчӯби СҲШ муайян гардид.

Роҳбари давлат туризмро низ ба шумори самтҳои муҳими ҳамкории кишварҳои СҲШ шомил кардааст. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон «Тоҷикистон қодир аст дар оянда ба яке аз марказҳои туризми кӯҳӣ ва экологӣ дар чаҳорчӯби СҲШ табдил шавад».

Самти дигаре, ки мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор дошт, истифодаи таҷрибаи Хитой дар бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мебошад, ки ба андешаи ӯ «дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ аҳамияти калон дорад».

Роҳбари Тоҷикистон дар Созмони ҳамкории Шанхай низ роҷеъ ба қазияи Афғонистон масъалагузорӣ намуда, таваҷҷӯҳи сарони давлатҳои аъзоро ба вазъи кишвари ҳамсоя ва дарёфти роҳҳои ҳалли он ҷалб намуд. Ин мавзӯъ аз ҷониби сарони давлатҳо дастгирӣ ёфт ва соли 2005 Гурӯҳи тамоси «СҲШ-Афғонистон» таъсис шуд. Баъдтар Эмомалӣ Раҳмон зикр карда буд, ки «расонидани кумак ба Афғонистони бо мо дӯст дар бобати табдил додани он ба давлати устувору обод, ки рушди иқтисодии худро бе истеҳсоли маводи нашъадор таъмин карда тавонад, ба манфиати ҳамаи мо мебошад» ва «Созмони ҳамкории Шанхай метавонад ва бояд дар ҳалли ин масъала нақши мусбат бозад».

Роҳбари давлат ба фаъолияти СҲШ баҳои баланд дода, зикр намуда буд, ки «давлатҳои муассис дар оғози ҳазорсолаи нав Созмони ҳамкории Шанхайро ташкил карда, роҳи ҳақиқатан муҳими стратегиеро пеш гирифтанд, ки давраи гузариши ҳамкории моро ба давраи сифатан нави рушд ифода карда, ба таҳдидҳо, зуҳурот ва тамоилоти марҳалаи имрӯза ҷавоб дода метавонист» ва «ин як навъ ҷавоби сазовор ва арзанда ба таҳдидҳои асри XXI мебошад».

Ҳамин тариқ, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар муносибатҳо бо Ҷумҳурии Халқии Хитой заминаи устувор гузошта, ривоҷ додани ҳамкориҳоро бо ин кишвари ҳамсоя ва дӯст ба шумори авлавиятҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ ворид кардааст. Моҳи марти соли 1993, ҳангоме, ки Роҳбари давлат бори нахуст бо сафари расмӣ ба Хитой ташриф овард, миёни ду кишвари ҳаммарз ҳатто роҳи мустақими рафтуомад набуд ва тоҷирон тавассути кишварҳои сеюму чорум муомилоти тиҷоратии худро анҷом медоданд. Ҳоло бошад тавассути роҳҳое, ки дар давоми камтар аз даҳ соли охир сохта шуданд, ҳар рӯз садҳо мошин сарҳадро убур мекунанд. Роҳҳое, ки бо ҷониби Хитой муштаракона сохта мешаванд, дар дохили ҷумҳурӣ мушкилоти зиёдеро аз миён бардоштанд, хатҳои интиқоли барқ шабакаи ягонаи барқи ҷумҳуриро ба вуҷуд оварданд.

Кӯшишу талошҳои Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати роҳандозӣ намудани муносибатҳои наздики дӯстона ва бародарона бо Хитой ба нафъи ду кишвар самараи зиёд меоваранд ва ҳарду ҷониб ҳам мӯътақид бар он ҳастанд, ки барои тақвият бахшидани ҳамкориҳо имкониятҳои истифоданашуда хеле зиёданд. Роҳбари давлат бо ишора ба дастгирии Хитой дар амалӣ намудани лоиҳаҳои ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ шеваи ҳамкории кишвари бузурги дӯсту ҳамсояро намунаи ҳусни ҳамҷаворӣ номида, изҳори омодагӣ намудааст, ки «бо Ҷумҳурии Халқии Хитой дар ҳама арсаҳо, аз ҷумла, дар бахшҳои иқтисод, иттилоот, илм ва техника ҳамкориҳои дуҷонибаи судмандро рушду густариши тоза бахшем».

* * *

Ҳамкорӣ бо кишварҳои дигари Осиё низ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи хосаи худро дорад.

Дар минтақаи Осиё, ки сатҳи рушди кишварҳояш гуногун аст, Тоҷикистон сол то сол доираи робитаҳояшро қавӣ гардонида, дар баробари ривоҷ додани табодули мол бо давлатҳои алоҳида, ҷалби сармояро ба иқтисоди худ тавсеа мебахшад. Сатҳ ва мазмуну мундариҷаи ҳамкориҳо бо ин кишварҳо гуногун аст. Агар Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини истиқлолият бо Афғонистон, Эрон, Хитой, Туркия, Покистон ва Ҳиндустон барин кишварҳо муносибатҳои ҳамёриро ба роҳ монда бошад, пас бо кишварҳои арабӣ робитаҳои фаъол аз соли 2007 шурӯъ шуданд, муносибатҳо бо кишварҳои Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ ва ҳавзаи уқёнуси Ором бошад дар ҳоли ташаккул ҳастанд. Дар ҳар сурат, ҷумҳурӣ бо даст додани имкони муносиб сатҳи ҳамкорию муносибатҳояшро бо ин кишварҳо тақвият мебахшад. Дар баробари ин, Тоҷикистон чун кишвари осиёӣ, аз ҷумла, дар доираи созмонҳои байналмилалӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақа низ саҳмгузор бошад.

Ҷумҳурии Туркия барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз шарикони афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Байни ду кишвар дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла иқтисодиёт, тиҷорат, энергетика, саноат, маориф, фарҳанг, сохтмон ва меъморӣ ҳамкориҳо самарабахш идома доранд. Ҳамкорӣ ва дастгирии доимии ҳарду кишвар дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва форумҳо, хусусан дар доираи ҷаласаҳои Созмони Милали Муттаҳид мусбат арзёбӣ мегарданд.

Соли 1992 Сафорати Ҷумҳурии Туркия дар Душанбе ба фаъолият шурӯъ намуд, моҳи декабри соли 1995 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Анкара ифтитоҳ гардид. Инчунин соли 2011 Консулгарии генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Истамбул ба кор шурӯъ кард.

То ба имрӯз зиёда аз 50 созишномаю тафоҳумномаҳо ва дигар санадҳои ҳамкорӣ байни ду кишвар ба имзо расидаанд.

Дар ин давра Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Туркия 6 маротиба боздидҳои расмӣ ва корӣ ҷараён дод, ки онҳо моҳи майи соли 1996, октябри соли 1998, ноябри соли 1999, январи соли 2006, марти соли 2009 ва декабри соли 2010 сурат гирифтаанд.

Дар навбати худ Президенти Туркия 3 бор – сентябри соли 1995, ноябри соли 2001 ва майи соли 2009 ба Тоҷикистон бо сафарҳои расмӣ ва корӣ ташриф овардааст.

Мавқеи ду кишвар нисбат ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ наздик ва ё яксон мебошанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

Ҷумҳурии Туркия дар дигар сатҳҳо низ мунтазам тамос мегиранд, инчунин дар ҳошияи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳамкории зич ба роҳ мондаанд.

Моҳи апрели соли 1996 дар Душанбе дафтари Агентии ҳамкории байналмилалии Туркия (TIKA) ифтитоҳ гардид.

Дар соҳаи маориф бо иттиҳодияи литсейҳои хусусии Туркия «Озал Шалола» ва «Измир» созишнома оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи таъсис додани шабакаи литсейҳо дар Тоҷикистон ба имзо расидааст, ки мувофиқи он дар шаҳрҳои Душанбе, Қурғонтеппа, Кӯлоб, Хуҷанд ва Турсунзода шаш литсейи муштараки тоҷикию туркӣ кушода шудаанд.

Мубодилаи мол байни ду кишвар дар соли 2011 назар ба соли 2010 дар қиёс 142 фоизро ташкил дода, ба 620 млн. доллари ИМА расид, ки аз он воридот ба 544 млн. ва содирот ба 75 млн. доллари ИМА баробар шудааст.

Ширкатҳои сохтмонии туркӣ дар қаламрави Тоҷикистон паймонкори сохтмони биноҳои маъмурӣ, истиқоматӣ ва тиҷоратӣ, инчунин роҳҳои автомобилгард мебошанд.

Таъмини сулҳу субот дар минтақа яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва аввалиндараҷаи муносибатҳои миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ба шумор рафта, истиқрори сулҳ дар Афғонистон ва мубориза алайҳи терроризм ва экстремизми байналмилалӣ самтҳои асосии ҳамкориҳои Тоҷикистону Покистон маҳсуб мегарданд. Дар ин ҷода дар натиҷаи муколама ва вохӯриҳои доимӣ дар сатҳҳои гуногун, тавассути ташаббусҳои фаъоли дипломатӣ ва қадамҳои устувор, муваффақиятҳои судбахши дуҷониба ба даст омадаанд.

Дар таърихи бистсолаи муносибатхои байни ду кишвар панҷ сафари расмӣ ва кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Покистон (моҳи марти соли 1994, октябри соли 1996, июни соли 2002, июли соли 2009 ва марти соли 2011) ва се ташрифи Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон (моҳи июли солҳои 2002, 2009 ва марти 2012) ба вуқӯъ пайвастаанд. Зимни ин сафарҳо ва мулоқотҳои сарони ду кишвар музокироти пурмуҳтаво анҷом ёфта, имзои зиёда аз 30 санаде, ки пояи қарордодӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои байни Тоҷикистон ва Покистонро ташкил медиҳанд, сурат гирифтааст.

Ҷониби Покистон ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаи энергетика ва интиқоли нерӯи барқи арзон аз Тоҷикистон аҳамияти калон дода, иброз медорад, ки омода аст дастрасии Тоҷикистонро ба шабакаҳои нақлиётию транзитии худ, аз ҷумла, бандарҳои баҳрӣ осон гардонад.

Бояд қайд кард, ки татбиқи тарҳҳои бузурги энергетикӣ, бахусус кашидани хати баландшиддати барқ, ки нерӯи барқи арзони кишварҳои Осиёи Марказиро ба кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ интиқол

дода, бо номи CASA-1000 машҳур аст, барои пешрафти ин кишварҳо саҳми арзанда хоҳад гузошт.

Таҷриба нишон дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ҳанӯз ҳам дорои потенсиали зиёди истифоданашудаи ҳамкорӣ буда, он метавонад дар оянда ба манфиати мардумони ҳарду кишвар истифода бурда шавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ду кишвари ба ҳам дӯст буда, онҳоро муштаракоти фарҳангиву таърихӣ аз замонҳои қадим ба ҳам мепайвандад. То ба имрӯз Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон се маротиба – солҳои 1993, 1995, 2001 сафари расмӣ ва солҳои 2006 ва 2012 ду сафари давлатӣ анҷом додааст. Зимни ин сафарҳо якчанд созишномаву санадҳо дар бахшҳои гуногуни ҳамкорӣ, аз ҷумла иқтисод ва тиҷорат, тиб (дорусозӣ), тандурустӣ, кишоварзӣ, варзиш ва сайёҳӣ, фарҳанг, маориф ва илму технология ба имзо расидаанд, ки барои таҳкими ҳамкориҳои гуногунҷанба замина гузоштанд.

1-4 сентябри соли 2012 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон баргузор шуд, ки дар рафти он Роҳбари Тоҷикистон бо Президент ва Сарвазири Ҳиндустон мулоқот намуд. Аз рӯи натиҷаи сафар 12 санад дар самтҳои асосии ҳамкорӣ ба имзо расид.

Айни замон муносибатҳои Тоҷикистону Ҳиндустонро 46 ҳуҷҷати дуҷонибаи байнидавлатӣ ба танзим медарорад.

Лозим ба ёдоварист, ки муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистону Ҳиндустон рӯ ба пешравӣ доранд. Байни соҳибкорони ду кишвар тамоси мустақим барқарор карда шудааст. Дар заминаи ин ҳамкориҳо якчанд анҷумани соҳибкорон доир шуданд, ки барои тақвияти муносибатҳо дар ин раванд такони тоза бахшиданд.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишвари дигари осиёӣ – Япония дар арсаи байналмилалӣ дар сатҳи баланди боварӣ ва дастгирии судманд арзёбӣ мегарданд.

Тоҷикистон ва Япония дар пойтахтҳои ҳамдигар намояндагиҳои дипломатии худро таъсис дода, робитаҳои мутақобилан судманд ба роҳ мондаанд.

Дар тӯли муносибатҳои дуҷониба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Япония ду сафари корӣ (14-17 майи соли 2001, 17-19 марти соли 2003) ва як сафари расмӣ (2-6 декабри соли 2007) анҷом додааст, ки барои рушд, таҳким ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи боздидҳои худ аз Япония ду маротиба бо Императори Япония Акихито мулоқот анҷом додааст. Мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон бо Сарвазир ва дигар намояндагони воломақоми Япония дар ҳошияи ҳамоишҳои ҷаҳониву минтақавӣ

дар кишварҳои гуногуни дунё доир гашта, самараи зиёд ба бор овардаанд.

Тоҷикистон ва Япония дар баррасии масъалаҳои зиёди глобалии муосир, аз ҷумла, вобаста ба об ва санитария ҳамкории судбахш ба роҳ монда, ташаббускорони асосӣ дар ин мавзӯъ ба шумор меравaнд. Иштирок ва суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми ҷаҳонии бахшида ба оби тоза (17-19 марти соли 2003 дар шаҳри Киото) ва дар Ҳамоиши нахустини кишварҳои Осиёву уқёнуси Ором бахшида ба об (2-3 декабри соли 2007 дар шаҳри Беппу) аз он шаҳодат медиҳад.

Иқдоми Япония вобаста ба таҳкими Муколамаи сиёсии «Осиёи Марказӣ + Япония», ки якумин ҷаласаи он соли 2004 дар шаҳри Остона баргузор гардидааст, тавассути ҳамкориҳои минтақавӣ аз таваҷҷӯҳи хоси ҷониби японӣ ба Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ гувоҳӣ медиҳад. Муколамаи мазкур ба 5 сутуни асосӣ: муколамаи сиёсӣ, ҳамкории дохилии минтақавӣ, инкишофи тиҷорат, муколамаи зеҳнӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва табодули инсонӣ такя менамояд. Бояд тазаккур дод, ки ҷониби Тоҷикистон дар ҳамаи чорабиниҳои дар чорчӯбаи Муколамаи мазкур анҷомёфта, бо пешниҳодҳои мушаххас иштирок намудааст.

Мардуми Тоҷикистон кумакҳои молию техникии Японияро пайваста эҳсос менамояд. Кумакҳои мазкур хусусан дар солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ дар вазъи ноороми Тоҷикистон аҳамияти калон доштанд. Айни ҳол кумаки молию техникии Ҳукумати Япония ба Тоҷикистон тавассути Агентии Япония оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (JICA) бештар ба соҳаи маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ равона мешавад.

Дар доираи кумакҳои техникиву молиявии Япония дар Тоҷикистон ҳамчунин лоиҳаҳои гуногуни соҳаи иҷтимоӣ, алалхусус 2 лоиҳаи афзалиятнок барои Тоҷикистон – бозсозии роҳи автомобилгарди Қурғонтеппа-Дӯстӣ-Панҷи Поён ва бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолии ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ татбиқ мегарданд.

Тоҷикистону Япония дар доираи лоиҳаи барқарорсозии иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Афғонистон низ ҳамкориҳои судманд доранд.

Бо вуҷуди муносибатҳои неки дӯстӣ ва ҳамгироии босамари минтақавӣ ва байналмилалӣ, муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистону Корея ҳанӯз дар ҳоли ташаккул ва оғози рушд қарор доранд.

Ҷумҳурии Корея намояндагии худро дар шаҳри Душанбе соли 2008 боз намуд. Айни ҳол аз ҷониби Корея масъалаи табдили намояндагӣ ба Сафорат баррасӣ шуда истодааст, ки ин барои густариши муносибатҳои дуҷониба нақши арзанда хоҳад гузошт.

Тоҷикистону Корея дар масъалаҳои глобалии байналмилалӣ мавқеи наздик ва монанд доранд. Ду кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ дар

доираи созмонҳои байналмилалӣ, хусусан СММ ва сохторҳои он ҳамкории зичро ба роҳ мондаанд.

Муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва укёнуси Ором дар давоми солҳои 1992-1999 барқарор карда шудаанд. Муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишварҳо ва густариши ҳамкориҳои мутақобилан судманди сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барои пешрафти ҷумҳурии мо аҳамияти хоса доранд. Дар муддати бист соли истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон тавонист, ки бо аксарияти давлатҳои дуру наздики Осиё муносибату ҳамкориҳои судмандро роҳандозӣ намуда, дар самтҳои гуногуни иқтисод, тиҷорат, фарҳанг, маориф натиҷаҳои муайянро соҳиб шавад.

Сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам (18 январи соли 1999) ва мулоқоти ӯ бо Президент Чан Дик Лионг дар таърихи муносибатҳои Тоҷикистон бо ин кишвар рӯйдоди муҳим буда, ба рушди минбаъдаи муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди дуҷониба такони ҷиддӣ бахшид. Дар рафти боздиди расмӣ панҷ ҳуҷҷати дуҷониба дар соҳаҳои иқтисодиву тиҷоратӣ, ташвиқу ҳимояи сармоягузориҳо ва ҳамкориҳои илмиву техникӣ ба имзо расид, ки асоси ҳуқуқӣ ва қарордодии муносибатҳои миёни ду кишварро муайян менамоянд.

Рӯйдоди муҳим дар муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Шоҳигарии Таиланд сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба ин кишвар 9-10 августи соли 2005 ба ҳисоб меравад. Дар ҷараёни сафар дар мулоқотҳои роҳбарони ду давлат доираи васеи масъалаҳои дуҷониба, инчунин масъалаҳои минтақавию байналмилалӣ, ки барои ҳар ду тараф дорои аҳамиятанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Санадҳои имзошуда заминаи ҳуқуқиву шартномавиро барои рушди минбаъда ва вусъати муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои самарабахш байни ду кишвар фароҳам сохтанд. Айни замон, ҳамкориҳои дуҷонибаи ҳарду кишвар густариш меёбанд.

Тӯли ин солҳо вохӯриҳо дар сатҳи олӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Малайзия, ки дар чаҳорчӯбаи чорабиниҳои байналхалқӣ баргузор мегардиданд ва ба муносибатҳои дуҷониба такони тоза мебахшиданд. Зимни мулоқотҳо усулҳо дар раванди қавӣ гардонидани муносибатҳо ва таҳияи асосҳои ҳуқуқии он мувофиқа шуда, аз тарафи ҳар ду ҷониб як қатор лоиҳаҳои созишномаҳо дар соҳаҳои иқтисодӣ, туризм ва илму техника мавриди баррасӣ қарор доранд.

Моҳи октябри соли 2003 бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Куала-Лумпур маросими ифтитоҳи расмии Намояндагии тиҷоратии Тоҷикистон дар Малайзия баргузор гардид, ки дар робитаҳои иқтисодию тиҷоратӣ байни ду кишвар воқеаи муҳим арзёбӣ мешавад.

Ҳамкориҳо дар соҳаи маориф миёни ду кишвар дар чорчӯбаи барномаҳои омӯзишие, ки аз ҷониби Малайзия ба мутахассисони тоҷик пешкаш мешаванд, инкишоф ёфта истодаанд.

Дар тӯли солҳои сипаришуда сафарҳои пурсамари мутақобила дар сатҳи олӣ, инчунин вохӯриҳои расмии намояндагони Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Индонезия баргузор гардиданд, ки шаҳодати ҳамкориҳои гуногунҷанбаи ду кишвар мебошанд.

28-30 октябри соли 2003 сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Индонезия баргузор гашт, ки натиҷаи асосии он ба имзо расонидани ҳафт санади ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, тиҷорат, туризм ва илму техника ва ҳосил гардидани мувофиқаҳо барои рушди муносибатҳо мебошад.

Нахустин ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари давлатӣ ба Ҷумҳурии Сингапур моҳи апрели соли 2010 баргузор гардид. Дар музокироти сатҳи олӣ бо иштироки сарони ду давлат ва ҳайатҳои расмӣ масъалаҳои ба роҳ мондани муносибатҳои густардаи дӯстию ҳамкории Тоҷикистону Сингапур баррасӣ шуданд.

Сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Давлати Бруней Доруссалом, ки 3-4 апрели соли 2010 баргузор шуд, ба муносибатҳои дуҷонибаи ду кишвар такони тозае бахшид. Зимни сафар мулоқоти Роҳбари Тоҷикистон бо Султони Бруней-Доруссалом Ҳассанал Болкиах доир гардид, ки дар он масъалаҳои ба роҳ мондани ҳамкории гуногунҷанбаи мутақобилан судманд баррасӣ гардиданд. Бунёди корхонаҳои муштараки саноати сабук, иштироки сармоягузорони Бруней Доруссалом дар истихроҷ ва коркарди захираҳои фаровони Тоҷикистон самтҳои қобили таваҷҷӯҳ дониста шуданд.

Бояд тазаккур дод, ки ҳамкориҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои Шоҳигарии Камбоҷа, Ҷумҳурии Иттиҳодияи Мянма ва Ҷумҳурии Халқии Демократии Лаос дар ҳошияи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид назарас мебошад.

Қобили зикр аст, ки Президенти Тоҷикистон ба рушду тавсеаи ҳамкориҳо бо созмонҳои минтақавии осиёӣ, аз қабили Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ), Муколамаи ҳамкории Осиё (МҲО), Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё (МҲТБО) аҳамияти хоса медиҳад.

Мақсаду вазифаҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ, аз ҷумла, рушди зербинои нақлиёту коммуникатсия ва шабакаи хатҳои фаромиллии нафту газ, ҳамкории иқтисодӣ ва ҳамгироии босуръати давлатҳои узв ба низоми хоҷагидории ҷаҳонӣ пурра бо ҳадафҳои Тоҷикистон мувофиқат намуда, ба амалӣ кардани Барномаи ислоҳоти иқтисодии ҷумҳурӣ, ки ба рушди босуръати иқтидори содиротӣ, танзими сохтори воридот, баландбардории сифати маҳсулоти корхонаҳо, рушди шаклҳои гуногуни соҳибкории муштарак ва ғайра равона

гардидааст, мусоидат мекунад. Масъалаҳои ташкили системаи ҳамлу нақли бехатар, осон намудани қоидаҳои тиҷорат, ҳавасмандкунонии тиҷорати наздисарҳадӣ, истифодаи самараноки захираҳои обию энергетикӣ, ташкили системаи ягонаи энергетикӣ, ҳаракати озоди қувваи корӣ ва молҳо, инчунин ташкил намудани ҳудуди ягонаи иқтисодӣ сиёсати имрӯзаи СҲИ-ро ташкил медиҳанд.

Тоҷикистон дар чаҳорчӯби созмон ҳамкориҳои густардаро ба роҳ мондааст ва мунтазам дар кори он фаъолона иштирок дошта, баҳри рушди минтақа таклифу пешниҳод намуда, аз иқдомҳои созмон пуштибонӣ мекунад. Чунончӣ, рӯзҳои 22 ва 23 декабри соли 2010 дар шаҳри Истамбули Ҷумҳурии Туркия ҳамоиши 11-уми сарони давлатҳои кишварҳои узви Созмони ҳамкории иқтисодӣ (СҲИ) баргузор гардид. Дар он ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ширкат варзид. Масоили ҳамкории иқтисодӣ-тиҷоратӣ, нақлиётию коммуникатсионӣ ва энергетикӣ аз ҷумлаи мавзӯъҳои меҳварии он ҳамоиш буданд. Пешниҳодҳои ҷониби Тоҷикистон дар бораи пайвастани роҳҳои нақлиётии Чин, Қирғизистон,Тоҷикистон, Афғонистон, Эрон ва Туркия ва ҳамчунин зарурати пурра истифода намудани потенсиали гидроэнергетикии минтақа ва ҳарчӣ зудтар татбиқ намудани лоиҳаи «CASA-1000» барои ба ҳам пайвастани шабакаҳои энергетикии Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон ва Покистон дар матни санади ниҳоии нишаст - «Эъломияи Истамбул» инъикос ёфтанд.

Нақшаи асосии рушди соҳаи нақлиёт дар минтақаи СҲИ ва Изҳороти ашқободии Мулоқоти ғайринавбатӣ дар сатҳи олӣ оид ба рушди зерсохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ва хатҳои об дар минтақаи СҲИ, ки дар чаҳорчӯби Созмон қабул шудаанд, барои ҳамаи кишварҳои минтақа, аз ҷумла Тоҷикистон, ки дастрасӣ ба баҳр надорад, аҳамияти хоса доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе кишварҳои узви Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ дар масъалаи таҳияи тарҳҳои роҳҳои автомобилгард ва роҳи оҳан, ки дар доираи Созишнома барои беҳтар гардонидани робитаҳои нақлиётӣ нигаронида шудааст, ҳамкории зич дорад. Чунин тадбирҳо бо аҳдофи Даҳсолаи нақлиёт ва коммуникатсия (солҳои 2007-2015) низ пурра тавъам мебошанд. Дар баробари ин Ҷумҳурии Тоҷикистон талошҳои худро барои бунёд намудани роҳи оҳан, ки Тоҷикистонро бо роҳи оҳани Афғонистону Эрон аз як тараф, ва Қирғизистону Чин аз тарафи дигар мепайвандад, кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари масъалаҳои зикргардида, ҳамчунин дар чаҳорчӯби созмон ҳамкориҳои густардаеро бо кишварҳои узв дар соҳаҳои саноат, телекоммуникатсия, фарҳанг ва маориф ба роҳ мондааст.



Суханронии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум.
*Хуҷанд, 19 ноябри соли 1992*



Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум. *Хуҷанд, 19 ноябри соли 1993*



Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати дувоздаҳум. *Хуҷанд, ноябри соли 1992*



Нахустин сафари расмии хориҷии Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон – боздид аз Ҷумҳурии Халқии Хитой.
*Пекин, 7-11 марти соли 1993*



Мулоқоти Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Фиристодаи махсуси Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон, дипломати ироқӣ Исмат Қиттонӣ. *Душанбе, соли 1993*



Суханронии Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид.
*Ню-Йорк, 30 сентябри соли 1993*



Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Бутрос Бутрос Ғолӣ. *Ню-Йорк, 30 сентябри соли 1993*



Аввалин боздиди расмии Роҳбари давлат, Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Ҷумҳурии Исломии Покистон. Эмомалӣ Раҳмон, Президенти ҶИП Сардор Фарух Аҳмадхон Легарӣ ва Сарвазири ҶИП Беназир Бхутто. *Исломобод, марти соли 1994*



Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ислом Каримов ҳангоми ба имзо расонидани санади дуҷониба дар бораи ҳамкорӣ. *Тошканд, 8 октябри соли 1994*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Сулаймон Демирел. *Касабланка, Марокаш, декабри соли 1994*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли Иҷлоси амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ИАҲА) Вилгелм Хоинк. *Будапешт, декабри соли 1994*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Кувайт шайх Ҷобир ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Сабоҳ. *Кувайт, апрели соли 1995*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва қаҳрамони миллии Афғонистон, генерал Аҳмадшоҳи Масъуд. *Кобул, 16 майи соли 1995*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ (аз рост) ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Ҳошимӣ Рафсанҷонӣ (дар марказ). *Теҳрон, 19 июли соли 1995*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Билл Клинтон бо ҳамсараш Ҳиллари Клинтон (ҳоло Котиби давлатии ИМА). *Ню-Йорк, октябри соли 1995*



Бо имзо шудани Созишномаи байни Ҷумҳурии Ҳалқии Хитой, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мустаҳкам намудани чораҳои боварӣ дар соҳаи ҳарбӣ дар минтақаи сарҳадӣ «Панҷгонаи Шанхай» ба вуҷуд омад, ки пас аз панҷ сол ба СҲШ табдил ёфт.
*Шанхай, 28 апрели соли 1996*



Маросими ба имзо расонидани Созишномаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик Саид Абдуллоҳи Нурӣ оид ба натиҷаҳои мулоқот дар Москва. *Москва, 23 декабри соли 1996*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Борис Елтсин. *Москва, 24 апрели соли 1997*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ, Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Алӣ Акбар Ҳошимӣ Рафсанҷонӣ, Вазири корҳои хориҷии Эрон Алӣ Акбар Вилоятӣ (аз чап) ва Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Талбак Назаров (аз рост).
*Душанбе, 10 майи соли 1997*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раиси Комиссияи оштии миллӣ Саид Абдуллоҳи Нурӣ ҳангоми ҷашнгирии Наврӯз.
*Душанбе, 21 марти соли 1998*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон миёни иштирокчиёни саммити панҷуми Созмони ҳамкории иқтисодӣ. *Алмаато, майи соли 1998*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам Чан Дик Лионг. *Ханой, Ветнам, 20 январи соли 1999*




Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар саммити давлатҳои аъзои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо. *Истамбул, ноябри соли 1999*



Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Австрия Томас Клестил. *Вена, 13 апрели соли 2000*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Беларус Александр Лукашенко. *Дангара, апрели соли 2000*



Вохӯрии ғайрирасмии сарони давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди давлатҳои мустақил. *Сочи, маҷмааи туристии «Чайные домики», 2 августи соли 2001*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Давлати Исломии Афғонистон Бурҳонуддин Раббонӣ. *Душанбе, октябри соли 2001*




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо иштирокчиёни саммити Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ. *Прага, 21 ноябри соли 2002*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Полша Александр Квасневский. *Варшава, майи соли 2003*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Вазири корҳои хориҷии Япония Йорико Кавагучи. *Душанбе, 30 августи соли 2004*




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо иштирокчиёни Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаи дарёҳои фаромиллӣ. *Душанбе, 30 майи соли 2005*



Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи 60-уми ҷашнии Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид.
*Ню-Йорк, 14 сентябри соли 2005*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Директори Генералии ЮНЕСКО Коичиро Матсуура баъд аз имзои Ёддошти тафоҳум байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ЮНЕСКО. *Париж, 10 октябри соли 2005*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Шоҳи Арабистони Саудӣ Абдулло ибни Абдулазиз оли Сауд. *Макка, 8 декабри соли 2005*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев. *Остона, 10 январи соли 2006*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва губернатори Раҷастан (баъдан Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон) Пратибха Девисингх Патил.
*Деҳлӣ, 8 августи соли 2006*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Шоҳзода Оғохони IV ва Ноиби Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Карими Халилӣ дар маросими кушодашавии пул дар болои дарёи Панҷ, ки Тоҷикистону Афғонистонро ба ҳам пайваст.
*Тоҷикистон, ВМКБ, ноҳияи Ишкошим, 31 октябри соли 2006*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Ху Тсзинтао ҳамгоми истиқболи расмӣ. *Пекин, 15 январи соли 2007*




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев. *Душанбе, 15 марти соли 2007*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Аморoти Муттаҳидаи Араб шайх Халифа ибни Зоид оли Наҳён. *Абӯзабӣ, 9 апрели соли 2007*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ. *Давҳа, 6 майи соли 2007*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин. *Санкт-Петербург, 9 июни соли 2007*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Императори Япония Акихито. *Токио, 5 декабри соли 2007*






Вохӯрии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷамъиятҳои тоҷикон ва донишҷӯёни муқими Федератсияи Россия.
*Москва, 21 феврали соли 2008*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Туркия Абдулло Гул. *Душанбе, 10 майи соли 2008*




Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз рафти сохтмони нақби «Шаҳристон» шинос шуд. *Вилояти Суғд, 9 сентябри соли 2008*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид Пан Ги Мун. *Ню-Йорк, 27 сентябри соли 2008*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ҳомид Карзай (аз рост) ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ (аз чап) дар рафти нишасти матбуотӣ оид ба натиҷаҳои мулоқоти сеҷониба. *Душанбе, 30 июли соли 2009*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка Барак Обама бо ҳамсараш Мишел Обама дар Осорхонаи Метрополитан. *Ню-Йорк, 23 сентябри соли 2009*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод. *Душанбе, 4 январи соли 2010*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон Гурбонгулӣ Бердимуҳаммедов. *Душанбе, 18 марти соли 2010*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо иштирокчиёни 37-умин ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии Созмони Конфронси исломӣ. *Душанбе, 18 майи соли 2010*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар рӯзи гузоштани хишти аввали пойдевори бинои нави Вазорати корҳои хориҷӣ. *Душанбе, 12 октябри соли 2010*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Герсоги Бузург Генри. *Люксембург, 9 июни соли 2011*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Маҷористон Пал Шмитт дар рафти имзогузории Эъломияи муштараки Тоҷикистону Маҷористон оид ба густариши муносибатҳои дуҷониба. *Будапешт, 11 июни соли 2011*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Канслери Федеролии Олмон Ангела Меркел. *Берлин, 14 декабри соли 2011*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Украина Виктор Янукович. *Киев, 15 декабри соли 2011*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Алмазбек Отамбоев. *Москва, 20 декабри соли 2011*



Президентҳои Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Афғонистон Ҳомид Карзай, Эрон Маҳмуд Аҳмадинажод, Покистон Осиф Алӣ Зардорӣ бо иштирокчиёни Панҷумин Конфронси ҳамкории иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон (RECCA-V).
*Душанбе, 26 марти соли 2012*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафирони кишварҳои хориҷӣ (2 аз чап ба рост) - Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Фаронса, Туркманистон, Ордени Малта, Руминия ва Япония ҳангоми супоридани Эътимоднома. 1 аз чап - Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ, 1 аз рост - Мушовири давлатии Президенти Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев.
*Душанбе, 10 августи соли 2012*



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Вазири корҳои хориҷӣ Ҳамрохон Зарифӣ (аз чап) ва собиқ Вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров (аз рост) ҳангоми маросими ифтитоҳи Маҷмааи варзишии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. *Душанбе, 6 сентябри соли 2012*



Расм барои хотира. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҳотаи кормандони Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон.
*Душанбе, 6 сентябри соли 2012*

**Ҳамкорӣ бо ҷаҳони ислом**

Ҳануз моҳи декабри соли 1993 ҳангоми мушаххас намудани асосҳои консепсияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон Роҳбари давлат кишварҳои мусулмоннишини Шарқро ба ҳайси яке аз ҳавзаҳои таҳкими ҳамкориҳои мутақобилан судманд номбар карда буд.

Дар солҳои аввали истиқлолият роҳандозии муносибатҳо бо кишварҳои мусулмоннишин аслан дар ду самт сурат гирифт.

Якум, ҳамкорӣ бо Созмони Конфронси исломӣ (аз соли 2011 Созмони ҳамкориҳои исломӣ) ва дар доираи он.

Дуюм, рушду тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои мусулмоннишин.

Ҳамкорӣ бо Созмони Конфронси исломӣ (СКИ) ва дар чаҳорчӯбаи он бо дигар кишварҳои аъзо барои Тоҷикистон аҳамияти хоса дошт, зеро он пас аз Созмони Милали Муттаҳид (СММ) дуввумин созмони байнидавлатии бузург ба шумор рафта, дар сафи худ 57 кишвари чор минтақаи ҷаҳонро муттаҳид намуда буд. Созмон дар таҳкими ҳамоҳангии фаъолият ва ҳамкории мутақобилаи кишварҳои мусулмоннишин нақши калидӣ дошта, ҳамчун абзори судманди ҳамкориҳои бисёрҷонибаи кишварҳои аъзо баҳри таъмини сатҳи баланди зиндагӣ ва пешрафти онҳо, ҳифзи манфиатҳои олами ислом дар рӯҳияи пешбурди сулҳу салоҳ ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни халқҳои гуногуни ҷаҳон, инчунин дар раванди таъмини сулҳу субот дар паҳнои олами исломӣ аҳамияти рӯзафзун пайдо кард.

Дар чаҳорчӯбаи ин Созмон ва сохторҳои махсуси он Тоҷикистон имкон пайдо мекард, ки дар асоси умумиятҳои таърихию фарҳангӣ ва тамаддунию динӣ, ки замири онҳоро ҷанбаҳои инсонӣ ташкил медиҳанд, ҳамкориҳоро ба таври васеъ ба роҳ монда, масъалаҳои таъмини манфиатҳои миллии худро пайваста пайгирӣ намояд.

Аз ин хотир, яке аз нахустин иқдомоти ҷиддӣ бо назардошти нақши афзоишёбандаи СКИ дар арсаи байналмилалӣ дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмони бонуфуз буд, ки 1 декабри соли 1992 амалӣ гардид.

Он вақт мақсади Роҳбари давлат аз барқарор кардани муносибатҳо бо СКИ расидан ба чанд ҳадафе буд, ки барои давлати Тоҷикистон моҳияти калон доштанд.

Якум, зарур буд, ки тавассути ин созмони байналмилалӣ Тоҷикистон ҳарчи беҳтар ба кишварҳои мусулмоннишин муаррифӣ карда шавад. Ин масъала ду ҳадафи асосӣ дошт. Аввалан, муаррифӣ намудани Тоҷикистон чун давлати наву соҳибистиқлоле, ки аксари кулли аҳолии он мусулмон буда, нисбати арзишҳои исломӣ арҷ мегузорад ва хоҳони ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳо бо соири

давлатҳои мусулмонӣ аст. Сониян, ботил сохтани фикру андешае, ки мухолифон ва дигар рақибони онвақтаи ҳукумати Тоҷикистон дар хориҷа паҳн карда, зимнан онро чун «режими коммунистӣ» сиёҳ кардан мехостанд. Дар ҳақиқат дар пасманзари пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ, ки тайи ҳафтод соли мавҷудияташ идеологияи ҳукмронаш коммунистӣ ва атеистӣ буд, рақибони давлату ҳукумати Тоҷикистон аз ин омил васеъ истифода кардан мехостанд ва дар хориҷа ҳам то ҷое ба чунин тавтеаҳо бовар мекарданд.

Дуюм, ибрози мавқеи Тоҷикистон нисбат ба дини ислом, масъалаҳои мубрами ҷаҳони ислом ва ҳамин тариқ, дарёфти ҷойгоҳи он дар ҷомеаи кишварҳои мусулмоннишин қадами боз ҳам ҷиддитар ба шумор мерафт.

Сеюм, қавию муассир сохтани ҳамкориҳо миёни давлатҳои исломӣ ва ба ин раванд ворид гардидани Тоҷикистон ҳамчунин ба ҳайси яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муайян шуда буд.

Нахустин имкони ҷиддие, ки ба ин мақсад Роҳбари давлат аз он самаранок истифода кард, саммити кишварҳои аъзои СКИ буд, ки 13-14 декабри соли 1994 дар шаҳри Касабланкаи Шоҳигарии Марокаш баргузор гардид.

Дар суханронии худ Эмомалӣ Раҳмон тавaҷҷӯҳи ҳозиринро ба вазъияти Тоҷикистон ҷалб карда, сипас роҷеъ ба баъзе мушкилоти ҷаҳони ислом ва андешидани тадбирҳои самарабахш ибрози андеша намуд. Ӯ зикр кард, ки «дар баъзе нуқоти ҷаҳони исломӣ вазъияти устувори сиёсӣ ҳукмфармо нест» ва ин ҳолат «ба иқтисодиёт ва дараҷаи рифоҳияти мардуми ин минтақаҳо бетаъсир намемонад». «Ба ақидаи мо, – таъкид кард Эмомалӣ Раҳмон, – кишварҳои исломӣ муносибатҳои байни якдигарро ба як пояи нави иқтисодию фарҳангӣ баланд бардошта, ба ҳамаи нифоқҳои мавҷудаи байнашон хотима бахшанд, ба якдигар ба қадри имкон дасти ёрӣ дароз кунанд, то ки мардуми мусулмон соҳиби зиндагии орому хушҳол гарданд». Ба фикри ӯ ҳамаи ин ва дигар масъалаҳои умдаи рӯз аз СКИ тақозо мекунанд, ки дар ҳалли чунин масъалаҳо «иқдоми ҷиддӣ андешад ва нақши созандагӣ дошта бошад».

Идомаи суханронии Роҳбари Тоҷикистон ба фароҳам овардани фазои мусоид дар кишварҳои узви созмон барои пешрафт бахшида шуда буд. Эмомалӣ Раҳмон зикр намуд, ки «мо танҳо дар шароити осоишта, сулҳу субот, якдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, сабру таҳаммул ва оштипазирӣ ба ҳамаи системаҳои сиёсӣ ва динӣ мақсадҳои волои созмонро амалӣ гардонда ва ҳамбастагии ҳақиқии мусулмононро дарёфта, манзалати дини мубини исломро баланд бардошта метавонем». Сарвари Тоҷикистон таъкид дошт, ки «густариш додани ҳамкориҳои кишварҳои узви созмон метавонад набзи пурзӯр ва омили нерӯманд барои рушди минбаъдаи иқтисодии ин кишварҳо бошад»

ва ин «имконият медиҳад, ки сатҳи сазовори зиндагиро ба мардумони кишварҳоямон таъмин намоем ва бад-ин васила ҳалли бештари масъалаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии мардуми мусулмонро дарёбем».

Роҳбари давлат ба ҷойгоҳи дини ислом ишора намуда, суол гузошт, ки «чаро тоифае номи дини мубини исломро бад мекунад, дар назари ҷомеаи ҷаҳонӣ сари мусулмононро хам мекунад?» Ӯ пешниҳод намуд, ки «мо бояд барои обрӯйи исломро баланд бардоштан тадбирҳои ҳамоҳанги самаранок андешем».

Масъалаи дигаре, ки Эмомалӣ Раҳмон диққати иштирокчиёни саммитро ба он ҷалб намуд, вазъи Афғонистон буд. Ӯ бо ишора ба «таҷрибаи талхи ҷанги ҳамватании» Тоҷикистон зикр намуд, ки «ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли мушкилии бавуҷудомадаи мардуми Афғонистонро ба роҳи зӯрӣ ва яроқ намехоҳем». Э. Раҳмон изҳори боварӣ намуд, ки «мардуми Афғонистон дар ниҳояти кор роҳи созгории дихилиро пеш мегирад ва баҳри обод кардани кишвари худ мекӯшад».

Эмомалӣ Раҳмон мавқеъгирии Тоҷикистонро нисбати ҳодисаҳои ҷаҳони исломӣ махсус таъкид намуд. Ӯ иброз дошт, ки «Ҷумҳурии тозабунёди Тоҷикистон бо таваҷҷӯҳи хос ба рафти ҳодисаҳои сиёсии ҷаҳони мусулмон менигарад ва ҳамчун узви ин созмони муътабар мекӯшад, то дар ҳалли ин мушкилиҳо саҳм бигирад». Ӯ ҳозиринро мӯътақид сохт, ки Тоҷикистон «зимни густариши минбаъдаи равобити фарҳангӣ, илмӣ ва таълимӣ бо кишварҳои узви ин созмон дар ғанӣ гардондани фарҳанги мардуми мусулмон саҳми босазое хоҳад гирифт». Роҳбари давлат илова намуд, ки «тоҷикон дар инкишоф ва рушди тамаддуни исломӣ нақши муҳиме бозида буданд, аммо шароити кунунӣ тақозои онро мекунад, ки мо набояд бо фахри гузаштагони худ иктифо варзем, баръакс, бикӯшем, то ифтихори наслҳои оянда шавем».

Он вақт дар Касабланка бо истифода аз фурсати муносиб Роҳбари Тоҷикистон ба он ноил шуд, ки бо роҳбарони як қатор давлатҳое, ки дар СКИ нақши муҳим доранд, аз ҷумла, шоҳи Марокаш Ҳасани II, Президенти Миср Ҳусни Муборак, Президенти Туркия Сулаймон Демирел, Сарвазири Покистон Беназир Бхутто, амири Кувайт шайх Ҷобир ал-Аҳмад ал-Ҷобир ас-Собоҳ, Президенти Афғонистон Бурҳониддин Раббонӣ мулоқотҳо баргузор намуда, оид ба доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҳамкориҳои дуҷониба ва олами ислом табодули назар анҷом диҳад.

Бояд зикр намуд, ки иштироки нахустини Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар саммити СКИ ва мулоқотҳои дуҷониба бо роҳбарони соири кишварҳои узв барои эътирофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаҳони ислом нақши калидӣ бозид.

Роҳбари Тоҷикистон он масъалаҳоеро, ки дар ин ҳамоиши сатҳи олӣ ба миён гузошта буд ва барои минтақаи созмон аҳамияти хоса доштанд,

инчунин дигар мушкилоти рӯзмарраро дар саммитҳои минбаъда ва форумҳои гуногуни байналмилалӣ мавриди ибрози назар қарор дод, ки баъзе аз онҳоро зикр кардан бамаврид аст.

Якум. Ба роҳ мондани ҳамкорию ҳамбастагии пурсамари кишварҳои мусулмонии ҷаҳон, ки ба фармудаи қуръонии «мӯъмин бародари мӯъмин» асос ёфта бошад. Эмомалӣ Раҳмон ин мавзӯъро ба сифати муҳимтарин вазифаи Тоҷикистон дар фаъолияти Созмон борҳо аз минбарҳои саммитҳои СКИ мавриди муҳокима қарор дода буд. Сарвари давлат ба ин хотир пешниҳоду андешаҳои муфидеро ба миён гузошт, ки мавриди истиқболи хуш ва пуштибонии иштирокчиёни сершумори саммитҳо қарор гирифтанд. Миёни онҳо ба масъалаҳои зерин ишора кардан мумкин аст:

- Таҳия ва қабули Барнома ва Стратегияи дарозмуддати рушди кишварҳои исломӣ,

- Таъсиси Бунёди рушди илм ва фанновариҳои навин бо шабакаи васеъ ва фаъол дар саросари ҷаҳони ислом;

- Таҳияи Консепсияи ягонаи мукаммал ба манзури ҳамоҳангӣ ва фаъолияти дастҷамъии давлатҳои аъзо ба муқобили хатару таҳдидҳои муосир.

Эмомалӣ Раҳмон соли 2000 роҷеъ ба дурнамои фаъолияти СКИ чунин зикр карда буд: «Ба асри XXI дохил шуда истода, мо ба замони оянда бо назари нек менигарем ва боварӣ дорем, ки Созмони Конфронси исломӣ минбаъд ба сохтори муҳими минтақавӣ барои ҳал кардани масъалаҳои насли нав ба мақсади таъмин намудани тараққиёти устувор ва шукуфоии кишварҳоямон табдил меёбад».

Дуюм. Ҳифзи арзишҳои умумиинсонӣ ва исломӣ дар пасманзари равандҳои ҷаҳонишавӣ ва кӯшишҳои муқобилгузории тамаддуни деринаи Шарқу Ғарб. Роҳбари давлат борҳо ба ин мавзӯъ аҳамият дода, аз ҷумла, зимни суханрониаш дар Маҷлиси тантанавии Анҷумани шашуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ки 8 сентябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, зикр намуд, ки «баъзе иқдомоту кӯшишҳои ғаразноки тамаддунҳои деринаи Шарқу Ғарбро ба ҳам муқобил гузоштан ва дар ҳамин замина ба бархӯрди тамаддунҳо мусоидат намудан аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор авҷи тоза мегирад», «таҳқири арзишҳои олии инсонӣ, бозӣ кардан бо эҳсосоти пайравони динҳои мухталиф, афрӯхтани оташи нафрату хусумат дар миёни мӯътақидон ва бо ҳамин васила дину тамаддунҳоро муқобили ҳам гузоштан, бешак, ба нақшаҳои тарҳрезикардаи иғвогарон мусоидат менамояд». Ба хотири ҷилавгирӣ кардан аз чунин зуҳуроти манфӣ Эмомалӣ Раҳмон бори дигар зарурати андешидани тадбирҳои зеринро таъкид намуд:

а) Барои рушди тамаддуни умумибашарӣ бояд аз ҷавҳари фарҳанг, илму маърифат, ҳикмату фалсафаи олӣ, ахлоқу одоби ҳамида, арзишҳои волои динҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла дини ислом истифода бурда шавад;

б) Беҳтарин дастовардҳои тамаддуни ҷаҳониро ҳамқадами замони муосир карда, онҳоро барои ғанитар намудани ҷаҳони маънавӣ, солимгардонии ахлоқ, одоб, суннат, фарҳанг ва дигар арзишҳои иҷтимоӣ равона сохтан лозим;

в) Ақидаҳои ғаразноку бардурӯғеро, ки динҳои асили ҷаҳониро бо зуҳуроти террористӣ, экстремистӣ ва радикалӣ тавъам месозанд, инкор намуда, ниҳоду созмонҳоеро, ки дар зери ниқоби ислом мақсаду ҳадафҳои худро думболагирӣ мекунанд, фош сохта, бо онҳо мубориза бурдан даркор ва роҳ додан лозим нест, ки симои поку муқаддаси исломро доғдор намоянд.

г) Собит сохтан лозим, ки ислом одобу ахлоқи ҳамида, покизагии маънавӣ, сулҳу осоиш, сабру таҳаммул, инсондӯстӣ ва инсонгароӣ барин арзишҳои олиро талқин менамояд ва амалҳои нангину хунрезиро аз қабили куштор, зӯроварӣ ва бадбиниву хушунат қатъиян маҳкум месозад.

Роҳбари давлат announcement иброз дошт, ки «ин гуфтаҳо тарғибу таҳмил ва таҷассуми бартарияти арзишҳои дини ислом бар динҳои дигари ҷаҳонӣ нест», балки «ин даъватест барои эҳтирому аҷргузорӣ ба тамаддуне, ки беш аз як миллиарду сесад миллион нафар сокинони сайёра пайравиаш мекунанд».

Ҳамин тариқ, дар сатҳи ҷаҳонӣ баланд бардоштани обрӯи ислом, ҷудо кардани терроризм аз ислом, ки вақтҳои охир бар асари тафриқа чунин вонамуд карда мешавад, ба яке аз мавзӯъҳои муҳими масъалагузориҳои Роҳбари Тоҷикистон табдил ёфт.

Сеюм. Ҷилавгирӣ намудан аз хатару чолишҳои ҷаҳони муосир. Ин масъала ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор дошт. Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, зимни суханронии худ дар иҷлосияи IX мулоқоти сарони давлатҳо ва ҳукуматҳои кишварҳои узви СКИ, ки 13 ноябри соли 2000 дар Давҳа (Қатар) баргузор шуда буд, таъкид намуд, ки «барои кишварҳои мо ва умуман барои ҷомеаи ҷаҳонӣ терроризми байналмилалӣ, низоъҳои минтақавӣ, гардиши ғайриқонунии моводи мухаддир, тақвият гирифтани тамоюлҳои ифротгароӣ, ки ба андозаи қобили мулоҳиза минтақаи фаъолияти Созмони Конфронси исломиро фаро мегиранд, доираи васеи хавфу хатарро ташкил медиҳанд». Ӯ таъкид дошт, ки ин омилҳои хатарнок, аз қабили тамоюли ифротгароӣ ва терроризми байналмилалӣ барои давлатҳои Осиёи Марказӣ низ хавфи фавқулода калон доранд, ба амният ва суботи минтақа таҳдид карда, ба манфиатҳои миллии кишварҳо зарари ҷиддӣ мерасонанд, ҳамчунин асосҳои мавҷудияти худи давлатҳоро хароб мекунанд. Эмомалӣ Раҳмон изҳор намуд, ки чунин зуҳурот «мутаассифона, бештар таҳти шиорҳои исломӣ зуҳур мекунанд ва дар асл бо ҳадафҳои

волои таълимоти исломи ҳақиқӣ, ки ба сулҳдӯстӣ, созандагӣ ва таҳаммул ҳидоят мекунанд, ҳеч умумияте надоранд».

Чорум. Истифода аз имкониятҳои созмон ба хотири таъмини рушди устувори Тоҷикистон. Роҳбари давлат бо назардошти вазъи душвори ҷумҳурӣ дар чанд саммити Созмон ва гуфтушунидҳои алоҳида ин мавзӯъро мавриди таваҷҷӯҳи ҳозирин гардонда буд. Дар натиҷа ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои аъзои СКИ дар Куала-Лумпур дар бораи расонидани кумаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон ба мақсади рафъи мушкилоти иқтисодӣ ва татбиқи барномаҳои барқароркунии баъдиҷангии иқтисодӣ қарор қабул кард.

Дар ин замина Тоҷикистон бо ҳидоят ва ташаббуси Сарвари худ ҳамчунин бо зерсохтор ва институтҳои СКИ ҳамкории фаъолро ба роҳ монд.

Дар ҷараёни ҷаласаи 21-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви СКИ, ки 25 апрели соли 1993 дар Исломобод баргузор гардид, Тоҷикистон низомномаи Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО)-ро имзо карда, ба он шомил шуд. Натиҷаи ҳамкориҳои зичи Тоҷикистон бо ИСЕСКО пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардидани шаҳри Душанбе дар соли 2010 мебошад. Дар ин робита бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон як қатор чорабиниҳо баргузор гардиданд, аз ҷумла:

- дар сатҳи умумимиллӣ баргузоршавии ҷашнвораҳои абармардони фарҳангу рисолати исломӣ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Носири Хусрав, Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ, Имом Бухорӣ;
- эҳёи ёдгориҳои таърихии Ҳулбук, Кӯлобу Истаравшан, Панҷакенту Ҳисор, Рӯшону Мӯминобод;
- тарҷума ва нашри Қуръони маҷид ба забони тоҷикӣ ҳамчун ҳадя ба ҳар хонадон, нашри осори бузургони ҷаҳони ислом;
- Соли бузургдошти Имоми Аъзам эълон намудани соли 2009;
- ба таъминоти давлатӣ гузаронидани Донишкадаи исломии Тоҷикистон ва таъсиси Маркази исломшиносии назди Президенти Тоҷикистон;
- оғози корҳо оид ба бунёди калонтарин масҷиди ҷомеъ дар шаҳри Душанбе ва тадбирҳои дигар барои ҳимоя ва густариши арзишҳои волои исломӣ ва ҳифзи сарватҳои маънавии ниёгон дар кишвар.

Тоҷикистон дар сохтори дигари СКИ – Кумитаи доимӣ оид ба ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ (КОМСЕК), ки таҳти раёсати Туркия фаъолият мекунад, муваффақона кор мебарад. Дар ҷаласаҳои 14-24-уми Конфронси ҳамкории иқтисодӣ ва тиҷоратӣ лоиҳаҳои қатъномаҳои КОМСЕК доир ба кумаки иқтисодӣ ба Тоҷикистон қабул гардиданд.

Дар ҷаласаи 21-уми Шӯрои мудирони Бонки рушди исломӣ (БРИ), ки 25-26 ноябри соли 1996 дар Конакри ( Гвинея) гузашт, бо қарори Шӯрои мудирон Тоҷикистон аъзои доимии он интихоб шуд. Бонки рушди исломӣ дар расонидани кумаку ёрии иқтисодӣ ба Тоҷикистон нақши арзанда бозидааст. Ин бонк ягона муассисаи махсусгардонидашудаи СКИ мебошад, ки саҳмгузории арзандаи худро дар кори азнавсозии иқтисодии Тоҷикистон идома медиҳад.

Панҷум. Мусоидат ба ҳаллу фасли мушкилоти Афғонистон ва таъмини сулҳу субот дар ин кишвар. Доир ба ин мавзӯъ Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониҳо ва масъалагузориҳо нақши давлатҳои исломиро дар раванди ба эътидол овардани Афғонистон дар ду самт таъкид карда буд. Яке, дастгирии бевоситаи сиёсӣ ва иқтисодии Афғонистон ба хотири таъмини ҳаёти мӯътадили мардуми он буда, самти дигар кор бо ҳаракати «Толибон» ва дигар қувваҳоест, ки сабабгори ноороміҳои ин кишвар гардидаанд.

Бояд зикр намуд, ки Эмомалӣ Раҳмон дар баробари масъалагузориҳо кӯшиш ба харҷ медод, ки Тоҷикистон низ дар фаъолияти СКИ нақши муассир дошта бошад. Ҳамин буд, ки дар натиҷаи ин фаъолияти муваффақона бори аввал дар таърихи Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ яке аз муҳимтарин чорабиниҳои байналмилалии Созмони Конфронси исломӣ – ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои узви он таҳти шиори «Бо назари ҳамоҳанг барои амният ва шукуфоии ҷаҳони ислом» рӯзҳои 18-20 майи соли 2010 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, раёсати даврии яксолаи ин Шӯро ба ӯҳдаи Тоҷикистон вогузор карда шуд. Дар кори ин ҷаласа беш аз 100 ҳайати гуногунпоя, аз ҷумла, 57 ҳайати кишварҳои узви Созмон, 5 ҳайати кишварҳои нозир, ҳайатҳои созмонҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ва меҳмонон иштирок карда, доираи васеи масъалаҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, илмию технологӣ ва фарҳангию иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, маъмурию молиявӣ ва дигар мавзӯъҳои мавриди таваҷҷӯҳи ҷонибҳоро баррасӣ ва роҷеъ ба онҳо қарору қатъномаҳои дахлдор қабул карданд. Аз ҷумла, қатъномаҳои ШВКХ дар хусуси чунин масъалаҳои умдаи дар назди СКИ истода, ба монанди вазъият дар Ховари Миёна, бахусус вазъи Фаластин, Ироқ ва Афғонистон, вазъияти ақаллиятҳои мусулмон дар кишварҳои ғайри аъзои СКИ, татбиқи Барномаи даҳсолаи амал қабул гардиданд. Илова бар ин, бо иштироки фаъоли кишварҳои узв дар мавзӯи «Осиёи Марказӣ ва олами ислом: Нигоҳи стратегӣ ба ҳамраъйӣ» ҷаласаи махсус баргузор гардид. Дар фароварди ҷаласаи 37-уми Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ иштирокчиёни он ба ҳайси санади расмии СКИ

Эъломияи хотимавиро қабул карданд, ки хулосаҳои калидии ин ҷаласаро инъикос менамояд.

Яке аз қисмҳои таркибӣ ва муҳими фаъолият дар давраи раисии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ ҳамоҳангсозӣ вва пешбурди фаъолияти Созмон дар якҷоягӣ бо Котиботи СКИ маҳсуб меёфт. Ин амр тақозо мекард, ки ҷониби Тоҷикистон ба сифати раиси Шӯрои вазирони корҳои хориҷӣ нисбат ба тамоми иқдомҳои байналмилалии мавриди эҳтимоми Созмони Конфронси исломӣ ва кишварҳои аъзои он вокуниш зоҳир карда, дар танзим ва татбиқи амалии чорабиниҳои муҳими он фаъолона иштирок намояд. Ба мақсади дар сатҳи шоиста ба анҷом расондани вазифаҳои ниҳоят масъулиятноки раёсати даврии ҷониби Тоҷикистон дар Шӯрои вазирони корҳои хориҷии СКИ ҷиҳати ҳамоҳангсозии раванди амалӣ гардондани чорабиниҳои дар чорчӯбаи он ба нақша гирифташуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуданд.

16 декабри соли 2010 Маҷмааи Умумии СММ қатъномаро таҳти унвони «Ҳамкорӣ байни Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Конфронси исломӣ», ки Тоҷикистон ба сифати раиси Гурӯҳи Созмони Конфронси исломӣ дар СММ аз номи 57 кишвари узви СКИ пешниҳод карда буд, бо иттифоқи оро қабул намуд. Беларус, Босния ва Ҳерсеговина, Филиппин, Таиланд ва Черногория ба рӯйхати бониёни лоиҳаи қатънома ҳамроҳ шуданд. Қабл аз қабул шудани қарор ҷониби Тоҷикистон лоиҳаи қатъномаи мазкурро дар иҷлоси Маҷмааи Умумии СММ муаррифӣ намуд. Лоиҳаи қатънома таъкид менамояд, ки СММ ва СКИ ба идома додани ҳамкорӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, гуманитарӣ, фарҳангӣ ва илмӣ саъй менамоянд. СКИ шарики муҳими СММ дар амри нигоҳ доштани сулҳу амният ва ташвиқ намудани фарҳанги сулҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ арзёбӣ шудааст. Қайд гардидааст, ки ҳар ду созмон ба мувофиқа расидаанд, то ҳамкориро дар пешгирӣ ва ҳалли низоъҳо, ҳифз ва истиқрори сулҳ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ, оштинопазирии динӣ, аз ҷумла, исломситезӣ, ҳимоя ва ташвиқи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосӣ, расонидани ёрии башардӯстона, зарфиятсозӣ дар баргузор намудани интихобот ва такмили абзори фаъолияти баъдӣ идома диҳанд.

Иқдомҳои зикргардидаи Президенти кишвар намунаи қадамҳои муҳиме мебошанд, ки аз лиҳози шиносоии бештари олами ислом бо шароиту фазои фарҳангӣ ва иқтисодии Тоҷикистон муфид буда, барои тавсеаи минбаъдаи муносибатҳои мутақобилан судманди тиҷоратию иқтисодӣ ва фарҳангии миёни Тоҷикистону кишварҳои мусулмонӣ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, Роҳбари давлат иштироки фаъоли Тоҷикистонро дар ин Созмон яке аз самтҳои муҳими сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ муқаррар намуд. Дар ин замина Тоҷикистон дар таҳкими нақши СКИ дар ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами минтақавию байналмилалӣ манфиатдор монда, саъю талошҳои созандаро, ки ба ҳамкориҳои беш аз пеш густарда миёни кишварҳои аъзо нигаронда шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар робита ба ин, ҷавҳари мавқеи принсипиалии Президенти Тоҷикистонро он воқеият ташкил медиҳад, ки тадбирҳои дар чорчӯбаи ин Созмон андешидашаванда пеш аз ҳама бояд ба ҳаллу фасли масъалаҳои умдаи мардум дар кишварҳои мусулмоннишин, инчунин ноил гаштан ба рушди босубот ва инкишофи онҳо аз тариқи ба роҳ мондани сатҳи нави робитаҳои мутақобила миёни кишварҳои аъзои он нигаронида шуда бошанд.

Тавре зикр гардид, самти дуюми роҳандозии муносибатҳо бо кишварҳои мусулмоннишин рушду тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба мебошад, ки онро Роҳбари давлат бо дарназардошти равобити деринаи таърихӣ, фарҳангӣ ва динӣ ба шумори самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон ворид намуд.

Аз рӯи таҷрибае, ки дар ин самт Тоҷикистон аз лаҳзаи соҳибистиқлол шуданаш то имрӯз ҳосил кардааст, ҳамкориҳои ҷумҳуриро бо кишварҳои мусулмоннишин, хусусан давлатҳои арабӣ аз лиҳози замонӣ ба ду давра тақсим кардан мумкин аст.

Дар давраи якум (то соли 2007) шинохтани ҳамдигар ба расмият, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ, табодули сафарҳои алоҳида, ҳамкорӣ дар доираи созмонҳои байналмилалӣ ва дигар иқдомҳо боиси он гардиданд, ки Тоҷикистон худро миёни соири кишварҳои мусулмоннишин муаррифӣ намуда, бо онҳо муносибатҳои некро роҳандозӣ намояд.

Дар ин давра бо ташаббуси Роҳбари Тоҷикистон чанд мулоқоту сафарҳои сатҳи олӣ баргузор шуданд, ки барои рушду тавсеаи ҳамкориҳои минбаъда заминаи устувор гузоштанд. Аз ҷумла, мулоқотҳои Сарвари давлати Тоҷикистон дар Касабланкаи Марокаш дар ҳошияи саммити СКИ (моҳи декабри соли 1994) ва дигар ҳамоишҳои байналмилалӣ бо роҳбарони давлатҳои исломӣ, сафарҳои расмӣ ба Давлати Кувайт (17-19 апрели соли 1995), Амороти Муттаҳидаи Араб (16-18 декабри соли 1995) дар ин ҷода сатҳи муносибатҳои Тоҷикистонро бо теъдоде аз онҳо ба дараҷаи сифатан нав бароварданд. Вале бо сабабҳои вобаста ба вазъияти Тоҷикистон рушди бештару фарогири ин муносибатҳо расидани вақти муносибро интизор буд.

Дар давраи дуюм (шурӯъ аз соли 2007) Тоҷикистон дар муносибат бо кишварҳои мусулмоннишин иқдомҳои ҷиддӣ гирифта, ҳамкориҳоро такони назаррас бахшид.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи феврали соли 2007 ба Ҷумҳурии Мисри Араб ва Ҷумҳурии Сурияи Араб, моҳҳои апрел ва майи ҳамон сол ба Аморати Муттаҳидаи Араб ва Давлати Қатар, моҳи марти соли 2008 ба Ҷумҳурии Халқӣ-Демократии Алҷазоир, моҳи ноябри ҳамон сол ба Ҷумҳурии Яман сафарҳои расмӣ анҷом дод. Моҳи августи соли 2007 сафари расмии Амири Давлати Қатар шайх Ҳамад ибни Халифа оли Сонӣ ба Тоҷикистон сурат гирифт, ки нахустин боздиди роҳбари давлати арабӣ аз ҷумҳурӣ буд. Дар рафти сафарҳои зикршуда доир ба рушду тавсеаи ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун – сиёсат, иқтисод, тиҷорат, энергетика, фарҳанг, илм, техника, маориф, сайёҳӣ санадҳои ҳамкории дуҷониба ба имзо расиданд.

Қадами дигари мустаҳкам кардани робитаҳо ва барқарор кардани тамосҳои доимӣ таъсис додани намояндагиҳои дипломатӣ буд. Моҳи октябри соли 2007 Сафорати Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Мисри Араб ба фаъолият шурӯъ кард, ки нахустин намояндагии дипломатии ҷумҳурӣ дар кишварҳои арабӣ буд. Ҳамон сол дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб консулгарии генералии Тоҷикистон, баъдтар – моҳи сентябри соли 2008 Сафорати Тоҷикистон дар Арабистони Саудӣ ба фаъолият шурӯъ намуданд. Ба дунболи ин дар Сурия, Либия, Яман, Кувайт ва Қатар сафирони ғайримуқими Тоҷикистон таъйин гардиданд. Соли 2010 дар Душанбе нахустин намояндагии дипломатӣ аз кишварҳои арабӣ – Сафорати Арабистони Саудӣ фаъолияти худро оғоз кард.

Ба хотири ҳамоҳанг сохтани ҳамкориҳо абзорҳои иловагии пайгирӣ намудани мувофиқаҳои ҳосилшуда эҷод мешаванд. Масалан, бо тақвият ёфтани ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Миср Комиссияи муштараки байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ таъсис ёфт, ки ҷаласаи аввалини он моҳи январи соли 2009 дар Душанбе баргузор шуда буд. Моҳи июни соли 2011 анҷумани соҳибкорони Тоҷикистону Арабистони Саудӣ доир гардид.

Кишварҳои арабӣ ба рушди Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, бо назардошти муносибатҳои дӯстона дар риштаҳои гуногун ба кишвари мо ёрӣ ҳам мерасонанд. Масалан, соли 2009 бо маблағгузории Салтанати Умон барои дастгирии осебдидагони офатҳои табиӣ дар шаҳри Кӯлоб як шаҳрак сохта ва ба истифода дода шуд, ки дорои манзилҳои истиқоматӣ, беморхона ва масҷиди замонавӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки дар бобати ривоҷ додани табодули мол ва ҷалби сармояи хориҷӣ аллакай қадамҳои нахустин гузошта шуданд.

Ҳоло бархе аз кишварҳои арабӣ, аз қабили Аморати Муттаҳидаи Араб аз шарикони муҳими Тоҷикистон дар бобати табодули мол ба ҳисоб меравандӣ, Қатар дар Душанбе ба амалӣ кардани лоиҳаҳои сохтмонӣ шурӯъ намуд, ки яке аз онҳо бунёди масҷиди бузург бо тарҳи замонавӣ дар пойтахти Тоҷикистон мебошад.

Бо кишварҳои арабӣ ташаккул додани пойгоҳи шартномавӣ-ҳуқуқӣ идома дорад. Бо ин давлатҳо вобаста ба сатҳу доираи муносибатҳо санадҳои зиёди дуҷониба ба имзо расидаанд. Масалан, миёни Тоҷикистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб зиёда аз 40 санади муҳими ҳамкорӣ дар самтҳои мухталиф, аз ҷумла, дар соҳаҳои иқтисод, тиҷорат, сармоягузорӣ, техника, фарҳанг, варзиш ва кор бо ҷавонон ба имзо расидааст, ки онҳо дурнамои муносибатҳои кишварҳои дӯстро муайян месозанд.

Ҳамин тариқ, вазифаҳои мушаххаснамудаи Роҳбари давлат дар сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар муносибат бо ҷаҳони ислом пайгирона амалӣ гардида, шаклгирӣ ва рушду тавсеаи ҳамкориҳои манфиатовар сол то сол суръат мегиранд ва шаклу мазмуни навро соҳиб мешаванд.

Ҳамзамон бо ин дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ, алалхусус Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории исломӣ, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва Муколамаи ҳамкории Осиё Тоҷикистон бо кишварҳои мусулмоннишин, хусусан давлатҳои арабӣ робитаҳои густардаро пеш мебарад, ки ҷавҳари онро рӯҳияи ҳусни тафоҳум, ягонасозии мавқеъгириҳо ва дастгирии манфиатҳои якдигар ташкил медиҳад.

Ба шарофати чунин сиёсати мудаббирона Президенти Тоҷикистон дар олами арабиву исломӣ чун посдори фарҳангу тамаддуни асили исломӣ ва тарғибгари дӯстиву рафоқат ва ҳамкориҳои судманд эътироф гардидааст.

## Муносибатҳо бо олами Ғарб

Роҳбари давлати Тоҷикистон ба ривоҷ додани муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои Аврупо ва Америка таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, аз ибтидо баҳри густариши ҳамаҷонибаи онҳо кӯшишҳои сохторҳои марбутаро равона намуд. Ин буд, ки фаъолияти муттасил ҷараён гирифта, робитаҳо дар самтҳои гуногун ботадриҷ вусъат ёфтанд. Вале давраи ташаккулёбии ҳамкориҳо вобаста ба вазъи Тоҷикистон ва муайян кардани сиёсати кишварҳои ғарбӣ нисбат ба давлати тозаистиқлол, албатта, вижагиҳои худро дошт ва аз ин лиҳоз таърихи ҳамкориҳоро ба ду давра – то соли 2001 ва баъд аз он ҷудо кардан мумкин аст.

Дар давраи аввал (солҳои 1991-2001) кишварҳои Ғарб (Аврупо ва Америка) раванди соҳибистиқолол шудани ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистонро таҳти мушоҳида гирифта, пас аз расман барҳам хӯрдани ИҶШС пайи ҳамдигар онҳоро ба расмият шинохтанд. Сипас боздидҳои корию расмии ҳайатҳои гуногун шурӯъ шуданд, ки мақсад аз онҳо барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ, таҳлили вазъият ва муайян кардани стратегияи ҳамкориҳо буд.

Эмомалӣ Раҳмон аз оғози соли 1993 ҷиддан ба густариш додани муносибатҳо бо кишварҳои Ғарб рӯ оварда, онҳоро барои ҳамкорӣ ҷалб намуд. Дар ҷавоб ба ин кӯшишҳо кишварҳои Ғарб пайи ҳам барои фаъол сохтани робитаҳо бо Тоҷикистон алоқамандӣ зоҳир намуданд, ки чанд самти муносибати онҳоро бо ҷумҳурии мо дар он давра зикр кардан бамаврид аст:

а. Дастгирии сиёсии роҳбарияти олии Тоҷикистон, бахусус дар мавриди хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ ва ба эътидол овардани вазъияти ҷумҳурӣ. Чунин дастгирӣ аз ҷониби давлатҳои алоҳида ва намояндагони онҳо дар Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мунтазам ба мушоҳида мерасид.

б. Расонидании кумакҳои башардӯстона ба аҳолии Тоҷикистон, аз ҷумла, ғизо, сару либос, доруворӣ ва ғайра. Чунин кумакҳо пеш аз ҳама дастраси он шаҳрвандоне мешуданд, ки дар ҷараёни ҷанги шаҳрвандӣ, инчунин офатҳои табиӣ зарар дида буданд.

в. Дастгирии ҳукумати ҷумҳурӣ тавассути созмонҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ барои бартараф кардани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва таъмини рушди кишвар. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ва офатҳои табиии солҳои охир хонаҳои истиқоматии шаҳрвандон ва иншоотҳои зиёде хароб гардида буданд, ки дар муддати муайян тавассути чунин кумакҳои кишварҳои дӯст ва созмонҳои байналмилалию ғайриҳукуматӣ барқарор карда шуданд.

г. Расонидани кумаки машваратӣ дар бобати гузаронидани ислоҳоти конститутсионӣ, сохторӣ ва ғайра. Тоҷикистон сохтмони давлати демократии дунявӣ ва ҳуқуқбунёд, инчунин ба роҳ мондани иқтисоди бозориро пеш гирифта буд, ки барои расидан ба ин ҳадафҳо омӯзишу истифодаи таҷрибаи кишварҳои Ғарб зарур буд. Ба ин хотир, мутахассисону коршиносони ғарбӣ, хусусан аз созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои молиявӣ барои ташаккули асосҳои ислоҳот кумаку мусоидат намуданд. Кумаку дастгирии мутахассисони ғарбӣ дар таҳияи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ, ки моҳи ноябри соли 1994 тавассути раъйдиҳии умумихалқӣ қабул гардид, гузаронидани интихоботи Президент (1994), парлумони кишвар (1995), гузаронидани ислоҳот дар самтҳои гуногуни хоҷагии халқ назаррас буд.

д. Ривоҷ додани робитаҳои тиҷоратӣ ва табодули мол. Ин самт асосан тавассути доираҳои соҳибкорону тоҷирон сурат мегирифт ва Тоҷикистон имкон пайдо кард, ки харидорони маҳсулоти асосии содиротии ҷумҳурӣ – пахта ва алюминийро аз Ғарб пайдо кунад.

Бояд зикр намуд, ки дар он замон дар чунин доира ривоҷ додани ҳамкориҳо бамаврид буд ва ҷонибҳо барои таҳкиму тавсеаи бештари робитаҳо шароити мусоидро интизор буданд.

Дар баробари ин, дар муносибату ҳамкориҳо бо кишварҳои аврупоӣ ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка баъзе хусусиятҳое ҷой доштанд, ки онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан беҳтар аст.

***Ҳамкориҳо бо кишварҳои аврупоӣ.*** Албатта муносибатҳо бо кишварҳои Аврупо дар як сатҳ рушд намеёфтанд. Аз миёни кишварҳои Аврупо Ҷумҳурии Федеративии Олмон аввалин шуда сафорати худро дар Тоҷикистон моҳи июни соли 1993 кушод, ки ин амр ба марҳилаи нави муносибатҳо оғоз ниҳод. Олмон аз муқтадиртарин кишварҳои аврупоӣ ва Иттиҳоди Аврупо буда, сафорати он то соли 2001 аз дигар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо низ намояндагӣ мекард.

Бояд зикр намуд, ки Иттиҳоди Аврупо дар соли 1992 дар Душанбе дафтари Барномаи кумаки техникӣ ба кишварҳои ИДМ (TACIS)-ро кушода буд, ки бо оғози ҷанги шаҳрвандӣ баста шуд. Минбаъд Комиссияи Аврупо асосан тавассути маблағгузории дигар созмонҳои байналмилалӣ ва дастгирии шарикон, ки дар Тоҷикистон фаъолият мекарданд, мисли Барномаи СММ оид ба рушд (UNDP), инчунин бо дигар воситаҳои худ ба монанди Барномаи амнияти озуқа (FSP) ва Ҳифзи шаҳрвандӣ дар ҳолатҳои фақулъода (ECHO) ҳамкорӣ мекард. Соли 1993 Офиси минтақавии Комиссияи Аврупо – Кумаки башардӯстона ва ECHO дар Осиёи Марказӣ бо қароргоҳ дар Душанбе ифтитоҳ гашт. Пас аз як сол Тоҷикистон ба воситаи мубодилаи паёмҳо Созишнома оид ба тиҷорат ва ҳамкориро, ки миёни ИА ва ИҶШС дар соли 1989 имзо гардида буд, ҳамчун заминаи ҳуқуқӣ барои равобити дуҷониба ба ИА пешниҳод намуд.

Бо беҳтар шудани вазъияти амниятӣ дар Тоҷикистон дар соли 1995 Барномаи TACIS аз нав ифтитоҳ гардид ва то соли 1997 фаъолияти худро идома бахшид.

Ҳамчунин соли 1998 дар Душанбе Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Душанбе ба кор шурӯъ кард, ки дар густариши муносибатҳо бо ин кишвар саҳмгузор буд.

Дар навбати худ Роҳбари Тоҷикистон баҳри густариши муносибатҳо бо кишварҳои аврупоӣ роҷеъ ба кушодани нахустин намояндагии дипломатӣ дар Аврупо тасмим гирифт ва моҳи сентябри соли 1994 Сафорати Тоҷикистон дар шаҳри Бонни Олмон

ба фаъолият шурӯъ кард (Сафорат соли 1999 аз Бонн ба Берлин кӯчонида шуд). Соли 1996 Намояндаи доимии Тоҷикистон дар САҲА ва дигар созмонҳои байналмилалӣ дар Вена ба кор шурӯъ карда, пас аз як сол ҳамзамон Сафири Тоҷикистон дар Австрия таъйин шуд.

Сарфи назар аз он ки вазъи Тоҷикистон барои рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ, бахусус овардани сармояи кишварҳои аврупоӣ носозгор ба назар мерасид, кишварҳои алоҳида ба чунин самти фаъолият таваҷҷӯҳ зоҳир менамуданд ва ин буд, ки соли 1994 яке аз нахустин корхонаҳои муштарак – комбинати тиллобарории «Зарафшон» бо иштироки сармояи Британияи Кабир дар минтақаи Зарафшон ба фаъолият шурӯъ кард.

Барои оғоз ёфтани давраи дуюми ҳамкориҳо (шурӯъ аз соли 2001) ду омили асосӣ боис гардид. Якум, таъмини сулҳу осоиштагӣ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон, ки барои роҳандозӣ намудани ҳамкориҳои гуногунҷанба шароит фароҳам овард. Дуюм, вазъияти пешомада пас аз амалҳои террористӣ дар шаҳрҳои Вашингтону Ню-Йорк, ки ИМА ва шарикони онро дар НАТО ба мубориза бар зидди терроризм дар Афғонистон бархезонд.

Бояд зикр намуд, ки Роҳбари давлати Тоҷикистон аз вазъияти Афғонистон, ҳолати ҳукумати расмӣ ва амалҳои ҳаракати Толибон ба хубӣ огаҳӣ дошт ва тайи чанд сол ҷомеаи ҷаҳониро барои кумак ба халқи афғон ва мусоидат намудан дар эътидоли вазъи ин кишвари ҷангзада даъват мекард. Ҳамин буд, ки бо оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон дар тирамоҳи соли 2001 муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Аврупо хусусияти нав касб карданд. Тоҷикистон аз лаҳзаи оғози ин амалиёт дастгирии худро эълон дошт, имконияти истифодаи инфрасохтори заминӣ ва ҳарими ҳавоии худро ба қувваҳои аъзои эътилофи зиддитеррористӣ пешниҳод намуд.

Бо назардошти аҳамияти сиёсӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Тоҷикистон баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон моҳи ноябри соли 2001 Фаронса ва моҳи декабри ҳамон сол Британияи Кабир дар Душанбе сафоратҳои худро кушоданд. Ба дунболи ин соли 2003 дар Душанбе Идораи раёсати ҳамкориҳои байналмилалии Шветсия дар соҳаи рушд (SIDA) ифтитоҳ гардида, соли 2004 дар асоси он намояндагии сафорати Шоҳигарии Шветсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Роҳбари давлат дар ин марҳила низ ба густариш ва таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо таваҷҷӯҳи махсус зоҳир мекард. Ӯ Иттиҳоди Аврупоро ба сифати шарики муҳими байналмилалии кишвари худ, ки пайваста ба ислоҳоти демократӣ дар кишвар,

волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои авлавиятноки иқтисоди миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва тандурустӣ, ҳифзи муҳити зист, идоракунии захираҳои об, энергетика, идора намудани сарҳад, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ба ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ мекунад. Роҳбари давлат пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ҳамкориҳои пойдору дарозмуддат ва мутақобилан судманди Тоҷикистонро бо кишвархои Аврупо таъмин намояд. Ба хотири тақвияти ҳамкориҳо ва таъмини тамосҳои доимӣ соли 2001 Сафорати Тоҷикистон дар Брюссел ифтитоҳ гардид, ки он ҳамзамон ҳамчун Намояндагии ҷумҳурӣ дар Иттиҳоди Аврупо фаъолият мекунад.

Шоистаи зикр аст, ки ин таваҷҷӯҳи Эмомалӣ Раҳмон ба рушди ҳамкориҳо беҷавоб намонд. Соли 2001 намояндагии Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон (бо иқомат дар Алмато) ифтитоҳ гардид. Ҳамон сол аввалин вохӯрии Кумитаи муштараки Иттиҳоди Аврупо – Тоҷикистон дар Брюссел барпо гардид, ки барои густариши робитаҳо хеле муҳим ба шумор меравад. Кумитаи мазкур вохӯриҳои худро бо навбат дар Брюссел ва Душанбе баргузор намуд, ки дар рафти онҳо масъалаҳои ҳамкорӣ дар самтҳои гуногун муҳокима шуда, қарорҳои дахлдор қабул шуданд.

Роҳбари давлат кӯшиш бар он дошт, ки дар робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодӣ ва ҷалби сармоягузорӣ авлавият пайдо намояд. Имзо шудани ҳуҷҷати асосӣ дар муносибатҳои дуҷониба – Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 11 октябри соли 2004 дар рафти сафари Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Люксембург барои густариши ҳамкориҳо аҳамияти махсус дошт. Ба сабаби он, ки Созишномаи имзошударо бояд ҳамаи парлумонҳои кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ба тасвиб мерасониданд ва ин вақти муайянро талаб мекард, Созишномаи муваққатӣ оид ба тиҷорат ва масъалаҳои тиҷоратӣ миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон имзо гардида, моҳи майи соли 2005 эътибор пайдо намуд.

Моҳи майи соли 2004 Намояндагии Комиссияи Аврупо дар Тоҷикистон расман ифтитоҳ гардид. Соли 2009 Намояндагии Комиссияи Аврупо ба Намояндагии Иттиҳоди Аврупо табдил ёфта, моҳи январи соли 2010 аввалин роҳбари Намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон дар сатҳи сафир ба фаъолияти худ шурӯъ намуд.

Бо таъйин шудани Намояндаи махсуси Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ аз соли 2005 ҷониби Тоҷикистон бо Намояндаи доимӣ (дар ин вазифа Ян Кубиш ва Пйер Морел кор карданд) робитаи доимӣ барқарор намуда, муносибатҳоро тақвият мебахшид.

Баҳри возеҳтар намудани муносибатҳои худ бо кишварҳои минтақа дар самтҳои муайян Иттиҳоди Аврупо санади муҳим - «Стратегияи Иттиҳоди Аврупо оид ба Осиёи Марказӣ»-ро барои баррасӣ ба воҳӯрии Тройкаи Иттиҳоди Аврупо-Осиёи Марказӣ дар Берлин моҳи июни соли 2007 пешниҳод намуд. Ҳуҷҷати мазкур дар ҷаласаи Шӯрои Аврупо дар Брюссел таҳти раисии Олмон тасдиқ гардид.

Қобили зикр аст, ки дар ин давра Роҳбари Тоҷикистон зимни чандин сафари расмӣ ва кории худ ба кишварҳои гуногуни Аврупо масъалаҳои марбут ба рушди муносибату ҳамкориҳоро мавриди баррасӣ қарор дода, мавқеи кишвари моро миёни ҳамёрони аврупоӣ хеле мустаҳкам намуд. Бахусус сафарҳои расмии Президент Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2009 ба Брюссел ва мулоқотҳояш бо намояндагони баландмақоми сохторҳои Иттиҳоди Аврупо, соли 2011 ба Страсбург ва гуфтушунидҳояш бо роҳбарияти Парлумони Аврупо барои таҳкиму тақвияти муносибатҳо аҳамияти калон доштанд.

Имрӯз Тоҷикистон бо соири кишварҳои аврупоӣ, қабл аз ҳама, Олмон, Британияи Кабир, Фаронса, Австрия, Белгия, Швейтсария, Италия, Лаҳистон, Чехия, Люксембург, Нидерландия, Хорватия, Руминия, Маҷористон, Латвия, Литва ва ғ. дар самтҳои гуногун ҳамкорӣ мекунад ва ин муносибатҳо бо шарофати таваҷҷӯҳи ҳамешагии Роҳбари давлат сол то сол сатҳу сифати беҳтарро соҳиб мешаванд.

***Таҳкими равобит бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка.*** Робитаҳо бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка ба шумори авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд.

Тавре зикр гардид, таърихи муносибатҳои Тоҷикистонро бо ИМА ба ду давра – то соли 2001 ва пас аз он тақсим кардан мумкин аст.

Дар давраи аввали ҳамкориҳо ИМА истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохта, муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард ва моҳи марти соли 1992 Сафорати худро дар Душанбе ифтитоҳ намуд. Бо сабаби ноорамиҳо муддате Сафорати ИМА дар Алмаато қарор дошт.

Дар ин марҳила ИМА Тоҷикистонро дастгирӣ намуда, ёрии гуманитарию техники худро дареғ намедошт.

Дар марҳилаи нахуст муносибатҳои дуҷониба дар самтҳои сиёсӣ, гуманитарӣ, ҳарбӣ, мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва маводи мухаддир, мустаҳкам намудани сарҳад, хариду фурӯши одамон, маориф ва ғайра тавсеа пайдо карданд. Қобили қайд аст, ки ҷониби ИМА аз соли 1993 ба амалӣ намудани Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати ИМА оид ба ҳамкорӣ барои расонидани кумак шурӯъ кард. Ҳаҷми кумакҳое, ки то имрӯз ИМА ба Тоҷикистон манзур намуд, ба 950 млн. доллари ИМА расидааст.

Қисми зиёди кумаки ИМА ба Тоҷикистон ба воситаи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) пешниҳод мешавад. Агентии мазкур аз соли 1993 инҷониб дар Тоҷикистон фаъолият намуда, дар масъалаи дастгирии соҳаи рушди иқтисод, системаи бонкӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва бизнес, ислоҳоти соҳаҳои тандурустӣ ва маориф, рушди васоити ахбори омма ва низоми додгоҳӣ, баланд бардоштани ихтисоси додгоҳҳо ва ташкил намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ саҳми калон мегузорад. Аз соли 1993 барномаҳои зиёд барои паст кардани зарари ҷанги шаҳрвандӣ, офатҳои табиӣ, бӯҳрони озуқаворӣ ва энергетикӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулода амалӣ шудаанд.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо ИМА баъд аз оғози амалиёти зиддитеррористӣ дар Афғонистон ба тағйироти куллӣ дучор омаданд. Амалҳои террористии 11 сентябри соли 2001 ИМА-ро дар сафи пеши мубориза бар зидди терроризм дар Афғонистон қарор дод ва ин амр боиси боз ҳам вусъат ёфтани ҳамкориҳои ду давлат гардид.

Дар ин қарина сафарҳои Вазири мудофиаи ИМА Д. Рамсфелд дар моҳи ноябри соли 2001 ва июли соли 2005, сафари Котиби давлатии ИМА К. Райс моҳи октябри соли 2005 ва сафарҳои чандинкаратаи роҳбарони Фармондеҳии Марказии ИМА ба Тоҷикистон шаҳодати ин дигаргуниҳо дар муносибатҳои дуҷониба ва рушду такомули онҳо мебошанд.

Сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Иёлоти Муттаҳидаи Америка моҳи декабри соли 2002 аз рӯйдодҳои муҳиме дар муносибатҳои дуҷониба миёни Тоҷикистону ИМА ба ҳисоб меравад. Дар рафти сафари мазкур вохӯриҳои Роҳбари давлат бо Президенти ИМА Ҷорҷ Буш ва дигар шахсони расмӣ баргузор гардиданд. Ин сафар муваффақона анҷом ёфт ва Роҳбари давлат пас аз бозгашт дар бораи таъсис додани Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Вашингтон фармон имзо кард.

Иёлоти Муттаҳидаи Америка бо тақвияти самтҳои фаъолияти намояндагии дипломатиаш дар Душанбе тасмим гирифт, ки онро васеъ мекунад. Гуфтушунидҳо оид ба масъалаи ҷудо намудани замин барои сохтмони бинои сафорат соли 2001 бо иштироки коршиносони ҳарду ҷониб оғоз шуданд ва соли 2004 созишномаи дахлдор ба имзо расид. Худи ҳамон сол сохтмони бинои сафорат шурӯъ шуд. Ифтитоҳи расмии бинои нави Сафорати ИМА дар Душанбе бо иштироки Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи июни соли 2006 баргузор гардид.

Лозим ба таъкид аст, ки мубодилаи сафарҳо миёни намояндагони расмии Тоҷикистону ИМА дар солҳои охир зиёд шудааст. Дар баробари

робитаҳо дар сатҳҳои гуногун инчунин гузаронидани мулоқоту машваратҳо дар муносибатҳои дуҷониба ба ҳукми анъана даромадааст.

Ҷонибҳо баргузор намудани машваратҳои мунтазами сиёсии дуҷонибаро ҷиҳати густариш додани ҳамкорӣ роҳандозӣ намуданд, ки дар онҳо роҷеъ ба масъалаҳои ҳамкориҳои ду давлат, проблемаҳои суботи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ислоҳоти демократӣ-иқтисодӣ табодули назар сурат мегирад. Тарафҳо мувофиқ бар он шуданд, ки машваратҳои сатҳи баланд бо навбат дар пойтахтҳои ду кишвар ҳар сол баргузор мегарданд. Байни ҷаласаҳои солона баррасии шашмоҳа ҷиҳати муайян намудани авлавиятҳо ва мониторинги ҷадвали кории мувофиқашуда сурат мегирад. Машваратҳо соҳаҳои сиёсӣ, амниятӣ, гуманитарӣ, масъалаҳои иқтисодӣ ва рушдро дар бар мегиранд.

Машваратҳои нахустини сиёсӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Америка моҳи феврали соли 2010 дар Вашингтон, машваратҳои дуюм моҳи апрели соли 2011 дар Душанбе ва машваратҳои сеюм моҳи майи соли 2012 дар Вашингтон баргузор гардиданд. Дар рафти машваратҳо иҷрои Нақшаи корӣ баррасӣ гардида, доираи васеи масъалаҳо мавриди муҳокима қарор гирифт.

Ҳамкории Тоҷикистон ва ИМА дар самтҳои ҳарбӣ, дастгирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мустаҳкам кардани сарҳад, мубориза бо терроризм, қочоқи маводи мухаддир инкишоф ёфта истодааст. Механизми баргузор намудани гуфтушуниди машваратӣ оид ба нақшаи ҳамкориҳои ҳарбӣ байни Фармондеҳии марказии ИМА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Ҳар сол намояндагони кишвари мо дар семинар ва омӯзишу машқҳои ҳарбӣ, ки аз ҷониби америкоӣ ташкил карда мешаванд, иштирок мекунанд. Аз рӯи Барномаи идоракунии содирот ва амнияти сарҳад Ҳукумати ИМА ба мақсади мусоидат намудан ба Ҳукумати Тоҷикистон дар мубориза бо қочоқи маводи ҳаставӣ ва мухаддир кумак менамояд. Дар ин самт 7 санади байниҳукуматӣ имзо шудааст ва барномаҳои дахлдор оид ба таҳияи кадрҳо, таъминкунӣ бо техникаю таҷҳизот ва ғайра амалӣ шуда истодаанд. ИМА ба мақомоти қудратии Тоҷикистон кумакҳои молию моддӣ мерасонад. Аз соли 1992 инҷониб кумаки Ҳукумати ИМА дар самти мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, дастгирии амният ва волоияти қонун зиёда аз 37 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст. Инчунин Ҳукумати ИМА ба Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти сарҳадӣ, таҳкими бунгоҳҳои наздисарҳадӣ, омӯзондани донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар ИМА ва истифодаи об кумак мерасонад.

Дар давраи ҳамкориҳо асоси шартномавӣ-ҳуқуқии муносибатҳо миёни ҳарду кишвар ташаккул ёфт. То имрӯз байни ду давлат зиёда аз 30 санади байниҳукуматӣ ва байнисоҳавӣ ба имзо расидааст, ки самтҳои ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ, ҳарбӣ-техникӣ, маориф, мубориза бо терроризм ва қочоқи маводи муҳаддирро дар бар мегиранд.

Дар шароити кунунии муносибатҳои Тоҷикистону ИМА масъалаи ба эътидол овардани вазъият дар Афғонистон ва барқарор намудани амну субот дар ин кишвар яке аз самтҳои муҳимтарин мебошад. Ба мақсади дастгирии амалиёти зиддитеррористии ИМА дар Афғонистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои эътилофи зиддитеррористӣ бо роҳбарии ИМА ҳарими ҳавоӣ ва зербинои рӯизаминии худро пешкаш намуд. Инчунин аз лаҳзаи оғози амалиётҳо дар Афғонистон дархости Ҳукумати ИМА дар бораи транзити борҳои ғайринизомии НАТО тавассути қаламрави Тоҷикистон аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ дастгирӣ ёфт.

Ба мақсади беҳтар намудани имкониятҳои савдою тиҷорат миёни Тоҷикистону Афғонистон бо кумаки ИМА ба маблағи зиёда аз 36 миллион доллари ИМА дар минтақаи Панҷи Поён дар болои дарёи Панҷ пули «Дӯстӣ» бо биноҳои зарурӣ барои сарҳадчиён ва кормандони хадамоти гумруки Тоҷикистон сохта ба истифода дода шуд. Қобили зикр аст, ки ин пул барои густариши муносибатҳои иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон бо Афғонистон ва баромадан ба бандарҳои баҳрӣ хеле муҳим мебошад.

Дар баробари ин Тоҷикистон умедвори он аст, ки ИМА ба таҷдиди иқтисодии Афғонистон таваҷҷӯҳи бештар зоҳир намуда, дар амалӣ кардани барномаву тарҳҳои иқтисодии ин кишвар, ки аксари онҳо хусусияти минтақавӣ хоҳанд дошт, хусусан дар соҳаҳои энергетика (сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ, хатҳои интиқоли газ, барқ), коммуникатсия (сохтмони роҳҳои оҳану мошингард) ба иқдомҳои ҷиддӣ даст хоҳад зад.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ ба парлумони кишвар аз 20 апрели соли 2012 муносибатҳои Тоҷикистонро бо Эътилофи байналмилалӣ дар робита бо Афғонистон «созанда» арзёбӣ намуда, зикр кард, ки ин ҳамкориҳо «ҳамеша хуб буданд» ва «бо кишварҳои Ғарб, ки шомили он ҳастанд, идома хоҳанд ёфт». Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки «равобити гуногунҷанбаи мо бо Иёлоти Муттаҳидаи Америка дар ин самт омили муҳиме хоҳад буд». Дар баробари ин Сарвари давлат илова намуд, ки «хуруҷи эълоншудаи ин нерӯҳо дар соли 2014 масъулияти моро, ки чун кишвари буферӣ бо сарҳади тӯлонии қариб 1400-километра дар рӯ ба рӯи таҳдиду хатарҳои муосир қарор дорем, дучанд зиёд хоҳад кард» ва «аз ин рӯ, ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи сиёсиву иқтисодии мо, аз ҷумла, ҳамкории амниятии мо чи бо созмонҳои марбута, ки узвашон ҳастем ва чи бо худи Афғонистони бародар тақвият ва таҳким хоҳанд ёфт».

Ҳамин тариқ, бо саъю талошҳои Президенти Тоҷикистон ҳамкории ҷумҳурӣ бо кишварҳои Ғарб зина ба зина густариш ёфта, вобаста ба имкониятҳои давлати мо барои роҳандозии чунин робитаҳо рушду такомул ёфтаанд. Дар даҳсолаи аввали ҳамкориҳо кишварҳои Ғарб дар ҳалли мушкилоти мавҷуда аз халқу давлати Тоҷикистон кумаку

дастгирии худро дареғ надоштанд ва солҳои баъдӣ бо таъмини сулҳу субот ба ривоҷ бахшидани ҳамкориҳо дар бахши иқтисодӣ ва сармоягузорӣ пардохтанд. Бо итминон метавон зикр кард, ки ҳузури кишварҳои Ғарб бо техника ва технологияи пешрафта дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ҷумҳурӣ тақвият ёфта, ҳамкориҳоро ба сатҳи сифатан нав хоҳад баровард.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо баъзе созмонҳои кишварҳои Ғарб, аз қабили Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ (СААШ/НАТО) ҳамкорӣ мекунад. Ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Шӯрои ҳамёрии аврупоӣ-атлантикӣ (ШҲАА) ва барномаи «Ҳамёрӣ баҳри сулҳ» (ҲБС)-и СААШ шурӯъ аз соли 2002 сурат мегирад. Роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон се маротиба дар кори Саммити СААШ ширкат варзидааст: Саммити Вашингтон (апрели соли 1999) бахшида ба 50-солагии ташкилёбии СААШ; Саммити Прага (ноябри 2002), ки дар он ҳуҷҷатҳои муҳим аз қабили «Нақшаи амали ҳамёрӣ дар мубориза алайҳи терроризм» ва «Хулосаи умумии фаъолияти ШҲАА» қабул гардида буданд; инчунин Саммити Истамбул (июни соли 2004), ки дар он диққати асосӣ ба масъалаи ҳамкориҳои дарозмуддати байналмилалӣ дар самти мубориза алайҳи терроризм ва таҳкими ҳамкорӣ миёни СААШ ва кишварҳои ҳамёри Қафқози Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ равона гардида буд.

Барои Тоҷикистон ҳамкорӣ бо СААШ дар самти вокуниши саривақтӣ ба хатар ва таҳдид ба амният муҳим мебошад. Дар шароити ҳозира Тоҷикистон ба ҳамкорӣ бо СААШ дар чаҳорчӯби низоми «ПРАЙМ» таваҷҷӯҳи бештар зоҳир менамояд.

Боиси зикр аст, ки ҳамкории СААШ бо Тоҷикистон дар таъмин ва пойдории сулҳ дар кишвари ҳамсоя Афғонистон роҳандозӣ гардида, дар мулоқотҳои сатҳи олӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Илова бар ин, ҷонибҳо раванди ҳамкориҳоро дар чаҳорчӯби барномаи «Ҳамёрӣ баҳри сулҳ» мадди назар қарор додаанд.

Қобили зикр аст, ки бо иқдоми созмон дар Маркази таҳқиқоти масъалаҳои амният ба номи Ҷорҷ Маршал (ш. Обераммергау, Олмон) намояндагони кишвар пайваста дар машғулиятҳо, симпозиумҳо ва конфронсҳо ширкат меварзанд. Иштирокчиён оид ба нақши созмон дар шароити кунунӣ, вокуниши он ба чолишҳои ҷадид ва авлавиятҳои ҳамкориҳо миёни кишварҳои иштирокчию ҳамёр табодули назар сурат медиҳанд.

# ТАШАББУСҲОИ ОЯНДАСОЗ ДАР ПАҲНОИ СИЁСАТИ ХОРИҶӢ

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

*Саъдии Шерозӣ*

## СММ – минбари паёмҳои созанда

Агар ба таърихи истиқлолияти Тоҷикистон амиқ назар биандозем, мебинем, ки дар мизони ҳамкориҳои давлати тозаистиқлол Созмони Милали Муттаҳид ҷойгоҳи махсуси худро дорад. Дар ин маврид ду омилеро мебинем, ки барои амиқан ворид кардани СММ дар ҳаёти сиёсию иҷтимоии Тоҷикистон нақши муассир доштанд.

Омили аввалӣ ҷараёни ҳодисаҳои Тоҷикистон дар солҳои нахустини истиқлолият аст, ки зарурати мусоидату дастгирии ҷомеаи ҷаҳониро ба миён оварда буд.

Омили дуюм мавқеи Роҳбари давлат аст, ки дар ин равандҳо Созмони Милали Муттаҳидро ба ҳайси довару раҳнамо пазируфта, дар ҳаллу фасли мушкилоти дохилӣ – бартараф кардани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва гуфтушунид кардан бо мухолифин аз ин созмони бонуфузи байналмилалӣ кумак хост. Эмомалӣ Раҳмон борҳо сари ин масъала баргашта, нақши вижаи Созмонро дар ҳалли чунин проблемаҳо таъкид кардааст. Аз ҷумла, ӯ дар Муроҷиати худ ба муносибати солгарди ба узвияти СММ қабул шудани Тоҷикистон моҳи марти соли 1993 таъкид дошт, ки «мо ҷонибдори тақвият додани нақши Созмони Милали Муттаҳид дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои марбут ба вуқӯъ омадани ҷангҳо ва ихтилофот, тазодҳои милливу этникӣ, иҷрои бечунучарои қарорҳои он ва мусоидати ҳаматарафа баҳри татбиқи ҳадафҳои накӯкоронаи ин созмони барӯманди байналхалқӣ мебошем».

Дар як соли аввали истиқлолият, хусусан ҳангоми сар задани ҷанги шаҳрвандӣ роҳбарияти онвақтаи ҷумҳурӣ аз ҳар ҷиҳат имкони дарёфти тадбирро барои аз байн бурдани бӯҳрони фарогир дар ҷумҳурӣ аз даст дода буд. Тадбирҳои муваққатӣ, лаҳзаина ва бидуни фароҳам овардани шароитҳо ва таҳияи механизми муназзам натиҷае намедоданд, ва баръакс, вазъиятро боз ҳам муташанниҷ месохтанд. Натиҷа ҳамин шуд, ки қисмати ҷанубу маркази кишвар ба майдони ҷанг табдил ёфт, моҳи ноябри соли 1992 дар Душанбе имкони ҷамъ овардани вакилони халқ ва кафолати таъмини амнияти онҳо мавҷуд набуд (моҳи апрели ҳамон сол то оғози муқовимати яроқнок 17 нафар вакилони халқ ва аъзои ҳукуматро гаравгон гирифта буданд, чи расад аз замони ҷанг) ва иҷлосияи XVI Шӯрои Олии ҷумҳурӣ дар Хуҷанд баргузор гардид.

Яке аз нахустин иқдомҳои Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли қазияи ҷумҳурӣ ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ тавассути Созмони Милали Муттаҳид ва истифодаи имкониятҳои ин созмони универсалии байналмилалӣ буд. Мақсади Роҳбари давлат ба вуҷуд овардани механизмҳои мукаммали ҳалли мухолифати дохилӣ буд, ки дар сурати таҳти сарпарастии СММ роҳандозӣ намудани онҳо имкони беғаразӣ, шаффофият ва дигар назокати сиёсию дипломатӣ таъмин мегардид.

Гарчанде Тоҷикистон узви Созмони Милали Муттаҳид бошанд ҳам (29 январи 1992 дар ҷаласаи Шӯрои Амнияти СММ оид ба тавсияи дохил шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин созмон ба сифати аъзо қатънома қабул шуд, 2 марти ҳамон сол зимни иҷлосияи 46-уми Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи 46/224 оид ба шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СММ ба иттифоқи оро қабул гардид), вале имконияти ин созмон барои ҳалли қазияи Тоҷикистон ҷалб нашуда буд.

Эмомалӣ Раҳмон зимни паёми худ ба унвони Дабири кулли СММ Бутрос Бутрос Ғолӣ ин созмони бонуфузи байналмилалиро аз вазъи кишвар огоҳ намуда, ба хотири рафъи мушкилоти пешомада ва ба эътидол овардани вазъият дархости мусоидат намуд.

Дар асоси муроҷиати Роҳбари Тоҷикистон ҷиҳати ба эътидол овардани вазъияти ҷумҳурӣ Созмони Милали Муттаҳид чанд иқдомеро амалӣ кард, ки барои ҳалли мушкилоти кишвар аҳамияти калон доштанд:

1. Ба мақсади ҳамоҳанг кардани тадбирҳои СММ дар Тоҷикистон вобаста ба вазъияти муташанниҷи он, барқарор намудани тамоси доимӣ бо Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҷорӣ 1 феврали соли 1993 дар Душанбе Дафтари нозирони СММ (ДНСММТ) ба фаъолият шурӯъ кард, ки роҳбарии онро Ливиу Бота (Румыния) ба

ӯҳда дошт. Бояд зикр намуд, ки ДНСММТ аз оғози фаъолияташ дар раванди ба эътидол овардани вазъият ва таъмини сулҳу субот дар ҷумҳурӣ тадбирҳои заруриро амалӣ намуд. Бо оғоз шудани раванди музокироти сулҳи тоҷикон (1994-1997) Дафтар дар омода ва баргузор намудани мулоқотҳо ва даврҳои гуфтушунид корҳои зиёдеро бар ӯҳда дошт. Бо иҷро шудани талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва фаъолияти худро қатъ кардани Комиссияи оштии миллӣ бо ташаббуси Дабири кулли СММ Кофи Аннан моҳи майи соли 2000 дар асоси ДНСММТ Дафтари СММ оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон (ДСММСТ) таъсис дода шуд. Вазифаи асосии Дафтар мусоидат ба густариш ва таҳкими асосҳои сиёсӣ, абзорҳои дохилии сулҳпарварӣ, қобилияти давлату ҷамъият дар пешгириву ҳалли низоъҳоро дар бар мегирифт. Моҳи августи 2007 Дафтар оид ба мусоидат ба сулҳпарварӣ дар Тоҷикистон фаъолияти худро бомуваффақият анҷом дод. Даҳҳо кормандони ин Дафтар бо мукофотҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз шуданд.

2. Моҳи апрели соли 1993 дипломати ироқӣ Исмат Қиттонӣ ба ҳайси Фиристодаи вижаи Дабири кулли СММ таъйин гардид ва моҳи декабри ҳамон сол ин вазифа ба зиммаи дипломати уругвайӣ Рамиро Пирис-Баллон вогузор шуд. Баъдтар дипломатҳо Герд Дитрих Меррем, Ян Кубиш, Иво Петров ва Владимир Сотиров вазифаҳои Фиристодаи вижа ва Намояндаи Дабири Кулли СММ дар Тоҷикистонро ба ӯҳда доштанд, ки амалӣ намудани рисолати муқarrаршудаи созмон бар дӯши онҳо буд.

3. Таъсис додани Гурӯҳи тамос бо иштироки намояндагони давлатҳо ва созмонҳои алоқаманд (Россия, Эрон, Афғонистон, Покистон, Туркманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон, САҲА).

4. Баррасӣ намудани вазъияти Тоҷикистон дар Шӯрои амнияти СММ ва қабул намудани санадҳо ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳои зарурӣ.

Ҳамин тариқ, Созмони Милали Муттаҳид бо дархосту маслиҳати Роҳбари давлат механизми мукаммалеро ба вуҷуд оварда, дар роҳи расидан ба сулҳу осоиш ва ризоияти миллӣ корҳои зиёдеро амалӣ намуд. Миёни корҳои анҷомдодаи намояндагии СММ ва дигар ниҳодҳои он дар Тоҷикистон тадбирҳои зеринро махсус зикр кардан зарур аст:

а) Мусоидат дар бозгашти гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ ба ҷойҳои сукунати доимӣ, барқарор кардани манзилҳои харобгардида, расонидани кумакҳои башардӯстона. Бояд тазаккур дод, ки дар ҳолати охири соли 1992 теъдоди гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ қариб як миллион аҳолии Тоҷикистонро ташкил мекард. Аз ҷумла, қариб 70 ҳазор гуреза дар Афғонистон буд, ки СММ ба онҳо кумак мерасонд.

Дар муддати кӯтоҳ ин масъала ҳалли худро ёфт ва шаҳрвандони ҷумҳурӣ ба ҷойҳои сукунатӣ доимӣ баргашта, ба ҳаёти осоишта машғул шуданд.

б) Роҳандозӣ намудани раванди музокироти сулҳи тоҷикон. Ин иқдоме буд, ки аз аввал то ба охир таҳти сарпарастии СММ сурат гирифта, бо имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон анҷом ёфт.

в) Назорат аз болои риояи талаботи Шартномаи Теҳрон оид ба оташбас. Ба ин кор нозирони низомии Дафтари нозирони СММ машғул буданд ва ин тадбир барои коҳиш додани амалиётҳои ҷангӣ ва халалдор накардани раванди музокироти сулҳ нақши муассир дошт.

г) Мусоидат дар ҳалли масъалаҳои барқарорсозии пас аз низоъ ва амалӣ шудани санадҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон.

Дар натиҷа, Эмомалӣ Раҳмон бо истифода аз зарфияту имкониятҳои СММ ба он комёб шуд, ки масъалаи дар он замон барои Тоҷикистон аз ҳама асосӣ – ба эътидол овардани вазъият ва таъмини сулҳу субот ҳалли худро ёфта, барои рушди бемайлони хоҷагии халқ ва некӯаҳволии сокинони ҷумҳурӣ заминаҳои устувор ба вуҷуд оварда шаванд.

Ҳамзамон Роҳбари давлати Тоҷикистон дар ҷараёни иштироки СММ дар ҳалли бӯҳрони фарогири кишвар боварӣ ҳосил намуд, ки бо истифода аз зарфияти ин созмон мушкилоти кишварҳо ва минтақаҳоро ҳал кардан мумкин аст. Ба ин хотир, ҳангоми ҳалли проблемаҳои кишварҳои алоҳида Эмомалӣ Раҳмон ду шарти асосиро ҳамеша таъкид мекунад: а) эътироф намудани нақши Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун созмони универсалӣ дар ҳаллу фасли муноқишаҳо, таҳти сарпарастии он, бидуни дахолати кишварҳои алоҳида ҳал намудани чунин қазияҳо; б) дар чаҳорчӯбаи санадҳои байналмилалӣ ҳаллу фасл намудани муноқишаҳо. Ҳодисаҳои чанд соли охир дар Аврупои Шарқӣ ва Ховари Миёна нишон доданд, ки ба хотири ҷилавгирӣ аз таҳмили сиёсати давлатҳои манфиатдор, таъмини тамомияти арзӣ ва истиқлолияти кишварҳои ба муноқиша мувоҷеҳшуда рӯ овардан ба дипломатияи боздоранда таҳти сарпарастии СММ роҳи аз ҳама мувофиқ аст.

Дар баробари ин дар раванди ҳамкориҳо аён гашт, ки дар кори абзорҳои СММ камбудиҳо ҷой доранд ва ин нуктаҳо дар масъалагузориҳои Роҳбари давлат ҷиҳати ворид кардани ислоҳот дар фаъолияти СММ манзур гардиданд.

Эмомалӣ Раҳмон ҷуз аз ҳаллу фасли мухолифати дохилии кишвар доираи ҳамкориҳои Тоҷикистонро бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои он дар чанд самт муайян намуд:

- иштироки фаъолонаи Тоҷикистон дар баррасӣ ва ҳаллу фасли муҳимтарин проблемаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;

- бар дӯш гирифтани ӯҳдадориҳо ба хотири ҳамзистии осоишта, ҳалли мушкилоти глобалӣ ва амнияти дастҷамъӣ;

- ибрози назар ҷиҳати беҳдошти фаъолияти СММ, ислоҳоти сохторӣ ва самтҳои фаъолияти он, дастгирии иқдомҳои Созмон дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ;

- ҷалб намудани СММ ва ниҳодҳои он ба ҳалли проблемаҳои ҷумҳурӣ ва таъмини рушди босуботи он;

- дар чаҳорчӯбаи СММ рушду тавсеа бахшидани ҳамкориҳо бо соири кишварҳои олам ва ривоҷ додани тамоси доимӣ бо онҳо.

Роҷеъ ба ин самтҳо дар давоми ду даҳсола корҳои зиёде ба анҷом расиданд, ки зикри бархе аз онҳо ба мазмуну мундариҷаи ҳамкориҳои ҷумҳурӣ бо ин созмони бонуфуз равшанӣ меандозад.

1. Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали фаъолияташ ба ҳайси Роҳбари давлат омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати иштироки фаъолонаи он дар баррасӣ ва ҳаллу фасли муҳимтарин проблемаҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ иброз намуда буд. Аз ҷумла, дар муроҷиати худ ба муносибати солгарди ба узвияти СММ қабул шудани ҷумҳурӣ дар марти соли 1993 иброз дошт, ки шомил гардидани Тоҷикистон ба ин созмон «барои фаъолияти бехатару самараноктари байналхалқии ҷумҳурӣ, барои иштироки бевоситаи он дар ҳалли масъалаҳои умдатарини дар назди инсоният истода имкониятҳои хуб фароҳам овард».

Дар ин қарина, тайи чанд соли охир Эмомалӣ Раҳмон силсилаи ташаббусҳоро бахшида ба истифодаи захираҳои обӣ пешниҳод намуд, ки аз ҷониби СММ истиқболи тамом пайдо карданд. Ин ташаббусҳо ба яке аз самтҳои муҳими робитаҳои Тоҷикистон бо ин созмон ва ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мушкилоти ҷойдошта дар ин соҳа табдил ёфтанд (дар бораи иқдомоти Эмомалӣ Раҳмон дар самти «дипломатияи об» дар бахши алоҳидаи ин китоб сухан хоҳад рафт).

Ғайр аз ин, Роҳбари Тоҷикистон роҷеъ ба чандин проблемаи байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки барои амнияту суботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мушкилоти нав эҷод мекунанд, гаштаву баргашта масъалагузорӣ карда буд.

Аз ҷумла, як силсила таклифҳо ба дастгирӣ намудани кишварҳои қафомонда ва баланд бардоштани сатҳи зисту зиндагии онҳо дахл дошт. Ин таклифҳо гуногун буда, мақсад аз онҳо баланд бардоштани зарфияту имконияти кишварҳои ниёзманд ба хотири мустақилона ҳаллу фасл намудани проблемаҳои онҳо мебошад. Масалан, Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар вохӯрии сарони давлату ҳукуматҳои ҷаҳон бахшида ба масъалаи озуқа, ки 16 ноябри 1996 дар Рим баргузор шуда буд, аз иштирокдорони мулоқот хоҳиш намуд, ки ба масъалаҳои

тавсеаи кумакҳои моддӣ-техникӣ барои зиёд кардани истеҳсоли озуқа дар чунин мамлакатҳо диққат диҳанд. Ба андешаи Роҳбари давлат «расондани кумак ба соҳаи кишоварзии баъзе давлатҳо бо роҳи таъмин намудани воситаҳои моддию техникӣ роҳи кӯтоҳтарини зиёд кардани ҳосилнокии зироат ва афзун гардондани истеҳсоли озуқа мебошад» то ин ки «ҳар мамлакат худро бо маводи хӯрока таъмин намояд». Дар маҷмӯъ, ба андешаи Роҳбари давлат «Созмони Милали Муттаҳид бояд барои натиҷаи дилхоҳ додани тадбирҳое, ки ҳадафи онҳо ҳарчи камтар сохтани фарқияти дараҷаи пешрафти давлатҳои доро ва қашшоқ мебошад, аз ҷумла, бо роҳи афзунтар сохтани маблағгузорӣ ба иқтисодиёти мамлакатҳои дар давраи гузариши иқтисодӣ қарордошта, ки захираҳои фаровони энергетикию сузишворӣ надоранд, саҳм гузорад».

Масъалаи дигаре, ки бо истифода аз минбари иҷлосияҳои Маҷмааи Умумӣ ва ҳамоишҳои гуногуни СММ пайваста аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон мавриди таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дода мешавад, вазъияти муташанниҷи Афғонистон аст, ки дар ин бора алоҳида сухан хоҳад рафт.

2. Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ӯҳдадориҳои ҷумҳурӣ пайравии устувори Тоҷикистонро ба ҳадафу принсипҳои Низомномаи СММ ва ҳуқуқи байналмилалӣ иброз дошта, ҳамзамон омодагии онро ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои гуногуни байналхалқӣ дар ҷодаи таҳкими сулҳу субот, масъалаҳои халъи силоҳ ва манъи паҳншавии яроқи атомӣ иброз намуд. Зимни ин Роҳбари давлат роҳандозӣ намудани чунин тадбирҳоро барои рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ шартҳои муҳим арзёбӣ намуда, онҳоро чун афзалиятҳои ҳамкории Тоҷикистон бо СММ муайян кардааст.

Дар ин росто Аҳднома оид ба минтақаи озод аз яроқи атомӣ дар Осиёи Марказӣ, ки 8 сентябри 2006 дар чаҳорчӯби СММ ба имзо расид, ба талошҳои Тоҷикистон дар пешгирии паҳншавии яроқи атомӣ комилан мувофиқ буда, ба таҳкими амнияти минтақавӣ, тақвияти ҳамкориҳо миёни кишварҳо ва истифодаи нерӯи ҳастаӣ ба мақсадҳои осоишта мусоидат мекунад.

Тоҷикистон нақши пешбари Созмони Милали Муттаҳидро дар мубориза алайҳи савдои ғайриқонунии яроқи сабуки оташфишон (ЯСО) дастгирӣ намуда, ба татбиқи Барномаи амал оид ба пешгирӣ ва қатъ кардани савдои ғайриқонунии ЯСО дар ҳамаи ҷанбаҳояш, таҳкими ҳамкории байналмилалӣ доир ба қатъ кардани фаъолияти ғайриқонунии тиҷоратӣ ва истеҳсоли ғайриқонунии ин намуди яроқ аҳамияти калон зоҳир мекунад.

Ҳамчунин кӯшишҳои ҷомеаи байналмилалӣ ҷиҳати таъмини манъи қатъии минаҳои зиддипиёдагард ҷиддан мавриди дастгирии Тоҷикистон қарор гирифта, ҷумҳурӣ муқаррароти умумии Конвенсия оид ба манъи истифода, захира, истеҳсол ва интиқоли

минаҳои зиддипиёдагард ва нобудсозии онҳо (Конвенсияи Оттава)-ро риоя мекунад. Вобаста ба ин масъала Тоҷикистон ҷонибдории худро аз минтақаи беминаи Осиёи Марказӣ (Осиёи Марказии озод аз хатари минаҳо) иброз намуда, аз ҷонибҳои алоқаманд роҷеъ ба андешидани чораҳои амалӣ ҷиҳати тоза кардани қаламрави минадори минтақа ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба оқибатҳои минагузорӣ даъват ба амал овард.

Роҳбари давлат борҳо иброз дошт, ки Тоҷикистон қатъиян зидди терроризми байналмилалӣ дар ҳамаи шаклҳояш буда, муттаҳидсозии талошҳои ҷомеаи ҷаҳониро дар сатҳи глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ ҷонибдорӣ менамояд. Дар ҳамин асос Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъномаҳои дахлдори Шӯрои Амнияти СММ ва Стратегияи зиддитеррористии глобалии СММ-ро дастгирӣ намуда, бар замми ин роҷеъ ба пурзӯр кардани мубориза бар зидди терроризм дар сатҳҳои гуногун таклифу тадбирҳо пешниҳод кардааст, ки дар ин бора алоҳида сухан меравад.

Илова бар он, дар соли 2008 бори нахуст шаҳрвандони Тоҷикистон ба қатори қувваҳои байналмилалии сулҳпарвари СММ дохил шуданд, то дар ҳалли масъалаҳои таъмини сулҳу субот дар минтақаҳои алоҳидаи сайёра саҳми худро гузоранд.

3. Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати беҳдошти фаъолияти СММ, ислоҳоти сохторӣ ва самтҳои фаъолияти он, дастгирии иқдомҳои Созмон дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ борҳо андешаҳои худро иброз намудааст. Аз ҷумла, зимни суханронии худ дар иҷлосияи 52-юми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Мутаҳид дар моҳи октябри соли 1997 Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи ислоҳоти СММ таваҷҷӯҳ намуда, иброз дошт, ки «мо ба СММ ҳамчун ба воситаи асосии таъмини сулҳу амнияти байналхалқӣ аҳамияти бузург медиҳем». Ба фикри Роҳбари давлат «ғояҳои мутобиқати СММ ба воқеияти имрӯза бешак муҳим ва заруранд» ва аз ин рӯ «дар шароити имрӯзаи ноустувори гузариш дар ҷаҳон нақши СММ ҳамчун воситаи ба эътидол оварандаи авзоъ бояд пайваста афзояд». Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ислоҳоти СММ чанд нуктаро зикр кард, ки барои дурнамои фаъолияти ин созмон аҳамияти муҳим дошта метавонанд:

- воқеъбинона муносибат кардан ба ислоҳоти СММ тавассути бештар таваҷҷӯҳ намудан ба ҳалли масъалаҳои нисбатан муҳим, риояи тавозуни оқилонаи навҷӯйиҳо ва таҳкими усулҳое, ки аллакай самараашонро нишон додаанд;
- афзудани намояндагиҳои доимии Шӯрои амнияти СММ, зиёд шудани аъзои он на фақат аз ҳисоби номзадҳо аз ҷумлаи давлатҳои саноаташон мутараққӣ, балки намояндагони кишварҳои рушдёбанда дар асоси навбат;

- иштироки фаъолонаи СММ дар таъмини тараққиёти босуботи кишварҳои дорои иқтисодиёти гузаранда, аз ҷумла, дар рафъи оқибатҳои манфии иҷтимоии ин давра;

- таҳким бахшидани нақши беназири СММ дар бобати расондани кумаки байналхалқӣ ба ҳамгироии давлатҳои транзитӣ ба системаҳои ҷаҳонии иқтисодию тиҷоратӣ, ҳамроҳ шудани онҳо ба муассисоту механизмҳои мавҷудаю сохташавандаи серсоҳаи танзимпазир.

Роҳбари давлат дар симои СММ созмони навшуда ва муқтадиреро дидан мехоҳад, ки ҳамқадами ҷаҳони тағйирпазири муосир буда, дар ҷилавгирӣ намудани хатару таҳдидҳо тадбирҳои муассир меандешад ва ҷавобгӯи орзую омоли ҷомеаи байналмилалӣ ҷиҳати мусоидат дар таъмини рӯзгори созгор мебошад.

Таҷриба собит месозад, ки татбиқи муваффақонаи ҳадафҳои муштараки умумиҷаҳонӣ, аз ҷумла, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ мазмун ва мундариҷаи нави ҳамкории ҷомеаи ҷаҳониро тақозо мекунад, зеро чораҳои то имрӯз амалишуда, мутаассифона, натиҷаи дилхоҳ ба бор наовардаанд. Аз ин рӯ, барои роҳандозии босамари роҳу василаҳои нав ҷиҳати ҳалли масъалаҳои глобалӣ ислоҳоти амиқи сохториву барномавии Созмони Милали Муттаҳид ва Шӯрои Амнияти он зарур аст.

Дар давоми 10-15 соли охир нақши ҳуқуқи байналмилалӣ ва нуфузи маънавии созмонҳои байналмилалӣ бар асари камбуди иродаи сиёсӣ ва пайравӣ ба стандартҳои дурӯя то андозаи назаррас коҳиш ёфтаанд. Дар робита ба ин ҳолат барои аксари аҳолии дунё эътибори воқеии ҳуқуқи байналмилалӣ ва сарчашмаи нерӯи адолат будани он зери шубҳа қарор гирифтааст.

Тоҷикистон бар он назар аст, ки бе бознигарӣ намудани ҳуқуқи байналмилалӣ ва баланд бардоштани сатҳи он, татбиқи самараноки масоили глобалӣ, аз ҷумла, тадбирҳо бар зидди терроризм метавонад ба мушкилиҳои муайян мувоҷеҳ гардад. Аз ин рӯ, ҷаҳони имрӯза ба ахлоқи нави сиёсие, ки дар заминаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташаккул ёфта бошад, сахт ниёз дорад. Дар пайравӣ аз чунин ахлоқи волои сиёсӣ тамоми кишварҳои ҷаҳон бидуни истисно бояд эҳтироми комили худро нисбат ба ҳуқуқи байналмилалӣ дар амал зоҳир намоянд. Онҳо бояд дарк кунанд, ки ҷаҳони имрӯза на ҷаҳони нерӯву зурӣ, балки ҷаҳони эҳтироми мутақобилаи мардумон ва фарҳангҳои гуногун мебошад.

Дар рӯҳияи фарҳанги сулҳ, муколамаи байнимардумӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия намудани аҳолии сайёра вазифаи ҳатмӣ ва муқаддаси тамоми кишварҳо ва созмонҳои минтақавию байналмилалӣ мебошад. Бояд ҷомеа дарк намояд, ки терроризми байналхалқӣ аз ягон дину мазҳаб, мансубияти этникӣ ва ҷуғрофӣ манша намегирад, бино бар ин кӯшишҳои ба ҳам вобаста намудани

онҳо бояд қатъиян маҳкум карда шаванд. Ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки ба ҳар гуна зуҳуроти оштинопазирӣ нисбат ба дин ё мазҳабе монеъ шавад ва барои эҷоди ҳусни тафоҳум ва ҳамкориҳои густардаи кишварҳои гуногунмазҳаб дар заминаи арзишҳои умумиинсонӣ талош намояд.

Дар ин росто ҷаҳон бояд садди роҳи бадном сохтани дини мубини ислом аз ҷониби доираҳои ғараздори сиёсӣ гардад. Зеро он ташкилотҳои террористие, ки дар қаламрави баъзе кишварҳои исломӣ мустақар шуда, аз он ҷо фаъолияти зиддиинсонии худро амалӣ месозанд, ба дини мубини ислом ҳеҷ алоқамандӣ надоранд. Дар баробари ин, ҳукуматҳо ва ходимони бонуфузи динии кишварҳои олами исломро низ зарур аст, ки иқдомҳои худро дар ҷодаи маҳкумсозии терроризми байналмилаливу экстремизми динӣ ва мубориза бар зидди онҳо, ба таври возеҳу равшан ба самъи ҷомеаи ҷаҳонӣ расонанд.

4. Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва таъмини пешрафти он ҷалби СММ ва ниҳодҳои онро барои ҳаллу фасли доираи васеи проблемаҳои ҷумҳурӣ зарур шумурд. Ба ин хотир шурӯъ аз оғози соли 1993 намояндагиҳои СММ ва ниҳодҳои он дар шаҳри Душанбе ифтитоҳ гардида, дар доираи салоҳияташон ба фаъолият пардохтанд. Дар боло роҷеъ ба дастгирии СММ дар самти ба эътидол овардани вазъияти ҷумҳурӣ ва таъмини сулҳу субот каме маълумот дода шуд. Дар баробари ин, масъалаҳои зиёде мавҷуд буданд, ки ҳаллу фасли онҳо бидуни дастгирию машварати мутахассисону коршиносони СММ аз имкон берун буд. Масалан, маслиҳату тавсияҳои СММ дар таҳияи Конститутсияи ҷумҳурӣ ва дигар санадҳои қонунгузорӣ ба хотири сохмони давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, эҳтирому риояи ҳуқуқи инсон муҳим буданд. Масъалаи дигар – раванди гузариш ба иқтисоди бозорӣ буд, ки дар ин ҷода ниҳодҳои молиявӣ – Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи умумиҷаҳонии асъор барои гузаронидани ислоҳоти пулӣ, бонкӣ, молиявӣ, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият ва ҳалли дигар масъалаҳои марбут ба ислоҳоти иқтисодӣ корҳои зиёдеро ба анҷом расониданд.

Вале корҳои анҷомёфта бояд идомаи мантиқӣ дошта бошанд. Тоҷикистон мушкилоти зиёдеро паси сар кард ва акнун таъмини рушди устувори он пеш омадааст, ки дар ин бобат низ дастгирии СММ зарур аст. Тавре Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониаш дар иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии СММ зикр намуд, «дар Тоҷикистон аз сидқи дил умедворанд, ки Созмони Милали Муттаҳид дар роҳи таъмини шароити тараққиёти устуворона бештар талош меварзад».

Бояд зикр кард, ки татбиқи ҷанбаҳои иқтисодӣ ва гуманитарии ҳамкории СММ бо Тоҷикистон, пеш аз ҳама, тавассути Намояндагии

Барномаи рушди СММ (БРСММ) дар Тоҷикистон сурат мегирад, ки аз декабри соли 1993 инҷониб фаъолият дорад.

Нақшаи амали Барномаи кишварии БРСММ (СРАР) доираи васеи фаъолиятро дар чаҳорчӯби панҷ самт муаррифӣ мекунад: коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола; паст кардани мушкилоти ВИЧ/СПИД, вараҷа ва сил; мудирияти муассир; пешгирии вазъи бӯҳронӣ ва барқарорсозӣ; муҳити зист ва мудирияти устувор. Буҷаи умумии пешбинишудаи СРАР барои солҳои 2010-2015 166 миллиону 306 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки аз ҷумла, 35 миллион доллари он маблағҳои худи БРСММ мебошанд.

Бо тавсияи Роҳбари давлат, таваҷҷӯҳи асосӣ ба лоиҳаҳои дарозмуддат, ки ба рушди устувор ва барқарорсозии иқтисодиёти миллии Тоҷикистон нигаронида шудаанд, зоҳир карда мешавад.

Дар айни ҳол Тоҷикистон ҳамкориро бо созмонҳо, ниҳодҳо ва муассисаҳои тахассусии СММ фаъолона тақвият мебахшад, ки аѓлаби онҳо, аз ҷумла, Раёсати Комиссари Олии СММ дар умури паноҳандагон, Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Барномаи умумиҷаҳонии озуқаворӣ, Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ, Созмони байналмилалии муҳоҷират (СБМ), Созмони байналмилалии меҳнат (СБМ), Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), Бонки байналмилалии бозсозӣ ва рушд ва ғайра дар Ҷумҳурӣ намояндагӣ доранд. Ҳадафҳои рушди Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ роҳу усулҳои навро дар ташаккули ҳамкорӣ бо СММ тақозо менамоянд.

Бо дарназардошти авлавиятҳои ҷории Тоҷикистон ва сатҳи рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, мусоидат намудан ба иҷрои мукаммал ва муассири қарорҳои ҳамоишу конфронсҳои байналмилалии СММ, аз ҷумла, Саммити Ҳазорсола, Саммити соли 2005, Саммити Йоханнесбург оид ба рушди устувор, Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба баррасии фарогири миёнамуддати рафти татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», 2005-2015 ва талош варзидан дар ҳамоҳангсозии кори ниҳодҳои асосии СММ, аз ҷумла, Маҷмааи Умумӣ, Шӯрои Амният ва Шӯрои иқтисодиву иҷтимоӣ хеле зарур аст.

Бо назардошти рушди устувори иқтисодии кишвар, Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъсири мусбат мерасонад, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекунад. Бояд тазаккур дод, ки моҳи сентябри соли 2010 дар Ню-Йорк ва Душанбе муаррифии Ҳисоботи «Ҳадафҳои рушди ҳазорсола: Дастовардҳои Тоҷикистон», ки дар чаҳорчӯби он мубодилаи афкор ва муҳокима оид ба 8 ҳадафи асосии рушд сурат гирифт, ба пешравии Тоҷикистон дар татбиқи ҳадафу вазифаҳои мазкур баҳои баланд дода шуд.

Умуман, Тоҷикистон бо СММ ва ниҳодҳои тахассусии он дар масъалаҳои сиёсии глобалӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва гуманитарӣ ҳамкории фарогирро ба роҳ мондааст.

5. Роҳбарияти Тоҷикистон аз ҳамоишҳои СММ ва робитаҳо дар доираи он ба мақсади рушду тавсеа бахшидани ҳамкориҳо бо соири кишварҳои олам ва ривоҷ додани тамоси доимӣ бо онҳо истифода мебарад. Аз ҷумла, ҳангоми иштирок дар ҳамоишҳои сатҳи олии СММ Роҳбари давлат силсилаи мулоқотҳоро ба ҳамтоёни хориҷӣ ва шахсони баландмақоми кишварҳои хориҷӣ ҷараён медиҳад. Ҳамчунин намояндагиҳои доимии Тоҷикистон дар СММ (Ню-Йорк) ва шӯъбаи СММ (Женева) бо намояндагони кишварҳои ҷаҳон дар тамоси доимӣ қарор доранд.

Аз он рӯзе, ки Роҳбари давлати Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон охири сентябри соли 1993 бори нахуст аз минбари Созмони Милали Муттаҳид суханронӣ кард, қариб ду даҳсола сипарӣ шуд. Дар ин муддат Роҳбари давлат дар қисми зиёди саммитҳои СММ иштирок ва суханронӣ намуд, сафарҳои расмии Дабирони Кулли СММ Кофи Анан (соли 2002) ва Пан Ги Мун (2010) ба Тоҷикистон сурат гирифтанд.

Тавре зикр гардид, Роҳбари давлат ба нақшу мақоми Созмони Милали Муттаҳид дар ҳаллу фасли масъалаҳои байналмилалӣ баҳои баланд дода, мавҷудияти онро барои таъмини амният ва сулҳу суботи ҷаҳон ногузир мешуморад. Эмомалӣ Раҳмон ин нуқтаи назарро бори дигар зимни суханронии худ дар мулоқоти ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид, ки 7 сентябри соли 2000 дар Ню-Йорк баргузор шуда буд, хеле равшан ифода кардааст: «Вазифаи муқаддаси мо дар назди наслҳои оянда на танҳо нигоҳ доштани Созмони Милали Мутаҳид, балки ҳамроҳи он ободтар сохтани ҷаҳон, таъмини амнияти он ва осудатару хушбахтонатар гардондани зиндагии одамон мебошад».

**Мавқеи устувор алайҳи чолишҳои хатарзо**

Ҷаҳони имрӯза ба хатару ситезаҳои нави амниятӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ рӯбарӯ гаштааст. Чунин зуҳурот бо равандҳои ҷаҳонишавӣ печиш хӯрда, дар баробари онҳо босуръат тавсеа меёбанд ва беш аз пеш ба ҳудуди кишварҳои нав доман паҳн карда, барои амният ва суботи онҳо таҳдидҳои муассир эҷод менамоянд. Мушкилоти кишварҳои алоҳида дар муқобили зуҳуроти мазкур ба он вобаста аст, ки онҳо хислати фаромиллӣ дошта, аз байн бурданашон имкониятҳои васеи сиёсӣ ва иқтисодию молиявиро талаб менамояд. Аз ин рӯ, ҳалли чунин масоил бидуни талошҳои дастҷамъона дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ имконнопазир буда, ибтикори кишварҳои манфиатдорро дар созмонҳои минтақавию

байналмилалӣ ҷиҳати баррасиву таҳқиқ ва роҳандозии тадбирҳои муштарак тақозо дорад.

Тоҷикистон низ ҳамчун як қисмати ҷомеаи ҷаҳонӣ аз фишори чунин хатару ситезаҳои глобалӣ берун набуда, бо қисме аз онҳо, аз қабили терроризми ҷаҳонӣ, ҷинояткории фаромиллӣ ва мушкилоти экологӣ аз солҳои нахустини соҳибистиқлолии худ дар ҳоли бархӯрд қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷумҳурӣ наметавонад аз тамоюлҳои инкишофи ҷаҳонӣ ва ҳалли масъалаҳои муассири он барканор бошад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти ин аз рӯзҳои нахустини фаъолияти худ мекӯшад, ки ҷумҳурӣ тавассути ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба дар равандҳои сиёсиву иқтисодӣ ва амниятии ҷаҳони имрӯза нақши назаррас дошта бошад, то ба ин васила ҳалли масоили амниятӣ, иҷтимоию иқтисодии он бо маҷмӯи чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ҳамоҳанг гардад.

Дар ин росто Тоҷикистон ибтикорҳои гуногуни байналмилалиро дар ҷодаи таҳкими сулҳу субот, мубориза бар зидди терроризму ҷинояткории фаромиллӣ, ҳалли масъалаҳои глобалии иқтисодию иҷтимоӣ ва экологӣ ҳамаҷониба ва пайгирона дастгирӣ намуда, худ низ ҳамчун ҳаммуаллиф ва муаллифи силсилаи ташаббусҳо дар доираи созмонҳои мухталифи байналмилаливу минтақавӣ баромад менамояд.

Дар ин қарина ташаббусҳои байналмилалии Президенти ҷумҳурӣ Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳалли силсилаи масъалаҳои иқтисодӣ, амниятӣ ва экологӣ дар Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони хамкории Шанхай ва ҳамоишҳои дигар сохторҳои минтақавию ҷаҳонӣ мавқеи хоссаро ишғол менамоянд. Ин ибтикорҳо ҷиҳати ҷалб намудани таваҷҷӯҳи ҷомеаи байналмилалӣ ба масъалаҳои мубрамтарини ҷаҳони муосир – хавфу ситезаҳои афзоишёбандаи терроризми байналхалқӣ, вусъати гардиши маводи мухаддир, норасоии оби тоза ва дигар мушкилиҳое, ки дар иртибот ба он эҷод шудаанд, ба яке аз самтҳои муҳим ва самараноки сиёсати хориҷии кишвар табдил ёфтаанд.

**Мубориза бо терроризми байналхалқӣ.** Терроризм ҳамчун яке аз зуҳуроти зишттарини ҷомеаи инсонӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Вале он дар охири асри XX дар ҳошияи равандҳои ҷаҳонишавӣ босуръат ташаккул ва тавсеа ёфта, алҳол барои аксар кишварҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба як хатари фарогир табдил гаштааст. Имрӯз ин зуҳурот, ки онро ҷуз пешаи аҳриманӣ дигар хел наметавон ном бурд, дар аксари минтақаҳои Осиёву Африка ва Аврупову Америка доман густарда, ба мисли вабои сироятбор торафт ҷуғрофияи маргбори худро вусъат мебахшад.

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои боэътимоди байналмилалӣ айни ҳол дар ҷаҳон тақрибан 500 ташкилоти террористӣ амал мекунанд, ки дорои шабакаи фаромиллӣ ва муташаккили сохторӣ мебошанд. Дар маърӯзаи Департаменти давлатии Иёлоти Муттаҳидаи Америка, ки чанде пеш ба конгресси ин кишвар манзур гардид, таъкид гаштааст, ки дар соли 2011 дар маҷмӯъ дар 70 давлати ҷаҳон зиёда аз 10 ҳазор амалҳои террористӣ ба вуқуъ пайваста, дар натиҷаи онҳо зиёда аз 12,5 ҳазор одам ҳалок шудаанд. Ин дар ҳолест, ки миқдори қурбониёни амалҳои террористӣ дар таносуб бо соли 2010 ба қадри 12% коҳиш ёфтааст.

Заминаи таъминотии терроризм низ пайваста васеъ гашта, раванди устувори печидани он бо намудҳои дигари ҷиноятқории фаромиллӣ, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи аслиҳа, хариду фурӯши одамон ва ташкили муҳоҷирати ғайриқонунӣ ба назар мерасад. Чунин ҳамгироии ҷиноӣ имкон медиҳад, ки ташкилотҳои террористӣ фаъолияти худро бо захираҳои бузурги молиявӣ, инсонӣ ва лавозимоти ҷангӣ бемайлон таъмин намоянд. Тибқи маълумоти мавҷуда алҳол дар ҷаҳон барои таъмини фаъолияти ташкилоту гурӯҳҳои террористӣ маблағҳои бузурги молиявӣ ҷалб шуда, гардиши яксолаи онҳо аз 20 то 30 миллиард доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Тоҷикистон ба терроризми байналмилалӣ ҳануз овони ҷанги шаҳрвандӣ рӯбарӯ шуда буд ва бо оқибатҳои фаъолияти зиддиинсонии он бевосита шинос мебошад. Мувофиқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ аз замони соҳиб шудан ба истиқлолияти давлатӣ то имрӯз дар қаламрави кишвар аз ҷониби гурӯҳҳои мухталифи ҷиноятпеша зиёда аз 100 амалиёти террористӣ ба анҷом расонида шудааст. Ҳарчанд дар натиҷаи талошҳои қатъӣ ва пайвастаи мақомоти мазкур дар мубориза бар зидди терроризм муваффақиятҳои муайян ба даст оварда шудаанд, вале мутаассифона ин зуҳурот то кунун пурра аз байн нарафтааст. Ташкилотҳои террористии Ҳаракати исломии Ӯзбекистон, «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ҷамоати Ансоруллоҳ» ва дигар гурӯҳҳои ҳамсони онҳо, ки аз хориҷа роҳандозӣ ва маблағгузорӣ мешаванд, кӯшиш доранд фаъолияти худро дар қаламрави кишвар тавсеа бахшанд.

Дар иртибот ба хислати фаромиллии терроризм Сарвари Тоҷикистон мутмаин аст, ки муборизаи муваффақона бар зидди ин зуҳурот бидуни талошҳои муштараки минтақавию байналмилалӣ ғайриимкон мебошад. Бино бар ин, Эмомалӣ Раҳмон, ки ҳануз солҳои 90-уми асри гузашта масъалаи вусъати таҳдиди терроризмро дар иртибот ба вазъи минтақа ба маърази баррасии Созмони Милали Муттаҳид бароварда буд, минбаъд низ тавассути ин ва дигар созмонҳои минтақавӣ, аз қабили САҲА, Созмони Конфронси исломӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи

амнияти дастҷамъӣ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё тавaҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро пайваста ба ҳалли дастҷамъонаи он ҷалб менамуд. Сарвари Тоҷикистон 24 октябри соли 1995 зимни иҷлосияи 50-уми Маҷмааи Умумии СММ изҳор дошта буд, ки «нерӯҳои сулҳовари Созмони Милали Муттаҳид дар сурати ҳамкории он бо созмонҳои минтақавӣ, метавонад ба маротиб афзоиш ёбанд ва пеш аз ҳама дар роҳи пешгирӣ, хомӯш кардан ва танзими ихтилофоти низомӣ, мубориза алайҳи терроризм, зуҳуроти радикалии равияҳои мухталифи бунёдгаро хизмат кунанд».

Маҳз дар ҳамин қарина моҳи ноябри соли 2002 зимни ҷаласаи Ассамблеяи парлумонии Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ташаббуси Президенти Тоҷикистон «оид ба созмон додани эътилофи зиддитеррористӣ» пешниҳод гардид. Масъалаи мубориза бар зидди терроризм дар доираи ҳамкориҳо бо кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил низ доим дар маркази диққати Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бо ибтикори ӯ ба ҳайси яке аз бахшҳои муҳим ба Консепсияи раисии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 ворид карда шуд.

Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вусъати талошҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин ҷода, ки асосан баъд аз ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар шаҳрҳои Ню-Йорку Вашингтони ИМА ба вуқӯъ пайвастанд, нигоҳ накарда, дар ҳалли ин қазия то ҳол натиҷаҳои муассир дастрас нагаштаанд. Сабаби асосии чунин дастовардҳои маҳдуд ва ҷузъиро ӯ дар он мебинад, ки сарфи назар аз таҳдидҳои фаромиллии терроризм, он то ҳол барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи мубрами ҳаётӣ табдил наёфтааст ва муборизаи воқеӣ бар зидди он фақат аз ҷониби кишварҳои алоҳида бурда мешавад. Дар иртибот ба ин Эмомалӣ Раҳмон дар доираи созмонҳои зикршуда ҷиҳати куллан тағйир додани вазъ дар ин самт пайваста маҷмӯи тадбирҳоро пешниҳод менамояд, ки муҳимтарини онҳоро зикр кардан бамаврид аст:

**Таъсис додани Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ.** Азбаски терроризм хислати фаромиллӣ пайдо карда, ба хатари умумиҷаҳонӣ табдил ёфтааст, мубориза бар зидди он низ бояд тавассути стратегияи глобалии муштарак маҳз таҳти васояти Созмони Милали Муттаҳид ва нақши пешбари он сурат гирад. Ба ин мақсад зери сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид таъсис додани Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ, ки дар Эъломияи Маккаи Мукаррамаи Созмони Конфронси исломӣ дарҷ ёфта буд, зарур аст. Дар ҳайати сохтории он бояд воҳидҳои маъмурӣ, иттилоотиву таҳлилӣ, иктишофӣ, назоратӣ-молиявӣ ва назоратӣ-таблиғотӣ амал намоянд.

**Қабули Аҳдномаи муштараки умумиҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм.** Терроризм дар ягон намуд ва шакл боиси дастгирӣ ва омурзиш нест. Бино бар ин, ба мақсади таъмини

муборизаи қатъӣ ба муқобили терроризми байналмилалӣ қабул намудани Аҳдномаи муштараки умумиҷаҳонӣ зарур буда, дар он бояд терроризм ҳамчун зуҳуроти дорои ҳадафҳои сиёсӣ эътироф гардад.

**Пешбинӣ намудани ҷазо нисбат ба давлатҳое, ки аз терроризм пуштибонӣ зоҳир менамоянд.** Ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол мазмун, мундариҷа ва таркиби ҷиноии мафҳуми «терроризми байналмилалӣ»-ро пурра ва возеҳу равшан муайян накардааст. Дар чунин шароит ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баъзе давлатҳо дар қаламрави худ бар зидди он мубориза баранд ҳам, дар баробари ин дар пайгирӣ аз манфиатҳои шубҳаноки худ терроризми фаромиллиро дар кишварҳо ва минтақаҳои дигар бевосита ё бавосита пуштибонӣ менамоянд. Дар ин росто чунин кишварҳо бо истифода аз меъёрҳои дурӯя террористонро ба ҳайси муборизони роҳи озодӣ, истиқлолият ва ҳувияти миллӣ муаррифӣ мекунанд. Аз ин рӯ, нисбат ба давлатҳое, ки аз ҳамкорӣ дар самти мубориза бо терроризм саркашӣ мекунанд ва аз террористон пуштибонӣ менамоянд, бояд ҷазо пешбинӣ карда шавад.

**Аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ таҳия ва роҳандозӣ намудани барномаҳои фарогири кумаки иқтисодию иҷтимоӣ ва технологию иттилоотӣ ба кишварҳои олами сеюм.** Таҷриба нишон медиҳад, ки дар мубориза бар зидди терроризм танҳо бо истифода аз нерӯи ҳарбӣ ба натиҷаи дилхоҳ ноил шудан ғайриимкон аст. Комилан решакан намудани ин зуҳуроти ҷиноӣ таҳия, қабул ва татбиқи барномаи фарогиреро тақозо мекунад, ки дар он роҳандозии тадбирҳои дастҷамъона дар соҳаҳои амниятӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ ба таври мутаносиб пешбинӣ карда шаванд. Дар доираи ин тадбирҳо кишварҳои мутараққӣ бояд ҷиҳати мубориза бо камбизоатӣ, гуруснагӣ, сатҳи пасти маърифат ва бекорӣ дар кишварҳои олами сеюм тадбирҳои воқеӣ андешида, барои таҳвили технологияҳои муосир ба ин кишварҳо ва ба бозорҳои ҷаҳонӣ роҳ ёфтани маҳсулоти онҳо шароитҳои заруриро фароҳам оваранд. То он вақте, ки кишварҳои пешрафта дар ҳамкорӣ бо давлатҳои рӯ ба инкишоф чунин барномаи фароху созандаро таҳия ва амалӣ насозанд, раҳоӣ ёфтан аз терроризм ғайриимкон буда, он ба таври доимӣ дар радифи равандҳои номатлуби глобалӣ қарор хоҳад дошт.

**Баланд бардоштани нақши ҳамоҳангсози Интерпол дар мубориза бар зидди терроризм.** Ҷиҳати тақвияти мубориза бо маблағгузории терроризми фаромиллӣ дар баробари таъсис додани Маркази байналмилалии зиддитеррористӣ баланд бардоштани нақши ҳамоҳангсози Интерпол, ки дорои шабакаи фарогир, имкониятҳои васеъ ва таҷрибаи бой дар ин ҷода мебошад, зарур аст. Ба ин мақсад бояд дар Оинномаи ин созмон ҳуқуқи гузаронидани амалиётҳои байналмилалии полисӣ бар зидди терроризм, ҷинояткории

муташаккил, нашъаҷаллобӣ ва поксозии маблағҳои ғайриқонунии пулӣ пешбинӣ карда шавад. Барои татбиқи ин матлаб монеаҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоранд, зеро он дар Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҷинояткории фаромиллӣ, ки аз ҷониби 150 кишвари ҷаҳон имзо шудааст, дарҷ гардидааст.

**Ташкил намудани маъхази умумии маълумот ва шабакаи муштараки иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм.** Асри XXI асри инқилоби технологияҳои иттилоотӣ маҳсуб меёбад ва мутаассифона аз ҳосилаҳову имкониятҳои он қувваҳои ифротгаро барои амалӣ намудани мақсадҳои ҷинояткоронаи худ ҳамаҷониба истифода мебаранд. Ин пеш аз ҳама ба туфайли рушди технологияҳои ҳозиразамон афзоиш ёфтани василаҳои нави ҷанги иттилоотӣ ва зиёд шудани имкониятҳои мухобиротии гурӯҳҳои мухталифи террористӣ вобаста мебошад. Болоравии нақши иттилоот дар ҷаҳони муосир дар ҷодаи мубориза бо терроризм тақвият бахшидани ҳамкориҳои идораҳои махсуси кишварҳои гуногунро тақозо мекунад. Дар доираи ҳамкории онҳо ташкил намудани маъхази умумии маълумот ва шабакаи муштараки байналмилалии иттилоотӣ дар соҳаи мубориза бо терроризм, таҳия ва қабули усулҳои муассири зиддитеррористӣ, аз ҷумла, василаҳои иттилоотии муқовимат ба он талаботи замон мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар пайгирӣ аз сиёсати дар ин самт муайяннамудаи Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи мубориза бо терроризми байналмилалӣ чи дар сатҳи миллӣ ва чи дар сатҳи минтақавию байналмилалӣ пайваста талош меварзад.

Дар ҳамин қарина ҷумҳурӣ соли 2001 оғози фаъолияти Эътилофи байналмилалии зиддитеррористиро дар Афғонистон дастгирӣ карда, то имрӯз ба он ҳамаҷониба мусоидат менамояд. Дар доираи талошҳои Тоҷикистон ва дигар кишварҳои манфиатдор соли 2010 Стратегияи зиддитеррористии глобалии СММ дар Осиёи Марказӣ қабул карда шуд ва ҳоло ҷумҳурӣ дар таҳияи Нақшаи муштараки амалҳо оид ба татбиқи он саҳми фаъол гузошта истодааст.

Асоси ҳуқуқии муборизаро бар зидди терроризм дар сатҳи миллӣ ӯҳдадориҳои байналмилалии он, Сарқонун, Кодекси ҷиноятӣ, Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» ва Консепсияи муштараки мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Ба мақсади пешгирӣ ва маҳдуд намудани заминаҳои фаъолияти террористӣ дар Тоҷикистон Барномаи давлатии мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм тарҳрезӣ шуда, бомуваффақият амалӣ мегардад.

Аз сиёсати самараноки ҷумҳурӣ дар мубориза бар зидди терроризм хулосаҳои Департаменти давлатии ИМА оид ба вазъи

мубориза бо терроризм дар кишварҳои ҷаҳон аз рӯи натиҷаҳои соли 2011 шаҳодат медиҳанд. Тибқи ин хулосаҳо Тоҷикистон дар соли зикрёфта қобилияти худро дар мавриди гузаронидани амалиётҳои босамари зиддитеррористӣ собит сохт. Дар маърӯза инчунин таъкид шудааст, ки «сиёсати Тоҷикистон дар соҳаи мубориза бо терроризм ба маргинализатсияи гурӯҳҳои исломии радикалӣ, инчунин таҳкими имкониятҳои сохторҳои низомӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати гузаронидани амалиётҳо дар доираи барномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба равона карда шудааст».

***Муқовимат алайҳи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир.*** Инсоният ба асри XXI дар ҷустуҷӯи роҳҳои самараноки яке аз мушкилтарин масъалаҳои ҷаҳонӣ – мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир қадам гузошт. Масъалаи мазкур, ки тайи садсолаҳо арзи вуҷуд дорад, дар марҳилаи кунунӣ бо пайдо намудани хислати глобалӣ бидуни истисно барои тамоми кишварҳои ҷаҳон хатари бузургеро эҷод намудааст.

Тибқи маълумоти Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ айни ҳол дар ҷаҳон тахминан 230 миллион одам навъҳои гуногуни маводи мухаддирро истеъмол менамоянд, ки беш аз 27 миллиони онҳо ба вобастагии доимӣ аз маводи мухаддир мувоҷеҳ буда, ҳар сол қариб 200 ҳазор кас бар асари ин вобастагӣ мефавтад. Миқдори истеъмолкунандагони ин вабои аср мунтазам асосан аз ҳисоби ҷавонон афзоиш меёбад. Барои табобати бемориҳои вобаста ба истеъмоли маводи мухаддир ҳамасола дар ҷаҳон қариб 250 миллиард доллари америкоӣ зарур аст, вале аз сабаби он, ки на ҳамаи нашъамандон ба табобат фаро гирифта мешаванд, ҳаҷми воқеии ин маблағ камтар аст.

Дар баробари ин имрӯз дар саросари дунё тамоюли тавсеаи фаъолияти гурӯҳҳои ҷиноятии байналмилалӣ мушоҳида мегардад. Гардиши молиявии истеҳсолу фурӯши ғайриқонунии маводи мухаддир тахминан 400 миллиард доллари америкоӣ ё 8 фоизи ҳаҷми савдои ҷаҳониро ташкил медиҳад. Имкониятҳои техникию технологии ин намуди саноат бемайлон такмил ёфта, он дастовардҳои навтарини илмӣ-техникиро ба талаботи худ мутобиқ месозад. Бо назардошти вазъи зикргашта, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар баробари терроризм ва савдои ғайриқонунии силоҳ аз зумраи он зуҳуроте мебошад, ки боиси изтироби ҷомеаи байналмилалӣ гаштааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ҳайси ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба таҳдиду ситезаҳои ин зуҳурот бевосита мувоҷеҳ гаштааст. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамоишҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ пайваста таъкид месозад, ки «омили асосие, ки густариши вазъи муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддирро натанҳо дар Тоҷикистон, балки дар Осиёи Марказӣ

муайян месозад, афзоиши мунтазами истеҳсоли маводи мухаддир дар Афғонистон мебошад».

Тоҷикистон ҳарчанд худ кишвари истеҳсолкунандаи маводи мухаддир нест, вале ба сабаби мавқеияти ҷуғрофӣ ва доштани сарҳади тӯлонӣ бо Афғонистон қаламрави он барои интиқол додани ин мавод истифода мешавад.

Мувофиқи маълумоти расмии Созмони Милали Муттаҳид соли 2007 майдони кишти маводи мухаддир дар Афғонистон 193 ҳазор гектарро ташкил карда, ҳаҷми истеҳсоли он аз 8 ҳазору 200 тонна гузаштааст. Ғайр аз ин, дар солҳои охир дар Афғонистон афзоиши босуръати майдонҳои кишти канабис (бангдона) мушоҳида мегардад. Дар давоми даҳ соли охир дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 60 тонна маводи мухаддир, аз ҷумла, беш аз 30 тонна героин мусодира шудааст.

Вусъати минбаъдаи чунин ҳолат метавонад на танҳо ба эътибори байналмилалии Тоҷикистон таъсири манфӣ расонад, балки барои амнияти давлатии он низ хатарҳои ҷиддӣ эҷод намояд. Бо назардошти ин Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон гардиши ғайриқонунии маводи мухаддирро ҳамчун яке аз таҳдидҳои асосӣ ба амнияти миллӣ ва суботи кишвар ҳисобида, чи дар сатҳи миллӣ ва чи минтақавию байналмилалӣ ҷиҳати самаранок ба роҳ мондани мубориза бар зидди он фаъолона талош меварзад.

Дар ин қарина Ҷумҳурии Тоҷикистон дар миёнаи солҳои 90-уми асри гузашта ба муборизаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин самт пайваста, тасмим гирифт, ки ба ҳамаи санадҳои асосии байналмилалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи мубориза бар зидди гардиши маводи мухаддир шомил шавад. Ҳамин тариқ, дар давраи солҳои 1995-1996 Тоҷикистон ба Конвенсияи СММ оид ба маводи мухаддир аз соли 1961, Конвенсияи СММ оид ба маводи психотропӣ аз соли 1971, Конвенсияи СММ оид ба мубориза бар зидди маводи мухаддир ва психотропӣ ҳамроҳ гардид.

Ба мақсади тақвияти мубориза бо ин зуҳурот тибқи санадҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 12 апрели соли 1996 Комиссияи давлатӣ оид ба назорати гардиши маводи мухаддир ва моҳи июни соли 1999 Агентӣ оид ба назорати маводи мухаддир таъсис дода шуданд. Илова бар ин, ҳамчун иштирокчии Меморандуми кишварҳои Осиёи Марказӣ оид ба ҳусни тафоҳум ва ҳамкорӣ дар соҳаи назорат аз болои истеҳсол, гардиш ва истеъмоли ғайриқонунии маводи мухаддир, психотропӣ ва прекурсорҳо аз 4 майи соли 1996, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 декабри соли 2006 Созишнома дар бораи таъсиси Маркази минтақавии иттилоотӣ-ҳамоҳангсозии Осиёи Марказӣ оид ба мубориза бар зидди гардиши маводи мухаддир, психотропӣ ва прекурсорҳо (ЦАРИКЦ)-ро ба имзо расонд.

Кишварҳо дар шароити афзоиши бемайлони қочоқи маводи мухаддир наметавонанд ба муқобили ин зуҳуроти хатарнок ва таҳдидҳое, ки аз он бармеоянд, дар танҳоӣ мубориза бар зидди ин офати ҷаҳонӣ даъват менамояд. Аз ҷумла, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи махсуси 20-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид моҳи июли соли 1998 пешниҳод намуда буд, ки дар атрофи Афғонистон «камарбанди амниятӣ» ташкил карда шавад. Сарвари Тоҷикистон бо дарназардошти вазъи мушкил дар ин самт аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват намуд, ки ҷиҳати «бастани роҳҳои кашонидани нашъа дар атрофи Афғонистон» ва «вусъати ҳамкорӣ бо созмонҳои байналхалқию давлатҳои манфиатдор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба нашъа» тадбирҳои фаврӣ ва самарабахш андешад.

Президенти Тоҷикистон дар ин самт ибтикорҳои худро пайгирона идома дода, аз минбарҳои гуногуни минтақавию байналмилалӣ пайваста тадбирҳои судбахшро манзур менамояд. Муттаҳид намудани кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаи қочоқи маводи мухаддир дар минтақаи Осиёи Марказӣ (Конфронси байналмилалӣ «Тоҷикистон бар зидди маводи мухаддир», соли 1999, Душанбе), ташкили Эътилофи байналмилалӣ бар зидди маводи мухаддир (ҷаласаи 58-уми Маҷмааи Умумии СММ, соли 2003), имзои Созишнома байни давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай оид ба ҳамкорӣ дар мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, психотропӣ ва прекурсорҳои онҳо (17 июни соли 2004), ташкили Маркази Созмони ҳамкории Шанхай бар зидди маводи мухаддир (ҳамоиши сарони давлатҳои СҲШ, соли 2008, Душанбе), таҳияи Барномаи муштараки мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир таҳти сарварии СММ ва Соли байналмилалии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир эълон намудани соли 2011 (моҳи майи соли 2009, Душанбе), бархе аз ташаббусҳои Сарвари Тоҷикистон дар ин ҷода мебошанд.

Тавре, ки зикр гардид, кӯшишҳои транзити маводи мухаддир ба воситаи Тоҷикистон аз қаламрави Афғонистони ҳамсоя сурат мегирад. Бо назардошти ин Президенти Тоҷикистон бар он назар аст, ки мубориза бо маводи мухаддир бояд сараввал дар макони парваришу истеҳсоли он ба роҳ монда шавад. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки давлатҳои манфиатдор, хусусан ИМА ва дигар кишварҳои иштирокчии Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ кӯшишҳои ҳукумати Афғонистонро дар мавриди қатъи кишт, истеҳсол ва қочоқи маводи мухаддир бевосита дар қаламрави ин кишвар ҳамаҷониба ва пайгирона дастгирӣ намоянд. Дар ин росто Ҷумҳурии Тоҷикистон

кӯшишҳои байналмилалиро оид ба ин масъала ҷонибдорӣ намуда, дар доираи фаъолияти созмонҳои мухталиф ва берун аз онҳо бо ширкати тарафҳои алоқаманд тадбирҳои судманд манзур кардааст. Аз ҷумла, пешниҳоди Сарвари Тоҷикистон ҷиҳати дар шаҳри Душанбе таъсис додани Маркази зидди маводи мухаддир бо иштироки кишварҳое, ки стратегияи Ҳукумати Афғонистонро дар ин самт ҷонибдорӣ менамоянд, сараввал ба самъи иштирокчиёни Вохӯрии ғайрирасмии вазирони корҳои хориҷии Иттиҳоди Аврупо оид ба мавзӯи «Афғонистон ва ҳамсояҳои он» (14 декабри соли 2008, Париж) расонида шуд.

Масъалаи гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва транзити он на танҳо ба Тоҷикистон, балки ба тамоми кишварҳои минтақа хос мебошад. Аз ин рӯ ҳамкориҳои муштарак дар мубориза бар зидди ин зуҳурот дар форматҳои гуногуни минтақавӣ, алалхусус Созмони ҳамкории Шанхай, яке аз ҷузъҳои муҳими сиёсати Тоҷикистон дар ин самт ба шумор рафта, ҷиҳати тақвияти онҳо пайваста тадбирҳои мушаххас пешниҳод карда мешаванд. Аз ҷумла, моҳи августи соли 2008 Сарвари кишвар дар Саммити душанбегии СҲШ пешниҳод намуд, ки дар заминаи Агентии назди Президенти Тоҷикистон оид ба назорати маводи мухаддир Маркази зидди маводи мухаддири СҲШ, инчунин Маркази таълимии махсусгардонидашудаи тайёр намудани кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ташкил карда шаванд. Қобили тазаккур аст, ки дар чунин Марказ бо назардошти умумияти забониву фарҳангӣ кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Афғонистон низ таълим гирифта метавонанд.

Қаробати вусъатёбандаи терроризми байналхалқӣ, ҷиноятҳои муташаккилона ва фаромиллӣ бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир хатари онҳоро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба маротиб меафзояд. Бо назардошти ин Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ дар иҷлосияи 58-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қайд намуд, ки хариду фурӯши маводи нашъадор имрӯз ба яке аз манбаъҳои асосии бо маблағ таъмин намудани терроризми байналхалқӣ табдил ёфтааст ва доманаи васеи проблемаҳои вобаста ба хариду фурӯши ғайриқонунии маводи нашъадор ба амният ва суботи вазъ дар саросари ҷаҳон таҳдид менамояд. Дар иртибот ба ин ӯ изҳор намуд, ки «Тоҷикистон бо назардошти торафт бештар доман паҳн кардани таҳдиди маводи нашъадор ва барои густариши ҳамкории бисёрҷониба дар мубориза ба муқобили он пешниҳод мекунад, ки ҳамкорӣ ба муқобили таҳдиди нашъа дар саросари ҷаҳон ба роҳ монда шавад», зеро «чунин иттиҳоди доманадори зидди маводи нашъадор дар роҳи паҳн гардидани ин вабои аср садди боэътимод гардида метавонад».

Ташаббусҳои Тоҷикистон дар ҷодаи мубориза бар зидди маводи мухаддир аз ҷониби кишварҳои пешбари ҷаҳон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид, дастгирии ҳамаҷониба меёбанд. Хусусан ташаббус дар мавриди таъсиси «камарбанди амниятӣ» дар атрофи Афғонистон миёни онҳо ҳамраъйии васеъ пайдо намуда, даъвати Тоҷикистон дар бораи созмон додани «Ҳамёрии глобалӣ ҷиҳати муқовимат бо хатари маводи мухаддир» ба номгӯи «Ташаббусҳои муҳимтарини соли 2003 дар соҳаи таъмини сулҳ ва амният» шомил гардид.

29 апрели соли 2005 Шӯрои иқтисодӣ ва иҷтимоии СММ бо бартарии кулли овозҳо Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҳайси аъзои доимии Кумитаи Байналмилалии СММ оид ба назорати маводи мухаддир интихоб намуд. Бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид ташкил намудани Агентии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати маводи мухаддир, чун лоиҳаи аввалини ин созмон дар самти мазкур дар баробари тарафдорон муқобилони зиёде низ дошт. Аммо натиҷаҳои амалии фаъолияти Агентӣ собит сохтанд, ки ташкили ин сохтор ибтикори комилан саривақтӣ ва дуруст буд. Имрӯз коршиносони баналмилалӣ ташкили онро ба ҳайси яке аз беҳтарин лоиҳаҳо дар низоми Созмони Милали Муттаҳид арзёбӣ менамоянд. Дар ин росто қобили тазаккур аст, ки таҷрибаи мусбати фаъолияти Агентии мазкур заминаи ташкили сохторҳои ҳамсон дар Федератсияи Россия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон гардид.

Ин дастовардҳоро дар маҷмӯъ метавон ҳамчун шаҳодати баҳои баланди ҷомеаи байналмилалӣ ба талошҳои кишвар ва сарвари он Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи мубориза бо гардиши маводи мухаддир ва эътирофи дастовардҳои Тоҷикистон дар ин соҳа арзёбӣ намуд.

***Талошҳо баҳри эътидоли вазъ дар Афғонистон.*** Таъмини сулҳу субот дар Афғонистон бо назардошти мақоми авлавиятноки ин кишвар дар низоми муносибатҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии Президенти кишвар мавқеи муҳимро касб намудааст. Аз ин рӯ, имкониятҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи он, пеш аз ҳама, ба барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон равона шудааст.

Дар ин қарина Тоҷикистон аз қарорҳои Конференсияи Бонн оид ба Афғонистон (моҳи декабри соли 2001) ҷиҳати ба эътидол овардани вазъ ва танзими сохтори сиёсии ин кишвар, инчунин ҳукумати нави он бо роҳбарии Ҳомид Карзай ҳамаҷониба дастгирӣ намуд.

Мавҷудияти сарҳади давлатӣ бо тӯли беш аз 1300 км бо Афғонистон барои Тоҷикистон таҳдиду хатарҳои муассиреро, аз қабили терроризми байналмилалӣ ва экстремизми динӣ, қочоқи аслиҳа ва

маводи мухаддир эҷод намудааст. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъмини амнияти Тоҷикистонро бо баркарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон вобаста шумурда, дар сиёсати байналмилалии худ масъалаи мазкурро ба ҳайси яке аз мавзӯъҳои муҳимтарини ҷаҳонӣ арзёбӣ ва таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро пайваста ба он ҷалб менамояд.

Сарвари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 1993 дар суханронии худ дар Иҷлосияи 48-уми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таъкид намуда буд, ки дастгирии кӯшишҳои роҳбарияти Афғонистон ҷиҳати барқарор намудани сулҳу оромӣ дар сарзамини машаққатдидаи афғон на фақат ба манфиати ин кишвар ва минтақа, балки ба манфиати тамоми сайёра мебошад. Зимни ин, Сарвари Тоҷикистон таъкид бар он дошт, ки вақти он расидааст, то дар ин кишвар «ба барқарор кардани ҳаёти осоишта ёрӣ расонда шавад».

Дар партави чунин ҳидоятҳои сулҳофарини Сарвари давлат масъалаи бо роҳҳои сиёсӣ ҳал намудани зиддиятҳои мусаллаҳонаи дохилии Афғонистон дар меҳвари тамоми кӯшишҳои дипломатии Тоҷикистон қарор гирифта буд. Тоҷикистон аз оғози кори «Гурӯҳи ҳамсоягон ва дӯстони Афғонистон» («гурӯҳи 6+2») дар он фаъолона иштирок намуда, минбаъд низ, тамоми тасмимҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавиро, ки ба ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон равона шудаанд, дастгирӣ менамояд. Дар Вохӯрии VII сарони кишварҳои узви Созмони Конфронси исломӣ (13-14 декабри соли 1994, Касабланка) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷонибдории Тоҷикистонро аз Баёнияи ниҳоӣ ва Қатъномаи ҷаласаи ҳафтуми фавқулодаи вазирони корҳои хориҷии узви ин созмон оид ба Афғонистон изҳор сохта, таъкид намуда буд, ки «мо таҷрибаи талхи ҷанги ҳамватаниро чашидем ва ба ҳеҷ ваҷҳ ҳалли мушкилии бавуҷудомадаи мардуми Афғонистонро бо роҳи зӯроварӣ ва яроқ намехоҳем».

Ҳалли мусолиматомези қазияи Афғонистон барои Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти принсипиалӣ дошта, ӯ иқдоми мазкурро василаи ягонаи расидани ин кишвари ҷангзада ба сулҳу субот медонад. Ин нуқтаи назари Сарвари Тоҷикистон дар сатҳҳои мухталифи ҳамоишҳои ҷаҳонию минтақавӣ борҳо ба маърази баррасӣ гузошта шуда буд. Аз ҷумла, дар вохӯрии ғайрирасмии Вазирони корҳои хориҷии Иттиҳоди Аврупо оид ба мавзӯи «Афғонистон ва ҳамсояҳои он», ки 14 декабри соли 2008 дар Париж баргузор гашта буд, ҷониби Тоҷикистон бо назардошти таҷрибаи худ пешниҳод намуд, ки истифодаи механизми истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷумҳурӣ, барои барқарор намудани сулҳу амният дар Афғонистон мавриди истифода қарор дода шавад.

Тоҷикистон дар давраи раисии худ дар Созмони Конфронси исломӣ (алҳол Созмони ҳамкории исломӣ) дар соли 2010 ҷиҳати фаъол намудани иштироки кишварҳои аъзои ин созмон дар ҳалли масъалаи Афғонистон кӯшиши зиёд ба харҷ дод. Дар доираи ҷаласаи 37-уми Шӯрои Вазирони корҳои хориҷии СКИ, ки моҳи майи соли 2010 дар Душанбе баргузор гашт, қабул намудани Қатъномаи алоҳида оид ба вазъи Афғонистон далели роҳандозии босамари сиёсати созандаи Сарвари Тоҷикистон дар ин ҷода мебошад.

Бешубҳа, бидуни барқарор намудани сулҳу субот дар Афғонистон таъмини амнияти воқеӣ дар минтақа низ имкон надорад. Бино бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша кӯшиш менамояд, ки имкониятҳои тамоми кишварҳои манфиатдор, пеш аз ҳама кишварҳои минтақа ба мӯътадил гардидани вазъи Афғонистон ҷалб карда шаванд. Дар ин росто, бо ташаббуси ӯ дар давоми даҳсолаи сипаришуда, оид ба масъалаи мазкур силсилаи чорабиниҳо сурат гирифтанд.

Аз ҷумла, 22 октябри соли 2001 дар Душанбе мулоқоти сеҷонибаи сарони кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Россия роҷеъ ба авзои Афғонистон баргузор гардид, ки зимни он ҷонибҳои Тоҷикистон ва Россия омодагии худро барои ҳалли бӯҳрони тӯлкашидаи Афғонистон изҳор намуданд. Чунин мулоқотҳо минбаъд дар доираи вохӯриҳои сеҷонибаи Тоҷикистон-Афғонистон-Покистон, Тоҷикистон-Эрон-Афғонистон ва чорҷонибаи Тоҷикистон-Афғонистон-Россия-Покистон доир гашта, дар доираи онҳо ҷиҳати ҳалли масоили мубрами Афғонистон ва минтақа натиҷаҳои муайян ба даст оварда шуданд.

Ба андешаи Сарвари Тоҷикистон таъмини рушди босуботи Афғонистон зарурат ба он дорад, ки ин кишвар ҷиҳати таҳкими минбаъдаи ҳамкории сиёсӣ ва тиҷоративу иқтисодии минтақавӣ тавассути созмонҳои манфиатдор, аз қабили Созмони ҳамкории иқтисодӣ (ЭКО), Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба равандҳои ҳамгироӣ ҷалб карда шавад. Ин буд, ки соли 2003 Шӯрои доимии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба Афғонистон додани мақоми «ҳамшарик оид ба ҳамкорӣ бо САҲА» қарор қабул намуд.

Президенти Тоҷикистон борҳо таъкид намуда буд, ки тамоми тасмимҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ, хусусан дар қаламрави Афғонистон ба манфиатҳои Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Аз ин лиҳоз, тавре зикр гардид, Тоҷикистон соли 2001 маъракаи байналмилалии зиддитеррористии ИМА ва кишварҳои НАТО-ро дастгирӣ намуда, то кунун ҷиҳати муваффақона амалӣ намудани чораҳое, ки барои ба эътидол

овардани вазъи Афғонистон равона шудаанд, бемайлон кумаки ҳамаҷониба мерасонад.

Иштироки Тоҷикистон дар раванди ҳалли мушкилоти Афғонистон, таъмини сулҳу субот, эҳёи иқтисоди он аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси яке аз афзалиятҳои сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ мушаххас шудааст. Зимни ин, омили асосии муносибатҳои хоссаи Тоҷикистон нисбат ба ин кишвари ҳамсоя, на танҳо ба решаҳои ягонаи таърихӣ, забонӣ ва фарҳангӣ (чи тавре, ки қаблан зикр гардид) иртибот доранд. Бо назардошти мавқеи геополитикӣ ва геоэкономикии Афғонистон барқарории сулҳу субот ва эҳёи иқтисодии ин кишвар метавонад барои рушди ояндаи иқтисодӣ ва диверсификатсияи имкониятҳои инфрасохтории Тоҷикистон заминаҳои мусоид фароҳам оварад, ки ин бидуни шубҳа, ҷавобгӯи манфиатҳои миллии кишвар мебошад.

Бо назардошти вазъи воқеии ҷомеа, таркиби мураккаби қувваҳо ва ҷараёнҳои сиёсиву мазҳабии Афғонистон, ки дар меҳвари муносибати стратегӣ бо ин кишвар қарор дода шудаанд, Сарвари Тоҷикистон итминон дорад, ки авзои муташанниҷи дохилии ин кишвари мусибатзадаро танҳо тавассути василаҳои комплексӣ ва фарогир метавон ба эътидол овард.

Амалиёти чандинсолаи қувваҳои Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон бори дигар собит сохт, ки ҳалли масоили ин кишвар фақат аз роҳи низомӣ имкон надошта, онҳо бояд дар маҷмӯъ тариқи роҳандозии василаҳои дигари иловагӣ ва пеш аз ҳама эҳёи иқтисодии кишвар амалӣ карда шаванд. Бо назардошти ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 26 сентябри соли 2008 зимни суханронии худ дар мубоҳисаҳои умумии сиёсии иҷлосияи 63-юми Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид изҳор карда буд, ки Афғонистон алҳол на ба зиёд кардани ҳузури низомии мамлакатҳои хориҷӣ дар қаламрави худ, балки ба кумакҳои мушаххаси иқтисодӣ, техникӣ ва гуманитарӣ ниёзманд аст.

Роҳбари Тоҷикистон чунин мешуморад, ки тадбирҳои оқилонаи сиёсӣ нисбат ба амалиёти ҳарбӣ ва муқобили гурӯҳҳои террористӣ манфиати бештаре доранд ва эҳёи Афғонистон пеш аз ҳама ба ҷалби бевоситаи ин кишвар ба лоиҳаҳои гуногуни инфраструктурии нақлиётӣ ва энергетикии минтақавӣ, аз ҷумла, сохтмони роҳҳои мошингард ва оҳан, бунёди хатҳои интиқоли газ ва барқхатҳои баландшиддат (ЛЭП), аз ҷумла, татбиқи лоиҳаи CASA-1000 вобастагӣ дорад. Дар ин росто, татбиқи лоиҳаҳои гидроэнергетикӣ дар Тоҷикистон яке аз тадбирҳое мебошад, ки метавонад ба раванди эҳёи иқтисодии Афғонистон такони созанда расонад. Сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар қаламрави Тоҷикистон гарави истеҳсоли нерӯи арзону аз назари экологӣ тоза буда, дар ояндаи наздик ба пешрафти иҷтимоиву иқтисодии минтақа ва пеш аз ҳама Афғонистон мусоидат хоҳад намуд.

Дар доираи роҳандозии сиёсати Президенти кишвар ҷониби Тоҷикистон дар конфронсҳои Истамбул (с. 2010) ва Бонн (с. 2011) оид ба Афғонистон тавաҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба аҳамияти бузурги масъалаи фаро гирифтани кишоварзони афғон ба барномаҳои кишоварзӣ, ки метавонанд ба парваришу истеҳсоли маводи мухаддир хотима бахшанд, ҷалб намуд. Дар ин ҷода низ, Тоҷикистон мусоидати худро ба кишвари ҳамсоя, аз ҷумла, ҷиҳати таъмини обёрии заминҳои корам пешниҳод кард. Танҳо анҷоми сохтмони нерӯгоҳи барқи обии Даштиҷум дар дарёи сарҳадии Панҷ имкон медиҳад, ки дар Афғонистон 1,5 млн. га замин обёрӣ карда шавад. Тоҷикистон инчунин имконият дорад, ки дар барқарорсозии шабакаҳои обёрии Афғонистон саҳмгузор бошад.

Эмомалӣ Раҳмон аз минбари чандин созмони байналмилавиву минтақавӣ изҳор карда буд, ки инкишофи захираҳои инсонӣ тавассути баланд бардоштани сатҳи маърифат низ метавонад дар таъмини эҳёи Афғонистон нақши созанда дошта бошад ва Тоҷикистон омода аст дар тайёр намудани кадрҳо барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва эҳтиёҷоти дигар соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ин кишвар саҳми худро гузорад. Дар ростои ин нукта соли 2011 дар конфронси Бонн оид ба Афғонистон ҷониби Тоҷикистон бо ташаббуси ташкили маркази таълимии бисёрсоҳаи касбӣ-техникӣ барои хоҷагии халқи Афғонистон баромад карда, аз кишварҳо ва созмонҳои ҳамёр даъват ба амал овард, ки барои татбиқи ин лоиҳа мусоидат намоянд.

Бо хуруҷи қувваҳои Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ дар соли 2014 мундариҷаи сиёсати ҷомеаи байналмилалӣ нисбат ба равандҳои эътидоли вазъи Афғонистон сифатан тағйир хоҳад пазируфт. Дар ин қарина, Сарвари Тоҷикистон талош меварзад, ки мазмуни ин сиёсат ба мисли пеш боқӣ монда, расонидани кумакҳои башардӯстонаи байналмилалӣ ба Афғонистон идома ёбад. Зимни ин, лоиҳаҳои барқарорсозии иқтисодии Афғонистон бояд ба унсури асосии ин кумакҳо табдил ёбанд, зеро танҳо бо ҳамин роҳ ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад ба ҳадафи ниҳоии худ – таъмини сулҳу субот дар ин кишвар ва ҳаёти арзанда барои мардуми он ноил гардад.

Дар пайгирӣ аз ин тасмимҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-27 марти соли 2012 дар ш. Душанбе Конфронси панҷуми ҳамкориҳои минтақавии иқтисодӣ оид ба Афғонистон (RECCA-V) доир гардид, км дар кори он ҳайатҳои баландмақоми 46 кишвар, 30 созмони байналмилалӣ ва олимону муҳаққиқон, инчунин намояндагони доираҳои соҳибкорӣ иштирок доштанд.

Вазифаҳои бисёрсамтаи Конфронс дар рафти иҷлосияи умумӣ, нишастҳои гурӯҳҳои кории он, инчунин мулоқотҳои ғайрирасмӣ, симпозиуми илмӣ, анҷумани соҳибкорон мавриди муҳокима

қарор гирифтанд. Чунин доираи васеи баррасии мавзӯъҳо барои роҳандозии воқеии мақсаду ҳадафҳои ниҳоии Конфронс нақши муҳим бозиданд.

Аз ин лиҳоз, метавон бо боварӣ иброз намуд, ки натиҷаҳои Конфронси панҷуми ҳамкориҳои иқтисодии минтақавӣ оид ба Афғонистон, чи тавре, ки дар оғози он Эмомалӣ Раҳмон таъкид карда буд, дар ҳалли қазияи ин кишвар ба як гардиши воқеӣ метавонад замина гузорад. Меҳвари ин гардишро тасмими кишварҳои иштирокчӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои иқтисодӣ ба ҳайси омили асосии эҳёи сулҳу субот дар Афғонистон ташкил медиҳад. Тибқи натиҷаҳои Конфронси мазкур, ки дар санади ниҳоии он – Эъломияи Душанбе-2012 дарҷ гардиданд, кишварҳои ҳамёр 17 лоиҳаи мушаххасро дар соҳаҳои инфрасохторӣ – роҳҳои оҳан, шоҳроҳҳои автомобилгард, иншоотҳои энергетикӣ, инчунин рушди захираҳои инсонӣ, таълими ҳирфаӣ ва бозори меҳнат, сармоягузорӣ, тиҷорат, транзит, идораи сарҳадот ва ғ. барои омӯзиш ва татбиқ муайян намуданд.

Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон, воқеияти имрӯза бо исрор талаб менамояд, ки ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти мубориза бо терроризми байналхалқӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои ба он вобаста, бо назардошти истифодаи комили имкониятҳои Созмони Милали Муттаҳид, САҲА, НАТО, Иттиҳоди Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар созмонҳои манфиатдор тавассути қабули тадбирҳои превентивӣ ва ташаббусҳои дурандешонаю созанда тақвият дода шаванд.

Дар ин росто, муваффақияти қувваҳои Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ дар Афғонистон, кӯшишҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати таъмини сулҳу субот дар ин кишвар метавонад дар марҳилаи кунунӣ дар маҷмӯъ барои амнияти кишварҳои минтақа нақши ҳалкунанда ва тақдирсоз дошта бошад. Бо назардошти масъулияти маънавӣ ҷиҳати таъмин намудани ҳаёти осоишта ва созандаи наслҳои ояндаи ин минтақа ҷомеаи ҷаҳониро лозим аст, ки барои ба анҷоми мантиқӣ расонидани ин рисолати сарнавиштсоз тамоми чораҳоро бидуни истисно амалӣ намояд.

Ба ҳамин нукта ишора карда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нутқи ифтитоҳии худ дар конфронси зикршуда – RECCA-V иброз намуд, ки тағйироти тайи чанд муддати охир дар равандҳои барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон «аз ҷомеаи ҷаҳонӣ, кишварҳо ва созмонҳои манфиатдор вокуниш ва ташаккули муносибатҳои ба воқеияти нав ҷавобгӯ ва мутаносибро тақозо менамоянд». Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки «мазмун ва мӯҳтавои чунин муносибот ба дӯши мо масъулияти боз ҳам бузургтареро барои ояндаи Афғонистон ва минтақа вогузор менамояд» ва «фақат

роҳандозӣ намудани чунин муносиботи фарогир ва мутаносиб имкон медиҳад, рушди устувор ва суботу амнияти минтақавӣ дар баробари ташаккули вазъи Афғонистон, таъмин гардад».

Сарвари Тоҷикистон боварӣ дорад, ки татбиқи сулҳу субот ва эҳёи иқтисодии Афғонистон метавонад собит созад, ки барои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи ҳар як фард, миллатҳо, давлатҳо, минтақаҳо ва ҷаҳон имкониятҳои бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд ва ба ҷомеаи байналмилалӣ ҷиҳати барпо намудани ҳаёти арзанда барои инсоният рӯҳу илҳоми тоза бахшад. Бино бар ин, ӯ изҳор намуд, ки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода минбаъд низ бемайлон барои дастёбӣ ба чунин натиҷаи нек пайгирона роҳандозӣ хоҳад гашт.

Ҳамин тариқ, ташаббусҳои байналмилалии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масоили мубрами ҷаҳони имрӯз нақши созанда ва саҳми шоиста гузошта, ба афзудани обрӯ ва нуфузи кишвари соҳибистиқлоли мо дар анҷумани давлатҳои мутамаддин мусоидат намуданд. Дар баробари ин, ташаббусҳои мазкур боис гаштанд, ки шахсияти сиёсии Президенти Тоҷикистон дар доираҳои сиёсии ҷаҳон ва миёни кишварҳои хурду бузурги сайёраи мо ҳамчун сарвар ва пешвое шинохта шавад, ки дар сиёсат ва корсозиҳои хирадмандонааш миёни арзишу армонҳои миллии кишвараш ва ниёзҳои дунёи муосир таносуб ва тавозуни оқилона эҷод намудааст.

## Дипломатияи оби Тоҷикистон

Масъалаи оби тоза ва мушкилоти вобаста ба он аз зумраи он масоили мубраме мебошад, ки вобаста ба аҳамияти гуногунпаҳлӯи худ дар ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар madди назари доимии сиёсати хориҷии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Бо назардошти маҷмӯи масъалаҳое, ки тайи чанд даҳсолаи охир дар иртибот ба коҳиши захираҳои обӣ, афзоиши истеъмоли он, тағйироти иқлим ва дигар омилҳо дар низоми муносибатҳои байналмилалӣ мушоҳида мегарданд, Сарвари Тоҷикистон кӯшиш менамояд таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ҷиҳати ҳалли саривақтии онҳо ҷалб созад.

Дар ин қарина қобили тазаккур аст, ки ин ибтикорҳо дар доираи созмонҳо ва ҳамоишҳои мухталифи минтақавию байналмилалӣ ҳамовозии самимона пайдо намудаанд. Хусусан аз ҷониби Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул шудани қатъномаҳо оид ба эълони «Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013» аз таваҷҷӯҳи

ҷиддӣ ва истиқболи комили ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ташаббусҳои Сарвари Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

**Оғози ибтикорҳои созанда.** Моҳи сентябри соли 1999 дар иҷлосияи 54-уми Маҷмааи Умумии СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуд, ки вақти он расидааст, то «таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳон ба проблемаҳои оби тоза ва масъалаҳои ба он вобаста ҷалб карда шавад» ва «Тоҷикистон бо ин мақсад пешниҳод менамояд, ки соли 2003 соли байналхалқии об эълон карда шавад».

Аз нигоҳи Сарвари Тоҷикистон муҳимтарин омиле, ки зарурати ба маърази таваҷҷӯҳи аҳли олам баровардани масъалаи оби тозаро тақозо менамояд, маҳдуд будани захираҳои он мебошад, ки дар маҷмӯъ бо афзоиши аҳолии сайёра, фаъолияти иқтисодии инсоният, истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои обӣ ва тағйирёбии иқлим ба пайдоиши силсилаи мушкилоти глобалӣ сабаб гаштааст. Бо назардошти ин нукта Сарвари Тоҷикистон пеш аз ҳама ба ҷанбаҳои гуманитарии масъала ишора намуда, таъкид сохт, ки «ин ташаббуси мо ба хавфи муташанниҷ гардидани вазъияте вобаста мебошад, ки миллиардҳо одамон аз истеъмоли оби тоза маҳруманд».

Дар ҳақиқат масъалаи норасоии об алҳол барои аксари минтақаҳои сайёра, алалхусус барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба масъалаи мубрамтарин табдил ёфтааст. Дар баробари ин, масъалаи мазкур барои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон низ торафт аҳамияти доғ пайдо менамояд. Маълумоти ниҳодҳои марбутаи Созмони Милали Муттаҳид ва дигар сохторҳои илмӣ-тадқиқотӣ мушкилоти афзояндаро дар ин соҳа чи дар миқёси ҷаҳонӣ ва чи минтақаву кишварҳои алоҳида собит месозанд.

Тибқи маълумоти Созмони Милали Муттаҳид, ки соли 2009 дар Форуми панҷуми байналмилалии об муаррифӣ шуда буд, истеъмоли оби тоза дар давоми 50 соли охир 3 баробар зиёд шудааст. Дар минтақаҳои васеи ҷаҳони рушдёбанда то ҳол ба оби нӯшокии безарар дастрасии нобаробар боқӣ монда, имкониятҳои технологии поксозии об барои истеҳсоли маҳсулоти озуқа, инчунин коркарди оби истифодашуда маҳдуд мебошанд. Дар сурати наандешидани тадбирҳои фаврӣ қариб 5 миллиард одам, ки тахминан 67 фоизи аҳолии сайёраро ташкил медиҳанд, аллакай то соли 2030 аз оби тоза маҳрум хоҳанд шуд.

Алҳол дар рӯи замин 6,6 миллиард одам ҳаёт ба сар мебарад, афзоиши солонаи он бошад 80 миллион нафарро ташкил медиҳад. То соли 2050 аҳолии сайёра қариб ба 10 миллиард расида, зимни ин афзоиши аҳолӣ асосан ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки аллакай аз норасоии об танқисӣ мекашанд, рост хоҳад омад. Дар баробари ин ҳамасола талаботи аҳолии дунё ба оби тоза ба қадри 64 миллион

метри кубӣ меафзояд. Дар сурати боқӣ мондани раванд то соли 2030 нисфи аҳолии ҷаҳон ба таҳдиди норасоии об мувоҷеҳ хоҳанд шуд.

Агар соли 2000-ум норасоии солонаи об дар ҷаҳон 230 миллиард метри мукаабро ташкил дода бошад, пас то соли 2025 ин рақам 10 маротиб афзуда, ба 2 триллион метри мукааб хоҳад расид. Норасоии об дар минтақаҳои биёбон ва нимбиёбони ҷаҳон ба муҳоҷирати бовусъати аҳолӣ мусоидат хоҳад кард. Тибқи тахмини коршиносон бар асари норасоии об то 700 миллион нафар маҷбур хоҳанд шуд, ки макони зисти доимии худро тарк намоянд.

Мувофиқи маълумоти Институти захираҳои ҷаҳонӣ (World Resources Institute) захираҳои солонаи оби тоза дар Осиёи Марказӣ дар маҷмӯъ 293 миллиард метри мукааб ва ба сари ҳар як нафар аҳолӣ 6100 метри мукаабро ташкил медиҳад. Ҳаҷми миёнаи истифодаи оби тоза ба сари ҳар як нафар аҳолӣ аз 2000 метри мукааб дар Тоҷикистон то 4900 метри мукааб дар Туркманистонро ташкил медиҳад. Зимни ин тибқи маълумотҳои омории солонаи кишварҳои минтақа ин нишондод дар Тоҷикистон – 1,96 ҳаз. м$^3$, Қазоқистон – 2,35 ҳаз. м$^3$, Қирғизистон – 2,38 ҳаз. м$^3$, Ӯзбекистон – 3,42 ҳаз. м$^3$ ва Туркманистон – 4900 ҳаз. м$^3$-ро ташкил медиҳанд.

Нишондодҳои мазкур ҳарчанд нисбат ба аксари минтақаҳои дигари ҷаҳон паст бошанд ҳам, вале ин маънои норасоии обро надорад. Тибқи ҳисобҳои Институти захираҳои ҷаҳонӣ норасоии об дар ҳолате ба вуҷуд меояд, ки истифодаи он ба сари аҳолӣ камтар аз 1700 метри мукааб бошад. Сабаби асосии норасоии об дар Осиёи Марказӣ ба он вобастааст, ки кишварҳои поёноб 70 фоизи захираҳои обии мавҷударо асосан барои талаботи соҳаи кишоварзӣ истифода мебаранд.

Қайд кардан зарур аст, ки истеъмоли асосии об дар минтақа ба Ӯзбекистон (59200 млн. м$^3$/сол) рост меояд, ки он дар маҷмӯъ ба истеъмоли муштараки Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Туркманистон (68930 млн. м$^3$/сол) баробар аст. Ӯзбекистон 88,5% ҳаҷми обро барои талаботи соҳаи кишоварзӣ сарф месозад.

Зимни ин исрофи барзиёди об ба воҳиди маҳсулот аз нишондодҳои ҷаҳонӣ аз 3 то 10 баробар зиёд мебошад, ки ин пеш аз ҳама ба системаи кӯҳнашуда ва бесамари обёрисозии кишварҳои минтақа вобаста мебошад. Талафоти иқтисодии истифодаи нооқилонаи захираҳои обӣ дар Осиёи Марказӣ тибқи маълумоти Барномаи рушди СММ (ПРООН) ҳамасола 1,7 миллиард доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Чи тавре, ки маълум аст, яке аз масъалаҳои дигари доғ дар минтақа масъалаи хушкшавии баҳри Арал мебошад. Вале масъалаи мазкур низ пеш аз ҳама, натиҷаи азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва исрофи об дар ин соҳа мебошад. Масоҳати заминҳои обёришаванда

бамаротиб афзуда, аз 4 миллион гектари соли 1960 имрӯз қариб ба 9 миллион гектар расидааст. Инчунин дар ин давра дар қаламрави кишварҳои поёноб зиёда аз 100 обанбори калонҳаҷм сохта шуд, ки зарфияти умумии онҳо аз масоҳати имрӯзаи баҳри Арал якуним баробар зиёд мебошад.

Зиёд гардидани теъдоди аҳолӣ низ ба кам шудани вуруди об ба баҳри Арал мусоидат намудааст. Теъдоди аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки соли 1956 тақрибан 20 миллион нафарро ташкил медод, имрӯз ба 63 миллион нафар расидааст.

Дар чунин шароит танзими истифодаи захираҳои об дар сатҳи байнидавлатӣ, бешубҳа, ҳамчун василаи асосии ҳалли масъалаҳои зикршуда дар минтақа мебошад. Вале кӯшишҳои кишварҳои болооб ҷиҳати дар минтақа таъсис додани консорсиуми обӣ-энергетикӣ, ки метавонад ба ҳамкории иқтисодии минтақавӣ замина гузошта, ба истифодаи самараноки захираҳои обӣ мусоидат намояд, бар асари мавқеи ғайриконструктивии баъзе кишварҳои поёноб то ҳол ба натиҷаи мусбат нарасидааст.

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳое мебошад, ки дар он захираҳои об нисбатан фаровонанд. Ҳар сол дар қаламрави он 64 миллиард метри мукааб оби равон ташаккул меёбад, ки қариб 60 фоизи захираҳои обии Осиёи Марказиро ташкил медиҳад. Аз чунин ҳаҷми бузурги об камтар аз 10 фоизи он барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ҷумҳурӣ сарф шуда, ҳаҷми боқимондаи он ба кишварҳои поёноб ҷорӣ мегардад.

Бо вуҷуди захираҳои фаровони об таъмини як қатор ноҳияҳои мамлакат бо оби тоза ба масъалаи душвор табдил ёфтааст ва беш аз 40 фоизи аҳолии Тоҷикистон ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасии маҳдуд дорад. Ҷумҳурӣ айни ҳол аз рӯи нишондиҳандаҳои қиёсии замини кишт ва истифодаи об ба ҳар сари аҳолӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ҷои охиринро ишғол менамояд.

Дар баробари ин, дар Тоҷикистон фалокатҳои табиӣ, нарасидани қувваи барқ, камбуди маблағ дар соҳаи истифодаи об ва омилҳои дигар, ки ба вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии кишвар таъсири харобиовар мерасонанд, ҷой доранд. Чунин ҳолат бо вуҷуди кӯшишҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ҷиҳати пешгирии он, ба раванди пешрафти Тоҷикистон монеа мегардад.

Маҳз аз ҳамин лиҳоз, ҳалли масъалаҳои марбут ба об чун ҷузъи ҷудонашавандаи Барномаи миллии стратегияи рушд ва Барномаи стратегияи кам кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дода шудаанд. Бо назардошти мушкилоти зикршуда, Тоҷикистон инчунин дар доираи татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола ба ҳайси яке аз кишварҳои озмоишӣ қарор гирифтааст. Дар доираи татбиқи ҳадафҳое, ки дар ин барнома муқаррар карда шудаанд, танҳо барои

то соли 2015 ба қадри ду баробар коҳиш додани теъдоди аҳолие, ки ба оби тозаи ошомиданӣ эҳтиёҷ дорад, қариб як миллиард доллари америкоӣ зарур аст.

**Масъалаҳои марбут ба об.** Дар баробари ин норасоии об ба эҷоди силсилаи дигар масъалаҳои ҳалталабе сабаб гаштааст, ки дар сурати вусъаташон метавонанд кишварҳову минтақаҳо ва дар маҷмӯъ ҷомеаи ҷаҳониро ба мушкилоти ҷиддии глобалӣ мувоҷеҳ созанд. Бо ишора ба ин нукта Эмомалӣ Раҳмон дар иҷлосияи зикршудаи Маҷмааи Умумии СММ изҳор намуд, ки «проблемаи об ҳамзамон бо ҷиҳати соф гуманитарии он, инчунин ҷиҳатҳои дигар, аз ҷумла ҷиҳатҳои иқтисодӣ ва экологӣ низ дорад».

Тахминан 1 миллиард одам ба оби тозаи ошомиданӣ дастрас нестанд. Қариб 80% бемориҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба истеъмоли оби пастисифат вобастаанд. Бар асари ин бемориҳо ҳар сол дар ҷаҳон ба ҳисоби миёна 5 миллион нафар одам, ҳар 17 сония бошад як кӯдак ба ҳалокат мерасанд.

Имрӯз миқдори одамоне, ки имконияти аз қубурҳои об истифода бурданро надоранд, нисбат ба солҳои 90-уми асри гузашта зиёдтар гаштааст. Илова бар ин 1,4 миллиард одам бо қувваи барқ таъмин нестанд, 1 миллиард одам ба норасоии озуқа гирифторанд. Аз рӯи маълумотҳои соли 2010 тахминан 2,5 миллиард одам аз системаи ҳозиразамони корезҳои обпарто ва воситаҳои санитарӣ маҳрум мебошанд.

Эҳтиёҷоти афзоянда ба маҳсулоти озуқа, хусусан маҳсулоти соҳаи чорводорӣ ба зиёд шудани истеъмоли об мусоидат менамояд. Тибқи пешбиниҳои коршиносон, то соли 2050 талаботи ҷаҳонӣ ба об дар маҷмӯъ 70%, аз ҷумла истеъмоли глобалии об дар соҳаи кишоварзӣ 19% хоҳад афзуд.

Истеҳсоли аксарияти маҳсулоти саноатӣ ба истифодаи об ва қувваи барқ ниёз дорад. Бино бар ин тавсеаи фаъолияти иқтисодӣ талаботро ба онҳо зиёд хоҳад намуд. Дар навбати худ барои таъмини фаъолияти воситаҳои истеҳсоли қувваи барқ низ, хусусан барои таъмини раванди технологии нерӯгоҳҳои барқии ғайриобӣ, истифодаи об зарур мебошад.

Тибқи маълумоти СММ талафоти иқтисодии аксари минтақаҳо ва кишварҳои ҷаҳон аллакай аз 0,5% то 2,5% ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти дохилии онҳоро ташкил медиҳад.

90% офатҳоии табиӣ дар ҷаҳон ба об вобаста мебошанд. Солҳои охир афзоиши шумора ва оқибатҳои харобиовари чунин рӯйдодҳо мушоҳида мегардад, ки ин бидуни шубҳа, барои рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо оқибатҳои ногувор ба бор меорад. Дар як қатор кишварҳои рӯ ба тараққӣ дар давраи солҳои 1990-2000 зарар аз офатҳои табиии аз 2% то 15% ҳаҷми умумии маҷмӯи маҳсулоти солонаи онҳоро ташкил дод.

Гармшавии иқлим низ ба зиёд шудани офатҳои ба об вобаста мусоидат менамояд. Мувофиқи ҳисоби коршиносон хароҷот барои мутобиқ шудан ба болоравии ҳарорати миёнаи глобалӣ дар ҷаҳон ба қадри 2° дар давраи солҳои 2020-2050 дар маҷмӯъ метавонад аз 70 то 100 миллиард доллари ИМА-ро ташкил диҳад. Аз ин ҳисоб аз 13,7 то 19,2 миллиард доллар бояд барои талаботи «бахши об» – пеш аз ҳама, нигоҳдории низоми таъмини об ва пешгирии обхезиҳо сарф карда шавад.

Дар аксари минтақаҳо бар асари истифодаи бесамари захираҳои обӣ, хусусан дар соҳаи кишоварзӣ дар маҷмӯъ бо гармшавии иқлим, хушкшавии ҳавзу кӯл ва ҳатто баҳрҳо мушоҳида мегардад, ки баҳри Арал мисоли возеҳи чунин ҳолат мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иҷлосияи зикршудаи Маҷмааи Умумии СММ изҳор намуд, ки ба андозаи афзудани аҳолӣ «зуҳуроти «задухурд»-и давлатҳо барои ба даст овардани манбаъҳои оби тоза» характери воқеӣ мегирад. Бо назардошти ин, Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуд, ки «масъалаи об мисли дигар проблемаҳои асри оянда бо масъалаҳои амният дар шароити ба ҳамдигар вобаста будани мамлакатҳо» алоқамандии бевосита дорад.

Дар ҳақиқат, масъалаи истифодаи захираҳои обӣ дар муносибати кишварҳои минтақаҳои мухталифи ҷаҳон мавқеи муҳимро ишғол менамояд, зеро аксари дарёҳои бузурги дунё дарёҳои байналмилалӣ ба ҳисоб меравaнд. Мувофиқи маълумоти СММ дар ҷаҳон зиёда аз 200 ҳавзаҳои обӣ дар қаламрави ду ва зиёда кишварҳо ҷойгир шудаанд. Бо назардошти ин, коҳиш ёфтани захираҳои обӣ эҳтимоли сар задани мунокишаҳои байнидавлатиро барои дастёбии бештар ба онҳо меафзояд.

**Идомаи талошҳо.** Дар нишасти 87-уми умумии Маҷмааи Умумии СММ (20 декабри соли 2000) қабул гардидани Қатъномаи он дар хусуси Соли байналмилалии оби тоза эълон намудани соли 2003 гувоҳи пазируфта шудани ибтикори нахустини Президенти Тоҷикистон дар ҷодаи ҷалби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳалли масоили вобаста ба об мебошад. Дар доираи тавсеаи ин ташаббус, аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон бо дастгирии созмонҳои байналмилалӣ ва ниҳодҳои махсусгардонидашудаи СММ 30 августи соли 2003 дар ш. Душанбе Ҳамоиши байналмилалӣ оид ба масъалаҳои оби тоза баргузор карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни суханронии худ дар ин ҳамоиш диққати ҳозиринро бори дигар ба масъалаҳои ҳалталаби соҳа, аз ҷумла, кӯли Сарез ва баҳри Арал ҷалб намуда, дар охир пешниҳод намуд, ки солҳои 2005-2015 даҳсолаи байналмилалии оби тоза эълон карда шаванд. Сарвари ҷумҳурӣ таъкид намуд, ки «ин иқдом ҷавобгӯи Эъломияи ҳазорсола оид ба масъалаи оби тоза хоҳад шуд», ки яке

аз ҳадафҳои он то соли 2015-ум дар ҷаҳон ду баробар кам кардани шумораи одамони аз оби тоза маҳрумро пайгирӣ менамояд. Ин иқдом байни иштирокчиён ҳамовозии якдилона пайдо намуда, оид ба он Даъватномаи Ҳамоиш қабул карда шуд.

Президенти Тоҷикистон дар заминаи ин дастгирӣ моҳи декабри соли 2003 онро ба маърази иҷлосияи 58-уми СММ манзур намуда, изҳор дошт, ки эълони даҳсолаи оби тоза имкон медиҳад, ки масъалаи норасоии об ҳамеша дар маркази таваҷҷӯҳи ҷаҳон қарор гирад. Зимни ин ӯ таъкид намуд, ки «ин барои бақои ҳаёт дар Замин ва таъмини рушди устувор аҳамияти фавқулода муҳим дорад». Маҷмааи Умумии СММ 23 декабри соли 2003 дар бораи эълони «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015» Қатънома қабул намуда, тибқи он ба даҳсола аз 22 марти соли 2005 дар Рӯзи байналмилалии захираҳои обӣ оғоз бахшид.

Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи ибтикорҳои Сарвари давлат ва ба мақсади пешбурди ҳадафҳои «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015» як қатор чорабиниҳоро роҳандозӣ намуд. Аз ҷумла, 30 майи соли 2005 дар асоси Қатъномаи Маҷмааи Умумии СММ ва ҳамкорӣ бо ниҳодҳои он дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳамкории минтақавӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои фаромиллӣ ва соли 2008 Конфронси байналмилалӣ оид ба коҳиш додани офатҳои табиии марбут ба об баргузор карда шуданд. Дар доираи ин конфронсҳо бо пешниҳоди Президенти Тоҷикистон як зумра тавсия ва пешниҳодҳо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷиҳати ҳалли босамари масъалаҳои марбута қабул карда шуданд. Аз ҷумла, аз ҷониби иштирокдорони конфронс ташаббусҳо дар бораи ихтисос додани қисми дуюми Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об – барои ҳаёт» ҷиҳати зиёд намудани кумак ба кишварҳои қафомонда ва рӯ ба инкишоф дар ҳалли проблемаҳои об, инчунин ташкили Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи оби кӯли Сарез барои таъмини кишварҳои Осиёи Марказӣ бо оби тозаи нӯшокӣ дастгирӣ ёфтанд.

Ҷиҳати натиҷагирӣ аз фаъолияти нимаи аввали «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015» дар иҷлосияи 60-уми Маҷмааи Умумии СММ пешниҳод гардид, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускори он Конфронси байналмилалӣ гузаронида шавад. Дар иртибот ба ин 21 декабри соли 2009 Маҷмааи Умумии СММ дар бораи зарурати гузаронидани шарҳ (обзор)-и миёнамӯҳлати рафти татбиқи даҳсолаи мазкур қатъномаи дахлдор қабул намуд.

Чи тавре, ки қаблан қайд карда шуд, норасоии захираҳои обӣ сабаби эҷоди мушкилиҳо миёни субъектҳои истифодабарандаи он мегардад. Аз ҷумла, мавҷудияти шаклҳои мухталифи истифодаи об ва ихтилофи

истифодаи мавсимии захираҳои об ва манбаъҳои энергетикӣ, инчунин тақсимоти номутавозини онҳо мухолифати манфиатҳоро ба миён меорад, ки ин дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба таври возеҳ мушоҳида мегардад. Ба андешаи Президенти Тоҷикистон вақти он расидааст, ки дар истифодаи захираҳои об бояд роҳҳои нави густариши муколамаву музокирот ва механизмҳои ҳамкорӣ дарёфт ва ба нақши калидии дипломатияи об дар ҳалли он таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.

Бо назардошти ин Сарвари Тоҷикистон моҳи марти соли 2009 дар Ҳамоиши V байналмилалии об дар ш. Истамбул пешниҳод намуд, ки соли 2012 Соли байналмилалии дипломатияи об эълон карда шавад. Зимни ин ӯ боварӣ изҳор намуд, ки «Соли байналмилалии дипломатияи об ба таҳкими ҳамкорӣ ва эҷоди муносибатҳои нав миёни кишварҳои канори дарёҳо дар танзими масъалаҳои марбут ба об мусоидат хоҳад кард».

Дар ин қарина, моҳи декабри соли 2010 Маҷмааи Умумии СММ оид ба «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об-2013» қатъънома қабул намуд.

**Натиҷагирӣ аз ибтикорҳо оид ба об барвақт аст.** 8-10 июли соли 2010 дар ш. Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба шарҳи фарогири иҷрои «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», 2005-2015» баргузор гашт. Президенти Тоҷикистон дар баромади худ дар Конфронс оид ба вазъи таъмини об ва мушкилиҳои мавҷуда дар ҷумҳурӣ суханронӣ намуда, ҳамзамон як қатор дастовардҳои ҷумҳуриро дар соҳаи мазкур қайд намуд.

Аз ҷумла, тазаккур дода шуд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба мақсади беҳтар намудани таъминоти об ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола «Барномаи беҳтар намудани таъминоти аҳолии мамлакат бо оби тоза дар давраи солҳои 2008-2020»-ро қабул намудааст. Дар натиҷаи тадбирҳои дар ин соҳа андешидашуда тӯли панҷ соли охир қариб 1,2 миллион нафар бо оби тоза таъмин карда шуд ва бештар аз 600 ҳазор нафари дигар аз имконияти истифодаи оби тозаи ошомиданӣ баҳравар гардид.

Ҳукумати Тоҷикистон барои ҳалли проблемаҳои вобаста ба захираҳои об дар давоми панҷ соли охир беш аз 15 барнома, стратегия ва нақшаи тадбирҳоро қабул намуд. Имрӯз дар доираи онҳо ба маблағи зиёда аз 500 миллион доллари ИМА даҳҳо барнома амалӣ карда мешаванд.

Вале дар баробари ин, мазмуни асосии баромади Сарвари давлат он буд, ки имрӯз доир ба натиҷаҳои мушаххаси амалӣ сохтани ҳадафҳои байналмилалӣ дар соҳа сухан рондан барвақт аст, зеро то кунун масъалаҳои зиёде мавҷуданд, ки ҳалли таъҷилии худро тақозо доранд. Зимни ин ӯ аз мушкилоти марбут ба оби теъдоди зиёди аҳолии дунё, масоили мавҷудаи обу энергетикии минтақа ва офатҳои экологӣ,

аз ҷумла фоҷиаи баҳри Арал сухан ронда, андешаҳои худро оид ба роҳҳои ҳалли онҳо баён намуд.

Сарвари кишвар оид ба мавҷудияти як қатор мушкилоти иқтисодие, ки монеаи асосии ҳалли масъалаҳои об мегарданд, сухан ронда, бо назардошти эҳтиёҷоти кишварҳои ақибмонда ва аз роҳҳои баҳрӣ маҳрум барои нимаи дуюми Даҳсолаи байналмилалии об ҳалли масъалаҳои зеринро пешниҳод намуд:

- ҳамлу нақли бемамониати молҳое, ки барои ҳалли масъалаҳои камбизоатӣ, мубориза бо фалокатҳои табиӣ, дастгирии соҳаи тандурустӣ, маориф ва ғ. нақши стратегӣ мебозанд;

- кам кардани маблағи қарзи кишварҳои камбизоат;

- бахшидани қарзҳои расмии дуҷониба, инчунин кумаки бештари расмӣ ба мақсади инкишоф ба кишварҳое, ки паст кардани сатҳи камбизоатиро мароми хеш қарор додаанд.

Тағйироти глобалии иқлим, ки солҳои охир ба назар мерасад ва равандҳое, ки онро ҳамроҳӣ менамоянд, дар масъалаҳои таъмини об ва маводи ғизоӣ барои зиндагии миллионҳо нафар душворӣ пеш меоранд, вале аз онҳо беш аз ҳама табақаҳои камбизоати аҳолӣ зарар мебинанд.

Дар иртибот ба душворшавии вазъи зиндагии табақаҳои камбизоати аҳолии ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод намуд, ки нимаи дуюми Даҳсола ба иҷрои тадбирҳои мушаххаси байналмилаливу минтақавӣ оид ба таъмини онҳо бо оби нӯшокӣ ва шароити замонавии санитарӣ бахшида шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтани силсилаи ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон оид ба масоили марбут ба об, ӯ бар он андеша аст, ки дар ин самт масоили зиёде мавҷуд аст, ки то ҳол ҳалли худро наёфтаанд. Махсусан масъалаҳои истифодаи боадолатонаи об дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақа, кӯли Сарез, ҳифзи пиряххо ва ғ. аз зумраи чунин масъалаҳо мебошанд.

Ҳарчанд пешниҳодҳои Сарвари Тоҷикистон оид ба қабули Конвенсияи байналмилалӣ оид ба об, ташкили ҳамёрӣ дар соҳаи об, Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи оби кӯли Сарез, гузаронидани экспертизаи фарогири низоми истифодаи об, инфраструктураи обёрикунанда ва экологияи минтақа аз минбарҳои созмону ҳамоишҳои гуногун ба ҷомеаи ҷаҳонӣ манзур шуда бошанд ҳам, ба андешаи ӯ барои ба ҳалли қатъии онҳо ноил шудан талошҳои боз ҳам фаъолтар зарур мебошанд.

Дар ин қарина 20 октябри соли 2011 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳошияи Конфронси тайёрӣ ба «Конфронси СММ оид ба рушди устувор» (Душанбе, 19-20 октябри соли 2012) бо роҳбари Котиботи татбиқи механизми «СММ-Масъалаҳои об» Кензу Робинсон мулоқот доир намуда, пешниҳод кард, ки соли 2013 Конфронси ниҳоии сол оид ба дипломатияи об дар ш. Душанбе гузаронида шавад.

Алҳол дар Осиёи Марказӣ дар баробари бӯҳрони баҳри Арал масъалаи хавфи кӯли Сарез низ ба ҳайси яке аз мушкилҳои глобалӣ қарор дорад. Бо такя ба натиҷаҳои тадқиқотҳои Бонки умумиҷаҳонӣ ва Барномаи рушди СММ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд, ки ба мақсади таъмини аҳолии минтақа бо оби тозаи ошомиданӣ Консорсиуми байналмилалӣ оид ба истифодаи оби кӯли Сарез созмон дода шавад. Ин иқдом дар баробари коҳиш додани норасоии оби ошомиданӣ дар минтақа, имкон хоҳад, дод, ки хавфи рахна шудани сарбанди Усой бартараф ва аҳолии минтақа аз таҳдиди харобиовари он раҳо гарданд.

Пиряххои Тоҷикистон яке аз манбаъҳои асосии оби тоза дар минтақаи Осиёи Марказӣ буда, қариб шаст фоизи ҳаҷми оби дарёҳои онро таъмин менамоянд. Мутаассифона, тағйири иқлим ба обшавии бовусъати онҳо мусоидат намуда, ба захираҳои бебаҳои об талафоти ҷиддӣ мерасонад. Дар Тоҷикистон беш аз 14 ҳазор пиряхи калону хурд мавҷуд буданд, вале бар асари гармшавии иқлим, фақат тайи чанд даҳсолаи охир беш аз ҳазортои онҳо аз байн рафтанд.

Бо назардошти оқибатҳои ҷиддии экологии ин зуҳурот масъалаи ҳифзи пиряххои ҷумҳурӣ низ аз ҷониби Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи масъалаҳои марбут ба об ва тағйири иқлим аз минбари созмонҳову ҳамоишҳои мухталиф пайваста ба самъи ҷомеаи байналмилалӣ расонида мешавад. Аз ҷумла, пешниҳод оид ба таъсиси Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо соли 2009 дар Ҳамоиши III умумиҷаҳонӣ оид ба иқлим дар Женева ва Конфронси 15-уми ҷонибҳои Конвенсияи СММ оид ба тағйири иқлим дар Копенгаген манзур гашта буд.

Бо пайгирӣ аз ин пешниҳод Президенти Тоҷикистон 19 июни соли 2012 дар Конфронси СММ оид ба рушди устувор (Рио+20) изҳор намуд, ки дар иртибот ба тағйири иқлим ва вусъати демографии кишварҳои Осиёи Марказӣ пиряхҳо, захираҳои барф, кӯлу дарёҳои кӯҳӣ ва манбаъҳои дигари захираҳои оби минтақа, ки на фақат суботи экологӣ, балки рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи мамлакатҳои минтақа ба онҳо вобастагӣ доранд, таваҷҷӯҳи хосаро тақозо мекунанд. Бо назардошти ин ӯ умедворӣ намуд, ки ниҳодҳои байналмилалӣ ва мамлакатҳои мададгор пешниҳоди Тоҷикистонро дар бораи таъсис додани Бунёди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дастгирӣ мекунанд.

**Аҳамияти ташаббусҳои Президенти Тоҷикистон оид ба масоили об.** Таҳлили фаъолияти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҷодаи ҳалли масъалаҳои марбут ба об собит месозанд, ки Тоҷикистон ба туфайли ибтикорҳои Эмомалӣ Раҳмон дар пешбурди амалҳои фаъолона оид ба истифодаи самаранок ва идораи муштараки захираҳои обӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ воқеан мақоми пешсафиро ишғол менамояд. Муовини Дабири Кулли СММ Ща Зуканг зимни суханронии худ дар Конфронси

байналмилалии сатҳи баланд оид ба шарҳи фарогири иҷрои «Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои ҳаёт», 2005-2015» изҳор намуд, ки «Пешниҳоди гузаронидани конфронси байналмилалии бахшида ба татбиқи амалии 10-солаи «Амалиёти об барои ҳаёт» боз як мисоли нақши пешбари Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои марбут ба захираҳои об на танҳо байни кишварҳои Осиёи Марказӣ, балки дар арсаи байналмилалӣ мебошад».

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об – «Соли байналмилалии оби тоза, соли 2003», «Даҳсолаи амалиёти байналмилалии «Об барои ҳаёт», солҳои 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкориҳо дар соҳаи об, соли 2013», ки аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд, самти фаъолияти ҷомеаи ҷаҳониро аз баррасиву изҳори мақсад ва эълони ӯҳдадориҳо ба иҷрои чораҳои амалӣ баргардонданд. Ташаббусҳои мазкур дар маҷмӯъ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳадафи стратегии навро барои инсоният ва таъмини ҳаёти арзандаи одамон эҷод намуданд.

Бо ибтикори Сарвари давлат Соли ҳамкорӣ дар соҳаи об эълон намудани соли 2013, мафҳуми дипломатияи обро ба сатҳи амалӣ боло бароварда, онро бо таркибаи воқеӣ мукаммал намуд. Зимни ин ғояи дипломатияи об, ки аз ҷониби Президенти Тоҷикистон пешниҳод гашт, аз фаҳмиши анъанавӣ ё классикии он фарқ дошта, роҳандозии чунин технологияҳои нави гуфтушунидро талаб мекунад, ки тавонанд ба анҷоми муваффақонаи ихтилофу мунокишаҳо оид ба идора ва истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ мусоидат намоянд.

Аз ҷониби дигар дар иртибот ба хислати муассири масоили марбут ба об, хусусан дар доираи истифодаи захираҳои оби дарёҳои фаромиллӣ, метавон бо боварӣ гуфт, ки ибтикорҳои Сарвари Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли масъалаи оби тоза ва мушкилоти марбут ба он, ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири дипломатияи превентивӣ баромад мекунанд. Ин ҳолат ба таҳия ва бастани созишномаҳои оқилонаю одилона ва таҳкиму тақвияти ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба дар минтақаҳои мухталифи ҷаҳон мусоидат хоҳад намуд.

Дар ин қарина Сарвари Тоҷикистон тавонист тавассути мавқеи фаъолонаи худ таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба ин масъалаи мубрами рӯз ҷалб намуда, барои дастрасӣ ба пешравии назаррас ҷиҳати дарки ҳамаҷонибаи мушкилоти марбут ба об, инчунин зарурати муттаҳид намудани сайъу кӯшишҳо барои рафъи мусолиматомези онҳо мусоидат намояд. Чи тавре, ки ӯ ҳануз соли 1999 дар иҷлосияи Маҷмааи Умумии СММ таъкид карда буд, «ҳамкории амалии умумиҷаҳонӣ дар асри 21 ба ҳалли сиёсии ин проблема имконият фароҳам оварда, кафолат дода метавонад, ки ҷиҳати низомии он ҳеҷ гоҳ мавриди истифода қарор нагирад».

## САҲА – абзори амният ва рушду субот

Бо амри тақдир масоили вобаста ба таъмини сулҳу субот ва амният дар Тоҷикистон барои Эмомалӣ Раҳмон аз оғози фаъолияташ аҳамияти хоса ва тақдирсоз пайдо намуданд. Рафъи муноқишаи шаҳрвандӣ, ки ҷумҳуриро ба гирдоби ҷанг ва бӯҳрони сартосарӣ мувоҷеҳ сохта буд, аз Роҳбари тозаинтихоби ҷумҳурӣ тақозо дошт, ки тамоми қувваҳои созгори ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли қазия ва дигар масъалаҳои марбут ба он ҷалб намояд. Дар чунин шароит тавсеа ва тақвияти ҳамкориҳо бо созмонҳои байналмилаливу минтақавие, ки дар самтҳои зикршуда фаъолият мебурданд, пеш аз ҳама, Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА/то декабри соли 1994 Иҷлосияи амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо – ИАҲА) тақозои замон буд.

Дар ин росто, бо ибтикори Сарвари давлат аз оғози соли 1993 ҳамкориҳо бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо вусъат ёфта, таваҷҷӯҳи он ҷиддан ба мушкилоти Тоҷикистон ҷалб карда шуд. Дар навбати худ САҲА дар ҳамоишҳояш вазъи Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор дода, дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои хориҷии кишварҳои иштирокдор, ки 1 декабри соли 1993 дар Рим баргузор шуд, дар бораи кушодани намояндагии хеш дар Душанбе қарор қабул кард. Дере нагузашта, моҳи феврали соли 1994 дар ш. Душанбе Намояндагии САҲА ифтитоҳ гардид, ки фаъолияти худро пеш аз ҳама, барои ба эътидол овардани вазъ дар ҷумҳурӣ равона намуд.

Намояндагии САҲА дар раванди истиқрори сулҳу субот дар ҷумҳурӣ фаъолона ширкат варзида, ҷиҳати таъмини иҷрои талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ҳалли масоили марбут ба гурезаҳо нақши назаррас гузошт. Моҳи октябри соли 2002 ба Намояндагии САҲА мақоми Маркази САҲА дар Душанбе дода шуд. Мутаносибан ваколатҳои Марказ низ васеъ гашта, дар Ғарм, Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа ва Шаҳритус бахшҳои минтақавии он ифтитоҳ шуданд.

Дар баробари ин ҳамкориҳо бо САҲА дар доираи ҳамаи ченакҳои он – ҳарбӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ-экологӣ ва инсонӣ ба роҳ монда шуданд. Зимни ин Сарвари Тоҷикистон бар он назар буд, ки ҳамкорӣ дар доираи САҲА метавонад ҷиҳати дар ҷумҳурӣ ташаккул додани ҷомеаи дунявие, ки дар заминаи принсипҳои ҳозиразамони демократӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ асос ёфтаанд, мусоидат намояд.

Аз ин лиҳоз Роҳбари давлат моҳи декабри соли 1994 дар Саммити САҲА дар ш. Будапешт оид ба оғози раванди ислоҳоти сиёсӣ ва демократикунонии ҷомеа дар ҷумҳурӣ сухан ронда, изҳор намуд, ки Тоҷикистон дар ин самт «ба таҷрибаи мутараққии ҷаҳон ва

дастовардҳои башарият дар соҳаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон» такя хоҳад кард. Ҳамзамон ӯ таъкид намуд, ки дар Тоҷикистон «демократия ва муносибатҳои навбунёди иқтисоди бозаргонӣ на танҳо ба ғамхории ҳаррӯзаи мо, балки ба ғамхории беғаразонаи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо барин созмони муътабар эҳтиёҷ дорад». Зимни ин, ба андешаи Сарвари давлат, САҲА бояд бо назардошти анъанаҳо ва хусусиятҳои ҷумҳурӣ оид ба масъалаҳои марбут ба соҳаи демократикунонии он муносибати мутавозин дошта, дар баробари назорати ин равандҳо барои ташаккул ва таҳкими ниҳодҳои демократӣ низ дар кишвар кумак расонад.

Дар ин қарина миёни ҷумҳурӣ ва САҲА дар соҳаи мазкур ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва созгор ба роҳ монда шуда, онҳо то кунун идома доранд. САҲА тибқи меъёрҳои умумиаврупоӣ ва ӯҳдадориҳои қабулнамудаи Тоҷикистон ба Ҳукумати ҷумҳурӣ барои азнавсозии тартибу муқаррароти қонунгузории интихоботӣ ҳамаҷониба кумак мерасонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо хоҳиши Роҳбари давлат аз солҳои аввали ҳамкорӣ САҲА дар роҳандозии ислоҳоти конститутсионии Тоҷикистон, аз ҷумла, зимни таҳияи Конститутсияи нави Тоҷикистон ва ташаккули низоми интихоботи мақомоти намояндагии ҷумҳурӣ саҳми арзанда гузошт.

Минбаъд низ ҳамкориҳои самаранок дар ин самт идома ёфтанд. Аз ҷумла, зимни омодагирӣ ба интихоботи парлумонӣ моҳи феврали соли 2005 Намояндагии САҲА дар ҳамроҳӣ бо Бюро оид ба сохторҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон (БДИПЧ) ба Ҳукумати Тоҷикистон ҷиҳати гузаронидани Конфронс оид ба интихобот ва таҳияи ду лоиҳаи алтернативии қонун оид ба интихоботи парлумон кумак расонд. Ҳамзамон теъдоди зиёди нозирони созмон ба раванди назорати интихоботҳои президентӣ ва парлумонии ҷумҳурӣ ҷалб гардиданд, ки онҳо аз рӯи натиҷаҳо барои Ҳукумати кишвар тавсияҳои дахлдор манзур намуданд.

Қобили тазаккур аст, ки дар маҷмӯъ фаъолияти намояндагии САҲА дар мавриди расонидани кумакҳои машваратӣ ва мусоидати он дар татбиқи ислоҳотҳои сиёсӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷониби Президенти Тоҷикистон ба таври мусбат арзёбӣ карда мешавад.

Дар иртибот ба ҳамкориҳо дар доираи ченаки иқтисодию экологии САҲА Президенти Тоҷикистон дар тамоми ҳамоишҳои созмон таъкид мекард, ки мушкилиҳои иқтисодии кишварҳои нави иштирокдори созмон ба масоили амнияти муштарак таъсири назаррас мерасонанд. Ба вуҷуд омадани бӯҳрони иқтисодӣ, ки ин кишварҳоро дар давраи гузариш фаро гирифта буд, имрӯз низ дар шакли ҷараёни танзимнашавандаи муҳоҷират, коҳиши сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дигар зуҳуроти ногувор, силсилаи мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодиро

дар қисмати зиёди минтақаи САҲА эҷод месозанд. Аз ин лиҳоз, ӯ пайваста пешниҳод менамуд, ки нақши ченаки иқтисодии САҲА ва ба роҳ мондани ҳамкории он бо Иттиҳоди Аврупо, Комиссияи аврупоии иқтисодии СММ ва дигар созмонҳои байналмилаливу минтақавии молиявӣ дар соҳаи ҷалб намудани сармоя ба ин кишварҳо, мусоидат ба онҳо дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ, хусусигардонӣ, рушди соҳибкорӣ, ташаккули заминаи ҳуқуқии татбиқи ислоҳотҳои иқтисодӣ фаъол гардонда шавад.

Дар ин қарина, қайд кардан зарур аст, ки дар нимаи дуюми солҳои 2000-ум дар Тоҷикистон тағйироти куллии сиёсӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба вуқуъ пайваста, татбиқи самти нави стратегии сиёсати Президенти Тоҷикистон ҷиҳати таъмини рушди бемайлони иқтисодии ҷумҳурӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ оғоз ёфт. Бо назардошти ин қисми зиёди вазифаҳое, ки то ин вақт дар назди Маркази САҲА дар Душанбе гузошта шуда буданд, аҳамият ва афзалияти қаблии худро гум карда, ба талаботи рӯз ҷавобгӯ набуданд. Чунин ҳолат ба роҳ мондани шаклҳои нави ҳамкориро тақозо менамуд.

Дар иртибот ба ин дар оғози соли 2007 бо ташаббуси Сарвари давлат ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкории босамар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА пешниҳод гашт, ки ваколати Маркази он дар Душанбе тағйир дода шавад.

Бояд тазаккур дод, ки тағйири ваколати Марказ дар маҷмӯъ ба ҳадафҳои ниҳоии САҲА ва қарорҳои санадҳои заминавии Созмон, ки ба таъмини муборизаи самаранок бо таҳдиду ситезаҳои замони муосир нигаронида шуда буданд, мувофиқат менамуд. Ҳамзамон ин иқдом барои тақвият ва таъмини рушди комплексии Тоҷикистон равона гардида буд. Зимни ин бо назардошти мавқеи ҷуғрофии ҷумҳурӣ эҳтиёҷи шадиди он ба инкишофи коммуникатсияҳо, инфраструктураи нақлиётӣ ва энергетикӣ, ҳалли масъалаҳои таҳкими сарҳад, истифодаи самараноки захираҳои обӣ-энергетикӣ ва муҳити зист ба назар гирифта шуда буд.

Гуфтушунидҳо бо САҲА оид ба масъалаи мазкур таҳти роҳнамоии Президенти кишвар бомуваффақият сурат гирифта, соли 2008 Маркази САҲА ба Бюрои САҲА табдил дода шуд. Имрӯз Бюрои САҲА фаъолияти худро дар самти расонидани кумакҳои машваратӣ ҷиҳати такмили қонунгузории миллӣ, рушди равандҳои муштараки сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии ҷумҳурӣ, мубориза бар зидди экстремизми динӣ ва терроризми байналхалқӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва қочоқи аслиҳа, фурӯши одамон ва дигар масоил муваффақона идома дода истодааст.

Роҳбари давлат ба мақсади ҷалб намудани имконоти САҲА дар ҳаллу фасли мушкилоти минтақа кӯшишҳои пайваста ба харҷ додааст. Эмомалӣ Раҳмон ҳануз соли 1994 дар Саммити Будапешт

масъалаи вазъи сарҳади Тоҷикистону Афғонистонро ба маърази баррасии кишварҳои иштирокдори САҲА бароварда, изҳор карда буд, ки он на танҳо сарҳади Тоҷикистон ва марзи умумии ИДМ, балки дарвозаи ҷанубии минтақаи САҲА ба шумор меравад. Дар ин қарина ӯ таъкид намуда буд, ки қочоқи маводи мухаддир ва аслиҳа, ки манбаи асосии маблағгузории терроризми байналхалқӣ мебошанд ва аз ҷумла, тавассути ҳамин сарҳад сурат мегиранд, ба амнияти кишварҳои Аврупо низ таҳдид менамояд. Аз ин лиҳоз, ӯ аз Созмон даъват намуда буд, ки ҷиҳати пешгирии таҳдиду ситезаҳо дар ин самт имкониятҳои кишварҳои аъзоро сафарбар карда, ҷиҳати пешгирии онҳо тадбирҳои зарурӣ андешад.

Дар нимаи дуюми солҳои 2000-ум ҳамкориҳои босамари САҲА ва Тоҷикистон оид ба таҳким ва идораи сарҳадот вусъат ёфта, соли 2006 пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати андешидани тадбирҳои мушаххас дар ин самт ба Созмон манзур гаштанд. Тасмими мазкур аз ҷониби САҲА ҳамаҷониба дастгирӣ ёфта, соли 2007 ба ҷумҳурӣ лоиҳаҳои дахлдор пешниҳод карда шуданд. Аз ҷумла, дар доираи ин лоиҳаҳо соли 2008 Коллеҷи марзбонии САҲА дар Душанбе ҷиҳати омода намудани мутахассисон дар соҳаи назорати сарҳадӣ ифтитоҳ гардид.

Илова бар ин 21-22 октябри соли 2008 дар ш. Душанбе Конфронси байналмилалӣ оид ба идораи сарҳадҳо ва назорати маводи мухаддир дар Осиёи Марказӣ баргузор карда шуд, ки он ба тавсеа ва таҳкими муқовимат бо қочоқи ғайриқонунии маводи мухаддир аз Афғонистон ва дарёфти имкониятҳои иловагӣ барои таъмини суботу амният дар минтақа нигаронида шуда буд. Қобили қайд аст, ки Конфронс бо дастгирии Комиссияи Аврупо ва ҳамраисони Иттиҳоди Аврупо – Фаронса, Олмон ва Финландия сурат гирифта, дар баробари Тоҷикистон ва САҲА, Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷинояткорӣ низ ба ҳайси созмондиҳандаи он баромад намуд.

Дар доираи ҳамкориҳо бо САҲА масъалаи вазъи Афғонистон низ пайваста дар мадди назари Сарвари Тоҷикистон қарор дошт. Соли 1996 дар Саммити Лиссабон ӯ ба хислати бардавом ва вусъати мунoқишаҳои низомию сиёсии Афғонистон ишора карда, изҳор намуд, ки муқовимати мусаллаҳона метавонад ба кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш ёбад ва дар маҷмӯъ барои амнияти тамоми минтақа оқибатҳои ногувор ба бор орад. Бо назардошти ин аз кишварҳои иштирокдори созмон даъват карда шуд, ки талошҳои худро ҷиҳати дастрасӣ ба ризоияти миллӣ ва сулҳу субот дар ин кишвари мусибатзада ҳамаҷониба фаъол гардонанд.

Яке аз вазифаҳои муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳо бо САҲА татбиқи ташаббуси Сарвари давлат дар мавриди ба Афғонистон додани мақоми ҳамшарик дар ин созмон ба шумор мерафт. Зимни ин ба андешаи ӯ иштироки бевосита ва мақоми расмии

Афғонистон имкон хоҳанд дод, ки дар нишастҳои корӣ ва ҳамоишҳои гуногуни САҲА мавқеи расмии Ҳукумати Афғонистон иброз карда шавад, ки ин ба манфиати кор хоҳад буд.

Бо назардошти ин нукта Шӯрои доимии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо соли 2003 дар асоси пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ба Афғонистон додани мақоми ҳамшарик оид ба ҳамкорӣ бо САҲА қарор қабул намуд.

Президенти Тоҷикистон бо назардошти нақши муассири ҷумҳурӣ дар фаъолияти САҲА мунтазам ба масъалаҳои барномавӣ ва сохтории созмон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамуд. Эмомалӣ Раҳмон ба доираи фаъолият, вазифаву ҳадафҳои САҲА аз нуқтаи назари таҳлилӣ баҳо дода, дар ин қарина бар он андеша аст, ки Созмон ба ислоҳоти муайян ниёз дорад. Ин ҷо чанд нуктаеро зикр кардан бамаврид аст, ки аз ҷониби Сарвари ҷумҳурӣ дар ҳамоишҳои сатҳи олии САҲА мавриди ибрози назар қарор гирифта буданд.

Ҷанбаи сиёсии фаъолияти САҲА бояд ба ҳалли масъалаҳои мубрам ва тақдирсози минтақаи масъулияти он, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ бамаротиб васеъ гашт, мутобиқ карда шавад. Дар ин қарина САҲА дар оянда бояд ба як созмони беҳамтои минтақавие табдил ёбад, ки ҷиҳати ҳалли маҷмӯи васеи масъалаҳои амниятӣ ва ҳамкорӣ ба имкониятҳои зиёд барои фаъолияти самаранок соҳиб бошад. Бо назардошти ин рушди минбаъдаи САҲА бояд ба таҳким ва тақвияти роҳҳои пешгирии муноқишаҳо равона карда шавад. Вазифаи мазкурро метавон бо василаҳои дипломатияи пешгирикунанда, зимни омӯзиши сабабҳои аслии бӯҳронҳо бо дарназардошти тамоми омилҳое, ки ба пайдоиш ва рушди он таъсир мерасонанд, ҳал намуд.

Авлавияти дигар дар ин самт таҳияи василаҳои таъмини назорат дар соҳаи ҳарбӣ ва консепсияҳои нав ҷиҳати таҳкими тадбирҳои боварӣ мебошад. Дар ин самт пайдо намудани воситаҳои босамари татбиқи санадҳои қабулнамудаи САҲА дар соҳаи амният ва қабул намудани қарорҳо ҷиҳати ҷустуҷӯи роҳҳои таҳкими сулҳу субот зарур мебошад.

Ҷиҳати ҳалли одилонаи масъалаҳои мавҷуда байни мавқеъҳои глобалӣ, минтақавӣ ва миллӣ тавозуни мувофиқ гузоштан зарур аст, зеро аз чигунагии сохтори нави амнияти аврупоӣ рушди минбаъдаи вазъият дар фазои САҲА вобастагӣ дорад.

Бидуни созмон додани омилҳои лозимӣ барои таъмини суботи рушди иқтисодӣ, пайдо намудани роҳҳои самараноки ҳалли масоили мураккаби иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварҳои ниёзманд ба таҳкими воқеии амният ва субот дар фазои САҲА умед бастан ғайриимкон аст. Чи тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ собит месозад, иқтисоди пешрафтаи бозорӣ гарави рушди босуботи аксари кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Бо назардошти мавҷудияти таҳдидҳои воқеии терроризми байналхалқӣ, экстремизми динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба доираи вазифаҳои САҲА ворид намудани масъалаи мубориза бо онҳо, инчунин ҳалли масоили гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ дар минтақаҳои муноқишабори САҲА мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳкими назарраси САҲА ва асосҳои ҳуқуқии он, пеш аз ҳама, дар соҳаи пешгирӣ ва танзими муноқишаҳо, роҳандозии амалиёти сулҳофарона, ҳамоҳангсозии фаъолияти ниҳодҳо ва василаҳои САҲА бо Шӯрои амният ва дигар мақомоти СММ доираи масъалаҳои аввалиндараҷае мебошанд, ки зимни таҳияи тамсилаи амнияти Аврупои асри XXI бояд ба назар гирифта шаванд.

Тоҷикистон манфиатдор аст, ки САҲА ба созмони воқеан қавӣ ва босамаре табдил ёбад, ки тавонад ба рушди ҳамкории иқтисодию экологии кишварҳои иштирокдораш саҳми муносиб гузошта, татбиқи принсипи амнияти баробарро барои ҳамаи онҳо таъмин намояд. Ба САҲА додани мақоми субъекти ҳуқуқ ва дорои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад ба раванди табодули он аз василаи машваратӣ ба созмони комил ва муосири байналмилалӣ суръат бахшад.

Бояд тазаккур дод, ки рушди муносибатҳои Тоҷикистон бо САҲА дар давраи аввали ҳамкорӣ ба мушкилиҳои мушаххас мувоҷеҳ буд. Чунин ҳолат аз намояндагони Тоҷикистон тақозо менамуд, ки зимни ҷаласаву ҳамоишҳои Созмон дар сатҳҳои мухталиф, аз ҷумла Сарони давлатҳо ва роҳбарони мақоми сиёсати хориҷӣ ҷиҳати фаҳмонидани вазъияти мавҷудаи ҷумҳурӣ сайъу кӯшиши беандоза ба харҷ диҳанд.

Дар ин қарина бо дастури Президенти кишвар ба мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои ҳамёрона бо САҲА раванди серзаҳмати тамосҳои корӣ бо Котиботи он, ҳайатҳои кишварҳои иштирокдор, дафтари Раиси амалкунанда ва ба роҳ мондани муколама бо тамоми ниҳодҳои Созмон ба роҳ монда шуд. Роҳбарияти Тоҷикистон ва намояндагони парлумони ҷумҳурӣ зимни ҳамоишҳои сатҳи олии САҲА дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба терроризм, экстремизм, гардиши маводи мухаддир фаъолона ширкат варзида, доир ба талошҳои Ҳукумати кишвар дар истиқрори ризоияти миллӣ ва бунёди асосҳои ҷомеаи демократӣ ҳисобот пешниҳод менамуданд.

Чунин фаъолияти пайгирона дар маҷмӯъ ҷиҳати роҳандозӣ ва рушди ҳамкориҳои бисёрҷанбаву созандаи ҷумҳурӣ бо кишварҳои иштирокдори САҲА ва муассисаву ниҳодҳои мухталифи он фазои ҳусни тафоҳум ба вуҷуд оварда, ба куллан тағйир ёфтани муносибатҳо бо Созмон мусоидат намуданд. Имрӯз бо боварии комил метавон гуфт, ки бо шарофати татбиқи сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат САҲА ба яке шарикони стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфтааст.

Бешубҳа, самте, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати тавсеа ва тақвияти ҳамкориҳои судманд бо САҲА муайян намудааст, барои имрӯз ва ояндаи кишвар, алалхусус амнияти он дар сатҳи минтақавӣ тақозои замон буда, аҳамияти бузург дорад. Зеро ҳамкорӣ бо ин созмон на танҳо ба самти авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар, балки ба ҳадафи зарурии ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллии он табдил ёфтааст.

Дар навбати худ роҳбарияти Тоҷикистон низ ба саҳми бузурги САҲА дар ҷодаи кумакҳои созандааш дар давраи ниҳоят душвори эҳёи давлатдории кишвар, инчунин мусоидат ба рушди ниҳодҳои демократӣ ва ташаккулёбии заминаҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷумҳурӣ баҳои баланд медиҳад. Бо назардошти чунин нақши муассири фаъолияти САҲА дар ҷумҳурӣ ҳамкориҳои Тоҷикистон бо созмон дар доираи ченакҳои он идома меёбанд.

Тоҷикистон манфиатдор аст, ки имкониятҳои Созмон ба ҳайси василаи вокуниш ба таҳдиду ситезаҳои мавҷуда дар минтақаи масъулияти он, аз ҷумла Осиёи Марказӣ, самаранок истифода гарданд. Ин дар навбати аввал мубориза бар зидди экстремизми динӣ, терроризми байналмилалӣ ва гардиши маводи мухаддир мебошад. Идомаи кумакҳо ҷиҳати таҳкими сарҳадҳо, поксозӣ аз минаҳо ва ҳалли масъалаҳои марбут ба яроқи сабуки оташфишон, мусоидат барои пешгирии фурӯши одамон ва муҳоҷирати меҳнатӣ, инчунин расонидани кумакҳои унвонӣ ҷиҳати рафъи мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ номгӯи масъалаҳои мубрамеанд, ки бояд дар ҳошияи мубориза бар зидди таҳдидҳои зикршуда дар давраи наздиктарин амалӣ гардонда шаванд.

Қобили тазаккур аст, ки манфиатҳои Тоҷикистон бо нақшаҳои миёна- ва дарозмӯҳлати САҲА оид ба масъалаҳои мазкур дар минтақа ҳамоҳанг ҳастанд. Дар ин қарина талошҳои пайвастаи Президенти Тоҷикистон, ки ба таҳкими амният ва рушди ҳамкориҳои минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ саҳми босазо гузоштаанд, шоёни эътирофанд.

Ҳамзамон Сарвари Тоҷикистон таъкид месозад, ки имрӯз зарурати тавсеаи куллии доираи ҳамкориҳои муштарак ба миён омадааст ва вақти он расидааст, ки чунин ҳамкориҳо дар соҳаҳои инфраструктураи нақлиётӣ, коммуникатсия, гидроэнергетика ва истифодаи босамари захираҳои обию энергетикии минтақа бамаротиб вусъат дода шаванд. Тағйироти солҳои охир нишон медиҳанд, ки дар сиёсати минтақавии САҲА масъалаҳои мазкур торафт аҳамияти бештар касб карда истодаанд. Ин нукта далели он аст, ки бо шарофати сиёсати муназзам ва созандаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ин созмони бонуфузи байналмилалии минтақавӣ ба мавқеи Тоҷикистон назари мусбат дошта, ба самти сиёсати дохиливу хориҷии он бо нигоҳи эҳтиром менигарад.

# ДАР МАСИРИ ХУДШИНОСӢ ВА ЭҲЁИ МАҚОМИ ТАЪРИХӢ

*Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,*
*Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.*

*Ҷалолиддини Балхӣ*

**Робитаҳо бо ҳамватанони хориҷӣ**

Дар давраи истиқлолият робита бо доираҳои васеи шаҳрвандони хориҷӣ ривоҷ ёфт, ки риштаҳои мухталиф онҳоро бо Тоҷикистону халқи он мепайвандад: а) шахсоне, ки бо ҳукми тақдир дар солҳои гуногун ба хориҷа рафта, шаҳрванди кишварҳои дигар шудаанд, вале аз Тоҷикистон дил кандан намехоҳанд; б) тоҷикони зодаи кишварҳои гуногун, аз қабили Афғонистон, Ӯзбекистон, Эрон, Хитой, Покистон, Қазоқистон, Қирғизистон, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон робитаи доимӣ дошта бошанд; в) доираи васеи пажӯҳишгарону эҷодкорон, тоҷирону сайёҳон ва дигар дилбохтагони Тоҷикистон, ки бо ин сарзамин алоқамандиҳо доранд.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон шурӯъ аз соли 1993 нисбати ин мавзӯъ таваҷҷӯҳи ҷиддӣ зоҳир намуд. Яке аз масъалаҳое, ки бар асари муташанниҷ шудани вазъияти Тоҷикистон аз феврали соли 1990 ба миён омад, ҷумҳуриро тарк кардани теъдоди зиёди намояндагони миллатҳои гуногун буд. Моҳи июли соли 1993 Эмомалӣ Раҳмон дар мурочиатномаи худ ба ҳамаи тоҷикистониёне, ки қаламрави ҷумҳуриро ночор тарк кардаанд, хоҳиш намуд, ки онҳо ба ватан бозгарданд. Дар мурочиатнома омадааст: «Дар чунин лаҳзаҳои мураккаб ба ҳамаи тоҷикистониён – русҳо, ӯзбекҳо, белорусҳо, украинҳо, яҳудиён, тоторҳо ва ҳамаи онҳое, ки бар хилофи иродаи худ бар асари воқеаҳои фоҷианок қаламрави ҷумҳуриро тарк намудаанд, мурочиат карда, даъват менамоям, ки ба Тоҷикистони азиз баргарданд.

Донишу маҳорат, таҷриба ва дилбастагии шумо ба халқи меҳмондӯсту қадрдони тоҷик зарур аст. Шуморо дӯстону

ҳамкоронатон интизоранд, шуморо Тоҷикистони азиз интизор аст. Зеро онҳое, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ кардаанд, барои он дӯстони наздиктарин буданд ва хоҳанд буд».

Дар муроҷиатномаи дигари худ ба ҳамватанони хориҷи хоки Тоҷикистон аз 16 январи соли 1994 Сарвари давлат изҳор дошт, ки роҳбарияти Тоҷикистон омода аст ба бозгашташон мусоидат кунад. «Мо боварӣ дорем, ки шумо, ҳамватанони хориҷи хоки Тоҷикистон, дар офаридани ояндаи сиёсӣ ва иқтисодии ҷумҳурӣ фаъолона иштирок хоҳед кард», – омадааст дар муроҷиатнома, – «мо изҳори омодагӣ менамоем, ки ниёзҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии шуморо бародарвор баррасӣ кунем ва ҳалле биёбем, ки боиси қаноати умум бошад». Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки «мо ҳар азизеро, ки ёди Ватан мекунад, «хуш омадӣ!» мегӯем ва барои ӯ ҳама шароитеро, ки бародарону хоҳарони ӯ аз он дар ҷумҳурӣ бархӯрдоранд, муҳайё месозем».

Вале бо сабаби ҳодисаҳои маълуми ҷумҳурӣ аксари ин табақаҳо, ки аллакай амволи худро дар ҷумҳурӣ фурӯхта, ба якборагӣ ба дигар кишварҳо кӯч баста буданд, дигар барнагаштанд. Азбаски теъдоди бузурги онҳо Россияро қишвари иқомати худ қарор дода буданд, роҳбарияти ду кишвар ба қароре омаданд, ки ба хотири нигоҳ доштани алоқаҳо реҷаи душаҳрвандиро ҷорӣ намоянд. Ба ин хотир моҳи сентябри соли 1995 Аҳдномаи миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи танзими масъалаҳои душаҳрвандӣ ба имзо расид, ки соли 1997 баъди ба тасвиб расидан ҳукми амалро пайдо кард. Ин Аҳднома пешбинӣ мекунад, ки «ҳар яке аз Тарафҳо ҳуқуқи шаҳрванди худро барои ба даст овардани шаҳрвандии тарафи дигар бе гум кардани шаҳрвандии он эътироф мекунанд».

Бояд зикр намуд, ки масъалаи ҳамкорӣ кардан бо ҳамватанони бурунмарзӣ дар Конститутсияи нави ҷумҳурӣ, ки 6 ноябри соли 1994 тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардид, чунин инъикос ёфт: «Давлат бо ҳамватанони берунмарзӣ ҳамкорӣ мекунад». Сипас дар санадҳои дигари қонунгузорӣ ин масъала низ ба инобат гирифта шуд.

Масъалаи дигар даъват кардани Анҷумани умумиҷаҳонии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ буд, ки бори аввал моҳи сентябри соли 1992 дар давраи барои ҷумҳурӣ бисёр мураккаб дар Душанбе баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш асноди барномавии созмон, аз ҷумла Оинномаи он қабул гардида, ҳадафҳо ва вазифаҳои асосӣ, инчунин сохтори ташкилотии Анҷуман мушаххас шуданд. Ситоди Шӯрои Анҷуман дар шаҳри Душанбе ҷойгир шуд.

Он вақт устод Муҳаммад Осимӣ, ки соли 1989 Ҷамъияти «Пайванд»-ро таъсис дода буд, дар роҳандозии фаъолияти Анҷуман корҳои

арзандаро пеш мебурд. Роҳбари давлат фаъолияти ин ҷамъият ва Анҷуманро маъқул ёфта, аз пайи беҳбудӣ бахшидани он шуд. Баъдтар Роҳбари давлат аз устод Муҳаммад Осимӣ ба некӣ ёдовар шуда, иброз дошт, ки ӯ «ба ҳайси бунёдгузори ин Анҷуман ва пайвандгари робитаҳои бародарона бо ҳамватанони бурунмарзӣ дар рушди илму фарҳанги Ватани мо хизматҳои шоиста кардааст».

Дар нимаи аввали соли 1993 бо супориши Роҳбари давлат корҳои омодагӣ шурӯъ шуданд ва дар аввали сентябри ҳамон сол дар пойтахти Тоҷикистон Анҷумани II умумиҷаҳонии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ ҷамъ омад.

Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар ҳамоиши муштарак – ифтитоҳи таҷлили Истиқлоли ҷумҳурӣ ва Анҷумани мазкур, ки ба 8 сентябри соли 1993 рост омад, иброз дошт, ки «созмон ёфтани Анҷумани тоҷикони ҷаҳон бо таъмини истиқлолияти кишвари тоҷикон сахт алоқаманд мебошад» ва таъсисёбии Анҷуманро «яке аз муҳимтарин самараҳои истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон» номид.

Анҷумани тоҷикони ҷаҳонро ҳамчун як созмони байналмилалӣ баҳо дода, Роҳбари давлат ҳадафҳои асосии онро «барқарор намудани муносибатҳои таърихӣ ва вусъат додани робитаҳои фарҳангии тамоми мардумони тоҷикзабон» арзёбӣ намуд. Ӯ қайд кард, ки дар зарфи як соли мавҷудияти худ Анҷуман ба нерӯи эҳсосшаванда табдил ёфт. Эмомалӣ Раҳмон таъкид дошт, ки «агар ҷумҳурии мо дар боби мустаҳкам намудани дӯстиву ҳамкорӣ бо халқҳои бародар, ривоҷ додани алоқаҳои маданӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ ва ташкили маъракаҳои фарҳангии байналмилалӣ ба муваффақияти назаррас ноил шуда бошад, дар он бештар саҳми Анҷуман мавҷуд аст».

Ҳамин тариқ, ҳадафҳои аслии Анҷуман, ки доираи васеи шахсони шинохтаву бонуфузро аз кишварҳои гуногуни олам ҷамъ оварда буд, мушаххас шуданд. Бо истифода аз чунин ҳамоиши бошукӯҳ ва имкониятҳои иштирокдорони он Роҳбари давлат баъзе умедвориҳоро зикр кард, ки ҳамчунин дар он шабу рӯз вазифаҳои анҷуман маънидод кардан мумкин аст:

а) Мусоидат намудан дар бозгашти гурезаҳо ба ватан ва кумак расондан дар таъмини муросои миллӣ;

б) Ба вуҷуд овардани ҳусни таваҷҷӯҳ ба Тоҷикистон , мардуми он, сиёсати дохилӣ ва хориҷии вай;

в) Муҳайё кардани заминаи мусоиди сиёсию маънавӣ барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди Тоҷикистон бо кишварҳои ҷаҳон.

Дар ин ҳамоиш Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон раиси Анҷумани умумиҷаҳонии тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ интихоб гардид.

Дар Анҷумани сеюм, ки моҳи сентябри соли 1996 дар Душанбе доир гардид, дар миёни бештар аз 700 нафар меҳмонони он сиёсатмадорони барҷаста, шахсиятҳои ҷамъиятӣ, олимону тоҷирон, инчунин садҳо ашхоси оддӣ низ буданд, ки ба Ватани аҷдодии худ ба хотири ошноӣ бо ҳаёти он, ҷустуҷӯ ва барқарории равобити инсонӣ бо хешовандони сокини Тоҷикистон омада буданд.

Дар Анҷуман Роҳбари давлат дар назди иштирокдорони он баромад карда, ба фаъолияти ин созмони ҷамъиятӣ баҳои баланд дод.

Эмомалӣ Раҳмон зикр кард, ки фаъолияти ҷории Анҷуман аз тарафи ҷамъияти «Пайванд» бо ҳамоҳангии марказҳои фарҳангии тоҷикон ва ҳамзабонон – шӯъбаҳои Анҷуман дар саросари ҷаҳон анҷом мегирад. Ӯ зикр намуд, ки дар давраи байни анҷуманҳои дуюм ва сеюми тоҷикон (аз соли 1993 то 1996) дар радифи вазифаҳои оинномавӣ таваҷҷӯҳи умда ба таҳкими робита бо шӯъбаҳои ин Анҷуман дар он кишварҳое, ки тоҷикон ва ҳамватанони хориҷии мо зиндагӣ мекунанд, ҷалб гардид, фаъолияти 1 маркази фарҳангӣ дар кишварҳои дури хориҷӣ ва 6 марказ дар кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба роҳ монда шуд.

Роҳбари давлат иброз дошт, ки дар ин давра ҷуз аз мукотиба робитаҳои мустақим бо фаъолони Анҷуман – ашхоси муътабар ва роҳбарони ҷамъиятҳои тоҷикон дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон ба роҳ андохта шуд. Шӯрои Анҷуман ба маҳали сукунати ҳамватанон дар кишварҳое чун Афғонистон, Эрон, ИМА, Британияи Кабир, Фаронса, Олмон, Туркия, Миср, Хитой ва Аморати Муттаҳидаи Араб 13 ҳайати фаъолони худро фиристод. Ҳамзамон тақрибан 25 ҳайати мухталифи ҳамватанон ва намояндагони илму фарҳанги халқҳои форсизабон аз 17 кишвари ҷаҳон ба Тоҷикистон ташриф овард.

Бо тағйир ёфтани вазъият, хусусан ташаннуҷ касб кардани он дар Тоҷикистон, кӯчиши теъдоди ҳамватанон ба кишварҳои ИДМ, бахусус Россия, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Қазоқистон хеле афзуд, иддае ба Исроил ва ИМА рафт. Ин ҳолат Анҷуманро водор сохт, ки бо марказҳои фарҳангии тоҷикон дар ин кишварҳо робитаҳои устувор ба роҳ монда, корро дар давлатҳои ИДМ бештар тақвият бахшад ва дар таъмини бозгашти ҳамватанон ба маҳали зисти худ фаъолона саҳм бигирад.

Дар он вақт самти дигари кори Шӯрои Анҷуман иштироки фаъолона дар маъракаҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи Комиссари Олии СММ оид ба кори муҳоҷирон доир ба бозгашти тоҷиконе буд, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои соли 1992 ба Афғонистон паноҳ бурда буданд. Ба гурӯҳи корӣ оид ба муҳоҷирон дар Афғонистон, ки моҳи январи соли 1993 бо ташаббуси Шӯрои Олии ҷумҳурӣ ташкил шуд, 2 корманди Анҷумани «Пайванд» шомил гардида,

дар тули солҳои 1993-1996 дар бозгашти зиёда аз 30 ҳазор ҳамватани мо ширкат варзиданд. Гузашта аз ин, бо дастури Шӯрои созмон дар бозгашти гурезагон аз Афғонистон ҳамчунин шӯъбаҳои Анҷумани байналмилалӣ дар шаҳрҳои Мазори Шариф ва Пули Хумрӣ, маркази фарҳангии тоҷикон дар вилояти Балх фаъолона саҳм гирифтанд.

Бо ёрии ситоди Анҷуман теъдоди зиёди ҳамватани хориҷӣ робитаҳои хешовандиро бо пайвандону наздикони худ, ки дар Тоҷикистон сукунат доранд, барқарор намуданд.

Масъалаи дигаре, ки мантиқан бо оғози фаъолияти Анҷуман ба миён омад – баррасии вазъи ҳамватанони бурунмарзӣ, нақш, аҳамият ва таъсири он ба ҷараёнҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар кишварҳои зисти намояндагони он, масъалаи ҷалби онҳо ба тадбирҳои иқтисодӣ, илмиву фаннӣ ва умуман барномаҳои тараққиёти Тоҷикистон буд. Дар ин қарина яке аз мавзӯъҳои ҳалталаб муайян намудани шумораи тоҷикону ҳамзабонони ҷаҳон ва ҷуғрофиёи густариши онҳо буд.

Бо дарназардошти моҳияти масъалаи мазкур Анҷуман тавонист, ки ба ин кор доираи васеи олимони иқтисодшинос, филологҳо, муаррихон ва эроншиносонро аз кишварҳои мухталифи олам ҷалб намояд. Сари ин мавзӯъҳо ғайр аз донишмандони Тоҷикистон ҳамчунин Маркази фарҳангии тоҷикон дар ИМА ва Британияи Кабир фаъолона кор карданд. Ҷамъияти «Пайванд» ва дигар созмонҳои ҷамъиятии Тоҷикистон дар солҳои 1994-1995 бахшида ба мавзӯи зикршуда ду симпозиуми илмии байналмилалӣ баргузор намуданд, бо ёрии Анҷуман чандин нафар донишмандони шинохтаи ҷумҳурӣ ба марказҳои хориҷии омӯзиши муҳоҷирони тоҷик вобаста шудаанд.

Дар баробари ин Шӯрои Анҷуман дар чанд самти дигар корро ба роҳ монд, ки барои таҳкими робитаҳои ҷумҳурӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ ва беҳдошти имиҷи ҷумҳурӣ дар хориҷа аҳамияти хоса доштанд:

- мусоидат ба дархостҳои фарҳангӣ-омӯзишӣ ва миллии тоҷикону ҳамватаноне, ки берун аз марзи Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд;
- ҷараён додани мукотиба ва тамосҳои доимӣ ба мақомоти мухталифи кишварҳое, ки дорои ҷомеаи яклухти тоҷикон мебошанд;
- таъмин кардани шогирдони мактабҳои тоҷикии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълим ва адабиёти зарурӣ;
- баррасӣ кардани маҷмӯи масъалаҳои вобаста ба вазъи ҳамватанон дар кишварҳои хориҷӣ бо ҳайатҳои расмии ин давлатҳо;
- ҷараён додани фаъолияти иттилоотию тарғиботӣ дар расонаҳои гурӯҳии Тоҷикистон ва маҳалли зисти тоҷикон ва ҳамзабонон дар мамолики дигари ҷаҳон;

- бо такя ба зарфиятҳои ҳамватанони бурунмарзӣ ҷалб кардани онҳо ба ҳамкории фарҳангӣ, тиҷоратӣ ва иқтисодӣ.

Ҳамин тариқ, фаъолияти Анҷуман ба таври доимӣ ба роҳ монда шуд ва ҷамъомадҳои минбаъдаи он низ чун анъана дар арафаи ҷашни Истиқлоляти давлатии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе баргузор мегардиданд. Дар ҷамъомадҳои баъдии Анҷуман дар солҳои 1999, 2001, 2002 ва 2006 масъалаҳои ҷории фаъолияти он баррасӣ шуда, вазифаҳои навбатӣ мушаххас гардиданд. Бояд зикр кард, ки аъзои Раёсати Анҷуман, ки шаҳрвандони кишварҳои мухталифи олам мебошанд, бо Ҷамъияти «Пайванд» робитаи доимӣ дошта, вазифаҳои худро пеш мебаранд.

Ба дунболи ин тадриҷан дар кишварҳои гуногуни олам пайи ҳам ҷамъиятҳои гуногуни тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ ба фаъолият пардохтанд, ки мустақилона масъалаҳои зиёди фарҳангӣ, омӯзишӣ, варзишӣ ва ғайраро иҷро намуда, ҳамчунин дар ривоҷ додани ҳамкориҳои тиҷоратӣ бо Тоҷикистон ва сармоягузорӣ дар иқтисоди ҷумҳурӣ ҳиссаи онҳо сол то сол меафзояд.

Роҳбари давлат тасмим гирифт, ки доир намудани мулоқотҳоро бо ҳамватанони бурунмарзӣ аз доираи ҷумҳурӣ берун барорад. Ба ин хотир ҳангоми сафарҳои корӣ ё расмӣ ба кишварҳои хориҷӣ мулоқот бо ҳамватанони бурунмарзӣ ба ҳукми анъана даромад. Тайи чанд соли охир мулоқотҳои Эмомалӣ Раҳмон бо ҳамватанон дар шаҳрҳои Москва, Екатеринбург (Россия), Алматӣ (Қазоқистон), Пекин (Хитой), Анқара (Туркия), Қоҳира (Миср), Санъо (Яман), Брюссел (Белгия), Ню-Йорк (ИМА) баргузор шуданд.

Шоистаи зикр аст, ки ҳамватанони бурунмарзӣ ва доираҳои бо Тоҷикистон алоқаманд ҳамчунин зарфияти бузурге барои муаррифӣ кардани ҷумҳурӣ дар хориҷа доранд. Соли 2003 дар миёни чанд нафар довталабон барои гирифтани мукофоти давлатии Россия дар соҳаи адабиёт ду нафар зодагони Тоҷикистон – Владимир Войнович ва Андрей Волос буданд ва ҳарду ҳам нисбат ба дигарон арзандатар маҳсуб шуданд. Дар натиҷа Андрей Волос барои романи «Хуррамабад» («Хуррамобод»), ки ба сукунати русҳо дар Тоҷикистони тайи солҳои гуногун бахшида шудааст, соҳиби ҷоиза шуд. Раққосаи мумтоз, Ҳунарпешаи халқии Иттиҳоди Шӯравӣ Малика Қаландарова дар ИМА мактаби рақс кушод, ки дар он ҳунари худро ба ҷавонону наврасон медиҳад. Дар Исроилу ИМА беҳтарин муаррификунандагони санъату ҳунари тоҷикӣ ҳамватанони яҳудӣ мебошанд. Кайҳоннаварди тоҷиктабор, Қаҳрамони Россия С.Шарипов парчами Тоҷикистонро ба кайҳон бурд. Нависандаи машҳур Темур Зулфиқоров, коргардонҳои кино Бахтиёр Худойназаров ва Ҷамшед Юнусов, рассом Абдуқодир

Раҳимов, ҳунарманд Амрӣ Аминов дар кишварҳои хориҷӣ дар ҷодаи худ мақоми хосаро соҳиб гардидаанд ва ба таблиғгарони воқеии анъанаҳои санъату ҳунари тоҷикӣ табдил ёфтанд.

Доираи васеи дӯстони хориҷӣ ҳамчунин дар шинохти тоҷикон ва сарзамини Тоҷикистон хизмати босазоеро ба ҷо меоранд. Олимони шарқшинос, аз қабили Иржи Бечка, Манфред Лорентс ва дигарон дар омӯзиши таъриху фарҳанги тоҷикон корҳои зиёдеро ба анҷом расондаанд.

Сайёҳ Иоанн Горненский бошад дар яке аз китобҳои худ «Достонҳои Помиру Ҳиндукӯш» чунин навиштааст: «Ҷойҳое мавҷуданд, ки чун дар бачагии беғамона ақлу рӯҳи шумо ҳангоми ноумедию номуродӣ, маъюсию ғамнокӣ ба он ҷое кӯшиши рафтан мекунад, ки агар ҳамин гуна ҷойро дар рӯи замин пайдо карда бошед ва он ҷо ҳамеша хушбахт хоҳед буд. Зулмоти воқеият бартараф мешавад ва шумо ҳаловати биҳишти гумгаштаро аз нав комёб мешавед. Барои ман чунин фазо кӯҳҳои Помир шуданд. Басанда аст, ки ин қуллаҳоро тасаввур намоям, дарҳол осоиши рӯҳӣ пайдо мекунам ва беҳтарин лаҳзаҳои умри худ – вақти саёҳати Помирро ба худ бармегардонам...» Оё метавон кишвареро аз ин беҳтар муаррифӣ кард?

Ҳамин тариқ, Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон тавассути ба роҳ мондани робитаҳои доимӣ бо ҳамватанони бурунмарзӣ ва ташвиқи онҳо барои ҳамкорӣ бо Тоҷикистон барои рушди кишвар, паҳн кардани фарҳанги миллӣ, беҳдошти имиҷи давлат дар хориҷа имкониятҳои иловагӣ фароҳам овард. Чунин иқдом аз ҷониби ҳамватанон беҷавоб намонд ва онҳо низ Сарвари Тоҷикистонро чун пешвои тамоми тоҷикони ҷаҳон эътироф мекунанд ва кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки дар рушди сарзамини маҳбуби худ, хонаи умеди тоҷикони ҷаҳон – Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

## Дипломатияи фарҳангӣ ва рӯнамоии Тоҷикистон

Барои давлати тозаистиқлол – Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ гардидан дар арсаи байналмилалӣ масъалаи муҳим буд. Вале, мутаассифона, ҳамзамон бо комёб шудан ба истиқлолияти давлатӣ кишвари мо ба мушкилоти зиёде рӯбарӯ омад, ки ҳамаи он, бахусус ҷанги шаҳрвандӣ, вазъи гурезаҳо ва дигар проблемаҳои аввали солҳои 90-уми асри XX тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос гардида, дар бораи Тоҷикистон тасаввуроти ногувореро ба вуҷуд оварданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи сазовор муаррифӣ намудани халқу давлати худ таваҷҷӯҳи ниҳоят ҷиддӣ зоҳир мекунад. Ин бесабаб нест, зеро қабл аз он ки давлат

бо ҷаҳони беруна муносибату ҳамкориҳои самарабахшро ба роҳ монад, бояд ба таври шоиставу боиста муаррифӣ шавад. Масъалаи беҳдошти имиҷи ҷумҳурӣ дар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷумҳурӣ, аз қабили Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст. Дар ин росто чорабиниҳои баргузоршуда ва тадбирҳои андешидашуда гувоҳи онанд, ки ба шарофати кӯшишҳои пайвастаи Роҳбари давлат як низоми муайяни муаррифӣ кардани ҷумҳурӣ дар арсаи олам шакл гирифта, тадриҷан рушду такомул меёбад.

Таҳти васояти Роҳбари давлат масъалаи шинос кардани ҷаҳониён бо давлати Тоҷикистон, халқи тоҷик, гузаштаву имрӯзи он, дастовардҳои ҷумҳурӣ дар давраи истиқлолият, сарзамини кишвар бо табиати афсонавӣ ва захираҳои фаровонаш бо истифода аз роҳу василаҳои мухталиф сурат гирифт, ки зикр намудани баъзеи онҳо зарур аст.

- баргузор намудани чорабиниҳои муҳими байналмилалӣ дар дохил ва хориҷи кишвар бо иштироки доираи васеи иштирокчиён;

- баргузор намудани чорабиниҳои гуногун дар чаҳорчӯби ҳамкориҳои дуҷониба бо кишварҳои хориҷӣ;

- ҷалб намудани имкониятҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ барои ҳамкориҳои имиҷсоз;

- сафарбар намудани имкониятҳои Анҷумани тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ ва ҷалб намудани ҷамъиятҳои миллию фарҳангии тоҷикистониёни хориҷи кишвар;

- истифодаи самаранок аз воситаҳои ахбори омма, интернет ва дигар воситаҳои паҳн кардани иттилоот, чопи китобу маҷаллаҳо, дискҳо ва ғ.

Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баргузор намудани чорабиниҳои муҳимро бахшида ба санаҳои таърихӣ ва ҷашнҳои шахсиятҳои шинохта дар дохил ва хориҷи кишвар бо иштироки доираи васеи иштирокчиён ба яке аз имкониятҳои самарабахши муаррифӣ кардани халқи тоҷик ва Тоҷикистон табдил дод. Роҳбари давлат шурӯъ аз соли 1993 ҷиддан сари ин масъала андеша карда, дар солҳои баъдӣ баргузор намудани онҳоро ба ҳукми анъана даровард ва аксари онҳо дар рӯзҳои ҷашни Истиқлоли Тоҷикистон анҷом гирифта, ба он зебоӣ, шукӯҳ ва азамати бештаре эҳдо намуданд. Ин ҷо аз рӯи тартиби хронологӣ хотирнишон кардани муҳимтарини онҳо бамаврид аст:

- Симпозиуми байналмилалӣ бахшида ба ҳазораи «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (5 сентябри соли 1994);

- Маҷлиси ботантана бахшида ба ҷашни 680-солагии олим ва мутафаккири бузурги шарқ Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (4 сентябри соли 1995);

- Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 675-солагии Хоҷа Камоли Хуҷандӣ (сентябри соли 1996);

- Семинари байналмилалии илмии «Саҳми аҳди Сомониён дар пешрафти мероси фарҳангии Осиёи Марказӣ» (15 июни соли 1998);

- Маҷлиси ботантана бахшида ба 90-солагии Бобоҷон Ғафуров (21 декабри соли 1998);

- Конфронси байналмилалии илмӣ бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён (Санкт-Петербург, 28 апрели соли 1999);

- Чорабиниҳо бахшида ба 1100-солагии давлати Сомониён (сентябри соли 1999);

- Ҷашнгирии 960-солагии Умари Хайём (26 октябри соли 2000);

- Конфронси илмӣ бахшида ба 2700-солагии китоби «Авесто» (1-2 ноябри соли 2001);

- Конфронсҳои байналмилалӣ бахшида ба 5-умин ва 10-умин солгарди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (17 июни соли 2002, 25 июни соли 2007);

- Ҷашнгирии 2500-солагии шаҳри Истаравшан (10 сентябри соли 2002);

- Ҷашнгирии 1000-солагии шоир ва мутафаккири намоёни тоҷик Носири Хусрав (сентябри соли 2003);

- Конфронси байналмилалии илмии «Ибни Сино ва тамаддуни ҷаҳонӣ» бахшида ба 1025-солагии Абӯалӣ ибни Сино (6 сентябри соли 2005);

- Маҷлиси тантанавӣ бахшида ба Соли бузургдошти тамаддуни ориёӣ (8 сентябри соли 2006);

- Чорабиниҳои ҷашнӣ бахшида ба 2700-солагии шаҳри Кӯлоб (сентябри соли 2006);

- Конфронси байналмилалии илмӣ «Мавлоно ва гуфтугӯи тамаддунҳо» ва Ҷамъомади тантанавӣ бахшида ба 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (сентябри соли 2007);

- Симпозиуми байналмилалии илмии «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳонӣ» бахшида ба 1150-солагии асосгузори адабиёти классикии форсу тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (сентябри соли 2008);

- Симпозиуми байналмилалии «Имоми Аъзам ва гуфтугӯи тамаддунҳо» (5 октябри соли 2009);

- Ҷашни байналмилалии Наврӯз (25-26 марти соли 2012).

Бояд зикр намуд, ки ҳадаф аз баргузор намудани чунин чорабиниҳо аз як ҷониб рӯ овардани мардум ба таъриху фарҳанги худ, тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватанпарастӣ ва хештаншиносӣ бошад, аз тарафи

дигар шиносонидани ҷаҳониён бо таъриху фарҳанг ва тамаддуни тоҷикон аст. Ба ин маънӣ Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар маҷлиси тантанавии Анҷумани ҳафтуми тоҷикон ва форсизабонони ҷаҳон, ки 8 сентябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе баргузор шуда буд, аз ҷашнвораҳо бахшида ба санаҳои муҳими таърихӣ ва шахсиятҳои машҳури тоҷик ёдовар шуда, зикр намуд, ки тавассути баргузор намудани онҳо «мо тавонистем ҷаҳониёнро бо тамаддуни қадимии хеш ошно намуда, онҳоро бовар кунонидем, ки ояндаи мо дар таҳкурсии суннатҳои волои умумибашарӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои фарҳанги миллӣ сохта хоҳад шуд». Эмомалӣ Раҳмон бо қаноатмандӣ зикр намуд, ки «чанде аз ин ҷашнҳо ва солгарди ашхоси бузург бо иштироки намояндагони аҳли илму адаби кишварҳои ҳамзабон ва ҳамфарҳанг, қабл аз ҳама, Эрону Афғонистон баргузор гардидаанд» ва «ин робитаҳои илмию фарҳангӣ дар тайи солҳои охир ба густариш ёфтани фазои эътимод, ҳусни ният, равобити неки ҳамкориҳо ва иқдомҳои созанда мусоидат намуданд».

Дар ҳақиқат, ин чорабиниҳо имконияти хуби таблиғи таъриху фарҳанги ғании халқи тоҷик гардиданд. Вале Роҳбари давлат ташаббусро дар ин доира маҳдуд карданӣ нест. Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2006-ум ин нуктаро ба иштирокчиёни Анҷумани тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ гушрас намуда, зикр карда буд, ки «ҳамкориҳои мо бештар дар доираи робитаҳои фарҳангӣ сурат гирифта, асосан бо гузаронидани ҷашнҳо ва бузургдошти фарзандони фарзонаи халқу миллати хеш иктифо мекунем», «ҳол он ки мо бояд дар якҷоягӣ ҷанбаъҳои мухталифи таърихи миллат, забону мероси хаттӣ, илму адабиёт, анъана ва суннатҳо ва арзишҳои маънавию фарҳангиро, ки як баҳри беканорро мемонанд, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор диҳем». Ба андешаи Роҳбари давлат «маҳз ба ин васила мо имконият пайдо мекунем, ки мероси таърихӣ, дастовардҳои илмию фарҳангӣ, анъанаю суннатҳои миллӣ, нобиғаҳои барӯманди хешро таблиғ намуда, ҷаҳониёнро бо арзишҳои нодири тамаддуни ориёиву исломиамон ошно созем».

Роҳбари давлат дар рушду ривоҷ додани ҳамкориҳои дуҷониба ба густариши робитаҳои гуманитарӣ таваҷҷӯҳи хоса зоҳир мекунад. Чунин ҳамкориҳо дар риштаҳои гуногуни гуманитарӣ-фарҳангӣ, илмӣ-техникӣ, маориф, сайёҳӣ ва ғайра ҷараён мегиранд. Яке аз чорабиниҳое, ки ба ҳукми анъана даромада, ба ҷашни дӯстии Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамҷавор табдил меёбад, баргузор намудани рӯзҳои фарҳангии ҷумҳурӣ дар хориҷа аст. Дар аксар ҳолатҳо иштироки роҳбарони давлатҳо дар маросими ифтитоҳи чунин чорабиниҳо сатҳу аҳамияти онҳоро баланд мебардорад. Рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар Ӯзбекистон,

Қирғизистон, Россия, Озарбойҷон, Беларус, Туркманистон, Туркия, Ҳиндустон ва дигар кишварҳо бо иштироки беҳтарин ҳунармандону санъаткорони ҷумҳурӣ баргузор гардида, дар доираи онҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, намоишҳои консертӣ доир шуданд.

Роҳбари давлат дар Паёми солонаи худ ба парлумони кишвар моҳи апрели соли 2011 ба ин мавзӯъ рӯ оварда, зикр намуд: «Фарҳанг ва ҳунари воло дар ҳама давру замон ҳамчун василаи муҳими муаррифии халқу кишвар ба ҷаҳониён шинохта шудааст. Боиси қаноатмандист, ки имрӯз ҳамватанони мо дар беҳтарин саҳнаҳои ҷаҳон ҳунарнамоӣ менамоянд. Тавассути дастгирии ҳукумати кишвар дар даврони истиқлолият санъаткорони мо ба зиёда аз 50 кишвари ҷаҳон сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Танҳо дар соли 2010 ҳунармандони тоҷик дар ҷашнвораву озмунҳо ва фестивалҳои 20 мамлакати ҷаҳон ширкат варзида, фарҳангу ҳунари волои миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд».

Ғайр аз ин, дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар кишварҳои иқомат корҳои зиёдеро ҷиҳати муаррифӣ кардани ҷумҳурӣ ба роҳ мондаанд.

Президенти Тоҷикистон кӯшиш ба харҷ дод, ки имкониятҳои созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ низ барои тақвияти ҳамкориҳои фарҳангӣ ва муаррифии Тоҷикистон байни ҷомеаи ҷаҳонӣ самаранок истифода бурда шаванд. Ба ин хотир баъзе ибтикорот аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид дастгирӣ ёфтанд. Масалан, бо пешниҳоди Тоҷикистон ва чанд давлати минтақа СММ дар бораи Ҷашни байналмилалии Наврӯз қатъномa қабул кард, ки ин санад гувоҳи дар чунин сатҳи баланди байналмилалӣ эътироф гардидани ҷашни ниёгони мо мебошад. Ё худ, дар мақари СММ дар Ню-Йорк бо иштироки Дабири Кулли СММ Пан Ги Мун бахшида ба 1150-солагии сардафтари адабиёти классикии тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ҷашнвораи байналмилалӣ доир шуда буд.

Роҷеъ ба ҳамкориҳои гуманитарӣ корҳои зиёде бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид дар соҳаҳои илм, маориф ва фарҳанг (ЮНЕСКО) ҷараён мегиранд. ЮНЕСКО мувофиқи салоҳияту вазифаҳо ва имкониятҳои худ лоиҳаҳои пешниҳодкардаи Тоҷикистонро дар соҳаҳои илм, маориф, фарҳанг ва комуникатсия дастгирӣ менамояд. Ҷойгоҳи асосиро дар рушди ҳамкории дуҷонибаи байни Тоҷикистону ЮНЕСКО Барномаи иштироки ЮНЕСКО ишғол мекунад, ки дар доираи он солҳои 1994-2011 дар ҷумҳурӣ беш аз 80 лоиҳа амалӣ гардид.

Ин ҷо чанд самтеро дар доираи ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО махсусан зикр кардан лозим аст, ки ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи Роҳбари давлат қарор доранд.

Яке аз масъалаҳои муҳим тарғиби санъату ҳунари тоҷикон аст, ки ба ин хотир бо иштироки Президенти Тоҷикистон дар Париж Рӯзи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ЮНЕСКО баргузор шуд. Ин чорабинии муҳим моҳи октябри соли 2005 бо иштироки намояндагони санъату ҳунари тоҷик дар Дабирхонаи кулли ЮНЕСКО дар ҳошияи 33-юмин Конфронси Генералии ЮНЕСКО доир гардид. Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон баргузор шудани Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО шаҳодати эҳтироми ин созмони бонуфузи умумибашарӣ ба фарҳанги миллати соҳибхиради тоҷик мебошад. Роҳбари давлат пас аз муддате бо ишора ба ин чорабинӣ зикр намуд, ки «тавассути таҷлили Рӯзи Тоҷикистон дар ЮНЕСКО ва Рӯзи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ собит сохтем, ки миллати тоҷик бо ҳунари воло ва санъати беназири худ метавонад дар рушди тамаддуни башарӣ саҳми муносиб гузорад». Роҳбари давлат баъдтар дар мақолаи худ, ки дар маҷаллаи «Ирано-Славика» (№2(10), 2006) ба табъ расид, сари ин мавзӯъ баргашта, роҷеъ ба суханронии худ дар 33-юмин Конфронси Генералии ЮНЕСКО чунин навишта буд: «Дар вазъи сиёсие, ки дар марҳилаи кунунӣ эҷод шудааст, бояд роҳҳо ва шеваҳои нави гуфтугӯи миёни тамаддунҳоро пайдо кунем. Ман зимни суханронии хеш дар 33-юмин Маҷмааи Умумии ЮНЕСКО ба таърихи 10 октябри соли 2005 дар Париж таъкид кардам, ки асри XXI аз мо ахлоқи ҳамидаро тақозо дорад. Агар тамоми аҳолии сайёра ба кодекси ахлоқии ягона пойбанд бошанд, он гоҳ арзишҳои умумибашарӣ пойдор мемонданд ва иддаоҳои бартарии як идеология бар идеологияи дигар, як ҷаҳонбинӣ бар ҷаҳонбинии дигар ба боди фаромӯшӣ супурда мешуд. Маҳз аз ин дидгоҳ мо Соли тамаддуни ориёиро бузург медорем. Ҳадафи ин иқдоми фарҳангӣ намоиши пайдоиши нажодии вижаи халқи мо ва ё бартариҷӯиҳои хосаи ӯ бар нажодҳо, халқҳо ва халқиятҳои дигар нест. Ҳадафи мо таҷлил аз арзишҳои ахлоқӣ, илмӣ ва таърихии халқест, ки тамаддун ва фарҳанги бузургро офаридааст. Мо мехоҳем ба одамони саросари ҷаҳон ахлоқи волои авастоиро муаррифӣ кунем, ки дар олитарин арзиш: «Пиндори нек, Гуфтори нек, Рафтори нек» таҷаллӣ ёфтааст. Мо дар ҷустуҷӯи роҳҳои худ дар амри созиш, ҳамкорӣ ва ҳамфаҳмии миёни тамаддунҳо ба дастовардҳои маънавии фарҳангҳои воқиан башардӯстона, ки фарҳанги ориёӣ аз ин қабил аст, таваҷҷӯҳ зоҳир накарда наметавонем».

Масъалаи дигар – ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонии ЮНЕСКО дохил кардани ёдгориҳои таърихӣ ва табиии Тоҷикистон мебошад. Рӯйдоди муҳиме, ки дар ин самт ба вуқӯъ пайваст, ворид гардидани

якумин ёдгории таърихии Тоҷикистон «Саразм» (истиқоматгоҳи ҳазорсолаҳои IV-II пеш аз милод дар наздики шаҳри Панҷакент, ки он ҷо маъбадҳои оташ, биноҳои ҷамъиятӣ, иқоматӣ ва маданӣ дар ҳолати хуб нигоҳ дошта шудаанд) ба Феҳрасти номбурда мебошад. Барои дохил намудан ба Феҳраст боз 17 ёдгории арзишманд пешниҳод гардидааст: Кофирқалъаи қадим (Ҳелавард), мадрасаи «Хоҷа Машҳад», Панҷакенти қадима, шаҳраки Ҳулбук, маъбади буддоии «Аҷинатеппа», шаҳраки «Тахти Сангин», қалъаи Ҳисор, шаҳраки Бунҷикат, қалъаҳо ва иншоотҳои мадании Вахон (Помир) ва Боғи миллии Тоҷикистон.

Ғайр аз ин, аз тарафи ЮНЕСКО мусиқии класикии «Шашмақом» 11 ноябри соли 2003 ба ҳайси шоҳкории шифоҳӣ ва мероси гаронбаҳои инсоният шинохта шуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 12 май ҳамчун Рӯзи Шашмақом ҷашн гирифта мешавад.

Дастоварди дигари робитаҳо ворид гардидани ҷашнҳои бузургони илму фарҳанги тоҷик ба Рӯйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО мебошад. Аз ҷумла, ҷашнҳои 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 100-солагии шоир ва арбоби намоёни ҷамъиятӣ Мирзо Турсунзода ба ин феҳрист ворид гардида буданд.

Бо пойдор гардидани сулҳу субот дар ҷумҳурӣ пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе бо унвони ЮНЕСКО «Шаҳри сулҳ» барои солҳои 2002-2003 сарфароз гардидааст.

Ҳамкорӣ бо ин ташкилот ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки мероси бойи маданӣ, таърихӣ ва маънавии халқи тоҷикро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ ва барои наслҳои оянда ҳифз намояд.

Эмомалӣ Раҳмон бо ишора ба ин дастгирии ЮНЕСКО гуфта буд: «Боиси сарфарозист, ки чандин иқдомҳои бузурги фарҳангии мо барои рушди шоҳкории мусиқии классикии «Шашмақом», мусиқии миллии «Фалак», таҷлили ҷашни бузургони илму адаб ва фарҳанг, бузургдошти шаҳрҳои бостонӣ ва ёдгориҳои таърихӣ дар ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО амалӣ шудаанд ва мешаванд».

Дар ин росто бо яке аз ниҳодҳои муҳими Созмони ҳамкории исломӣ – Созмони исломии илм, фарҳанг ва маориф (ИСЕСКО) робитаҳои самарабахш ҷараён доранд. Аз ҷониби ИСЕСКО дар соли 2010 Душанбе пойтахти фарҳанги исломӣ дар қитъаи Осиё эълон гардид.

Чунин ҳамкориҳои самаранок дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай, Муасиссаи фарҳангии Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ҷараён дода мешаванд.

Роҳбари давлат дар мавриди шиносоии тоҷикону Тоҷикистон ба ҷаҳониён ба Анҷумани тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ,

ҷамъиятҳои миллию фарҳангии тоҷикистониёни хориҷи кишвар, диаспораи тоҷикистонӣ ва дигар хайрхоҳону алоқамандони Тоҷикистон такя мекунад. Дар ин самт хусусан Анҷумани тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ, ки Раисии онро Эмомалӣ Раҳмон ба ӯҳда дорад, корҳои зиёдеро ба анҷом расонид. Роҳбари давлат зимни суханронии худ дар маҷлиси тантанавии Анҷуман, ки 8 сентябри соли 2006 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, бори дигар зикр намуд, ки «ин созмони бонуфуз аз рӯзҳои нахустини таъсисёбии хеш як пуле миёни мардуми Тоҷикистон бо ҳамватанону ҳамзабононамон гардид». Ба андешаи Эмомалӣ Раҳмон «ҳатто баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ низ қувваҳои бадхоҳе мавҷуд буданд, ки кӯшиш менамуданд вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии кишвари моро ба ҷаҳониён мураккаб нишон диҳанд ва муносибати дигар давлатҳоро бо Тоҷикистон халалдор созанд», вале аъзои Анҷуман ва дигар дӯстони ҳақиқии миллату давлати тоҷикон дар чунин шароити душвор ба Ватани мо сафар менамуданд, ҳақиқати воқеии вазъияти сиёсӣ ва иҷтимоии Тоҷикистонро ба чашми худ дида, ба ҷаҳониён мерасониданд. Эмомалӣ Раҳмон илова намуд, ки «ҳамин тариқ дар хориҷ аз Ватани мо мардум ҳар чи бештар огоҳӣ пайдо мекунанд, ки тоҷикон дорои давлати мустақиланд ва бо такя ба арзишҳои олии инсонӣ, фарҳанги бостонии ниёгони худ, хирад ва суннатҳои неки давлатдории эшон талош доранд, ки давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эҷод кунанд ва ҷомиаи шаҳрвандиро устувор созанд».

Роҳбари давлат аз иштирокчиёни Анҷуман даъват ба амал овард, ки дар рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Тоҷикистон низ иштироки фаъолона дошта бошанд, ташаббуси густардаву фаъолтар нишон диҳанд, дар амалӣ намудани барномаҳои мухталифи иқтисодии барои тарафҳо муфид ширкат варзанд, корхонаҳои хориҷӣ ва соҳибкорони алоҳидаро баҳри сармоягузорӣ дар Тоҷикистон ҷалб намоянд.

Дар хориҷи ҷумҳурӣ, дар аксари кулли кишварҳое, ки тоҷикистониён иқомат доранд, ҷамъиятҳои фарҳангию миллӣ таъсис додаанд, ки аз як тараф барои сарҷамъ кардани ҳамватанон ва алоқамандони онҳо хизмат кунанд, аз ҷониби дигар тарғибгари хуби фарҳанги халқи худ мебошанд. Ин ҷамъиятҳо бо шаклҳои гуногун фаъолият намоянд ҳам, мақсаду мароми онҳо ба ҳамдигар монандӣ доранд ва дар ҷодаи муаррифӣ намудани паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти ҷумҳурӣ ва фарҳангу ҳунари тоҷикон нақши фаъол доранд.

Самти дигари ба хориҷиён муаррифӣ намудани Тоҷикистонро Роҳбари давлат дар истифодаи самаранок аз воситаҳои ахбори омма,

шабакаи Интернет, чопи китобу маҷаллаҳо ва дигар воситаҳои паҳн кардани иттилоот муайян намуд. Шоистаи зикр аст, ки дар ин ҷода Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолияти шахсии худ намунаи ибрат аст. Чопи мақолаҳо, мусоҳибаҳо бо хабарнигорон, мулоқотҳои сершумор бо аҳли илму фарҳанги хориҷӣ ва дигар иқдомҳои Роҳбари давлат имкон доданд, ки доираҳои васеъ дар бораи мардум ва давлати Тоҷикистон маълумоти муътамад дошта бошанд. Шоистаи зикр аст, ки Эмомалӣ Раҳмон дар мавзӯъҳои гуногуни таърихи халқи тоҷик, тамаддуни ориёию исломӣ, осору афкори бузургмардони халқи худ китобу мақолаҳои зиёд эҷод кардааст. Дар ин росто, миёни иқдомҳои анҷомдодаи Эмомалӣ Раҳмон аз асари оламшумули ӯ «Тоҷикон дар оинаи таърих» ёдовар шудан зарур аст, ки ба забонҳои русӣ, англисӣ, ҳиндӣ, чинӣ, арабӣ, дарӣ, форсӣ ва олмонӣ ба табъ расида, дар кишварҳои мухталифи олам алоқамандони зиёд пайдо кард.

Ҳамин тариқ, Роҳбари давлат ҷиҳати ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани халқу давлати худ кӯшишҳои зиёд ба харҷ дода, ба он муваффақ шуд, ки имрӯз дар миқёси олам сафи дӯстону ҳамёрони кишвар батадриҷ меафзояд ва ин дар навбати худ барои мустаҳкам кардани мавқеи Тоҷикистон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, баланд шудани обрӯ ва эътибори он миёни соири давлатҳо, дарёфти ҷойгоҳи сазовори он мусоидат менамояд.

# ОХИРСУХАН

*Эй баландахтар, Худоят умри ҷовидон диҳад,*
*В-он чи пирӯзию беҳрӯзӣ дар он аст, он диҳад...*

*Саъдии Шерозӣ*

Шайх Саъдӣ дар «Гулистон»-аш ҳикмате дорад: «Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорат, илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат». Эмомалӣ Раҳмон дар замоне ба маснади олии Роҳбари давлат интихоб шуд, ки аз бесиёсатӣ мулк мушкилтарин давраи таърихи худро ба сар мебурд. Дар ҳолате, ки кишвар гирифтори ҷангу хунрезӣ, шаҳру деҳкадаҳо дар марказу ҷануби кишвар дар коми оташ, ҳазорон касон куштаву беному нишон, ҳазорони дигар гурезаву сарсону саргардон аз пайи наҷоти худ буданд, ба бахти ин мардуми гирифтори яъсу ноумедӣ Эмомалӣ Раҳмон собитқадамона ба арсаи сиёсат баромад ва инони давлатдориро ба даст гирифт.

Аз рӯзҳои нахустини роҳбарӣ Эмомалӣ Раҳмон сарфи назар аз ҷавонии худ дар кори давлатдорӣ истеъдоду ҳунари фавқулодае нишон дод ва ба сиёсати мулк чун соҳибтаҷрибае даст зад, ки гӯӣ барои ҳамаи ҷодаҳои пешгирифтааш барномаи қаблан тарҳрезишудае дошт. Ҳам дар сиёсати дохилӣ ва ҳам хориҷӣ корҳо аз рӯи мантиқу пайдарпайии муназзам роҳандозӣ шуда, мушкилоти печидаву мураккаби ҷумҳурӣ тадриҷан, қадам ба қадам ҳалли худро пайдо карданд.

Агар ба таърихи бист соли гузашта назар андозем, мебинем, ки Тоҷикистон дар ибтидо барои таҳия ва пешбурди сиёсати дохиливу хориҷӣ комилан таҷриба надошт ва яке аз сарчашмаҳои мухолифати шаҳрвандии солҳои аввали истиқлолият низ ҳамин буд. Дар баробари ин, тавре зикр гардид, ҷумҳурӣ дар гирдоби мухолифату ҷанги бародаркуш ва бӯҳрони сартосарӣ ниёз ба наҷотбахши тавоно ва мудаббиру корозмудае дошт, ки онро аз ин варта берун кашонад. Дар чунин шароит ба Эмомалӣ Раҳмон зарур буд, ки ҳам таҷрибаи сарварӣ

андӯзад, ҳам вазъияти хушунатборро омӯзад ва ҳам дар шароити ниҳоят вазнину печида қарорҳои дуруст қабул намояд.

Бояд эътироф кард, ки сиёсати хориҷии Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустин дурандешона ва пайгирона ҷараён гирифта, ӯ сарфи назар аз аҳволи мураккаби ҷумҳурӣ бо истифода аз имкониятҳои хориҷӣ роҳи ҳалли мушкилтарин масъалаҳоро пайдо намуд. Ин сарвар ва сиёсатмадори ҷавон, ки шахсияташ бо ростиву сафои ботин, бо донишу хиради азалии мардуми тоҷик ороста буд, барои фурӯ нишондани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор кардани иқтисоди харобгардида, бозгардондани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ, музокира кардан бо мухолифини сиёсӣ тамоми имкониятҳои заруриро пайдо ва сафарбар намуд. Созмони Милали Муттаҳид сарпарастии музокиротро ба ӯҳдаи худ гирифт, давлатҳои кафил барои баргузор намудани мулоқоту гуфтушунидҳо шароит фароҳам оварданд.

Дасту дили нияти пок ва истеъдоди сиёсатмадории Эмомалӣ Раҳмон боис шуданд, ки чандин созмони байналмилалию ғайриҳукуматӣ ба ҷобаҷосозии гурезаҳо, барқарор кардани манзилҳои харобгардида, расонидани кумакҳои башардӯстона даст заnанд. Кишварҳои дӯст аз Ғарбу Шарқ ба Роҳбари Тоҷикистон ҳамраъйии худро изҳор намуда, ҷумҳурии моро аз нигоҳи сиёсӣ ва молӣ дастгирӣ мекарданд. Гурӯҳҳои коршиносону мутахассисон аз СММ, САҲА, ниҳодҳои молиявӣ, кишварҳои пешқадами Ғарб дар таҳияи санадҳо барои гузарониданиислоҳоти конститутсионӣ, таҳияи Конститутсияи нави ҷумҳурӣ, баргузор намудани интихобот, созмон додани институтҳои демократӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дасти кумаки холисона дароз карданд.

Ҷасорату ҷавонмардӣ, фаросату заковати фитрӣ ва фазилати давлатдории Эмомалӣ Раҳмон боис гаштанд, ки мухолифат тадриҷан фурӯ нишаст, сохторҳои давлатӣ ба кор даромаданд, ҳаёти мардум ба маҷрои худ баргашт, заминаҳои ислоҳоту таҷаддуд ва такомули низоми давлатдории миллӣ пайрезӣ гардиданд. Моҳи ноябри соли 1994 Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ нахустин давлате буд, ки тариқи раъйдиҳии умумихалқӣ Конститутсияи нави худро қабул кард. Ба дунболи ин Роҳбари давлат ваҳдати миллиро ба меҳвари идеологияи миллӣ табдил дод ва фарҳанги сулҳофарии ӯ чун намунаи ибратомӯзи истифода аз дипломатияи боздоранда ва дарёфти роҳҳои мусолиматомези рафъи муноқишаҳои дохилӣ эътироф ва пазируфта шуд.

Роҳбари давлат дар сиёсати хориҷӣ роҳу равиш ва шеваи наверо пеш гирифт, ки тавассути он Тоҷикистон бо такя ба андӯхтаҳои таърихии хеш ва бо дарки амиқи манфиатҳои миллӣ тавонист бо олами беруна муносибату ҳамкориҳои муваффақонаро роҳандозӣ намуда, дар

сиёсати байналмилалӣ ва арсаи ҷаҳонӣ ҷойгоҳи сазовори худро пайдо кунад. Бартарӣ додан ба СММ дар ҳалли мушкилоти байналмилалӣ, авлавият бахшидан ба санадҳои ҳуқуқи байналхалқӣ, баррасӣ кардани мушкилоти вобаста ба фарқияти сатҳи зисти кишварҳои доро ва камбағал, ки ба яке аз сарчашмаҳои таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир табдил ёфтааст, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, хусусан ахлоқи ҳамида аз таъсири зуҳуроти вобаста ба ҷаҳонишавӣ, дастҷамъона мубориза бурдан алайҳи хатару таҳдидҳои нав, зуҳуроти аҳриманӣ, ба мисли терроризм, экстремизм, сепаратизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, роҳандозии ҳамкориҳои самаранок дар ҳаллу фасли мушкилоти обию энергетикӣ, экологӣ, ҳифзи пиряххо, таъмини амнияти минтақа далели мавқеъгириҳои созандаи Роҳбари давлати Тоҷикистон дар ҳаллу фасли масоили мубрами ҷаҳони муосир аст, ки обрӯву эътибори Эмомалӣ Раҳмонро дар доираҳои сиёсии ҷаҳон ва анҷумани давлатҳои мутамаддини сайёра боло бурдаанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар муносибат бо давлатҳои гуногуни олам сиёсати «дарҳои боз»-ро ихтиёр намуд. Ин сиёсат моҳиятан ва амалан фарҳанги ҷадиди ҳамзистӣ бо ҷаҳони имрӯз аст, ки бо шарофати он Тоҷикистон тавонист дӯстону ҳамёрони зиёде дар ақсои олам пайдо карда, ҳамзамон манфиатҳои миллии худро ҳифз намояд. Ин сиёсати мутавозину санҷидашуда имконият медиҳад, ки ҷумҳурӣ дар ҷодаи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии худ собитқадамона пеш рафта, дастнигари давлатҳои алоҳида набошад. Ин сиёсат шароит фароҳам меорад, ки ҷумҳурӣ барномаву нақшаҳои худро яке паси дигаре амалӣ намуда, дар оянда наздик дастовардҳои зиёдеро дар ҷодаи рушду инкишофи иқтисодӣ соҳиб гардад.

Роҳбари давлат кишварҳои оламро аз рӯи манфиатҳои Тоҷикистон ва имкониятҳои ҳамкорӣ ба чанд ҳавза ҷудо намуда, бо ҳамаи онҳо муносибатҳои манфиатбахшро ҷараён медиҳад. Дар ин сиёсат кишварҳои Осиёи Марказӣ, ИДМ, ҷаҳони Ғарб, олами ислом, давлатҳои алоҳида ба мисли Россия, Хитой, ИМА, Афғонистон, Эрон ва ғайра ҷойгоҳи худро дошта, муносибату ҳамкориҳо бо мазмуну мундариҷаи ҷавобгӯи манфиатҳои тарафайн роҳандозӣ мешаванд.

Роҳбари давлат ғамхорию садоқатро нисбати тоҷикон ва ҳамватанони бурунмарзӣ арзонӣ дошта, ҳам тавассути ҳамкориҳо бо кишварҳои иқомати ҳамватанон ва ҳам туфайли Анҷумани тоҷикон ва форсизабонони дунё, ки раисии онро ба ӯҳда дорад, кӯшиш ба харҷ додаст, ки ваҳдати тоҷиконро дар паҳнои ҷаҳон таҳким бахшад, то тоҷикону ҳамватанон дар ҳар куҷое, ки набошанд, Тоҷикистонро чун хонаи умеди худ ҳисоб кунанд ва аз рӯҳияи хештаншиносӣ, мадори фарҳангу ҳувияти миллии худ дур набошанд. Иқдомоти

меҳанпарастона ва ибтикороти миллатдӯстонаи Эмомалӣ Раҳмон дар ҷодаи таъмини иттиҳоди тоҷикон ва форсигӯёни ҷаҳон боис шуданд, ки шахсияти ӯ ба ҳайси пешвои тоҷикони ҷаҳон эътирофи комил пайдо намояд.

Кӯшишҳои пайвастаи Эмомалӣ Раҳмон ба хотири муаррифӣ намудани Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ тавассути фарҳанги оламгири халқи тоҷик шоистаи таҳсин аст. Дар ҷумҳурӣ ва берун аз он чорабиниҳои зиёди фарҳангӣ ва ҷашнҳои бузургдошти фарзандони барӯманди миллат баргузор мешаванд, ки ба шинохти тоҷикон, таъриху фарҳанг ва дороиҳои маънавии ин миллати куҳанбунёд мусоидат мекунанд. Ба ин маънӣ Эмомалӣ Раҳмон нахустин сарваре дар таърихи навини тоҷикон маҳсуб мешавад, ки дар худшиносиву худогоҳии миллат марҳилаи комилан тозаеро эҷод намуд ва мақоми тоҷикону Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ рифъати воқеӣ бахшид.

Роҳбари давлат ба мақсади муваффақона роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷӣ асосҳои назариявию ҳуқуқии он ва сохторҳои марбутаро ташаккул дода, шароит фароҳам овард, ки чорабиниҳои ташрифотӣ бо иштироки меҳмонони хориҷӣ дар сатҳи муносиб баргузор шаванд. Дар Душанбе бинои Вазорати корҳои хориҷӣ қомат рост кард, дар хориҷи кишвар аксари сафоратҳо соҳиби иморатҳои худ гардиданд. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ шароит фароҳам меоварад, ки дипломатҳои тоҷик ҷиҳати боз ҳам вусъат бахшидани корҳо ба хотири татбиқи сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ, ки бунёдгузор ва тарроҳи он барҳақ Эмомалӣ Раҳмон аст, фаъолияти худро густардатару сермаҳсултар ҷараён бахшанд.

Ҳамин тариқ, бо шарофати роҳбарӣ ва паҳнои тафаккури давлатдории Эмомалӣ Раҳмон дар иртибот ба рӯйдодҳои ҷумҳурӣ ва таҳаввулоти геополитикии замони муосир сиёсати хориҷии мутавозин ва доманадоре шакл гирифта такомул ёфт, ки барои ҳифзи манфиатҳои олии миллату давлат муваффақона хизмат мекунад.

Имрӯз тоҷикон ба шарофати ҳидоят ва роҳнамоии сарвари хирадманди хеш Эмомалӣ Раҳмон мақом ва рисолати худро дар дунёи муосир пайдо намуда ва дар ҷодаи шинохти оламу оламиён гомҳои устувор ниҳодаанд, дарҳои пӯшида ва марзҳои бастаи худро ба истиқболи дӯстони дерин ва ҳамёрони навин боз кардаанд.

Имрӯз тоҷикон бо ҳифзи ҳувияти миллӣ ва андӯхтаҳои таърихии худ ҳамқадам ва ҳамрадифи мардуми сайёра гардидаанд.

Имрӯз овози тоҷик ва забони тоҷикӣ аз баландтарин минбарҳои ҷаҳон садо медиҳанд, иқдомот ва ибтикороти Роҳбари Тоҷикистон дар доираҳои бонуфуз ва мӯътабари сиёсати ҷаҳонӣ мавриди эътироф ва таҳсин қарор гирифтааст.

Имрӯз парчами Тоҷикистони соҳибистиқлол дар пештоқи ниҳод ва созмонҳои бузурги минтақавиву байналмилалӣ парафшонӣ мекунад

ва паёми дӯстиву ҳамкории миллати тоҷикро дар паҳнои ҷаҳон интишор медиҳад.

Ин ҳама сарфарозиҳо орзую ормони деринтизори мардуми тоҷик буд, ки пас аз фурӯпошии давлати Сомониёни дар тӯли беш аз ҳазор сол онро дар замири қалби худ мепарварид.

Ҳазорон шукр, ки имрӯз ин орзуву ормон бо ҳидояту роҳнамоии пешвои муаззами миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷомаи амал пӯшидааст.

Ҳазорон шукр, ки имрӯз тоҷикон ба шарофати пайкорҳои сарнавиштсози фарзанди шарофатманди худ Эмомалӣ Раҳмон ба Истиқлолияти давлатӣ ва давлатдории миллӣ расидаанд. Шукри ин Миллат, шукри ин Давлат, шукри ин Сарвар мебояд кард!

*Шукри неъмат неъматат афзун кунад,*
*В-ар нагӯӣ, аз кафат берун кунад.*

# ҶИЛВАҲОИ ИХЛОСУ ИРОДАТ БА ШАХСИЯТИ СИЁСӢ ВА ДАВЛАТМАДОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

## ТОМАС КЛЕСТИЛ
## Президенти Австрия

*Тоҷикистон бо роҳбарии Эмомалӣ Раҳмонов барои ҳаёти хуб дар оянда пойдевор гузоштааст. Ин пас аз оромии бебозгашт дар ҷумҳурӣ имконпазир шуд. Робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиву гуманитарӣ миёни Ҷумҳурии Австрия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон жарфтар мегарданд.*

*13 апрели соли 1999*

## КОФИ АННАН
## Дабири Кулли СММ

*Президенти Тоҷикистон намунаи шоистаи аз шаклҳои хушунатомези ҳалли низоъҳои дохилӣ даст кашиданро нишон дод.*

*22 июни соли 1999*

*Тоҷикистон барои бисёр кишварҳои дигар дар ҳалли мунокишаҳои дохилӣ сабақи беназир дод. Фикр мекунам, ки ин саҳми Тоҷикистон дар таърихи эҷоди сулҳ мебошад.*

*26 июни соли 2000*

## ВЛАДИМИР ПУТИН
## Президенти Федератсияи Россия

*Эмомалӣ Раҳмонов дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ва ин тасодуфӣ нест. Тамоми кӯшишҳои вай аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар Тоҷикистон ҷараёни сулҳу осоиш ҳамоно амиқтар реша меорад ва дар қиёс бо нуқтаҳое, ки вазъияташон муташанниҷ аст, ин комёбӣ ба худ назир надорад. Ҳар он чи дар Тоҷикистон ба амал меояд ва рух медиҳад, барои бисёр халқҳо ва мамлакатҳо намунаи ибрат аст.*

*Соли 1999*

*Имрӯз муносибатҳои Россия ва Тоҷикистон дар асоси принсипҳои шариконаи стратегӣ босуръат рушд ёфта истодаанд.*

*Итминон дорам, ки вусъати минбаъдаи ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои гуногун ба таҳкими дӯстии анъанавӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ байни Россия ва Тоҷикистон мусоидат ҳоҳад кард.*

*Бояд махсус қайд намоям, ки ҳамкориҳои созанда миёни Россия ва Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дар ростои таҳкими суботу амният дар Осиёи Марказӣ нақши афзоянда ва назаррасро бозида, усулҳои ҳамоҳанги кишварҳоямон дар ҳалли масъалаҳои минтақавӣ барои рушди равандҳои ҳамгироӣ дар чаҳорчӯби ИДМ, Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё, СААД ва СҲШ хизмат менамоянд.*

*Сентябри соли 2006*

## **АҲМАД МУҲАММАД АЛӢ**
## **Президенти Бонки исломии рушд**

*Мо ба сиёсати созандаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов баҳои баланд дода, аз ҳамкориҳои Бонки исломии рушд бо Ҷумҳурии Тоҷикистон қаноатманд ҳастем.*

*21 сентябри соли 2001*

## МАРТИН ЛИЗ
## ректори Донишгоҳи сулҳи СММ

*Иҷлосияи шонздаҳум қарори хирадмандона ва муҳимеро қабул кард, ки Эмомалӣ Раҳмоновро ба ҳайси Раиси Парлумон ва сарвари давлат интихоб намуд. Маҳз пас аз ин қарори барои кишвар тақдирсоз раванди сулҳ шакли воқеъиро касб кард ва пас аз чанд соли ба имзо расидани Созишномаи умумии сулҳ мо дар ин конфронси байналмилалӣ, ки бомуваффақият ва дар сатҳи олӣ дар Душанбе баргузор шуд, онро ҷашн гирифтем.*

*Муҳим аст, ки сиёсатмадорон ва олимони иштирокчии ин конфронс қайд намуданд, ки таҷрибаи ҳалли маслиҳатомези низоъ дар Тоҷикистон метавонад дар дигар даргириҳои нуқтаҳои мухталифи ҷаҳон бомуваффақият истифода шавад.*

*Ноябри соли 2002*

**ЖАК ШИРАК**
**Президенти Фаронса**

*Мардуми Фаронса ҳеҷ гоҳ мавқеъгирии устувори Президенти Тоҷикистонро, ки бар фарҳанги ғанӣ ва волои сиёсии миллати тоҷик асос ёфтааст, фаромӯш нахоҳад кард.*

*Соли 2002*

## ТОНИ БЛЭР
## Нахуствазири Британияи Кабир

*Робитаҳо миёни Шоҳигарии Муттаҳида ва Тоҷикистон дар вақтҳои охир ба марҳилаи нав ворид шуданд.*

*Воқеъаҳои 11 сентябр нишон доданд, ки проблемаҳо ва изтиробҳои Осиёи Марказӣ, хусусан он проблемаҳое, ки дар сарҳади Тоҷикистон мавҷуданд, таввaҷҷӯҳи моро тақозо мекунанд. Ман он дастгириеро, ки Эмомалӣ Раҳмонов дар мубориза бар зидди терроризм дар Афғонистон намуд, истиқбол намуда, барои он нақше, ки Тоҷикистон дар ростои расонидани кумак бозид, самимона миннатдорам.*

*Соли 2002*

## СЗЯН СЗЕМИН
## Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой

*Халқи Тоҷикистон бо сарварии Президент Эмомалӣ Раҳмонов дилпурона ба ҳазораи сеюм қадам мегузорад. Кӯшишҳои сарвари давлати тоҷикон барои мустаҳкам кардани ҳамкорӣ бо мамолики Осиё ба ҳамагон маълум аст. Мо ҳама тарафдори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва инкишофи минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастем.*

*Соли 2002*

## ҶОРҶ БУШ
## Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америка

*Мардуми Америка аз саҳми Тоҷикистон дар ростои мубориза бо терроризм сипосгузоранд. Ман хушҳолам, ки равобит байни кишварҳоямон мустаҳкамтар гардид ва умедворам мо дар якҷоягӣ барои пешрафт, озодӣ ва амнияти тамоми минтақа талошҳои худро идома хоҳем дод.*

*Соли 2002*

*Иёлоти Муттаҳидаи Америка аз он ифтихор дорад, ки дар мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир шарики қавии Ҳукумати Тоҷикистон мебошад. Мо аз дастгирии пайвастаи Шумо дар мубориза бо терроризм, истиқрори амният ва сулҳу субот дар Афғонистон ва дар маҷмӯъ дар минтақа, сипосгузорем.*

*Ман умедвори равобити жарфтар байни кишварҳоямон ҳастам ва ба мардуми Тоҷикистон ояндаи босубот ва демократиро орзумандам.*

*Сентябри соли 2006*

**ХУ ТСЗИНТАО**
**Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой**

*Солҳои охир таҳти роҳбарии Эмомалӣ Раҳмонов дар кишвар ризоияти миллӣ муваффақона ба даст омад, иқтисод бемайлон рушд меёбад, робитаҳои берунӣ рӯз ба рӯз ҷоннок мегарданд, тамоми соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии кишвар рӯ ба инкишоф мебошанд. Мо аз ин дастовардҳо аз таҳти дил хушҳол ҳастем.*

*Сентябри соли 2003*

*Кишвари Шумо таҳти роҳбарии оқилонаатон дар давоми 19 соли охир муттасил тараққӣ ёфта, проблемаҳои ҳаёти худро бомуваффақият ҳал карда, дар сохтмони давлатӣ ва эҳёи миллӣ комёбиҳои бузург ба даст овард. Айни ҳол вазъи сиёсии кишвари Шумо комилан босубот буда, иқтисодиёти он муттасил тараққӣ мекунад, шароити зиндагии мардум торафт беҳтар мегардад ва равобити берунии мамлакататон бештар вусъат меёбад.*

*Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун кишвари ҳамсоя ва дӯст аз дастовардҳои Шумо хурсанд буда, ба Ҳукумати Тоҷикистон ва халқи он муваффақиятҳои бузург орзу мекунад.*

*Сентябри соли 2010*

## АБДУЛЛО ИБНИ АБДУЛАЗИЗ ОЛИ САУД
## Подшоҳи Арабистони Саудӣ

*Мо Шуморо, ҷаноби Президент, дӯст медорем ва эҳтиром мекунем, зеро Шумо бо сиёсати хирадмандона ва аъмоли ҷасурона дар кишвари худ сулҳу суботро барқарор намудед ва миллати хешро аз шикаст ва марг наҷот додед.*

*Ба Шумо тақдири миллати бародари мо, ки бо таърихи қадим ва фарҳанги ғании худ машҳур аст, вогузор шудааст ва имрӯз ҳузури Шумо дар 10-умин вохӯрии сарони кишварҳои узви Созмони Конфронси исломӣ ин эҳтиром ба саҳми таърихии ҳамватанонатон мебошад.*

*17 октябри соли 2003*

## БОРИС ҚАНДОВ
## Президенти Конгресси ҷамоаи яҳудиёни бухороии ИМА ва Канада

*Эмомалӣ Раҳмон Президенти тамоми тоҷикони ҷаҳон мебошад. Мо тоҷиконе, ки дар гӯшаву канори мухталифи сайёра ҳаёт ба сар мебарем, бо Президенти худ, фаъолияти ӯ дар ҷодаи сиёсати хориҷӣ ва дохили кишвар мефахрем.*

*Пешниҳодҳои глобалии ӯ дар хусуси пешгирии терроризм, таъмин намудани тамоми сокинони замин бо оби тозаи нӯшиданӣ дар ҳақиқат аҳамияти бузурги ҷаҳонӣ доранд.*

*Соли 2004*

## КОИЧИРА МАТСУУРА
## Директори генералии ЮНЕСКО

*Мо ба талошҳои бардавоми Президент Эмомалӣ Раҳмонов оиди ҷустуҷӯи роҳҳои нав барои ҳалли проблемаҳои мавҷудаи иҷтимоӣ ва муҳити зист, ки дар фароянд барои манфиатҳои натанҳо як кишвар, минтақа, балки тамоми ҷаҳон хидмат мекунанд, баҳои баланд медиҳем.*

*10 сентябри соли 2005*

## АКМАЛИДДИН ЭҲСОН ОҒЛУ
## Дабири кулли Созмони Конфронси исломӣ

*Саҳми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов дар муттаҳидсозӣ ва якдигарфаҳмии ҷаҳони ислом бузург аст. Тайи чанд соли охир Ҷаноби Олӣ доимо дар чорабиниҳои Созмони Конфронси исломӣ ширкат варзида суханронӣ мекунад. Ва имрӯз дар ҷараёни суханронии худ дар вохӯрии сарони кишварҳои узви ин созмон, ки дар назди деворҳои Каъбаи муқаддас баргузор мегардад, ӯ ҳамчун табиби бомаҳорат натанҳо тамоми дардҳои миллати исломро ташхис кард, балки роҳҳои табобати онҳоро нишон дод.*

*Барои амалисозии орзуҳои Умма ҳар кадоми мо бояд суханони самимии мӯҳтарам Президенти Тоҷикистонро ҳамчун дастурамал қабул намоем.*

*8 декабри соли 2005*

## НУРСУЛТОН НАЗАРБОЕВ
## Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон

*Дар Қазоқистон ба саҳми бевоситаи Шумо дар роҳи таъмин намудани ваҳдати ҷомеаи Тоҷикистон ва рушду пешрафти бемайлони сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии он баҳои баланд медиҳанд.*

*Соли 2007*

**ПАН ГИ МУН**
**Дабири Кулли Созмони Милали Муттаҳид**

*Шумо Роҳбари давлате ҳастед, ки ман ба он эҳтироми хосса дорам. Шумо ташаббусҳои шахсии ман, инчунин Созмони Милали Муттаҳидро ҳамеша дастгирӣ менамоед.*

*Иштироки Шумо (дар ҷаласаҳои СММ) ҳамчун роҳбари ташаббускор ва ҷонибдори ибтикорҳои СММ ба ҳалли масъалаҳои баррасишаванда мусоидат хоҳад намуд.*

*Сентябри соли 2009*

## ОСИФ АЛӢ ЗАРДОРӢ
## Президенти Ҷумҳурии Исломии Покистон

*Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо ба яке аз кишварҳои пешрафтаи минтақа табдил ёфт ва мо ба муносибатҳои худ бо ин кишвар таваҷҷӯҳи беандоза зоҳир мекунем.*

*Хурсандиовар аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи мо дар давоми солҳои охир муттасил густариш меёбанд. Мо боварии комил дорем, ки ин муносибатҳо минбаъд ҳам торафт бештар равнақ хоҳанд ёфт.*

*Соли 2010*

*Фараҳбахш аст, ки муносибатхои дуҷонибаи мо дар тамоми соҳаҳо дар роҳи рушди матассил қарор доранд. Ман омодаам, ки якҷо бо бародари худ ҷиҳати таҳкими бештари муносибатҳои дӯстонаамон кӯшишу талошҳои муштарак ба харҷ диҳам.*

*Таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо имрӯз Тоҷикистон дар роҳи рушд ва пешрафт гомҳои устувор гузошта истодааст ва мо инро бараъло мушоҳида менамоем.*

*Соли 2012*

## ДМИТРИЙ МЕДВЕДЕВ
## Президенти Федератсияи Россия

*Фаъолияти Шумо дар мансаби сарвари давлат ва таҷрибаи ғании сиёсӣ барои Шумо дар Тоҷикистон ва берун аз он обурӯи сазоворро пайдо сохтаанд.*

*Ман арзиши муносибатҳои шахсиеро, ки байни мо барпо шудаанд ва имконият медиҳанд, ки муколамаи созанда барем ва масъалаҳои мубрами ҳамёрии стратегии Россияву Тоҷикистонро ҳал намоем, ниҳоят баланд медонам.*

*Вохӯриҳои моро, ки сентябри соли 2011 дар Душанбе дар рафти сафари ман ба вуқӯъ пайваста буданд, бо самимият ба хотир меорам. Ба татбиқи муттасили аҳду паймонҳои ҷиҳати рушди ҳамкории ҳамаҷонибаи Россия ва Тоҷикистон бадастовардашуда аҳамияти калон медиҳам.*

*Боварӣ дорам, ки ин комилан ҷавобгӯи манфиатҳои халқҳои мо буда, баҳри таҳкими суботи минтақавӣ ва глобалӣ хизмат мекунад.*

*Соли 2011*

## ИЛҲОМ АЛИЕВ
## Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон

*Тоҷикистони бародар таҳти сарварии Шумо дар роҳи истиқлолият бо қатъият қадам афганда, дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба дастовардҳои муҳим соҳиб соҳиб мегардад.*

*Сатҳи баланди кунунии муносибатҳо, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни Озорбойҷон ва Тоҷикистон ба андозаи бештар натиҷаи фаъолияти Шумо мебошад. Ҳамеша тамосҳо ва вохуриҳои моро, ки ба ин муносибатҳо такони хоса доданд, бо ҳисси қаноатмандӣ ба хотир оварда, умедворам, ки мо минбаъд низ талошҳои худро баҳри амалисозии имкониятҳои ғании муносибатҳоямон идома хоҳем дод.*

*Соли 2011*

## АЛЕКСАНДР ЛУКАШЕНКО
## Президенти Ҷумҳурии Беларус

*Эътирофи байналмилалии дастовардҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи таҳкими ваҳдати миллӣ ва асосҳои иҷтимоии давлат натиҷаи барҷастаи фаъолияти босамари Шумо ба ҳисоб меравад.*

*Умедворам, ки вохӯрии дарпешистодаи мо ба тавсеаи ҳамёрии дуҷониба, таҳкими робитаҳои мутақобилан судманди Беларус ва Тоҷикистон ба хотири манфиатҳои халқҳои дӯст такони муассир хоҳад бахшид.*

*Соли 2011*

# МУКОФОТҲО ВА УНВОНҲОИ ХОРИҶӢ

**Ордени «Достиқ» дараҷаи аввал**

*Мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Қазоқистон буда, Сарвари Тоҷикистон барои хидматҳо дар таҳкими сулҳ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ байни халқҳои ду кишвар 4 октябри соли 2002 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени**
**«Қаҳрамони миллии Афғонистон – Аҳмадшоҳ Масъуд»**

*Мукофоти олии давлатии Афғонистон буда, Сарвари Тоҷикистон барои саҳми бузург дар таҳкими сулҳ ва субот дар Афғонистон ва дӯстӣ байни халқҳои ду кишвар 28 апрели соли 2005 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени «Княз Ярослав Мудрый», дараҷаи аввал**

*Мукофоти олии давлатии Украина барои сарони кишварҳои хориҷӣ буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои хосса ҷиҳати таҳкими муносибатҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ин кишвар 3 декабри соли 2008 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени «Се ситора»**

*Мукофоти олии давлатии Ҷумҳурии Латвия буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои хосса ҷиҳати таҳкими муносибатҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ин кишвар 9 июли соли 2009 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени «Барои Хизматҳо» дараҷаи аввал**

*Мукофоти давлатии Украина буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои хосса ҷиҳати таҳкими муносибатҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ин кишвар 15 декабри соли 2011 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени «Ҳайдар Алиев»**

*Мукофоти олии Ҷумҳурии Озарбойҷон буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои хосса ҷиҳати таҳкими муносибатҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ин кишвар 12 июли соли 2012 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени**
**Президенти Туркманистон «Битараплык»**

*Мукофоти олии давлатии Туркманистон буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои хосса ҷиҳати таҳкими муносибатҳо ва тавсеаи ҳамкориҳо бо ин кишвар 23 августи соли 2012 бо он сарфароз гардонида шудааст.*

**Ордени «Ҳилол ва Ситора»**

*Мукофоти Кумитаи Байналмилалии мубориза бо терроризм, маводи мухаддир ва ҷиноятҳои экологӣ «INTERSAFETY» ба Сарвари Тоҷикистон барои фаъолияти ҳамаҷониба дар самтҳои мазкур 19 майи соли 2011 супурда шудааст.*

**Ордени Шӯрои Олимпии Осиё**

*Мукофоти олии Шӯрои олимпии Осиё буда, Сарвари Тоҷикистон бо он барои хизматҳо ҷиҳати густариш ҳаракати олимпӣ дар Осиё 8 апрели соли 2009 сарфароз гардонида шудааст.*

**Медали тиллоии**
**ҷашнӣ ба номи Абуалӣ ибни Сино**

*Мукофоти ҷашнии ЮНЕСКО ба Сарвари Тоҷикистон барои саҳм дар густариши фарҳанги миллӣ, ҳифзи ёдгориҳои фарҳангӣ ва ҳамкорӣ бо ЮНЕСКО 5-уми ноябри соли 2002 супурда шудааст.*

**Нишони фахрии ИДМ**

*Мукофоти олии ИДМ барои хизматҳои шоён баҳриривоҷ додани муносибатҳои дӯстона, таъмини сулҳ ва бехатарӣ буда, Сарвари Тоҷикистон бо он соли 2007 қадр карда шудааст.*

**Медали тиллоии**
**Парлумони Ҷумҳурии Мисри Араб**

*Мукофоти олии парлумони ҶМА, Сарвари Тоҷикистон бо он барои густариш додани муносибатҳои байни парлумони ду кишвар 16-уми июли соли 2007 сазовор дониста шудааст.*

**Мукофоти**
**байналмилалии Пётри Кабир**

*Мукофоти байналмилалии Созмони ғайридавлатии «Иттиҳоди менеҷерҳои даврони нав» (Россия) буда, Сарвари Тоҷикистон бо он барои саҳм дар густариши муносибатҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ бо Федератсияи Россия соли 2002 сазовор дониста шудааст.*

**Медали тиллои**
**Федератсияи байналмилалии Сулҳ ва Ризоият**

*Мукофоти олии Федератсияи байналмилалии «Сулҳ ва Ризоият» (Қирғизистон) буда, Сарвари Тоҷикистон бо он «ба хотири густариши сулҳ ва якдигарфаҳмии халқу миллатҳо» 4 августи соли 2004 сарфароз гардонида шудааст.*

**Мукофоти сулҳи СММ**

*Мукофоти олии СММ» дар соҳаи таъмини амнияти ҷаҳонӣ ва сулҳи байналмилалӣ буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои шоёнаш дар самти зикршуда, соли 2007 бо он сазовор дониста шудааст.*

**Ситораи ёқути «Миротворец»**

*Мукофоти олии Иттиҳоди байналмилалии хайриявии «Миротворец» буда, Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои бузурги сулҳофаронаааш 25 июни соли 2007 бо он қадр карда шудааст.*

**«Пешвои асри XXI»**

*Мукофоти созмони ҷамъиятии Шӯрои Аврупоӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия, таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд, озодии матбуот ба Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои арзандааш дар ҷодаи зикршуда 18 августи соли 2011 супурда шудааст.*

**Доктори фахрии**
**Донишгоҳи миллии Киев ба номи Тарас Шевченко**

*Сарвари Тоҷикистон ба унвони мазкур соли 2008 барои ташаккули муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина сазовор дониста шудааст.*

**Профессори фахрии**
**Донишгоҳи Куҳии Урал**

*Сарвари Тоҷикистон ба унвони мазкур соли 2009 барои ташаккули муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сазовор дониста шудааст.*

**Профессори фахрии Донишгоҳи давлатии Москва**

*Сарвари Тоҷикистон ба унвони мазкур соли 2009 барои ташаккули муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сазовор дониста шудааст.*

**Профессори фахрии**
**Институти шарқшиносии Академияи илмҳои Россия**

*Сарвари Тоҷикистон ба унвони мазкур соли 2009 барои ташаккули муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сазовор дониста шудааст.*

**Профессори фахрии Донишгоҳи Синсзияни Хитой**

*Сарвари Тоҷикистон ба унвони мазкур соли 2010 барои густариш додани муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Тоҷикистон сазовор дониста шудааст.*

**Профессори фахрии**
**Донишкадаи Давлатии Иқтисод ва идораи Туркманистон**

*Сарвари Тоҷикистон барои хизматҳои арзандааш ҷиҳати густариш додани муносибатҳои илмию фарҳангӣ байни Туркманистон ва Тоҷикистон 23 августи соли 2012 ба ин унвон сазовор дониста шудааст.*

## МУНДАРИЧА

**Сарсухан**...3

**Пешвое навандеш дар таърихи миллати бостонӣ**...6

**Оғози пайванд бо ҷаҳони муосир**...17

*Таҳкими асосҳои назариявӣ*
*ва ҳуқуқии сиёсати хориҷии Тоҷикистон*...17

*Фароҳам овардани шароит барои татбиқи сиёсати хориҷӣ*...25

**Паёме равшан аз сулҳу ваҳдат**...38

**Сиёсати хориҷӣ ва ормонҳои миллӣ**...62

**Сиёсати «дарҳои боз» – фарҳанги ҳамзистӣ бо олами имрӯз**...77

**Тамоюли ботинӣ ба сӯи таҳкими равобити дерин**...87

*Иттиҳоди давлатҳои мустақил*...87

*Шарики асосии стратегӣ*...97

**Шарқу Ғарб дар густураи сиёсати мутавозин**...104

*Эҳёи ҳамбастагиҳои таърихӣ ва фарҳангӣ*...104

*Дар талоши эҳёи Роҳи абрешими таърихӣ*...115

*Ҳамкорӣ бо ҷаҳони ислом*...161

*Муносибатҳо бо олами Ғарб*...171

**Ташаббусҳоиояндасоз дар паҳнои сиёсати хориҷӣ**...181

*СММ – минбари паёмҳои созанда*...181

*Мавқеи устувор алайҳи чолишҳои хатарзо*......................................................................191

*Дипломатияи оби Тоҷикистон*..................................................................................207

*САҲА – абзори амният ва рушду субот*....................................................................218

**Дар масири худшиносӣ ва эҳёи мақоми таърихӣ**......................................225

*Робитаҳо бо ҳамватанони хориҷӣ*..........................................................................225

*Дипломатияи фарҳангӣ ва рӯнамоии Тоҷикистон*.................................................231

**Охирсухан**..........................................................................................................................240

**Ҷилваҳои ихлосу иродат ба шахсияти сиёсӣ**
**ва давлатмадории Эмомалӣ Раҳмон**...........................................................................245

**Мукофотҳо ва унвонҳои хориҷӣ**.......................................................................266

# Эмомалӣ Раҳмон –
# бунёнгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон

(Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ)

Душанбе, 2012

**Ҳайати таълиф** – Ҳ.Зарифӣ, Н. Зоҳидов, Д. Назриев, Х. Сафаров

**Ороишгар** – А. Ахмедова

Дар китоб расмҳои бойгонии Хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, АМИТ «Ховар», идораҳои рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ва «Народная газета», Раёсати иттилоот, матбуот, таҳлил ва тарҳрезии сиёсати хориҷии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудаанд

Бо чоп 01.09.2012 имзо шуд.
Андозаи 70x100 1/16. Чопи офсет. Теъдод 600 нусха.
Дар матбааи IMAK Ofset (ш. Истамбул, Туркия) чоп шуд.